По неполным данным, в военизированных походах и соревнованиях по ГТО за 1942—1945 гг. участвовали 144 874 тыс. человек.

Рабочие и служащие, колхозная молодежь были привлечены к военно-физической подготовке через созданные на местах пункты Всевобуча.

Понимая большую ответственность перед Родиной, физкультурные организации республики всемерно улучшали боевую и физическую подготовку молодежи, проводили массовую спортивную работу среди населения. Только за первое полугодие 1944 года на пунктах Всевобуча, предприятиях, в учебных заведениях и колхозах физкультурные организации подготовили 372 пловца-мастера преодоления водных переправ, 560 стрелков-альпинистов, 1605 человек овладели рукопашным боем.

Гармский областной комитет по делам физкультуры и спорта организовал для бойцов Всевобуча военизированный горный переход через хребет Петра Первого, протяжением 125 км. Бойцы преодолели перевал высотой 4500 м над уровнем моря. В этом походе приняли участие 186 человек. В 1944 году была проведена первая республиканская женская колхозная спартакиада. В ней приняли участие представительницы всех областей, выступившие в различных видах легкой атлетики. И в заключение был организован военизированный поход в противогазах. В этих соревнованиях первое место завоевала команда Курган-Тюбе.

В конце 1944 года было проведено первенство республики по национальной борьбе, в котором приняли участие 32 сильнейших борца республики. Звание абсолютного чемпиона Таджикской ССР в 1944 г. завоевал Юсуф Ходжаев из Курган-Тюбе.

В зимний период в Гарме на пунктах Всевобуча одновременно были организованы курсы по подготовке инструкторов-лыжников, на которых обучалось 25 человек.

Такого количества спортивных мероприятий не знала вся предшествующая история физкультурного движения в Таджикистане.

Все возрастающие успехи Советской Армии на фронтах Отечественной войны в 1944—1945 гг. позволили еще шире развернуть массовую работу по физической культуре и спорту в Таджикистане. В этот период заметно улучшается деятельность многих добровольных спортивных обществ и производственных коллективов физкультуры, создается новое спортивное общество «Трудовые резервы», ставшее скоро одним из ведущих в республике.

В трудных условиях военного времени в школах осуществлялась военно-физическая подготовка учащихся. Однако и спортивная жизнь школьных коллективов физической культуры не прекращалась. В Душанбе, Ленинабаде и Кулябе проводились школьные соревнования по отдельным видам спорта.

Согласно постановлению Государственного Комитета Обороны, в старших классах школ республики было введено военное обучение. Школьники Таджикистана с энтузиазмом изучали военное дело и совершенствовали свою физическую подготовку.

В 1944 г. по решению Военного совета Среднеазиатского военного округа в республике был проведен первый осмотр военно-физической подготовки учащихся школ и учебных заведений на приз Военного Совета, что также активизировало физическое воспитание.

Количество школьников и студентов, занимающихся физической культурой и спортом, возросло с 21 тысячи в 1940 г. до 32 тысяч человек к концу 1944 г., количество школьных физкультурных коллективов - до 270.

В годы войны созданы и первые детские спортивные школы в городах Душанбе, Ленинабаде, Ура-Тюбе, Курган-Тюбе. В летнее время для старшеклассников н членов спортивных школ устраивались лагерные сборы, на которых они занимались изучением военных предметов, гранатометанием и физической подготовкой.

Отличные физические и волевые качества, приобретенные таджикской молодежью в процессе занятий классическими и национальными видами спорта, были в полной мере проявлены на фронтах Отечественной войны в боях с немецко-фашистскими

захватчиками; занимавшиеся спортом в минимально короткие сроки овладевали комплексом военных знаний навыков и достигали высокой боевой выучки. Прекрасная подготовка молодых таджиков по конному спорту дала Советской Армии замечательные конные соединения и части, сыгравшие большую роль в боевых действиях.

К концу войны в Таджикистане был достигнут новый подъем физической культуры. В 1945 г. уровень физкультурного движения по многим показателям был довоенный. В рядах физкультурников насчитывалось более 120 тысяч человек против 80 тысяч.

За героический труд во время войны, за высокие производственные успехи многие физкультурники и спортсмены Таджикистана были отмечены правительственными наградами.

**Рецензент: Набиев Я.Х.- к.и.н., доцент ТНУ**

**ЛИТЕРАТУРА**


1. Александров М.А. и др. Физическая культура и спорт в СССР (1917-1957 гг.) / М.А. Александров [и др.]. - М.: Физ. и спорт, 1957.
2. Бартольд В.В. Сочинения / В.В. Бартольд. - М.: Наука, 1973. - Т.Ш.
3. Болотник И. Сильнейшие спортсмены республики / И.Болотник [и др.]. - Душанбе: Таджикгосиздат, 1962.
4. Вилькин Я.Р. Организация работы по массовой физической культуре и спорту. Учебное пособие для институтов физкультуры / Я.Р.Вилькин [и др.]. М.: ФиС, 1985.
5. Всемирная история. Под ред. СЛ.Дутченко [и др.]. - М.: Политиздат, 1956. - Т.2.;
6. Готов к труду и обороне // Коммунист Таджикистана, 1941, 4 июля;
7. Грачев В.В. История физической культуры и спорта СССР / Хрестоматия / В.В. Грачев [и др.]. - М.,-Л.: ФиС, 1940.
8. Джалилов А. Из истории культурной жизни таджикского народа / А. Джалилов. - Душанбе: Ирфон, 1973.
9. Сечкина Л.П. Доблестные сыны Таджикистана на фронтах Отечественной войны / Л.П. Сечкина. - Душанбе: Дониш, 1980.
10. Сидоренко В.М. Комсомол Таджикистана и спорт / В.М. Сидоренко. - Душанбе,1981.
11. Столбов В.В. История физической культуры и спорта / В.В. Столбов. - М.: ФиС, 1983.
12. Суяркулов Т.М. Прошлое и настоящее таджикского спорта / Т.М. Суяркулов. - Душанбе, 1968.
13. Торопов Н.И. Национальные виды спорта и игр в Таджикистане / Н.И. Торопов. – 1944.
14. Царик В.Т. Физическая культура в СССР в цифрах и фактах (1917-1961) / В.Т. Царик [и др.]. - М.: ФиС, 1962.


## ТАЪСИРИ ҶАНГИ БУЗУРГИ ВАТАНӢ (СОЛҲОИ 1941—1945) БА РУШДИ ТАРБИЯИ ҶИСМОНӢ ВА ВАРЗИШ ДАР ТОҶИКИСТОН


Дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ тамоми фаъолияти ташкилотҳои тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба мағлуб гардондани Германияи фашистӣ нигаронда шуда буд. Дар баробари ин, ба пурзӯр намудани мавқеи комплекси БММО диққати махсус дода шуд. Варзишгарони Тоҷикистон бо майли ватандӯстона ихтиёран ба фронт рафтанд. Варзишгарон ва ташкилотчиёни ҳаракати тарбияи ҷисмонӣ, ки дар ақибгоҳ монда буданд, дар тайёр кардани ҷанговарони Армияи Сурх ва гузарондани чорабиниҳои оммавии варзишӣ фаъолона ёрӣ расонданд. Бомуваффақият иҷро гардидани нақшаҳои хоҷагии халқ, ғамхории Ҳукумати Советӣ дар бораи беҳбудии халқ, дар бораи саломатии вай барои инкишофи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш шароити мусоид фароҳам овард. Дар ин шароит дар назди ташкилотҳои тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон вазифа меистод, ки варзишро ҳамчун омили муҳимми мустаҳкам намудани саломатии меҳнаткашон, ҳамчун яке аз воситаҳои ба меҳнати сермаҳсул тайёр кардани одамон боз ҳам васеътар истифода баранд.



**Калидвожаҳо:** тарбияи ҷисмонӣ, варзиш, Ҷанги Бузурги Ватанӣ, фронт, Германияи фашистӣ, ақибгоҳ, БММО, Ҳизби Коммунистӣ, мусобиқаҳо, варзишгарони Тоҷикистон, ИҶШС.


## ВЛИЯНИЕ ВЕЛИКОЙ ОТЕЧЕСТВЕННОЙ ВОЙНЫ (1941-1945 ГГ.) НА РАЗВИТИЕ ФИЗИЧЕСКОЙ КУЛЬТУРЫ И СПОРТА В ТАДЖИКИСТАНЕ


В годы Великой Отечественной войны вся деятельность физкультурных организаций Таджикистана была направлена на разгром фашистской Германии. При этом особое внимание было уделено усилению роли комплекса ГТО. Охваченные патриотическим стремлением помочь фронту, спортсмены Таджикистана добровольно уходили на фронт. Оставшиеся в тылу спортсмены и организаторы физкультурного движения активно помогали в подготовке резерва Красной Армии и в проведении спортивно-массовых мероприятий. Успешное выполнение послевоенных народнохозяйственных планов, забота советского правительства о благе народа, о его здоровье создали благоприятные условия дая развития физической культуры и спорта. В этих условиях перед физкультурными организациями Таджикистана встала задача еще шире использовать

физическую культуру как важный фактор укрепления здоровья трудящихся, как одно из средств подготовки народа к высокопроизводительному труду.

**Ключевые слова:** физическая культура, спорт, Великая Отечественная война, фронт, фашистская Германия, тыл, ГТО, Всевобуч, Коммунистическая партия, соревнования, таджикские спортсмены, СССР.

**THE IMPACT OF THE GREAT PATRIOTIC WAR (1941-1945) ON THE DEVELOPMENT OF PHYSICAL CULTURE AND SPORTS IN TAJIKISTAN**

During the Great Patriotic War, all the activities of physical culture organizations in Tajikistan were aimed at defeating Nazi Germany. At the same time, special attention was paid to strengthening the role of the TRP complex. Embraced by the patriotic desire to help the front, the athletes of Tajikistan voluntarily went to the front. The athletes and organizers of the physical culture movement who remained in the rear actively helped in the preparation of the Red Army reserve and in holding mass sports events. The successful implementation of the post-war national economic plans, the concern of the Soviet government for the welfare of the people, for their health created favorable conditions for the development of physical culture and sports. Under these conditions, the physical culture organizations of Tajikistan faced the task of using physical culture even more widely as an important factor in strengthening the health of workers, as one of the means of preparing the people for highly productive work.

**Keywords:** physical culture, sport, Great Patriotic War, front, Nazi Germany, rear, TRP, Vsevobuch, Communist Party, competitions, Tajik athletes, USSR.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Собирзода Парвиз Одинахон*** **-** Донишкадаи тарбияи ҷисмонии ба номи Саидмумин Раҳимов, кафедраи назария ва методикаи намудҳои гӯштин, муаллими калон. **Суроға:** 734064, , шаҳри Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳраки Лучоб, 53.
***Махмадрасулов Бободжон Саймахмудович*** **-** Филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар ш. Душанбе, кафедраи фанҳои иҷтимоӣ-гуманитарӣ, номзади илмҳои таърих, омӯзгори калон. **Суроға:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Бохтар, 35/1. Телефон:**918-80-84-84**, E-mail: ***bobojonsport@mail.ru**

**Сведения об авторах:** ***Собирзода Парвиз Одинахон*** **-** Таджикский институт физической культуры имени *С.*Рахимова, старший преподаватель, кафедра теории и методики видов борьбы. **Адрес***:* 734064, город Душанбе, Республика Таджикистан, поселок Лучоб, 53.
***Махмадрасулов Бободжон Саймахмудович*** - Филиал Московского государственного университета имени М.В.Ломоносова в городе Душанбе, кафедра социально-гуманитарных дисциплин, кандидат исторических наук, старший преподаватель, Заслуженный тренер Республики Таджикистан. **Адре**с: 734003, Республика Таджикистан, город Душанбе, улица Бохтар, 35/1. Телефон:**918-80-84-84**, E-mail: ***bobojonsport@mail.ru**

**Information about the authors:** ***Sobirzoda Parviz Odinakhon*** - Tajik Institute of Physical Culture named after S. Rakhimov, department of theory and methods of wrestling, senior lecturer,. Address: 734064, Dushanbe city, Republic of Tajikistan, Luchob village, 53.
***Makhmadrasulov Bobojon Saymakhmudovich*** - Branch of Moscow State University named after M.V. Lomonosov in Dushanbe, the department of social and humanitarian disciplines, candidate of historical sciences, senior lecturer, of Honored trainer of the Republic of Tajikistan. Address: 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Bokhtar street, 35/1. Phone: **918-80-84-84**, E-mail: ***bobojonsport@mail.ru**

ТДУ: 331.105.4(575.3+574)

# РУШДИ ҲАМКОРИҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ҶУМҲУРИИ ҚАЗОҚИСТОН ДАР ҚАРИНАИ ШАРИКИИ СТРАТЕГӢ

*Шарипов С.С.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Расидан ба сатҳи шарикии стратегӣ дар муносибатҳои Тоҷикистон ва Қазоқистон марҳилаи нави рушди ҳамкорӣ ба ҳисоб рафта, он аз сатҳи баланди равобити миёни ду кишвар дарак медиҳад. Рушди мунтазам ва мавҷуд набудани тақрибан ҳеҷ нофаҳмӣ миёни ду кишвар ба онҳо имкон дод, то яке аз аввалинҳо шуда, дар минтақаи Осиёи Марказӣ Созишнома дар бораи шарикии стратегиро миёни ҳам ба имзо расонанд. Маҳз дар асоси моддаи аввали ҳамин созишнома гуфта мешавад, ки: "Ҷонибҳо муносибатҳои худро дар асоси баробарӣ, эътимоди мутақобила ва шарикии стратегӣ бунёд мекунанд" [5]. Дар ин замина Президенти аввали Қазоқистон Н.А. Назарбоев ҳангоми сафари расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмон ба Қазоқистон, ки 14 марти соли 2018 сурат гирифта буд, қайд намуданд: "мо ҳеҷ гоҳ мушкилоти ҳалношуда надоштем.....,Тоҷикистон иттифоқчӣ ва шарики муҳимми Қазоқистон ба ҳисоб рафта.., мо дар сатҳҳои гуногун мавқеи ягона дорем". Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмон таъкид доштанд, ки: "Муносибат бо Қазоқистон дар сиёсати хориҷии мо мавқеи асосӣ дорад ва мо минбаъд низ барои рушди он манфиатдорем" [19].

Омили муҳимме, ки ба умқи ҳамкориҳои сиёсӣ, тиҷоратӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии миёни ду кишвар мусоидат менамояд, тақвияти хатар ва таҳдидҳои амниятӣ, ба монанди терроризми байналмилалӣ, ифротгароӣ, ҷудоихоҳӣ, паҳншавии яроқи қатли ом, ҷиноятҳои муташаккили фаромиллӣ, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, бухронҳои молиявӣ-иқтисодӣ дар муносибатҳои байналхалқӣ ба ҳисоб меравад, ки ҳалли онҳо дар танҳоӣ ғайриимкон мебошад.

Дар ин шароит, мубрамияти махсусро ба инобат гирифтан ва амалисозии имконоти нав, инчунин, омилҳои байнидавлатии ҳамкориҳои навъи муосир миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон ташкил медод, ки дар ҳолатҳои зерин асос меёфт:

**якум,** бо дарназардошти фишорҳои минтақавӣ ва байналхалқӣ Тоҷикистон ва Қазоқистон сиёсати хориҷии бисёрсамтаро амалӣ менамоянд [15]. Дар ин радиф, дар доираи сиёсати "дарҳои кушода" Тоҷикистон ҳамкориҳоро бо марказҳои гуногуни қудратҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ рушд медиҳад. Инчунин, сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Қазоқистон аз асли бисёрсамтӣ ва ҳамгироӣ бо мақсади таъмини амният, адолат ва тараққиёти ҷаҳонӣ ва минтақавӣ иборат аст [12, с.28];

**дуюм,** дар асоси мавқеи стратегӣ ва ҳолати ҷуғрофӣ, Тоҷикистон ва Қазоқистон, ба таври зич ҳамкориҳои гуногунҷанбаи сиёсӣ ва ҳарбӣ-стратегиро дар доираи сохторҳои байналхалқӣ ба роҳ мемонанд;

**сеюм,** ҳамкориҳои Тоҷикистон ва Қазоқистон дар умум, ба руҳияи ҳамкориҳо ва манфиатҳои ду кишвар мувофиқ буда, ба рушди ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрҷониба дар соҳаҳои тиҷоратӣ-иқтисодӣ ва сармоягузорӣ, бо дарназардошти рақобатпазирии иқтисоди ин кишварҳо дар шароити мураккаби буҳрони молиявӣ-иқтисодии замони муосир мутобиқат менамояд; [13, с.8].

**чорум,** ҳамкориҳои Тоҷикистон ва Қазоқистон дар натиҷаи рушди алоқаҳои байнидавлатӣ аҳаммияти хосаро касб намуда, дар самти ҳамкориҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва башардӯстӣ ба натиҷаҳои сифатан нав ва муассир даст ёфтаанд;

**панҷум,** дар ибтидои асри XXI дар шароити тағйирёбии муносибатҳои минтақавӣ ва байналхалқӣ, сатҳи ҳамкориҳои Тоҷикистон ва Қазоқистон боло рафта, имконият ба амал омад, то кишварҳо ба сатҳи шарики стратегӣ расанд;

**шашум,** тамоюли асосии рушди муносибатҳо миёни Тоҷикистон ва Қазоқистон дар ибтидои асри XXI раванди ҷаҳонишавӣ ба ҳисоб меравад, ки тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятиро фаро гирифта, ба Тоҷикистон ва Қазоқистон таъсири мусбӣ ва манфӣ расонид, ки дорои паёмадҳои воқеӣ ва ногузир буданд.

Бо дарназардошти масоили фавқуззикр муносибатҳо миёни Тоҷикистон ва Қазоқистон хислати сифатан навро касб намуда, дар сатҳҳои дуҷониба ва бисёрҷониба сол то сол хислат ва муҳтавои навро касб менамуданд.

Муносибатҳо миёни Тоҷикистон ва Қазоқистон дар руҳияи дӯстӣ ва шарикӣ, бо сатҳи баланди ҳамкориҳои сиёсӣ ва тиҷоратӣ-иқтисодӣ ва фарҳангӣ рушд намуда, заминаи онро зиёда аз 100 ҳуҷҷати ҳамкорӣ ташкил менамояд.

Дар ин марҳила заминаҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ҷиҳати пешбурди ҳамкориҳои тиҷоратӣ-иқтисодӣ низ фароҳам оварда шуда, кишварҳо дар назди худ мақсад гузоштанд, то рушди устувори ҳамкориҳои тиҷоратӣ-иқтисодиро миёни худ таъмин намоянд.

Бо ин ҳол, бояд таъкид намуд, ки дар ибтидои асри XXI, иқтисоди ҷаҳонӣ, ҳамчун маҷмуи хоҷагиҳои миллӣ ва муносибатҳои онҳо, сифати нав пайдо намуд, ки он аз давраи нави ҷаҳонишавии иқтисодӣ дарак медод [26, с.46].

Дар ин замина равандҳои ҷаҳонишавӣ ба иқтисоди тамоми кишварҳо таъсири худро расонида, барои кишвари мо заруратеро возеҳ сохт, то бо тамоми кишварҳои олам, аз ҷумла Қазоқистон бо дарназардошти таҷрибаи чандинсола, наздикии ҷуғрофӣ дар як минтақа, инфрософтори нақлиётӣ ва иқтидори иқтисодӣ, инчунин, сохтори иқтисодии (хислати захиравӣ доштаи) Тоҷикистон муносибатҳоро таҳким бахшад.

Алоқаҳои тиҷоратӣ-иқтисодӣ дар ибтидои ҳазораи нав, омили наздикшавии кишварҳо гардида, ба рушди устувори онҳо таъсири ҷиддӣ расонид, ки дар сиёсати ду кишвар самти авлавиятнок ба ҳисоб меравад.

Боиси хушҳолист, ки дар муносибатҳои тиҷоратӣ-иқтисодии ҷонибҳо дар ду даҳаи асри XXI рушди босуръати мусбӣ ба назар мерасад, ки ҷонибҳо ба таҳкими минбаъдаи онҳо манфиатдор мебошанд. Барои инъикоси вазъи воқеии рушди табодули мол дар алоқа бо муносибатҳои тиҷоратӣ-иқтисодӣ миёни Тоҷикистон ва Қазоқистон дар ибтидои ҳазораи нав ба нишондодҳои зерин таваҷҷуҳ намудан мумкин:

***Якум, ҳамкориҳои тиҷоратӣ-иқтисодии миёни ду кишвар,*** ки дар боло рафтани ҳаҷми тиҷорати мутақобила инъикос меёбад: агар дар соли 2001 ҳаҷми табодули мол миёни ду кишвар танҳо ба 92,2 млн доллари ИМА, мутаносибан содирот - 3,1 млн, воридот – 89,1 млн доллари ИМА баробар буд [25, с. 177], пас ин нишондод дар соли 2021 ба 1,2 млрд доллари ИМА баробар гардид, ки мутаносибан воридот аз Қазоқистон - 820 млн, содирот аз Тоҷикистон – 360 млн доллари ИМА-ро ташкил менамуд, ки 30 %-и рушди солонаро дар бар мегирад [23].

Яке аз омилҳои таъсиррасон, ки ба рушди ҳамкориҳои тиҷоратӣ-иқтисодӣ мусоидат менамояд, фаъолияти Комиссияи байниҳукуматии тоҷикӣ-қазоқистонӣ оид ба ҳамкориҳои иқтисодӣ мебошад, ки ҳанӯз соли 1998 таъсис ёфта буд. Дар давраи солҳои 2000 то 2021 дар доираи фаъолияти комиссия 16 ҷаласа баргузор гардидааст.

Маҳз дар қаринаи шарикии стратегӣ (солҳои 2015-2021) миёни кишварҳо 4-маротиба ҷаласаҳои комиссия баргузор гардид. Ҷаласаи 12-ум комиссия санаи 19 марти соли 2015 дар шаҳри Душанбе, ҷаласаи 13-ум санаҳои 15-16 феврали соли 2017 дар шаҳри Остона, санаҳои 12-13 феврали соли 2018 баргузории ҷаласаи 14-ум дар шаҳри Душанбе, 8 апрел дар шаҳри Нур-Султон ҷаласаи 15-ум ва 18 марти соли 2021 дар шаҳри Душанбе баргузор гардидани 16-умин ҷаласаи Комиссияи байниҳукуматии тоҷикӣ-қазоқистонӣ оид ба ҳамкориҳои иқтисодӣ муҳимтарини онҳо ба ҳисоб мераванд. Бояд таъкид намуд, дар ки доираи фаъолияти онҳо маҷмуи масоили ҳамкории дуҷониба дар соҳаҳои тиҷорат ва иқтисод, сармоягузорӣ, илм, маориф ва фарҳанг баррасӣ гардидаанд. Бахусус дар натиҷаи баргузории ҷаласаи 16-ум дар соли 2021 ҷонибҳо ба мувофиқа расиданд, ки ҷиҳати таъмини рушди ҳаҷми

гардиши мол миёни кишварҳо «Харитаи роҳ оид ба зиёд намудани ҳаҷми табодули мол миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон барои солҳои 2022–2023»-ро коркард намуда, дар солҳои наздик ҳаҷми табодули мол миёни кишварҳоро то 2 млрд доллари ИМА баробар намоянд. Қаблан «Харитаи роҳ оид ба зиёд намудани ҳаҷми табодули мол миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон барои солҳои 2018-2022» таҳия гардада буд [8].

***Дуюм, рушди ҳамкориҳо дар самти сармоягузорӣ.*** Дар чорчӯбаи имконоти мавҷуда ҳамкориҳо фаъол гардида, бо роҳи ташкили корхонаҳои нав, ба монанди истеҳсолоти саноатӣ, азхудкунии соҳаҳо, молҳои ниёзи мардум, маснуоти саноати бофандагӣ ва дигар маҳсулотҳои воридотивазкунанда, ҳаҷми сармояи қазоқӣ ва пеш аз ҳама ҳаракати сармояи мустақими хориҷӣ дар бахшҳои воқеии иқтисоди Тоҷикистон боло мераванд.

Дар доираи амалӣ намудани Созишнома миёни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Қазоқистон оид ба тавсеа ва ҳифзи мутақобилаи сармоя дар соли 2021 дар Тоҷикистон зиёда аз 100 корхонаҳои муштарак бо иштироки сармояи қазоқӣ ба назар мерасад, ки 15 адади онҳо бо иштироки пурраи Қазоқистон фаъолият менамоянд. Инчунин, дар Ҷумҳурии Қазоқистон 4 корхонаи муштарак бо иштироки шаҳрвандони Тоҷикистон: корхонаи муштараки (КМ) «Ориенииншуриенс», КМ «Ориенинвест», КМ «Силк Вей», КМ «Накинкорпорейшн» фаъолият менамоянд.

Бояд таъкид намуд, ки тибқи маълумотҳои расмӣ дар зарфи солҳои 2007-2021 тақрибан 65 кишвари дунё ба иқтисоди Тоҷикистон сармоя ворид намуда, ҳаҷми он 11012,4 млн. доллари ИМА-ро ташкил намуда, аз он 4 млрд. 850 миллион доллари ИМА сармояи мустақим, 5 млрд. 659 миллион долл. ИМА дигар навъи сармояҳо ва 502,1 млн. долл. ИМА. – сармояи портфелӣ (сармоягузорӣ ба коғазҳои қиматнок)-ро ташкил менамуд [7]. Миёни кишварҳои сармоягузор ба иқтисоди Тоҷикистон баъд аз Хитой 3,2 млрд доллари ИМА (29,5%), Россия 1 млрд. 647,9 млн. долл. ИМА (15,0%,) Британияи Кабир 714,6 млн. долл. ИМА (6,5%) ва Иёлоти Муттаҳидаи Амрико 712,8 млн. долл. ИМА (6,5%), Қазоқистон бо 585,7 млн. долл. ИМА (5,3%) мавқеи панҷумро ишғол намуда, сармоягузории он ба самти хизматрасонии молиявӣ, геологӣ ва тадқиқоти истихроҷи маъдан, саноат, савдо равона гардидаaанд. Ҳаҷми умумии сармояи хориҷӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2021 ба 718,3 млн. доллари ИМА баробар гардида, аз онҳо 342,2 млн. доллари ИМА сармояи мустақим, 0,1 млн. долл. ИМА. сармоягузории портфелӣ (сармоягузорӣ ба коғазҳои қиматнок) ва 376,0 млн. доллари ИМА . – дигар навъҳои сармояҳоро дар бар мегирифт [4].

***Сеюм, рушди ҳамкориҳо дар соҳаи бонкдорӣ.*** Бояд зикр намуд, ки солҳои охир тавассуҳи фаъоли намояндагони соҳаи бонкии Қазоқистон ва нухбагони тиҷоратӣ ба масъалаи ворид гардидан ба бозори молиявии Тоҷикистон зиёд мегардад. Дар ин радиф фаъолияти муваффақонаи филиали бонки Қазоқистон - ҶСП «Казкоммерсбанк (аз 10 октябри соли 2006) ва моҳи апрели соли 2010 кушодани шуъбаи он дар шаҳри Хуҷанди Тоҷикистон ба рушди ҳамкориҳо дар ин самт мусоидат менамояд. Дар соли 2016 бо мақсади пешниҳоди хизматрасонии дастрас ва фаъоли аҳолии Тоҷикистон, КАЗКОМ дарҳои аввалини Марказҳои хизматрасонии бонкиро (дар шаҳрҳои Хуҷанд, Бустон ва Спитамен) кушод. Соли 2018 – баъди муттаҳид шудан бо Halyk Bank, бренди Qazkom мавҷудияти худро қатъ кард. Созишнома моҳи июли соли 2018 ба анҷом расид. Бонки муттаҳидшуда бузургтарин бонки Қазоқистон шуд ва номи «Halyk Bank»-ро нигоҳ дошт.

Бо дарназардошти масоили мазкур кишварҳо самтҳои афзалиятноки ҳамкориҳои тиҷоратӣ-иқтисодии худро муайян намуда, ҷиҳати рушди минбаъдаи ҳамкориҳо дар ин самт шароит фароҳам оварданд. Бо коркарди Нақшаҳои амал оид ба ҳамкориҳои иқтисодӣ барои давраҳои гуногун, кишварҳо тавонистанд мунтазам ба сатҳи нави ҳамкориҳо дар соҳаи иқтисод бирасанд.

Новобаста аз хислати мусбии муносибатҳои Тоҷикистон ва Қазоқистон дар он мушкилотҳо низ мавҷуданд, ки он вазъи номунтазами рушди ҳамкориҳои тиҷоратӣ-иқтисодӣ миёни ду кишвар ба ҳисоб меравад. Солҳои охир, инчунин, номутавозунии

табодули мол миёни содироту воридоти молҳо миёни кишварҳо ба назар мерасад, ки он аз як тараф натиҷаи таъсири вазъи баъдибуҳронии ҷаҳонӣ, аз тарафи дигар, фаъол набудани фаъолияти сохторҳои байниҳукуматӣ дар соҳаи тиҷорату иқтисод ба ҳисоб меравад.

Дар давраи таҳқиқшаванда, ки солҳои 2016-2021-ро дар бар мегирад, ҳамкориҳои тиҷоратӣ иқтисодӣ миёни Тоҷикистон ва Қазоқистон мунтазам рушд намуда, дар ин замина талошҳо ҷиҳати рушди минбаъдаи ҳамкориҳо анҷом дода шудааст.

***Чорум, рушди ҳамкориҳои гуманитарӣ.*** Қазоқистон ҷиҳати расонидани кумакҳои башардӯстона ба аҳолӣ ва минтақаҳои аз офатҳои табиӣ зарардидаи Тоҷикистон мунтазам навъҳои гуногуни маҳсулоти лозимаро равона менамояд. Масалан, моҳи майи соли 2016 Қазоқистон ба Тоҷикистон 18 вагон маҳсулоти хӯрока ба зарардидагони аз офати табиӣ, аз қабили орди гандум, гушт ва шир, сабзавот, равған, чой ва ғайраҳо дар ҳаҷми 873 ҳазор доллари ИМА равон намуд. Дар соли 2015 ҳаҷми кумакҳои Қазоқистон ба Тоҷикистон дар ҳаҷми 4,7 миллион доллар ё 9,5% аз ҳаҷми умумии кумакҳои ба Тоҷикистон равонагардидаро ирсол намуд [10].

**Аз тарафи дигар,** 30 августи соли 2017 тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Қазоқистон ба сифати кумаки башардӯстона ба Тоҷикистон маводи ғизоӣ, аз қабили орди гандум, гушту шир дар ҳаҷми 21 вагон расонида шуд, ки арзиши он ба 914 ҳазор доллари ИМА баробар буд. Бояд таъкид намуд, ки дар супоридани Иҷозатномаи маҳсулот Сафири Фавқулода ва Мухтори Ҷумҳурии Қазоқистон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Нурлан Сайтимов иштирок намуда, онро ба муовини директори Агентии давлатии захираҳои моддии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Соҳибҷон Зиёдуллоев супорид. Инчунин, охири соли 2017 тибқи қарори Ҳукумати Қазоқистон таҳти № 721 аз 8 ноябри соли 2017 дар ҳаҷми 128 миллиону 685,2 ҳаз., танга, 1 ҳаз., тонна мазут ба сифати кумаки башардӯстона ба Тоҷикистон равон гардид [11].

19 феврали соли 2018 Сафири Қазоқистон дар Тоҷикистон Нурлан Сайтимов бо иштирок дар маросими расмии расонидани кумаки башардӯстонаи Қазоқистон ба Тоҷикистон бо нархи 3,9 млн доллар, 10 ҳаз. тонн мазути гармкуниро дар ҳаҷми 167 зарфи бузурги фулузӣ ба ҷониби Тоҷикистон тақдим намуд. Ҳамчунин, моҳи декабри соли 2018 бо мақсади расонидани кумакҳои башардӯстона Қазоқистон ба Тоҷикистон бо маблағи 1,5 миллион доллар, 5 ҳазор тонна мазут дар ҳаҷми 83 зарфҳои бузурги фулузӣ ирсол намуд. Зиёда аз ин, 5 июли соли 2019 бо иштироки бевоситаи Сафири Қазоқистон дар Тоҷикистон Аскар Тоҷибоев дар маросими расмии расонидани кумакҳои башардӯстонаи Қазоқистон ба Тоҷикистон 5 ҳазор тонна мазут дар ҳаҷми 83 зарфҳои бузурги фулузӣ тақдим гардид.

23 декабри соли 2020 Қазоқистон ба Тоҷикистон вобаста ба табобати беморони бемории фарогири КОВИД - 19 зиёда аз 100 дастгоҳи нафасдиҳии «Кокчетав-4П» ба сифати кумаки башардӯстона равон намуд, ки он дар корхонаи «Тыныс» дар шаҳри Кокшетауи Қазоқистон бастабандӣ мегардад [9].

Инчунин, 19 майи соли 2021 ҳангоми сафари расмии Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон Қосим-Жомарт Токаев ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷониби Тоҷикистон ва Қазоқистон ба мувофиқа расиданд, ки ба Тоҷикистон кумаки башардӯстона расонида мешавад. Маҳз ба хотири бартараф намудани оқибатҳои буҳрон, ки дар натиҷаи пандемияи коронавирус ба амал омада буд, Ҳукумати Қазоқистон моҳи июни соли 2021 ба Тоҷикистон 10 ҳаз тонна орди гандум бо маблағи 1 млрд. 285 млн. танга ё худ 3 млн. 669 ҳаз. долл. кумаки башардӯстона равон намуд. Тибқи дигар сарчашмаҳои қазоқӣ дар соли 2021 Қазоқистон ба Тоҷикистон дар ҳаҷми умумии 4,3 миллион доллар кумаки башардӯстона ворид намудааст [14]. Вобаста ба кумакҳои башардӯстонаи Қазоқистон ба Тоҷикистон ҳаминро бояд ёдовар шавем, ки аз соли 2006 то соли 2021 ҳаҷми кӯмакҳои башардӯстонаи Қазоқистон ба Тоҷикистон тақрибан 45 млн. долларро ташкил намудааст.

Танҳо дар ибтидои соли 2023 тибқи супориши Президенти Қазоқистон Қосим-Жомарт Токаев ба Тоҷикистон дар ҳаҷми 5 ҳаз тонна мазут бо маблағи 860 млн 805 ҳазор танга ё худ тақрибан 1,8 млн доллари ИМА ба сифати кумаки башардӯстона ҷиҳати фаъолияти босамари иншоотҳои энергетикӣ равона гардид, ки дар маросими расмии супоридани Иҷозатномаи маҳсулот Сафири Фавқулода ва Мухтори Ҷумҳурии Қазоқистон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Валихон Тураханов иштирок намуда, онро ба директори Агентии давлатии захираҳои моддии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Нурмаҳмад Аҳмадзода супорид.

***Панҷум, ташаккули ҳамкории кишварҳо дар сатҳи бисёрҷониба.*** Тоҷикистон ва Қазоқистон дар самти масоили зиёди мубрам дар рӯзномаи ҷаҳонӣ мавқеи мушобеҳ доранд. Кишварҳо ташаббусҳои сиёсати хориҷии якдигарро дастгирӣ менамоянд. Қазоқистон номзадии Тоҷикистонро барои аъзогӣ дар Шурои иқтисодию иҷтимоии СММ дар солҳои 2017-2019, ташаббусҳои Президенти Тоҷикистон Э. Раҳмонро дар чаҳорчӯбаи СММ оид ба эълон намудани солҳои 2016-2020 «Панҷсолаи чораҳои ҷаҳонӣ оид ба пешгирии нашъамандӣ ва тарғиби тарзи ҳаёти солим» ва солҳои 2018-2028. «Даҳсолаи байналмилалии «Об барои рушди устувор» дастгирӣ кардааст. Дар навбати худ, Тоҷикистон номзадии Қазоқистонро барои аъзогӣ дар Шурои амнияти СММ барои солҳои 2017-2018; аъзогии кишвар дар СУТ; ташаббус оид ба таъсиси Созмони исломии амнияти озуқаворӣ дар Остона; дархост барои баргузории Намоишгоҳи байналмилалии тахассусии «ЭКСПО-2017» дар Остонаро дастгирӣ намудааст [18].

Дар қаринаи шарикии стратегӣ Тоҷикистон ва Қазоқистон муносибатҳои мутақобиларо дар сатҳи бисёрҷониба низ ба роҳ монданд. Солҳои 2017 ва 2021 ду Саммити Созмони ҳамкории Шанхай дар Қазоқистон ва Тоҷикистон баргузор гардиданд, ки аз назари мазмун ва муҳтаво таърихӣ ба ҳисоб мерафтанд. Маҳз баргузор гардидани Саммити СҲШ санаи 8-9 июни соли 2017 дар шаҳри Остонаи Қазоқистон таърихӣ ба ҳисоб рафта, дар фаъолияти созмон саҳифаи нав кушод. «Қарори Шурои сарони давлатҳои СҲШ оид ба додани мақоми аъзои комилҳуқуқ ба Ҳиндустон ва Покистон таърихӣ ба ҳисоб мерафт» [1]. Инчунин, баргузории Саммити СҲШ санаи 17 сентябри соли 2021, ки он ҷаласаи идонаи созмон бахшида ба 20-солагии таъсиси созмон ба ҳисоб мерафт, дар таърихи фаъолияти он аҳаммияти муҳимми таърихӣ дошт. Дар ниҳояти анҷоми нишасти Душанбе 30 санади меъёрӣ-ҳуқуқӣ қабул гардид. Дар натиҷа, Эъломияи Душанбе оид ба бистсолагии СҲШ қабул гардида, он таҳлили корҳоеро дар бар мегирад, ки кишварҳои узв дар тули бист соли охир анҷом додаанд. Ҳамоиши Душанбе марҳилаи муҳим дар таърихи СҲШ гардида, қисмати мазмунии рӯзномаро хеле ғанӣ гардонд. Дар давраи раёсати Тоҷикистон таҳти шиори "20 соли фаъолияти СҲШ: ҳамкорӣ барои субот ва шукуфоӣ" тақрибан сад чорабинии муштарак баргузор шуд. Новобаста аз пандемияи коронавирус дар саросари ҷаҳон, Тоҷикистон тавонист шумораи рекордии чорабиниҳоро дар сатҳи роҳбарони вазорату идораҳои кишварҳои узв гузаронад. Дар ҷараёни ҳамоиш ба масъалаҳои таҳкими амнияти минтақавӣ ва муқовимат ба чолишҳову таҳдидҳо дар фазои СҲШ таваҷҷуҳи хос зоҳир карда шуд. Дар рафти Саммити Душанбе Барномаи ҳамкорӣ дар мубориза бо терроризм, ҷудоихоҳӣ ва экстремизмро барои се соли оянда (2022-2024) тасдиқ гардид.

Яке аз масъалаи муҳим таҳдиди маводи мухаддир ба шумор мерафт, ки дар робита ба ин, нақшаи кориро оид ба татбиқи Стратегияи зидди маводи мухаддири СҲШ қабул намуданд. Дар рафти баргузории ҷаласаи душанбегӣ масъалаи таъсиси Маркази зидди маводи мухаддири СҲШ-ро дар Душанбе зикр гардид.

Аз тарафи дигар ҷонибҳо ба мувофиқа расиданд, ки амалҳоро оид ба таъмини амнияти иттилоотии байналмилалӣ ва мубориза бо ҷинояткории муташаккили фаромарзӣ ҳамоҳанг созанд. Дар нишасти Душанбе масъалаи Афғонистон мавзуи калидӣ буд. Кишварҳои узв ҳавасмандии муштараки худро барои ба як кишвари босубот, озод аз террор, ҷанг, маводи мухаддир ва фақр табдил ёфтани Афғонистон изҳор доштанд. Аз ҷумла, Президенти Қазоқистон Қосим Жомарт Токаев низ изҳор

намуданд, ки "мо омодаем, ки барои ҳалли мушкилоти таъхирнопазири гуманитарӣ ва иқтисодӣ, ки Афғонистон дучори он аст, ҳамаҷониба кумак расонем”. Дар ин замина бо дарназардошти имконоти мавҷудаи инфрасохтор ва логистикии Қазоқистон, пешниҳод намуданд, ки дар Алмаато як маркази башардӯстонаи СҲШ барои расонидани кумакҳои байналмилалӣ ба Афғонистон ташкил карда шавад [20].

Инчунин, дар Душанбе масъалаҳои рушди ҳамкориҳо дар самти амнияти озуқаворӣ, фарҳанг ва гуманитарӣ, соҳаҳои илм ва технология, инноватсия, маориф, тандурустӣ, ҷавонон, сайёҳӣ ва варзиш, инчунин ҳифзи муҳити зист муҳим арзёбӣ гардида, ба механизми эълони шаҳрҳои давлатҳо ҳамчун пойтахти фарҳангӣ ва сайёҳии СҲШ оғоз бахшида шуд. Маҳз дар нишасти Душанбе, дар поёни ҳамоиш барои бори аввал дар таърих Суруди махсуси СҲШ садо дод.

Яке аз натиҷаҳои муҳимми Иҷлосияи душанбегӣ қабули қарорҳо оид ба васеъ намудани ҳайати “оилаи СҲШ” буд. Ба ин тартиб, қабули Эрон ба узвияти Созмон оғоз гардида, ба Миср, Қатар ва Арабистони Саудӣ мақоми шарикони муколама дода шуд. Ҳамин тариқ, фазои СҲШ васеъ шуда, ҳоло шумораи аъзои он ба бисту як (21) давлат расидааст [6].

Бояд таъкид сохт, ки Тоҷикистон ва Қазоқистон дар доираи дигар ниҳодҳои минтақавӣ дар ин давра ҳамкории зичро ба роҳ монданд. Фазои СААД имкони васеъи таҳкими ҳамкории кишварҳо дар мубориза ба хатарҳои ғайрианъанавӣ ба монанди терроризм, экстремизм ва ҷудоихоҳӣ мебошад. Дар давраи таҳқиқшаванда кишварҳо ҳамкории фаъоли ҳарбӣ-сиёсиро дар доираи СААД ба роҳ монда, шумораи зиёди машқҳои дастаҷамъона дар ҳудуди ин ё он кишвар баргузор карда шуд, ки ҳадафи онҳо мубориза бар зидди хатарҳои ҷаҳони муосир, ба шумор меравад.

Машқҳои махсуси қувва ва воситаҳои иктишофии Қувваҳои Мусаллаҳи кишварҳои СААД «Поиск-2016», ки санаи 18 апрели соли 2016 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардида, дар рафти он зиёда аз 1,5 ҳаз хизматчии ҳарбӣ аз мақомоти дахлдори кишварҳои аъзои созмон иштирок намуданд, ки ҳадафи он мубориза дастаҷамъона ба муқобили гурӯҳҳои террористии дар ҳудуди ин ё он кишвари аъзо хуруҷкунанда мебошад. Баргузории марҳилаи амалии машқҳо таҳти унвони «Нерушимое братство-2017» бо неруҳои сулҳофари СААД, ки аз 16 то 20 октябри соли 2017 дар майдонҳои ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳи Қазоқистон дар минтақаи ш. Алмато рӯйдоди дигари муҳим дар рушди ҳамкории кишварҳо ба ҳисоб меравад. Шумораи умумии ҳайати шахсӣ, ки дар рафти машқҳо иштирок намуданд, тақрибан 1500 нафар, зиёда аз 200 воҳиди аслиҳа, техникаи ҳарбӣ ва махсус, то 25 воҳиди ҳавопаймоҳоро (аз ҷумла, ҳавопаймоҳои бесарнишин) дар бар мегирифт [17].

Инчунин, аз 10 то 20 ноябряи соли 2017 дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон «Ҳарбмайдон» машқҳои якҷояи Қувваҳои дастаҷамъии СААД таҳти унвони «Тайёр ва гузаронидани амалиёти муштарак оид ба рафъи сохторҳои мусаллаҳи ғайриқонунӣ дар манотиқи кӯҳистонӣ» баргузор гардид, ки он марҳилаи ҷамъбастии машқҳои оперативӣ-стратегии СААД «Боевое братство-2017» ба ҳисоб мерафт, ки хислати мудофиавӣ дошт. Дар рафти машқҳо аз тамоми кишварҳои аъзои СААД 5 ҳазор хизматчии ҳарбӣ, 60 адад ҳавопаймо ва чархбол, зиёда аз 1,5 ҳазор лавозимоти махсуси техникӣ ҷалб гардида буд. Бояд тазаккур дод, ки дар чаҳорчӯбаи машқҳои «Боевое братство-2017» навъи дигар машқҳои ҳарбӣ, аз қабили – тамринҳои махсуси тактикӣ «Поиск-2017» ва машқҳои якҷояи «Взаимодействие-2017» дар ҳудудҳои Россия ва Арманистон, машқҳои якҷояи «Нерушимое братство-2017» дар ҳудуди Қазоқистон баргузор гардида, марҳилаи ҷамъбасти он дар Тоҷикистон баргузор гардид.

Инчунин, рӯзи 20 то 22 майи соли 2018 дар заминаи Маркази омодагии ҷангӣ ва методии воҳидҳои таъиноти махсуси Гвардияи миллии Ҷумҳурии Қазоқистон тамрини махсуси тактикии «Кобальт-2018» баргузор гардид. Дар рафти машқҳои тактикӣ-махсуси «Кобальт-2018» беш аз 700 нафар ҳайати шахсӣ, беш аз 70 воҳиди техникаи ҳарбӣ ва махсус, беш аз 500 аслиҳаи тирандозӣ ва артиллерӣ, 5 воҳиди

техникаи авиатсионӣ иштирок намуда, дигар дастгоҳҳои бесарнишин низ фаъолона истифода гардиданд. Ҳадафи баргузории машқҳо:

- баланд бардоштани сатҳи ҳамоҳангӣ байни мақомоти идоракунӣ, воҳидҳои (гурӯҳҳои оперативӣ) мақомоти корҳои дохилӣ (полис, Гвардияи миллӣ), мақомоти амният, вазорату идораҳо оид ба ҳолатҳои фавқулода ва назорати маводи нашъаовари давлатҳои аъзои СААД;

– инкишоф ва такмили малакаи муштарак дар идоракунии қувваҳо ва воситаҳо ҳангоми омода намудан ва гузаронидани амалиёти махсус оид ба нест кардани воҳидҳои мусаллаҳи ғайриқонунӣ;

— баланд бардоштани дараҷаи тайёрии саҳроӣ ва мутобиқат дар амалиёти қувваҳо ва воситаҳои низоми амнияти дастаҷамъӣ, кор карда баромадан ва инкишоф додани шаклҳо, усулҳои иҷрои вазифаҳо аз рӯйи таъинот, инчунин, навъҳои ҳозираи ярок, техникаи ҳарбӣ ва махсус ба ҳисоб мерафт [2].

Дар заминаи ҳамкориҳои муштараки кишварҳои аъзои СААД моҳи ноябри соли 2018 тули як моҳ дар қаламравҳои Россия, Қазоқистон, Қирғизистон ва Тоҷикистон машқҳои навбатии муштараки фаврӣ-стратегӣ таҳти унвони «Боевое братство-2018» баргузор гардид. Дар ин замина, машқҳои калонмиқёси воҳидҳои иктишофии неруҳои мусаллаҳи кишварҳои узви СААД «Поиск-2018», машқҳои СААД «Взаимодействие-2018», машқҳои неруҳои посдори сулҳи СААД «Нерушимое братство-2018» ва неруҳои дастаҷамъии мустақарсозии сареи минтақаи Осиёи Марказии СААД «Рубеж-2018» ва ҳамчунин машқҳои нахустини неруҳои дастаҷамъии ҳавоии СААД «Воздушный мост» баргузор гардиданд [21].

Зиёда аз ин, моҳи октябри соли 2019 дар Тоҷикистон дар тамрингоҳи Ҳарб-Майдон марҳилаи аввал ва дувуми тамриноти муштараки "Нерушимое братство-2019" баргузор гардид. Дар тамринҳо ҳайатҳои низомӣ, воҳидҳои пулиси (милиса) кишварҳои аъзои СААД, ки ба неруҳои посдори сулҳи СААД ҷудо карда шудаанд, инчунин, гурӯҳи фаврии Ситоди муштараки СААД, масъулони котиботи СААД, намояндагони Кумитаи байналмилалии Салиби Сурх ширкат варзиданд. Дар ин тамринҳо беш аз 3500 нафар низомиён, 600 техника, аз ҷумла таҷҳизоти ҳавоӣ – ҳавопаймоҳои иктишофии Су-24МР, ҳавопаймоҳои Су-25СМ, чархболҳои Ми-24, ҳавопаймоҳои бесарнишини «Форпост» ва «Орлан» ҷалб шудаанд [16].

Аз 18 то 23 октябр дар тамрингоҳи Ҳарбмайдон тамринҳои нерӯҳои дастаҷамъии вокуниши сареи СААД, «Взаимодействие-2021», «Поиск-2021» ва «Эшелон-2021» баргузор гардиданд. Дар ҷараёни он гурӯҳи Қӯшунҳои (Қувваҳои дастаҷамъии) СААД амалиёти муштарак оид ба маҳаллисозии муноқишаи мусаллаҳонаи сарҳадӣ, ки бо кӯшиши вуруд аз тарафи ҷангиёни созмонҳои байналмилалии террористӣ ба як кишвари узви Созмон алоқаманд буд, анҷом доданд. Дар ҷараёни он 4 ҳазор нафар афсару сарбоз ва зиёда аз 500 воҳидҳои техникӣ иштирок намудааст [3].

Дар доираи ҳамкориҳои муштараки кишварҳои аъзои СААД аз 17 то 21 октябри соли 2022 дар Тоҷикистон машқҳои СААД, таҳти унвони «Рубеж-2022» баргузор гардид. Дар чорабиниҳои амалӣ ҳайатҳои низомии кишварҳои узви минтақаи Осиёи Марказӣ, гурӯҳҳои зудамали Ситоди муштарак ва Котиботи СААД ширкат намуданд, ки теъдоди умумии ширкаткунандагони тамринҳо дар Тоҷикистон ҳудуди 1000 нафар ва беш аз 300 воҳиди таҷҳизоти низомӣ ва вижа, аз ҷумла, ҳавопаймо, чархболҳо ва ғайраҳо иборат буданд.

Муҳимтарин ҳодисае, ки дар давраи таҳқиқшаванда ба таҳкими ҳамкории Тоҷикистон ва Қазоқистон мусоидат намуд, иштироки ҳарбиёни тоҷик дар доираи неруҳои сулҳофари СААД ба ҳисоб меравад. Баъд аз ҳодисаҳои январи соли 2022 дар Қазоқистон, Президенти кишвар Қосим Жомар Токаев 5- январ ба роҳбарони кишварҳои шарик дар СААД оид ба расонидани ёрӣ, ҷиҳати рафъи хатари террористон дар ин мамлакат муроҷиат намуд. Аллакай рӯзҳои 6-7 январ ҳудуди 4000 нафар низомиёни СААД ба Қазоқистон фиристода шудаанд, ки беш аз 200 сарбозу афсари баталиони посдори сулҳи Қувваҳои Мусаллаҳи Тоҷикистон низ

шомили онҳо буд. Бояд таъкид намуд, ки ҳайат шахсӣ ва воҳидҳои техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки шомили неруҳои дастаҷамъии посдори сулҳи СААД буданд, вазифаҳои ҳифзи объектҳои аҳаммияти иҷтимоидоштаро дар Ҷумҳурии Қазоқистон бар душ доштанд [22].

Дар ин замина, 08 январи соли 2022 ҳангоми суҳбати телефонӣ бо Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон Қосим-Жомарт Токаев ба Пешвои миллат дар бораи андешидани тадбирҳои амалӣ бо мақсади таҳти назорат гирифтани вазъият, барқарор намудани сулҳу оромӣ ва ҳамзамон ҳадафҳои ниҳоии саркардагони рӯйдодҳои фоҷеабор ҷиҳати ғасби ҳокимият дар кишвар ба таври муфассал маълумот дода, ба Эмомалӣ Раҳмон ва кулли мардуми Тоҷикистон барои дастгирӣ ва ирсоли ҳайати маҳдуди низомиёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Қазоқистон дар қатори неруҳои муттаҳидаи сулҳофари СААД барои мусоидат ба ҳифзи тартиботи ҳуқуқӣ ва таъмини субот изҳори сипос намуданд [24]. Маҳз ин ҳодиса аз сатҳи баланди рушди ҳамкориҳо ва шарикии стратегии Тоҷикистон ва Қазоқистон дар самти таъмини амнияти минтақавӣ дарак медиҳад.

Дар маҷмуъ, метавон иброз намуд, ки бо расидани муносибатҳои Тоҷикистон ва Қазоқистон ба сатҳи шарикии стратегӣ равобити миёни кишварҳо дар соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва башардӯстӣ ба сатҳи сифатан нав расида, омили асосии он таҳаввул дар низоми сиёсию иқтисодӣ ва тамоюлҳои нав дар минтақа ва ҷаҳон ба ҳисоб мераванд. Зеро, маҳз сар карда аз соли 2015 то ин ҷониб дар низоми муносибатҳои минтақавӣ ва ҷаҳонӣ тағйиротҳое ба амала омаданд, ки дар ду даҳаи охири ҳазораи нав бесобиқа буданд.

Аз ин рӯ, ҷиҳати рушди минбаъдаи ҳамкориҳо миёни кишварҳо дар сатҳи дуҷониба ва бисёрҷониба дар соҳаҳои сиёсӣ, тиҷоратӣ-иқтисодӣ ва башардӯстӣ, таҳкими ҳамкориҳо дар соҳаҳои зеринро зарур мешуморем:

1. Бо дарназардошти вазъи тағйирёбандаи минтақа ва ҷаҳон бояд дар доираи сохторҳои минтақавӣ ва ҷаҳонӣ кишварҳо аз тамоми имконот дар самти таъмини амнияти минтақавӣ ва рушди устувори он, пешбурди дипломатияи бисёрсамтӣ якдигарро дастгирӣ намуда, ваҳдати минтақавиро бо дарназардошти манофеи кишварҳо тақвият бахшанд;
2. Бо дарназардошти рушди ҳамкориҳо миёни корхона ва ширкатҳои истеҳсолии кишварҳо ба рушди ҳамкориҳои иқтисодӣ ва ҷалби сармоя, тақвияти ҳамкориҳои байнибонкӣ, бунёди корхонаҳои муштараки истеҳсолӣ, аз ҷумла дар самти истеҳсоли маҳсулотҳои саноатӣ таваҷҷуҳи асосӣ равона гардад;
3. Ташаккули ҳамкориҳои ҷонибҳо дар самти сайёҳӣ, бунёди корхонаҳои муштарак дар самти истеҳсоли доруворӣ, ташкили хатсайрҳои сайёҳии умумӣ (дар масири Роҳи абрешим), бунёди муштараки инфрасохтори сайёҳӣ, ҷалби сайёҳони якдигар ва тақвияти сайёҳии табобатӣ ва тиҷоратӣ;
4. Тақвияти ҳамкорӣ дар самти маориф, илм, таҳсилот, мубодилаи донишҷӯён, устодон, муҳаққиқон ва унвонҷӯён. Дар шароити ҷаҳонишавӣ илм ва фарҳанг дар қаринаи ваҳдати арзишҳои минтақавӣ метавонанд яке аз фишангҳои муассири болоравии амнияти миллию минтақавӣ, заминаи мустаҳками муқовимат бо падидаҳои бегонашавӣ ва омили рушди ҳамкориҳои мутақобила бошанд;
5. Таҳкими ҳамкориҳо дар доираи рушди “иқтисоди сабз” ва истифодаи захираҳои «энергияи сабз» дар Тоҷикистон. Дар ин самт, Қазоқистон дорои таҷриба ва имкониятҳои ҷалб ва сафарбарнамоии молиявӣ ва Тоҷикистон дорои имкони фаровони захираҳои табиӣ мебошанд;
6. Мусоидат ба умқи ҳамгироии минтақавӣ. Тавре маълум астҳар ду кишвар яке аз ҷонибдорони асосии ҳамкориҳои мутақобилан судманди минтақавӣ мебошанд. Таҳкими равандҳои ҳамгироӣ заминаи ваҳдати талоши кишварҳои минтақа, ҳалли дастаҷамъонаи мушкилоти мавҷуда ва баромад ба бозорҳои ҷаҳонӣ бо мавқеи ягона гардида, метавонад омили муҳимми рушди устувори Осиёи Марказӣ бошад.

## АДАБИЁТ


1. Астанинский саммит ШОС: исторические решения, новые перспективы. В штаб-квартире ШОС в Пекине подвели итоги. [Электронный ресурс]. URL: http://rus.sectsco.org/news/20170612/292336.html. (дата обращения: 25.01.2023).
2. В Казахстане началось международное тактико-специальное учение «Кобальт-2018» по отработке совместных действий по уничтожению незаконных вооруженных формирований. [Электронный ресурс]. URL: https://odkb-csto.org/news/news_odkb/ v_kazakhstane_nachalos_mezhdunarodnoe_taktiko_spetsialnoe_uchenie_kobalt_2018_po_otrabotke_sovmestny /#loaded. (дата обращения: 11.02.2023).
3. В Таджикистане прошли масштабные совместные учения «Взаимодействие-2021» и специальные учения разведподразделений «Поиск-2021», «Эшелон-2021». [Электронный ресурс]. URL: https://odkb-csto.org/training/trainings_interaction/v-tadzhikistane-proshli-masshtabnye-sovmestnye-ucheniya-vzaimodeystvie-2021-s-kollektivnymi-silami-o/#loaded. (дата обращения: 19.12.2022).
4. Главный внутренний инвестор в Центральной Азии – Казахстан. [Электронный ресурс]. URL: https://ia-centr.ru/publications/glavnyy-vnutrenniy-investor-v-tsentralnoy-azii-kazakhstan/. (дата обращения: 11.09.2022).
5. Договор о стратегическом партнерстве между Республикой Казахстан и Республикой Таджикистан (г. Душанбе, 14 сентября 2015 года). Ратифицирован Законом РК от 31 октября 2016 года № 19-VI. Вступил в силу 20 апреля 2017 года. [Электронный ресурс]. URL: https://online.zakon.kz/Document/?doc_id=38094235&pos=4;-106#pos=4;-106. (дата обращения: 10.07.2022).
6. Изњороти матбуотї пас аз љаласаи Шўрои сарони давлатњои узви Созмони њамкории Шанхай. [Электронный ресурс]. URL: http://www.president.tj/node/26541. (дата обращения: 11.12.2022).
7. Информация о притоке иностранных инвестиций в экономику Республики Таджикистан в 2021 году. [Электронный ресурс]. URL: https://investcom.tj/uploads/docfiles/ 620b3ba05fa62.pdf. (дата обращения: 11.12.2022).
8. Казахстан – Таджикистан: равное партнерство, взаимовыгодное сотрудничество. [Электронный ресурс]. URL: https://kazpravda.kz/n/kazahstan-tadzhikistan-ravnoe-partnerstvo-vzaimovygodnoe-sotrudnichestvo. (дата обращения: 09.02.2023).
9. Казахстан направил в Таджикистан 100 аппаратов ИВЛ в качестве гуманитарной помощи. [Электронный ресурс]. URL: https://zonakz.net/2020/12/23/kazaxstan-napravil-v-tadzhikistan-100-apparatov-ivl-v-kachestve-gumanitarnoj-pomoshhi/. (дата обращения: 05.01.2023).
10. Казахстан направил Таджикистану 18 вагонов гуманитарной помощи. [Текст]: [электронный ресурс]. URL: https://ria.ru/20160513/1432682479.html. (дата обращения: 12.02.2023).
11. Казахстан окажет помощь Таджикистану на сумму более 128 миллионов тенге. [Электронный ресурс]. URL: https://tengrinews.kz/kazakhstan_news/kazahstan-okajet-pomosch-tadjikistanu-summu-128-millionov-331205/. (дата обращения: 21.01.2023).
12. Казахстан - страна процветания и благополучия, мира и согласия. - Душанбе: Посольство Республики Казахстан в Республике Таджикистан, 2009. – С.28.
13. Казахстанско -таджикистанские отношения: 15 лет дружбы и сотрудничество / Сборник документов и материалов. -Душанбе: Полиграфкомбинат, 2008. – С.8.
14. Кому Казахстан отправляет гуманитарную помощь, а какую получает сам. [Электронный ресурс]. URL: https://liter.kz/komu-kazakhstan-otpravliaet-gumanitarnuiu-pomoshch-i-kakuiu-poluchaet-sam-1647403918/. (дата обращения: 05. 12.2022).
15. Концепция внешней политики Республики Таджикистана от 27 янв. 2015 г. № 332. [Электронный ресурс]. URL: http://mfa.tj/?l=ru&art=1072. (дата обращения: 11.06.2022).
16. Миротворцы ОДКБ "провели" операцию по поддержанию мира в Таджикистане. На полигоне "Харб-Майдон" прошел заключительный этап учения с Миротворческими силами ОДКБ "Нерушимое братство -2019". [Электронный ресурс]. URL: https://odkb-csto.org/training/the_brotherhood_of_war_2019/vtoroy-etap-sovmestnogo-ucheniya-nerushimoe-bratstvo-2019-startoval-v-tadzhikistane-na-poligone-khar/#loaded. (дата обращения: 11.02.2023).
17. Миротворцы ОДКБ на учении "Нерушимое братство-2017" в Казахстане приступили к практическому выполнению задач. [Электронный ресурс]. URL: https://odkb-csto.org/training/the_brotherhood_of_war_2017/mirotvortsy_odkb_na_uchenii_nerushimoe_bratstvo_2017_v_kazakhstane_pristupili_k_prakticheskomu_vypol-11547/#loaded. (дата обращения: 11.01.2023).
18. Н. Сейтимов: Политическое взаимодействие между Таджикистаном и Казахстаном находится на высоком уровне. [Электронный ресурс]. URL: http://avesta.tj/2018/01/08/n-sejtimov-politicheskoe-vzaimodejstvie-mezhdu-tadzhikistanom-i-kazahstanom-nahoditsya-na-vysokom-urovne/. (дата обращения: 21.01.2023).
19. Назарбаев: У Казахстана и Таджикистана нет никаких нерешенных вопросов. [Электронный ресурс]. URL: https://asiaplustj.info/news/tajikistan/politics/20180314/emomali-rahmon-i-nursultan-nazarbaev-provodyat-peregovori-v-akorde. (дата обращения: 15.09.2022).

20. Саммит единомышленников: как ШОС поступит в отношении Афганистана? [Электронный ресурс]. URL: https://tj.sputniknews.ru/20210917/scos-afghanistan-measures-1042344115.html. (дата обращения: 11.02.2023).
21. Совместное оперативно-стратегическое учение «Боевое братство-2018»: 11 главных фактов в подготовке Коллективных сил ОДКБ. [Электронный ресурс]. URL: https://odkb-csto.org/training/the_brotherhood_of_war_2018/sovmestnoe_operativno_strategicheskoe_uchenie_boevoe_bratstvo_2018_11_glavnykh_faktov_v_podgotovke_k/#loaded. (дата обращения: 11.10.2022).
22. Таджикские военные покинули Казахстан на российском ИЛ-76. [Электронный ресурс]. URL: https://bomdodrus.com/2022/01/14/tadzhikskie-voennye-pokinuli-kazahstan-na-rossijskom-il-76/. (дата обращения: 11.01.2023).
23. Товарооборот Таджикистана и Казахстана впервые перевалил за 1 миллиард долларов. [Электронный ресурс]. URL: https://eadaily.com/ru/news/2022/02/03/tovarooborot-tadzhikistana-i-kazahstana-vpervye-perevalil-za-1-milliard-dollarov. (дата обращения: 02.05.2022).
24. Токаев поблагодарил Рахмона за поддержку в рамках ОДКБ. [Электронный ресурс]. URL: https://tass.ru/mezhdunarodnaya-panorama/13374855. (дата обращения: 11.01.2023).
25. Шарипов С.С. Стратегическое партнерство в системе межгосударственных отношений на примере Таджикистана и Казахстана. С.С. Шарипов, А.Н. Шарипов // Вестник Таджикского национального университета (научный журнал). - 2019. -№ 9. - С.177.
26. Шарипов, С.С. Особенности развития взаимоотношений Таджикистана с Казахстаном в начале XXI века (2001-2016 гг.): автореф. дисс.к.и.н: 07.00.15: С.С.Шарипов. -Душанбе, 2021. – С.46.

## РУШДИ ҲАМКОРИҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ҶУМҲУРИИ ҚАЗОҚИСТОН ДАР ҚАРИНАИ ШАРИКИИ СТРАТЕГӢ

Дар мақола рушди ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон дар қаринаи шарикии стратегӣ мавриди таҳлили амиқ қарор гирифтаанд. Дар он гуфта мешавад, ки бо расидани муносибатҳои ду кишвар ба сатҳи шарики стратегӣ дар тамоми соҳаҳои ҳамкориҳо, аз қабили сиёсӣ, тиҷоратӣ-иқтисодӣ ва гуманитарӣ дар сатҳи дуҷониба таҳаввулоти ҷиддӣ ба амал омаданд. Таъкид мегардад, ки омили муҳимми ба умқи ҳамкориҳои сиёсӣ, тиҷоратӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии миёни ду кишвар мусоидатнамуда, тақвияти хатар ва таҳдидҳои амниятӣ, ба монанди терроризми байналмилалӣ, ифротгароӣ, ҷудоихоҳӣ, паҳншавии яроқи қатли ом, ҷиноятҳои муташаккили фаромиллӣ, гардиши ғайриқонунии моводи мухаддир, буҳронҳои молиявӣ-иқтисодӣ дар муносибатҳои байналхалқӣ ба ҳисоб мераванд. Таҳаввулоти баамаломада дар соҳаҳои мазкур бо далел ва оморҳои дақиқ асоснок гардида, сатҳу сифати ҳамкории кишварҳо ба таври возеҳ нишон дода шудааст. Дар мақола мавқеи кишварҳо, аз ҷумла, роҳбарони давлатҳо оид ба сатҳи ҳамкориҳо ва мавҷуд набудани мушкилоти ҷиддӣ миёни ду давлат оварда шудааст. Дар мақола, ҳамчунин, рушди ҳамкории кишварҳо дар сатҳи бисёрҷониба, бахусус дар доираи СҲШ ва СААД таҳлил гардидаанд.

**Калидвожаҳо:** шарикии стратегӣ, контекст, тиҷоратӣ-иқтисодӣ, дуҷониба, бисёрҷониба, таҳким, ҳамкориҳо, рушд.

## РАЗВИТИЕ СОТРУДНИЧЕСТВА МЕЖДУ РЕСПУБЛИКОЙ ТАДЖИКИСТАН И РЕСПУБЛИКОЙ КАЗАХСТАН В КОНТЕКСТЕ СТРАТЕГИЧЕСКОГО ПАРТНЕРСТВА

В статье проанализировано развитие сотрудничества между Республикой Таджикистан и Республикой Казахстан в контексте стратегического партнерства. Отмечается, что с выходом отношений двух стран на уровень стратегического партнерства произошли значительные подвижки во всех сферах сотрудничества, таких как политическая, торгово-экономическая и гуманитарная, на двустороннем уровне. Подчеркивается, что важным фактором, способствующим углублению политического, торгово-экономического и культурного сотрудничества двух стран, является усиление рисков и угроз безопасности, таких как международный терроризм, экстремизм, сепаратизм, распространение оружия массового поражения, транснациональная организованная преступность, незаконный оборот наркотиков, финансовые и экономические кризисы. Эволюция в этих областях подтверждается фактами и точной статистикой, наглядно показан уровень и качество сотрудничества между странами. В статье представлена позиция стран, в том числе лидеров государств, относительно уровня сотрудничества и отсутствия серьезных проблем между двумя государствами. Также в статье анализируется развитие сотрудничества стран на многостороннем уровне, особенно в рамках ШОС и ОДКБ.

**Ключевые слова:** стратегическое партнерство, контекст, торгово-экономический, двусторонний, многосторонний, укрепление, сотрудничество, развитие.

## DEVELOPMENT OF COOPERATION BETWEEN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN AND THE REPUBLIC OF KAZAKHSTAN IN THE CONTEXT OF STRATEGIC PARTNERSHIP

In the article, analyzed the development of the cooperation between the Republic of Tajikistan and the Republic of Kazakhstan in the context of strategic partnership. It is said that with the relations of the two countries reaching the level of the strategic partner, significant developments have taken place in all spheres of cooperations, such as political, trade-economic and humanitarian, at the bilateral leves.It is emphasized that an important factor

contributing to the deepening of political, trade, economic and cultural cooperation between the two countries is the strengthening of security risks and threats, such as international terrorism, extremism, separatism, the spread of weapons of mass destruction, transnational organized crime, illegal drug trafficking, financial and economic crises are considered in international relations. The evolutions in these fields are justified by facts and accurate statistics, the level and quality of cooperation between the countries is clearly shown. The article presents the position of the countries, including the leaders of the states, regarding the level of cooperation and the absence of serious problems between the two states. The article also, analyzes the development of cooperation between the countries at the multilateral level, especially within the SCO and CSTO.

**Key words:** strategic partnership, context, trade and economic, bilateral, multilateral, strengthening, cooperation, development.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Шарипов Сайҳомид Сафармадович-*** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, . кафедраи минтақашиносии хориҷӣ, номзади илмҳои таърих, муаллими калон. **Суроға:** 734025, шаҳри Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 938-48-58-46**. E-mail: **sayhomid.tj.93@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Шарипов Сайхомид Сафармадович-*** Таджикский национальный университет, кафедра зарубежного регионоведения, кандидат исторических наук, старший преподаватель. **Адрес:** 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 938-48-58-46**. E-mail: **sayhomid.tj.93@mail.ru**

**Information about the author:** ***Sharipov Saihomid Safarmadovich*. -** Tajik National University, Department of Foreign Regional Studies, Candidate of Historical Sciences, Senior Lecturer. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. Phone: **(+992) 938-48-58-46**. E-mail: **sayhomid.tj.93@mail.ru**.

ТДУ:93(575.1+575.2)

# ҶУМҲУРИҲОИ ӮЗБЕКИСТОНУ ҚИРҒИЗИСТОН ДАР НИЗОМИ АМНИЯТИ МИНТАҚАВИИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ
(1991-2023)

***Иброгимова Г.С.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Низоми амнияти минтақавӣ дар Осиёи Марказӣ падидаи наве мебошад, ки пас аз фурӯпошии Иттиҳоди Шуравӣ ба вуҷуд омада, дар ҳоли рушду такомул қарор дорад. Аз ин лиҳоз месазад бигӯем, ки минтақаи Осиёи Марказӣ зимни он ки дар дар эҷоди низоми амниятӣ давлатҳо нақши муҳим дорад, метавон мавқеи Созмони Паймони Аҳдномаи Дастаҷамъи (СПАД)-ро ки аз соли 2002 (дар заминаи Созмони аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ аз 15.05. 1992 (СААД) миёни кишварҳои пасошуравӣ, Федератсияи Россия, ҷумҳуриҳои Белорус, Арманистон, Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон таъсис дода мешавад, ёдовар шуд.

Аз рӯйи нишондодҳо минтақаи Осиёи Марказӣ дар марҳалаи кунунӣ ба яке аз анборҳои муҳимми энергетикии иқтисоди ҷаҳонӣ табдил ёфта истодааст. Дар ин росто захираҳои кашфшудаи нафт ва гази табиӣ дар Қазоқистон мутаносибан 2,2 миллиард тонна ва 2,5 триллион $м^3$-ро ташкил медиҳанд. Захираи гази табиӣ дар Туркманистон тақрибан 3 миллиард метри мукааб ва дар Ӯзбекистон қариб 2 миллиард метри мукаабро ташкил медиҳад. Захираҳои пешбинишудаи Қазоқистон бо назардошти конҳо дар қисмати Каспий ва ҳавзаи баҳри Арал бошад, имкон дорад беш аз 13 миллиард тонна нафт ва миллиард метри мукааб гази табиӣ истихроҷ кунад. Туркманистон мутаносибан 6,3 миллиард ва 15,5 триллион. Захираҳои Ҷумҳурии Ӯзбекистон — 0,3 миллиарду 2 триллион $м^3$ро ташкил медиҳад [6].

Аз ин лиҳоз, лозим донистем дар мақола ба масъалаҳои баҳси марзие, ки миёни ҷумҳуриҳои Ӯзбекистон ва Қирғизистон дар даврони беш аз 30 соли соҳибихтиёрии миллии кишварҳои мазкур сурат гирифт, равшанӣ андозем.

Тавре маълум аст, марзи Қирғизистону Ӯзбекистон 1314 километр буда, аз марзи Ҷумҳурии Қазоқистон то ба Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар бар мегирад ва дарозтарин хатти сарҳадии Қирғизистонро бо кишвари ҳамсояи худ Ӯзбекистон нишон медиҳад.

Бо таваҷҷуҳ ба ин нукта бояд зикр кард, ки пас аз соҳибистиқлол гардидани ҷумҳуриҳои Ӯзбекистон (1.09.1991) ва Қирғизистон (31.08. 1991) агарчи муносибатҳо миёни ин ду кишвар дар ростои муносибатҳои неки ҳамсоягӣ, дӯстӣ ва дигар арзишҳои умумибашарии давлатӣ ба роҳ монда шуда бошад ҳам, вале тақрибан чоряк ҳиссаи тамоми хатти сарҳади давлатии Қирғизистону Ӯзбекистон тақисмношуда боқӣ монда буд, ки мавҷудияти анклавҳо зиддиятҳои байни ин ду кишварро ба миён овард, ки сабаби асосии он дар мавҷуд набудани аломатгузории дақиқи марзӣ баъди аз байн рафтани Иттиҳоди Шуравӣ мебошад.

Агар ба таърихи начандон дури ташаннуҷи марзие, ки байни кишварҳои Осиё Марказӣ, хосса миёни ҷумҳуриҳои Ӯзбекистон ва Қирғизистон дар даврони соҳибихтиёрии худ аз сар гузаронидаанд, назар афканем, маълум мегардад, ки раванди рӯйдодҳои бавуқуъомада бештар ба равишҳои анъанавии на таҷдидшуда дар таъмини амниятӣ дар минтақа вобаста мебошад. Дар ин росто ҳодисаҳои тирамоҳи соли 1999 мисол шуда метавонад. Зеро дар як вақт як гурӯҳи калони ҷангиёни исломӣ, аз Афғонистон тавассути қаламрави Тоҷикистон ба қаламрави Ҷумҳурии Қирғизистон ворид шуданд, ки онҳо ба гурӯҳҳои ифротии исломии водии Фарғона мутааллиқ буданд ва дар онҳо таъсири факторҳои Афғонистон ба Осиёи Марказӣ бештар дида мешуд [3]. Аз рӯйи далелҳои делимитатсия ва демаркатсияи сарҳадӣ, баҳсҳо сари масъалаи марзӣ миёни ҷумҳуриҳои Ӯзбекистону Қирғизистон беш аз 140 нуқтаи баҳсбарангезро ташкил медиҳад. Гузашта аз ин, солҳои 1999-2000 Ҷумҳурии Ӯзбекистон бо баҳонаи хатари терроризми фаромарзӣ ба таври якҷониба

делимитатсия ва минагузории бахшҳои сарҳадии худро оғоз кард. Дар соли 1999 сохтмони садд - девор дар сарҳад бо мақсади пешгирии вуруди террористон оғоз шуд[*].Дар ин росто яке аз мушкилоти марзие, ки миёни Қирғизистон ва Ӯзбекистон ба вуқуъ пайваста буд, ҳодисаҳои Бодканд (Қирғизистон), Сариосиё ва Узуни (Ӯзбекистон) дар солҳои 1999-2000 мебошад.

Бояд қайд кард, ки ҳангоми ҳуҷуми гурӯҳҳои экстремистҳои исломӣ, амалиёти тактикӣ ва стратегии неруҳои мусаллаҳи дар кӯҳистон қарор дошта, натавонистанд дар муқобили гурӯҳҳои экстремистӣ истодагарӣ кунанд, ки бар асари он қувваҳои мусаллаҳи давлатӣ талафоти зиёде диданд. Новобаста аз ин, фишори ифротгароёни исломӣ, ки ба Ӯзбекистон дахл доштанд, афзоиш меёфт. Вазъияти бамиёномада боиси сар задани амалиётҳои низомӣ дар ин минтақа гардид.

Созишномаи соли 2001 дар бораи эҳтимолан демаркатсия кардани қитъаҳои сарҳад ва таъсиси свопҳо, ки анклавҳои дахлдори онҳоро ба "материк" мепайваст, дар Қирғизистон чандон пазируфта нашуд ва созишнома дар масъалаи сарҳад низ миёни ин ду кишвар ба тасвиб нарасид, ки он ба идомаи танишҳо миёни ин ду кишвар оварда расонид[*]. Албатта, таҷрибаи байналмилалӣ собит месозад, ки сарҳадҳои ноустувор боиси ҷиноятҳои муташаккил ва гурӯҳҳои террористӣ низ шуда метавонад. Мисоли равшани он ҳодисаҳои моҳи майи соли 2005 дар Андиҷон рух дода мебошад. Коршиносон дар ин маврид бар ин назаранд, ки аз рӯйи нишондоди хадамоти истихборотии Ӯзбекистон, вақте дар Тошканд шӯриши мусаллаҳонаи созмони динии пинҳонии «Акрамия» саркӯб карда шуд, афроде, ки ба Ӯзбекистон ба унвони террорист шомил шуда буданд, тавассути марзи Қирғизистон ба Андиҷон силоҳ интиқол дода, сипас ба Қирғизистон фирор кардаанд [10, с, 15] .

Ҳодисае дигаре вобаста ба масъалаи марзӣ миёни Ӯзбекистон ва Қирғизистон ба замони «Инқилоби лолагин» (марти 2005), ба давраи раёсати Қ.Боқиев рост меояд. Баъд аз баррасии масъалаи мазкур маълум гардид, ки ҷониби Қирғизистон аз додани ҷинояткорон ба мақомоти Ӯзбекистон худдорӣ мекунад. Билохира, бо фишори кишварҳои Ғарб ва созмонҳои дифоъ аз ҳуқуқи башар ба онҳо иҷозат дода мешавад, ки зери ниқоби мардуми осоишта ба Аврупо раванд.

Ҳолати дигаре, ки боиси баҳси марзӣ миёни ду кишвар гардида буд, ҳодисаҳои хунини моҳи июни соли 2010 дар вилоятҳои Уш ва Ҷалолободи Ҷумҳурии Қирғизистон мебошад, ки ҳангоми беназорат мондани марз, қисми зиёди гурезаҳо аз марзи Қирғизистон ба Ӯзбекистон ворид мешаванд. Тибқи маълумотҳои омории расмии Тошканд, ҳудуди 400 ҳазор нафар барои фирор аз низоъҳои байнимиллӣ дар кишвари ҳамсоя ба манотиқи ҳамсояи Ӯзбекистон фирор мекунанд. Мисоли дигаре, ки боиси муташанниҷ гардидани муносибат миёни ин ду кишвар гардида буд, захмӣ шудани шаҳрванди Ӯзбекистон мебошад. Аз рӯйи маълумотҳо, 23 сентябри соли 2013 дар мавзеи Жииде-Арики ноҳияи Қадамҷайи вилояти Бодканд марзбонони қирғиз як шаҳрванди Ӯзбекистонро захмӣ мекунанд, ки бо ӯ ду зани дигар ҳамроҳ будааст, ки онҳо нуктаҳои марзиро вайрон карда, ба қаламрави дуртари Қирғизистон ворид мешаванд.

Чунин ҳолати вайронкунии сарҳад миёни шаҳрвандони Қирғизистон ва Ӯзбекистон борҳо ба мушоҳида расидааст. Аз руйи таҳлилҳои оморӣ чунин бармеояд, ки, дар натиҷаи задухӯрдҳо дар сарҳад ва ҳангоми гузаштан аз он ҳар сол ба ҳисоби миёна 10-20 нафар ба ҳалокат мерасад. [ 9, с. 24].

Баҳсҳои марзӣ на танҳо боиси муташанниҷ гардидани вазъият дар сарҳад ва кушта шудани шаҳрвандони бегуноҳ мегардид, балки ба ҳаёти иқтисодӣ ва иҷтимоии ҳарду кишвар таъсири худро мегузошт. Тавре муҳаққиқ Казансев менависад: «Натиҷаи баҳсҳои марзӣ ба ҳамкориҳои иқтисодӣ миёни Ӯзбекистону Қирғизистон таъсири худро мегузошт. Зеро ҳолатҳои мазкур боиси баста шудани гузаргоҳҳои

---

[*] Daily Sabah (6 September 2017), Uzbekistan, Kyrgyzstan sign historic border agreement. Wayback Machine . 21. 07. 2020.9. 10. 2018.

[*] Central Asia - border disputes and conflict potential. Wayback Machine.

сарҳадӣ мегардид. Нуктаҳои муҳимми иқтисодӣ ва зербиноҳои дар қаламрави Қирғизистон буда, ки аз замони Шуравӣ мавриди истифодаи Ӯзбекистон қарор доштанд, имрӯз монеаи дар муносибатҳо миёни ин кишварҳо гаштааст, ки дар аксари ҳолат Тошканд бозгашти онҳоро ба ҳалли масъалаи сарҳадӣ вобаста медонад» [ 11, с. 296].

Тавре маълум аст, Ҷумҳурии Қирғизистон аз соли 2011 барои бозгардонидани обанбори Орто-Токой, каналҳои Чуст, Сӯх-Шаймардан, Лаган, истгоҳҳои обкашии «Достук» ва «Маданият», садҳо гектар заминро барои истифода дар ноҳияи Қадамжай ва ғайра оғоз намуд. Инчунин, моҳи сентябри соли 2013 аз роҳҳои кӯҳии Унгар-Тоо, ки мавҷгирҳои нуктаҳои телевизионӣ ва ширкатҳои мобилии Қирғизистон дар он ҷо ҷойгир буд, ба яке аз масъалаҳои баҳсӣ миёни ин ду кишвар табдил гардид. Аз тарафи дигар, анклавҳо боиси тезутунд гардидани муносибат ва мушкилот миёни ин ду кишвар мегардид. Аз ҷумла, 6 январи соли 2013 сокинони деҳаи Ҳушёри Ӯзбекистон, воқеъ дар анклави Сӯх, изҳори норизогӣ аз насби сутунҳои интиқоли барқ карданд. Дар натиҷаи он марзбонони қирғиз ба деҳаи ҳамсояи Қирғизистон - Чабрак ҳамла карданд. Дар ҷавоби ин қирғизҳо роҳҳоеро бастанд, ки анклавҳои он бо Ӯзбекистон дахл дошт.

Дар Қирғизистон анклавҳои ӯзбекҳои Сӯх (тақрибан 60 ҳазор нафар) ва Шоҳимардон (зиёда аз 10 ҳазор нафар) ташкил медоданд, ки аз ҷиҳати маъмурӣ ба вилояти Фарғонаи Ӯзбекистон мансуб буданд. Инчунин, ҳодисаҳои деҳаи Бараки Қирғизистон бо масоҳати 4 ҳазор километри квадратӣ ва бо доштани аҳолии чандсаднафара боиси сар задани баҳсҳои марзӣ миёни ин ду кишвар гардида буд [8, с. 162-163].Агар ба таърихи муташанниҷ гардидани даъвои марзӣ миёни ҷумҳуриҳои Ӯзбекистону Қирғизистон назар афканем, давраи нави ихтилофҳо миёни ин ду кишвар ҳодисаҳои 18 марти соли 2016 рух дода мебошад. Дар ин рӯз ҷониби Ӯзбекистон ду зиреҳпӯш, ду мошини боркаш ва тақрибан 40 нафар низомиёнро ба минтақаи баҳсбарангези марзии Чаласарти вилояти Ҷалолободи Қирғизистон интиқол дода, нуктаи гузаргоҳии худро дар марз таъсис медиҳад. Дар қитъаи шоҳроҳи Кербен-Ала-Бука ва гузаргоҳи ба шаҳрвандони Қирғизистон тааллуқ дошта, роҳи тавассути шоҳроҳи Дӯстук ва "Маданият» буда баста мешавад.

Ҷониби Тошканд вобаста ба ин ҳодиса изҳор карданд, ки баста шудани роҳ барои таъмини амният дар рӯзҳои ҷашни Наврӯз мебошад.

Бо вуҷуди ин, Хадамоти давлатии марзбонии Қирғизистон амалҳои ҷониби Ӯзбекистонро амали дағалонаи марзӣ арзёбӣ карда. талаб карданд, ки техникаи вазнини ҷангӣ ва низомиён аз минтақаи баҳсбарангез бароварда шавад ва ба он ҷо қувваҳои иловагӣ ворид карда шавад. Гузашта аз ин, убури сокинони Ӯзбекистон аз гузаргоҳҳои нақлиётии Баймак, Кенсай ва Қадамжай манъ карда шавад.

Вобаста ба амалҳои Ӯзбекистон ҷониби Қирғизистон ултиматум фиристода, эълон карданд, ки агар Ӯзбекистон техника ва низомиёни худро аз минтақаи баҳсбарангез берун накунад, Бишкек тасмим дорад масъалаи иштироки худро дар нишасти СҲШ дар Тошканд бозрасӣ карда, ба СПАД муроҷиат хоҳад намуд. Инчунин, дар изҳороти онҳо оварда шуда буд, ки "Ӯзбекистон бо нақзи қонунҳои байналмилалӣ ба қаламрави Қирғизистон ҳамла кардааст" [9, с. 82-86].

Вазъият дар минтақаҳои марзӣ миёни Ӯзбекистону Қирғизистон ҳамоно пуршиддат мегардид. Дар ин миён як қатор расонаҳои маҳаллӣ маълумот паҳн карданд, ки мунокиша ба амалиёти низомии ҳамаҷониба табдил ёфта истодааст. Дар чунин вазъият СПАД маҷбур шуд ба вазъияти ба амал омада дахолат кунад.

Ҳодисаҳои бавуқуъомада СПАД-ро маҷбур сохт 25 марти соли 2016 дар шаҳри Москав ҷаласаи ғайринавбатии Шурои доимии худро даъват кунад. Дар ин росто миёни раҳбарони вазоратҳои марзбонии Ӯзбекистон ва Қирғизистон музокира доир карда шуд. Хушбахтона, бо миёнравии СПАД баъд аз мулоқот шумораи сарбозон дар марз кам карда мешавад. 26 март техникаи низомӣ ва хизматчиёни ҳарбии Узбекситон аз минтақаи таъйиднашуда берун карда мешавад ва ба низои марзӣ миёни Қирғизистону Ӯзбекистон хотима дода мешавад.Вобаста ба баҳсҳои марзӣ

миёни ин ду кишвар гуфтан мумкин аст, ки аз 1378 километри марзи баҳсие, ки миёни ин ду кишвар мавҷуд буд, то соли 2016 1007 километри он ба мувофиқа оварда шуд. 371 километри дигари он ҳамчун минтақаи баҳсноки сарҳадӣ боқӣ монд, ки боиси аз нав сар задани ихтилофҳои марзӣ мегардад, ки он аксаран аз ҷониби миллатгароёни маҳаллӣ, радикалҳо, мухолифин ва расонаҳои марбут ба онҳо ба роҳ монда мешуд, ки дар онҳо даъватҳои ҷавобии низомӣ низ ба назар мерасид.

Хушбахтона, гуфтан мумкин аст, ки моҳи октябри соли 2018 ҷиҳати таҳкими амнияти минтақавӣ миёни ҷумҳуриҳои Ӯзбекистон ва Қирғизистон табодули афкор сурат гирифт. Роҳбарони Ӯзбекистон ва Қирғизистон ба мувофиқа омаданд, ки минбаъд ҳамкориҳои дуҷонибаро дар сатҳҳои гуногун барои таҳкими минбаъдаи муносибатҳои гуногунҷанба ва дарозмуддат, ки ба манфиати ду халқи бародар аст, таҳким бахшида, суботу амният дар минтақа таъмин гардад [Официальный сайт МИД РЕс. Узбек.] Чи тавре маълум гардид, дар ҷараёни музокироти минбаъда миёни ин ду кишвар раванди делимитатсияи сарҳард анҷом дода шуд. Ҷумҳуриҳои Ӯзбекистону Қирғизистон омодагии хешро ба муколама ва ҷустуҷӯйи роҳҳои қобили қабули ҳалли масъалаҳои сарҳадӣ нишон дода, ба баҳси масъалаҳои марзӣ хотима гузоштанд. Дар ҷараёни музокироти минбаъда, ки миёни Қирғизистон ва Ӯзбекистон анҷом ёфт, раванди делимитатсияи сарҳад анҷом дода шуд. Ӯзбекистон ва Қирғизистон омодагии худро ба муколама ва ҷустуҷӯи роҳҳои қобили қабули ҳалли масъалаҳои сарҳадӣ нишон дода, ба масъалаҳои марзӣ хотима гузоштанд.

Дар ин радиф моҳи ноябри соли 2022 мақомоти Қирғизистон ва Ӯзбекистон эълом карданд, ки ба баҳси марзӣ, ки беш аз 30 сол идома дошт, нуқта гузошта шавад. Яке аз лаҳзаҳои муҳим дар роҳи таҳкими амнияти минтақаи Осиёи Марказӣ имзои Эъломия дар бораи шарикии ҳамаҷонибаи стратегӣ байни Ӯзбекистон ва Қирғизистон мебошад, ки 27 январи соли 2023 миёни Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев ва Президенти Қирғизистон Садир Ҷапаров ба имзо расонида шуд.

Тарафҳо дар асоси ин созишнома дар бобати минбаъд ва хаматарафа инкишоф додани муносибатҳои дутарафа дар соҳаҳои зерин якдилона изҳор намуданд, ки ҳамкории сиёсӣ, ҳамкорӣ дар масъалаҳои амният, идомаи рушди ҳамкориҳоро дар бахшҳои ҳарбӣ ва ҳарбию техникӣ дар асоси созишномаҳои мавҷуда, инчунин такмили заминаи ҳуқуқӣ, ҳамкории тиҷоратию иқтисодӣ; ҳамкорӣ дар соҳаи обу энергетика; ҳамкорӣ дар соҳаи нақлиёт ва коммуникатсия, ҳамкории байнинминтақавӣ ва ҳамкориҳои фарҳангию гуманитарӣ миёни ин ду кишвар бо ҳам тақвият бахшида шавад.Аз ин лиҳоз, мисоли равобити дуҷонибаи Ӯзбекистон ва Қирғизистон дар Осиёи Марказӣ шаҳодати он аст, ки чӣ гуна ду кишвар пас аз таърихи равобити мушкил талош карданд, як барномаи густурдаи ҳамкориро оғоз кунанд. Дар ҳоле ки таҳкими низоми амният ва манфиатҳои мутақобилаи иқтисодӣ боиси афзоиши босуръати муомилоти мол, ҳалли мушкилоти печидаи марзҳо, истифодаи транзитӣ ва обҳои фаромарзӣ аст.

Бо назардошти ин талошҳо миёни ин ду ҷумҳурӣ бояд гуфт, ки фаъолияти сохторҳои махсус таъсисёфта – Комиссияи байниҳукуматӣ ва Шурои роҳбарони маъмуриятҳои вилоятҳои наздисарҳадии Ӯзбекистон ва Қирғизистон, низоми феълии содакардашудаи убури сарҳади давлатӣ ва ифтитоҳи гузаргоҳҳои нав ба беҳбуди ҳамкориҳо мусоидат намуд.Тағйироти мусбат дар муносибатҳои Ӯзбекистону Қирғизистон ба ҳамкориҳо дар соҳаи фарҳангу гуманитарӣ миёни ин ду кишвар таъсир расонд, ки намунаи барҷастаи он таҷлили 90-солагии Чингиз Айматов аз ҷумлаи чорабиниҳои якҷояи ҳарду кишвар барои солҳои 2021-2023 мебошад.

Аз рӯйи маълумотҳои оморӣ, донишҷӯёни Ӯзбекистон, ки барои таҳсил ба донишгоҳҳои Қирғизистон мераванд, ва ё донишҷӯёни қирғиз, ки ба Ӯзбекистон барои таҳсил мераванд дар ҳоли афзоиш мебошад. Гарчанде бар асоси динамикаи афзоиш, шаҳрвандони Қирғизистон майли бештари интихоби донишгоҳҳои Ӯзбекистонро доранд. Ҳамзамон, дар мулоқоти раҳбарони ду кишвар, ки моҳи марти соли ҷорӣ сурат гирифт, зарурати афзоиши теъдоди донишҷӯёни таҳсил дар

муассисаҳои олии кишварҳои ҳамсоя ва ҷалби омӯзгорон ба кори омӯзгории ҳарду кишвар масъалаи мазкур бори дигар мавриди таваҷҷуҳ қарор дода шуд.

Ҳамин тариқ, аз баррасии мухтасари низоми амнияти минтақавӣ метавон чунин хулоса баровард: Барои таҳкими минбаъдаи низоми амнияти минтақавӣ дар Осиёи Марказӣ ҳалли масъалаи сарҳади байни Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва Қирғизистон аҳаммияти бузург дорад. Дар ташаккули низоми минтақавӣ нақши кишварҳои Ӯзбекистону Қирғизистон хеле назаррас буда, дар байни дигар кишварҳои Осиёи Марказӣ яке аз аввалинҳо буданд, ки барои ҳалли низоъҳои марзӣ даст заданд. Савум ин ки, таҷрибаи ҳамкориҳои Ӯзбекистон ва Қирғизистон дар эҷоди амнияти минтақавӣ нишон медиҳад, ки дар таъмини низоми амниятии минтақаи Осиёи Марказӣ нақши Федератсияи Россияро нодида наметавон гирифт.

Бо назардошти ин матлаб, бояд гуфт, ки низоми минтақавии амниятӣ дар ҳоли ҳозир дар ҳолати шакл гирифтан аст ва дар оянда, гумон меравад, моделҳои нави ҳамкориҳои минтақавӣ, барои амнияти минтақа ва дар маҷмуъ сайёра ба вуҷуд оварда шаванд. Зеро зарурати бознигарии худи мафҳуми амният, тағйир додани афзалиятҳо ба дипломатияи пешгирикунанда, ҳифзи сулҳ, ҳалли масъалаҳои суботи иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ва мутобиқсозии динамикӣ ба чолишҳои нав дар баробари терроризми байналмилалӣ, гурӯҳҳои экстремистӣ, бунёдгароёни исломӣ дар минтақа ва ҷаҳони муосир аз байн нарафтааст.

**АДАБИЁТ**


1. Актуальные проблемы деятельности международных организаций. Теория и практика. Ответственный редактор Г.И. Морозов. -М., 1982. -352 с.
2. Воронков Л.С. Международные отношения международные
организации: основные причины их возникновения и развития [Электронный ресурс].
http://cyberleninka.ru/article/n/mezhdunarodnve-organizatsii-v-sisteme-mezhdunarodnyh-otnosheniy-tendentsii-i-perspektivy-razvitiva
3. Каримов И. Узбекистан на пути углубления экономических реформ / И.Каримов. - СПб., 1995.
4. Каримов И.А. Узбекистан на пороге XXI века: угрозы безопасности,
5. условия и гарантии прогресса / И.А. Каримов. - Узбекистан, 1997. -Т.1. -С. 287-288
6. Коваленко И.И. Международные неправительственные организации / И.И. Коваленко. -М.: Международные отношения, 1976. -167 с.
7. Звягельская И.Д. Становление государств Центральной Азии:
Политические процессы / И.Д. Звягельская. - М.: Аспект Пресс, 2009.
8. Звягельская И.Д. Центральная Азии: Эволюция параметров безопас -
ности и стабильности / И.Д. Звягельская //Южный флоте СНГ. Центральная Азия-Каспий- Кавказ. -Вып. 2. - М.: Навана, 2005.
9. Иманалиев М.С. Центральная Азия в системе совместной безопасности / И.Д. Звягельская // Центральная Азия и Кавказ. -1999.-№3 (4).
10. Омаров Н.М. Внешняя политика Кыргызской Республики в эпоху
«стратегической неопределенности» / Н.М. Омаров. – Бишкек: Нлим, 2005.
11. Шохзода С. Формирование структуры региональной безопасности
Центральной Азии в контексте трансформации современной системы Международных отношений: дисс. канд. полит.наук / С.Шохзода. - М.: МГИМО, 2006.
12. Казанцев А.А. Реформы во внешней политике Узбекистана: основные достижения и сценарии развития / А.А.Казанцев, Л.Ю. Гусев // Вестник Российского университета дружбы народов. Серия. Международные отношения. - 2018. -Т 18.-№2. -С.292-303.
13. Каурбаев Х.Г. Независимый Узбекистан-внешние приоритеты / Х.Г. Каурбаев. -Ташкент, 2001.
14. Официальный сайт МИД Республика Узбекистан.
15. Daily Sabah (6 September 2017), Uzbekistan, Kyrgyzstan sign historic border
agreement. Wayback Machine . 21. 07. 2020.9. 10. 2018.
16. *Central Asia - border disputes and conflict potential*. Wayback Machine.


## ҶУМҲУРИҲОИ ӮЗБЕКИСТОНУ ҚИРҒИЗИСТОН ДАР НИЗОМИ АМНИЯТИ МИНТАҚАВИИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ


Низоми амнияти минтақавӣ дар Осиёи Марказӣ падидаи наве мебошад, ки баъд аз фурӯпошии ИҶШС зуҳур кардааст. Бинобар ин, омӯзиши масъалаҳои гуногуни ин падида барои муайян кардани амнияти миллии кишварҳои минтақа аз аҳаммияти хос бархӯрдор аст. Дар мақолаи мазкур кӯшиш ба харҷ дода шудааст, ки дар мисоли ҳамкориҳои ҷумҳуриҳои Ӯзбекистону Қирғизистон раванди

ташаккулёбии низоми амнияти минтақавиро нишон диҳад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар давром истиқлолият кишварҳои номбурда, чун дигар ҷумҳуриҳои тозаташкилёфтаи Осиёи Марказӣ борҳо ба мушкилоти амниятӣ дар минтақа дучор гаштаанд ва тамоюлҳои буҳрони соҳаҳои сиёсиву ҷамъиятӣ дар кишварҳои ин минтақа то ҳанӯз пурра бартараф нашудаанд. Ба сифати намуна таҷрибаи ҳамкориҳои Ҷумҳуриҳои Ӯзбекистону Қарғизистонро метавон таҳлил намуд. Зеро ин ду давлат аз аввалин кишварҳои Осиёи Марказие буданд, ки дар асоси тафоҳум ва кумакҳои СПАД тавонистанд дар масъалаи мунoқишаҳои сарҳадӣ ба натиҷаи дилхоҳ ноил шаванд. Музокирот дар масъалаи бартараф кардани баҳсҳои марзӣ миёни ин ду кишвар дар ду марҳала -солҳои 1991-2018 ва2019-2022 сурат гирифтанд.

**Калидвожаҳо**: низоми минтақавӣ, Осиёи Марказӣ, Ӯзбекистон, Қирғизистон, мушкилот, низоъҳо, истиқлолият, СПАД, моҷарои сарҳадӣ, минтақаи баҳснок, анклавҳо, созишномаҳои дуҷониба, Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё (ИИАО).

**УЗБЕКИСТАН И КЫРГЫЗСТАН В СИСТЕМЕ РЕГИОНАЛЬНОЙ БЕЗОПАСНОСТИ**

Система региональной безопасности в Центральной Азии- новое явление, появившееся после распада СССР. Поэтому изучение различных вопросов этого явления имеет особое значение для определения национальной безопасности региона, данное исследование различных вопросов этого явления имеет особое значение для определения национальной безопасности стран региона.В данной статье предпринята попытка показать процесс формирования региональной системы безопасности на примере сотрудничества между республиками Узбекистан и Кыргызстан.Анализ показывает, что в период независимости указанные страны, как и другие новообразованные республики Центральной Азии, неоднократно сталкивались с проблемами безопасности в регионе, а тенденции кризиса в политической и социальной сферах в странах этого региона не исчезли, ещё полностью не решена. В качестве примера можно проанализировать опыт сотрудничества между республиками Узбекистан и Кыргызстан, поскольку эти две страны были одними из первых стран Центральной Азии, которые смогли добиться желаемого результата в вопросе пограничных конфликтов, исходя из понимание и помощи СПАД. Переговоры по вопросу о пограничной напряженности между двумя странами проходили в два этапа в 1991-2018 и 2019-2022 годах.

**Ключевые слова:** региональная система, Центральная Азия, Узбекистан, Кыргызстан, проблемы, конфликты, независимость, СПАД, пограничный конфликт, спорный регион, анклавы, двусторонние соглашения, Евразийский экономический союз (ЕАЭС**).**

**UZBEKISTAN AND KYRGYZSTAN IN THE REGIONAL SECURITY SYSTEM**

The system of regional security in Central Asia is a new phenomenon that appeared after the collapse of the USSR. Therefore, the study of various issues of this phenomenon is of particular importance for determining the national security of the region, this study of various issues of this phenomenon is of particular importance for determining the national security of the countries of the region.This article attempts to show the process of formation of a regional security system on the example of cooperation between the republics of Uzbekistan and Kyrgyzstan.The analysis shows that during the period of independence, these countries, like other newly formed republics of Central Asia, repeatedly faced security problems in the region, and the tendencies of the crisis in the political and social spheres in the countries of this region have not disappeared, they are still not completely resolved.As an example, we can analyze the experience of cooperation between the republics of Uzbekistan and Kyrgyzstan, since these two countries were among the first countries in Central Asia that were able to achieve the desired result in the issue of border conflicts, based on understanding and assistance to the SPAD. Negotiations on the issue of border tension between the two countries took place in two stages in 1991-2018 and 2019-2022.

**Keywords:** regional system, Central Asia, Uzbekistan, Kyrgyzstan, problems, conflicts, independence, SPAD, border conflict, disputed region, enclaves, bilateral agreements, Eurasian Economic Union (EEU).

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Иброгимова Гавҳар Саймудиновна*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, кафедраи таърихи нав ва навини кишварҳои хориҷӣ, номзади илмҳои таърих, дотсент.
**Суроға:** 734025, шаҳри Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **gavharibrogimova@mail.ru**

**Сведения об авторе*: Ибрагимова Гавхар Саймудиновна*** - Таджикский национальный университет, кандидат исторических наук, доцент, заведующая кафедрой новой и новейшей истории зарубежных стран **Адрес:** 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки,17.E-mail: **gavharibrogimova@mail.ru**

**Information about the author:** ***Ibragimova Gavhar Saimuddinova*** – Tajik National University, candidate of historical sciences, associate professor, head of the Department of modern and contemporary history of foreign countries. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. E-mail: **gavharibrogimova@mail.ru**

**УДК:930+32.019.5**

# МАФҲУМИ “СТРАТЕГИЯ”: ҲАДАФҲО ВА ВОСИТАҲОИ ОН

***Нуриддин П.Р., Саматова Н.Ҳ.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Муқаррар намудани мутобиқат байни ҳадафҳо ва воситаҳо дар мафҳуми стратегия инъикос меёбад. Таърифи мафҳуми стратегия мураккаб мебошанд, чунки ҳадафҳои акторҳои муносибатҳои байналмилалӣ на ҳама вақт равшану возеҳанд. В.Лидделл–Ҳарт стратегияро чун «санъати тақсим ва истифодаи воситаҳои ҳарбӣ барои расидан ба ҳадафҳои сиёсӣ» муайян кардааст. Аз дидгоҳи В. Муррай ва М.Гримсли, «ин формулаи мушаххас, аммо ноқис истилоҳи стратегияро фақат бо соҳаи ҳарбӣ маҳдуд мекунад, ҳоло он ки дар амал стратегия истифодаи хеле васеъ дорад».

Яке аз шаклҳоиояндабинӣ ва омодасозии нақшаҳои фаъолият барои оянда ин таҳия ва амалӣ сохтани стратегияҳо мебошад. Стратегия калимаи қадимаи юнонӣ буда, маънии «санъати лашкаркаш»-ро дорад. Дар илми муосир ҳамчун истилоҳ стратегия нақшаи умумӣ ва ба ҷузъҳо ҷудонашудаи ягон навъи фаъолиятро мефаҳмонад, ки муҳлати тулониро фаро мегирад. Ҳамзамон, стратегия аз назари илмӣ роҳи бадастории ҳадафи мураккаб мебошад. Тактика (аз калимаи қадимаи юнонӣ ба маънии «санъати ҳарбӣ») воситаи татбиқи стратегия буда, ба ҳадафи асосии стратегия тобеъ аст. Ин мафҳумҳо дар соҳаи ҳарбӣ пайдо шуда, баъдан ба соҳаҳои дигар ворид шудаанд, вобаста ба ин ба эътирофи худи ҳарбиён, агар тактика нақшаи ғолибият дар муҳорибаи ҷудогона бошад, стратегия аз маҷмуи нақшаҳои пирӯзӣ дар кулли ҷанг иборат аст [2].

Стратегия чун мафҳум ва маҷмуи амалҳо махсусияти худро дорад: 1) стратегия маънии фавран амал карданро надошта, самтҳои дар оянда фаъолият намуданро муайян месозад; 2) стратегия имкон медиҳад, ки ба равандҳои муайян таваҷҷуҳ зоҳир карда шуда, амалҳои дуюмдараҷа ба эътибор гирифта нашаванд; 3) мавҷудияти стратегия тадриҷан барои баромадан ба роҳи зарурии рушд мусоидат менамояд; 4) бо сабаби эҳтимоли рӯй додани ҳодисаҳо ба таври ғайричашмдошт стратегия танҳо сифати умумӣ дошта, ҳатман муодил ё алтернатива дорад; 5) дар раванди амалисозии стратегия далелҳое пайдо мешаванд, ки самти амалро метавонанд дигаргун созанд, бо ҳамин сабаб натиҷаи ниҳоӣ аз роҳандозии стратегияи мушаххас метавонад аз варианти дар ибтидо муайяншудаи натиҷаҳо тафовут дошта бошад; 6) стратегия аз самтгирӣ, ки шакли болотари қабули қарор мебошад, тафовут дошта, ин ва ё он унсури стратегия метавонад дар марҳалаи муайяне ба самтгирӣ мубаддал гардад ва ғайра [2].

Таснифоти стратегия низ гуногун аст. Аз ҷумла, аз рӯйи сатҳи мураккабӣ стратегияҳоро ба сода ва мураккаб ҷудо мекунанд. Навъи аввал як раванд ва навъи дуюм якчанд равандҳоро фаро мегирад. Мувофиқи самтгириашон стратегияҳо метавонанд ба нақшаҳои истифодаи имконоти дохилӣ ва ё ба нақшаҳои истифодаи имконоти берунӣ тақсимбандӣ карда шаванд. Таснифоти дигаре стратегияҳоро аз рӯйи соҳа ва самт тақсимбандӣ мекунад, ки барои тамоми самтҳои фаъолияти моддию маънавӣ метавонанд таҳия карда шаванд. Аз рӯйи мундариҷа стратегияҳо одатан метавонанд ба нақшаи амал ва ё нақшаи рушд тасниф гарданд ва ғайра [2].

Ҳар як стратегия аз унсурҳои муайян иборат буда, одатан, онҳоро ба се гурӯҳи асосӣ тақсим мекунанд: низоми ҳадафҳо, ки рисолат, ҳадафи куллӣ, ҳадафҳои умумии ташкилӣ ва ҳадафҳои махсусро дар бар мегирад; самтҳои афзалиятнок ё принсипҳои асосӣ бо мақсади тақсимоти захираҳо ва роҳандозии тадбирҳо; қоидаҳои танзимкунандаи раванди татбиқи стратегия, аз қабили ташаккули сохтори ташкилӣ, роҳандозии робитаҳои мутақобилаи дохилӣ, иҷрои амалҳои махсус ва амсоли он [2].

Бо мақсади ошноии бештаре бо сохтори стратегия дар мисоли «Стратегияи сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020» (бо қарори

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4-уми октябри соли 2011, таҳти № 480 тасдиқ шудааст) унсурҳои асосии онро чунин нишон додан имкон дорад:

— муқаррароти умумӣ;
— зарурати қабули стратегия;
— мақсад ва принсипҳои татбиқи стратегия;
— самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ дар самти мавриди назар;
— тадбирҳо барои татбиқи стратегия;
— механизми татбиқи стратегия;
— шароите, ки барои татбиқи стратегия зарур аст;
— натиҷаҳои татбиқи стратегия, мониторинг ва арзёбии самарабахшии он;
— муқаррароти хотимавӣ [2].

Дар илм мафҳуми стратегия маънои нисбатан васеъро ба худ гирифтааст: стратегияи иқтисодӣ, сиёсӣ, рушди соҳибкорӣ, корҳои бонкӣ ва ғайра.

Хислат ва диалектикаи стратегияро омилҳои зерин муайян мекунанд:

а) мавҷудияти таъсир ба касе ё ба чизе;

б) восита ва тарзҳои таъсири оянддор;

в) самтгирии дурнамо – динамикаи ҳадафҳо.

Дар маҷмуъ, стратегия метавонад чун самти дарозмуддати рафтор муайян карда шавад, ки илм ва санъатро барои расидан ба ҳадафҳои ояндадор пайванд медиҳад. Аз ин нуқтаи назар стратегияи актори муносибатҳои байналмилалӣ – ин усули таҳлили вазъият, арзёбии самтҳои эҳтимолии инкишофи он, муқоисаи хулосаҳо бо манфиатҳои худ, интихоб намудани лаҳзаи муносиб ва воситаҳои муассири амалисозии ҳадафҳо мебошад.

Тағйири вазъият боиси тағйири стратегия мегардад. Масалан, стратегияи «боздории коммунизм», ки Америка дар давраҳои гуногун бо шаклҳои мухталиф амалӣ менамуд, вобаста аз шароит ва воситаҳои истифодашаванда тағйир меёфт. Аз оғози солҳои 1950 ин стратегияи «интиқоми оммавӣ» буд, ки мазмуни онро зиддияти глобалӣ бо Иттиҳоди Шуравӣ дар тамоми самтҳо ташкил дод. Дар нимаи дуюми солҳои 1960 ҷойи онро стратегияи «аксуламали муносиб» гирифт, ки ҳамкории маҳдуд бо Иттиҳоди Шуравӣ дар масъалаҳои яроқпартоиро дар назар дошт. Дар охири солҳои 1970 ва аввали солҳои 1980 стратегияи «тарсонидан», яъне рақобат ва зиддияти ошкорои Америка ва Иттиҳоди Шуравӣ ба вуҷуд омад, ки номи «империяи зулм»-ро гирифт [6].

Хотимаи ҷанги сард дар стратегияи Америка як силсила тағйироти ҷиддиро ба вуҷуд овард:

– бо аз байн рафтани рақиби мушаххас ва таҳти таъсири инқилоби электронӣ афкори стратегии Америка аз яккутбӣ ба «бисёрқутбӣ» табдил ёфт;

– стратегияи Америка аз тасаввуроти стратегии европоӣ беш аз пеш дуртар мешавад;

– мазмуни иттиҳодҳо дигаргун мешавад.

Дар ибтиди асри XXI стратегияи Америка ба таъмини пешоҳангии бе чуну чарои Иёлоти Муттаҳидаи Америка пас аз ҷанги сард нигаронида шудааст.

**Стратегияи бузург.** Стратегияи миллӣ ё стратегияи бузурги давлатҳо тамоми воситаҳои дар ихтиёри онҳо бударо ҷиҳати таъмини манфиатҳои миллӣ муттаҳид месозад. Ба ин маънӣ, мафҳуми стратегияи бузург бо мафҳуми сиёсати берунӣ ҳаммаъно аст. Дар ин робита стратегия ба чанд соҳа ҷудо мешавад, ки ҳар кадоми онҳо бо амнияти миллӣ робитаи бевосита ё бавосита доранд:

— стратегияи сиёсӣ, ки ҳам сиёсати берунӣ ва ҳам сиёсати дохилии давлатҳоро фаро мегирад;

— стратегияи иқтисодӣ – сиёсати дохилӣ ва берунии иқтисодии давлатҳоро дар бар мегирад;

— стратегияи ҳарбӣ – стратегияҳои рушди қувваҳои мусаллаҳи давлатро дар бар мегирад.

Стратегия аз тактика фарқ мекунад. Тактика истифодаи муассири воситаҳои расидан ба ҳадафҳои фосилавӣ мебошад, ки бояд ба муваффақияти стратегия оварда расонад. Стратегия ҳамчунин аз логистика фарқ мекунад, ки мазмуни он ба таъминоти техникӣ ва машқҳои неруҳои мусаллаҳ дахл дорад. Мутобиқи илми классикии ҳарбӣ, шарти ҳалкунандаи ғалаба – бартарии миқдорӣ бар душман аст. Дар бархӯрдҳои мустақим ва кӯтоҳмуддат омили муайянкунанда миқдори воситаҳо мебошад (сарбозон ва аслиҳа), ки дар ихтиёри ҳар яке аз тарафҳо қарор дорад. Аммо Наполеон дар ҷанг бо италиявиҳо вақте пирӯз шуд, ки бар душман бартарии миқдорӣ надошт. Ӯ неруҳои худро тавре ҷобаҷогузорӣ намуд, ки дар ҳар бархӯрд бо душман бартарии маҳдуд ва муваққатӣ ба даст меовард. Бад-ин тартиб, расидан ба ҳадафҳо на танҳо аз мавҷудияти воситаҳо, балки аз он низ вобаста аст, ки онҳо чи тавр истифода бурда мешаванд, яъне аз тактика. Тавре ки Наполеон фармудааст: «Урдуи гӯсфандон, ки сарлашкари онҳо шер аст, урдуи шеронро, ки сарлашкарашон гӯсфанд аст, мағлуб месозад»[6].

Тавре ки Ҷ. Коллинз таъкид менамояд, «стратегияи бузург» ва «стратегияи ҳарбӣ» мафҳумҳои бо ҳам алоқамананд, вале ҳаммонанд нестанд. Стратегияи бузург дар сурати муваффақият, зарурати мудохилаи бевоситаи ҳарбиро аз байн мебарад. Ғайр аз ин, нақшаи стратегияи бузург бо расидан ба ғалабаи ҳарбӣ маҳдуд намешавад ва ба ҳифзи сулҳи устувор равона мешавад. Агар стратегияи ҳарбӣ соҳаи амали генералҳо бошад, стратегияи бузург салоҳияти роҳбарияти сиёсӣ ҳаст. Стратегияи бузург бар стратегияи ҳарбӣ ҳукмрон аст. Стратегияи ҳарбӣ фақат яке аз унсурҳои стратегияи бузург мебошад [6].

Ду шарти зарурии стратегияи бомуваффақияти миллӣ *(бузург)* вуҷуд дорад:

— арзёбии дурусти вазъи стратегӣ, яъне хусусияти муҳити байналмилалӣ;

— таҳлили стратегӣ, яъне омӯзиши рафтори дигар акторҳои муносибатҳои байналмилалӣ.

Мутобиқи арзёбии муҳити байналмилалӣ – босубот ё бесубот, мусоид ё номусоид, дӯстона ё хасмона – стратегия воситаҳоро интихоб карда, ҳадафҳои гузошташударо ислоҳ мекунад.

Таҳлили стратегӣ чунин марҳалаҳоро дар бар мегирад:

Марҳалаи якум ва муайянкунандаи таҳлили стратегӣ ҷамъоварӣ ва омӯзиши иттилоот дар бораи шарик ва рақиби эҳтимолиро дар бар мегирад. Сохтори расмӣ ва қонунии ин соҳаро шабакаҳои сафоратҳои давлатҳо ташкил медиҳанд, ки бо фаъолияти хадамоти махсус, ки ба таври касбӣ ба ҷамъоварии иттилоот машғул мебошад, такмил меёбад.

Марҳалаи дуюми таҳлили стратегӣ омӯзиши ин нукта мебошад, ки шарик ё рақиб манфиатҳои худро, махсусан манфиатҳои амниятии худро чӣ гуна шаклбандӣ мекунад. Донишҳои муҳимме, ки асоси таҳлили стратегиро ташкил медиҳанд, аз тарафи илмҳои таърихӣ ва сиёсӣ дода мешаванд.

Марҳалаи сеюми таҳлили стратегӣ омӯзиш ва тавсифи таҳдидҳо ва хатарҳо мебошад. Таҳлили объективӣ дар ин соҳа аксар вақт мушкил аст ва метавонад боиси ё аз ҳад зиёд ё аз ҳад кам нишон додани онҳо гардад ва барои тарҳрезии стратегияи муассир монеа эҷод кунад.

**Стратегияи танзими буҳронҳо.** Муҳаққиқони ғарбӣ ба стратегияи танзими буҳронҳо таваҷҷуҳи бештар зоҳир менамоянд. Вазифаи асосии стратегияи танзими буҳронҳо – бартараф намудани зиддияти байни ҳифзи манфиатҳои худ ва даст кашидан аз тадбирҳое мебошад, ки метавонанд боиси ташаннуҷ гарданд. Дар ин иртибот, стратегияи мудофиавӣ ва таҳоҷумии танзими буҳронро ҷудо мекунанд.

А. Ҷорҷ панҷ стратегияи таҳоҷумии танзими вазъияти буҳрониро тавсиф кардааст: 1) таҳдид; 2) таъсири маҳдуд; 3) фишори боэҳтиёт; 4) татбиқи амал; 5) харобкунии ботадриҷ.

Мақсади стратегияҳои таҳоҷумӣ итоаткор кардани рақиб ва коҳиш додани ташаннуҷ мебошад.

Аммо тарафи мудофиакунанда низ чанд стратегияи муқовимат ба рақибро дорад, то ки ӯ вазъиятро ба фоидаи худ тағйир надиҳад. Агар тарафи мудофиакунанда дарк намояд, ки ҷавоби ӯ метавонад боиси ташаннуҷи вазъият гардад, ӯ низ дар пайи танзими сиёсии буҳрон мегардад. Тарафи мудофиакунанда бояд дар муқобили осебрасонӣ ба манфиатҳои худ аз ҷониби рақиб чора андешад, аммо дар айни замон, бояд аз он чи ки боиси ҷанг (ё амалиёти ҷангии бештар мегардад), худдорӣ кунад.

Ҳафт намуди стратегияи мудофиавӣ вуҷуд дорад:

1) дипломатияи маҷбурӣ;

2) ташаннуҷи маҳдуд ҷиҳати муқаррар намудани қоидаи бозии муносиб барои тарафи мудофиакунанда ва кӯшиши нигоҳ доштани рақиб аз аксуламали ҷавобӣ ба мақсади ташаннуҷи бештар;

3) интиқом аз рӯйи усули «ба кирдори бад ҷазои бад» бе ташаннуҷи бештар ва боздории ташаннуҷ аз ҷониби рақиб;

4) истифодаи қувва дар доираи қоидаҳои маҳдуди бозии интихобкардаи рақиб;

5) таъини ҳудуд – муайян намудани сарҳади мудофиа;

6) намоиш додани боварӣ ва қатъият нисбат ба амали рақиб;

7) пешниҳодҳо барои ба даст овардани ғанимати вақт имконият медиҳанд, ки шартҳои танзими буҳрон бо роҳи музокира омӯхта шаванд. Ин шартҳо метавонанд баъзе талаботи рақибро (гарчи на ҳамаашро) қонеъ созанд.

**Стратегияи сулҳ.** Стратегияи сулҳ – сиёсати парҳез аз вазъияти буҳронӣ низ чанд шакл дорад. Намояндагони реализми сиёсӣ стратегияи тавозуни қувваро шарти асосии боздории акторҳои нисбатан қудратманд аз сиёсати душманона нисбат ба якдигар ва ҳифзи сулҳу субот дар муносибатҳои байналмилалӣ медонанд. Реалистҳои нав ба омили эътироф (ба расмият шинохтани якдигар) аҳаммияти бештар медиҳанд. Муҳаққиқи франсиявӣ Ж.–Ф. Ферре инро яке аз ҳадафҳои асосии иштирокчиёни муносибатҳои байналмилалӣ меномад [6].

Дар амалия танҳо бо роҳи ба расмият шинохтани якдигар акторҳои муносибатҳои байналмилалӣ наметавонанд ба тамоми ҳадафҳои худ расанд. Барои онҳо эътироф (ба расмият шинохтан) бо имконоти фаъолияти қонунӣ ба сифати актори мухтори мустақил зарур аст.

Давлатҳое, ки мақоми эътирофшуда доранд ва вазифадоранд, ки қоидаҳои бозиро риоя намоянд (қарорҳои Созмони Милали Муттаҳид, созишномаҳо ва ғайра), маҷбуранд роҳҳои гуногунро ҷустуҷӯ намоянд. Масалан, Тайван, ки ба сифати давлати мустақил шинохта нашудааст, бо бисёр давлатҳо робитаҳои тиҷоратӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва қисман сиёсӣ дорад. Масъалаи ба расмият шинохтан аз суботи муносибатҳои байналмилалӣ вобаста буда метавонад.

Масъалаи ба расмият шинохтан барои стратегияи бузург – стратегияи сулҳ муҳим аст. «Стратегияи эътирофи оромкунанда» бар хилофи стратегияи тавозуни қувва ба он равона шудааст, ки на танҳо қудрати дигар давлат, балки ҳароси онҳо боздошта шавад. Расидан ба ин ҳадаф истифодаи гуногунтарин воситаҳоро пешбинӣ менамояд:– эътирофи расмии якдигар ба шакли хаттӣ; дар назар гирифтани «манфиатҳои рамзии» якдигар, хусусан, онҳое, ки бо асолати миллӣ алоқамананданд (ҷойҳои муқаддас, рамзҳои миллӣ, анъанаҳои таърихӣ ва ғайра); кӯшиши барқарор кардани иртибот бо «рақиб» ва гузашти тадриҷӣ, яъне оҳистагӣ чун тадбирҳои эътимод ва бесилоҳкунӣ.

Стратегияи эътирофи оромкунандаро Ч. Осгуд тавсиф намуда, бартарии ин стратегияро на дар гузашти якҷониба, балки дар гузашти мутақобила мебинад. Он сиёсати «қамчин ва кулчаи ширин»–ро пайванд медиҳад ва имконият медиҳад, ки дар сурати нодуруст тафсир шудани гузашти тадриҷӣ, метавон ба ҳолати аввала бозгашт. Ба ибораи дигар, он ба «ҳадядиҳӣ»–и бе гузашти мутақобила нигаронида нашудааст. Афзалияти дигари ин стратегияро тарафдоронаш дар он мебинанд, ки дар сурати

шикасти ин стратегия барои давлате, ки онро қабул кардааст, гарон тамом намешавад [6].

Намуди дуюми стратегияи сулҳ аз назарияи ҷаҳони демократӣ бармеояд. Тарафдорони он муътақиданд, ки режимҳои демократӣ нисбат ба режимҳои яккасолорӣ (тоталитарӣ) ва авторитарӣ сулҳдӯстгаранд ва пешниҳод мекунанд, ки демократия дар тамоми давлатҳои нав амалӣ карда шавад.

**Стратегия ва дипломатия.** То миёнаи асри XX стратегия аз нигоҳи назария ва амалия ба санъати ҳарбӣ ва ҷанг таллуқ дошт. Акнун чунин ақида иштибоҳ шинохта мешавад. Манфиатҳои доимии анъанавии давлатҳо – амният ва шукуфоӣ – фақат дар сурати таносуби мувофиқи неруҳо метавонад амалӣ шавад. Бинобар ин, воситаи расидан ба ҳадафҳо на танҳо ҷанг, балки «бозии дипломатӣ – стратегӣ» – бо мақсади барқарор намудани чунин таносуб низ буд. Нақши стратегия дар чунин маврид аз он иборат буд, ки бо василаҳои дипломатӣ ба фишори акторҳои бештар қудратманд муқобила карда, нуқсонҳои геополитикӣ ё демографии худро ҷуброн намуд.

Стратегия ва дипломатия метавонанд ба маънои маҳдуд истифода шаванд. Дар ин сурат, стратегия – маҷмуи воситаҳои омодагӣ ва амалисозии ғалабаи ҷангӣ ва дипломатия – маҷмуи воситаҳои ҳамкории мутақобила байни ҳукуматҳо, ки қабл аз ҳама, дар даврони осоишта истифода мебаранд, мебошанд. Дар замони ҷанг муносибатҳои дипломатӣ байни давлатҳои даргири ҷанг канда мешаванд. Стратегияи бузург на танҳо воситаҳои ҳарбӣ, балки воситаҳои дипломатиро низ дар бар мегирад.

Вазифаҳои дипломатия чунинанд:

– иртиботӣ ва иттилоотӣ. Унсури таркибии вазифаи иттилоотӣ фаъолияти таблиғотӣ мебошад, ки барои баланд бардоштани нуфузи давлат аҳаммияти аввалиндараҷа дорад;

– танзими зиддиятҳо;

– ҳалли масъалаҳои баҳсталаб;

– густариши робитаҳои байнидавлатӣ;

– музокирот ва ҷустуҷӯйи созиш оид ба масъалаҳои мушаххас;

– роҳнамоии умумии қарорҳои сиёсати берунӣ.

Чунин намудҳои дипломатияро ҷудо мекунанд: оммавӣ ё боз; махфӣ ё сиррӣ; омехта (музокироти махфӣ байни дипломатҳо, ки бо изҳороти умумӣ ё иттилоот дар бораи созиши ҳосилшуда ва ғайра меанҷомад).

Дипломатияи махфӣ воситаи ногузир ва зарурии ҳамкории байниҳукуматӣ мебошад. Намояндагони идеализми сиёсӣ (хусусан, В. Вилсон, М. Горбачёв) ва тарафдорони онҳо созишномаҳои махфиро «ғайриахлоқӣ» шуморида, ду нуктаро аз мадди назар дур месозанд:

— сухан фақат дар бораи шакл меравад, ки худ ҷанбаи ғайриахлоқӣ надорад;

— созишномаҳои кушода фоидаи дипломатияро аз байн мебаранд, чунки вазифаҳои таблиғотӣ дар радифи аввал қарор мегиранд (тавре ки дар суханрониҳо дар Ассамблеяи Умумӣ ва Шурои амният ба мушоҳида мерасад).

Зери мафҳуми дипломатияи парламентӣ ҷаласаҳои мунтазами байналмилалӣ, мулоқотҳои ғайрирасмӣ ва баррасиҳои фиристодагони махсуси роҳбарони давлатҳо фаҳмида мешавад.

Дипломатияи мустақим – мулоқоти сатҳи олӣ ва муколамаи шахсиятҳои сатҳи аввал ба воситаи шабакаҳои электронӣ мебошад.

Дипломатияи якҷониба – алоқаи бевоситаи роҳбарони давлатҳо ва намояндагони онҳо мебошад.

Дипломатияи бисёрҷониба – муоширати роҳбарони давлатҳо аз тариқи созмонҳои бузурги байналмилалӣ мебошад.

Дипломатияи рафту баргашт (Shuttle diplomacy) – боздиди шахсиятҳои сатҳи аввали давлат ё намояндагони махсуси онҳо аз давлатҳои муттаҳидонаи худ ва мубоҳисаи тарафи сеюм бо кишварҳои даргири низоъ мебошад.

Тамоюлоти асосӣ дар рушди дипломатия чунин аст:

— давлатҳои нисбатан бузург кӯшиш мекунанд, ки бештар на ба воситаи сафоратҳо, балки тавассути фиристодагони хосси худ кор баранд;

— ҳиссаи нисбии дипломатияи омехта, парламентӣ, бевосита ва рафту баргашт меафзояд;

— нақши музокирот тақвият мeёбад ва он ба воситаи мустақили ҳамкориҳои мутақобилаи акторҳои муносибатҳои байналмилалӣ табдил меёбад.

Дар айни замон, дипломатияи ғайрианъанавӣ низ ҳарчи бештар маъмул мешавад.

Аз назари Ж. Росс, дар мантиқи низоми вестфалӣ маҳз давлат воситаи зӯриро назорат мекунад, бинобар ин, нақши дипломатҳо фақат аз он иборат аст, ки бо истифода аз таҳдид ё муътақид кардан, манфиатҳои миллии худро ҳимоя намоянд.

Хотимаи ҷанги сард, бартарии Америка дар масъалаҳои амният ва ҷаҳонишавӣ нақши дипломатияро ба куллӣ тағйир дод. Дипломатия дар истилоҳи хароҷот – даромад ифода ёфта, сарнавишти он дар Вашингтон ҳал мешуд. Маҳз дар он ҷо тасмим мегиранд, ки киро аз нигоҳи молиявӣ бидуни расонидани зарари ҷиддӣ ба бозори ҷаҳонӣ, нобуд кунанд.

«Тиҷоратисозии» дипломатия раванди коҳиши масъалаҳои амнияти ҳарбӣ ва сиёсати иттифоқчиён, афзоиши масъалаҳои ишғоли бозорҳо ва ҷалби сармоя буда, нақши акторҳои нави муносибатҳои байналмилалиро баланд мебардорад. Роҳбарони бонкҳои марказӣ, вазирони молия ва тиҷорат, ки пеш дар сояи вазорати корҳои хориҷӣ қарор доштанд, ба саҳнаи ҳаёти байналмилалӣ баромадаанд. Иштирокчиёни ғайридавлатӣ: воситаҳои ахбори омма, ширкатҳои фаромиллӣ, сармоягузорӣ, бозорҳои асъор, роҳбарони бонкҳои хусусӣ, «марказҳои зеҳнӣ», ки дар он ҷо қарорҳои сиёсӣ таҳия мешаванд, ҳамон нақшро бозӣ мекунанд, ки ҳукумат бозӣ мекунад.

**Муқарриз: Шарипов С. – н.и.т., ДМТ**

### АДАБИЁТ


1. Валлерстайн И. Анализ мировых систем: современное системное видение мирового сообщества / И. Валлерстайн // Социология на пороге XXI века: новые направления исследований. – М., 1998.
2. Зиёї Х. М. Моњияти стратегия ва стратагема. [Манбаи электронї] URL: https://mts.tj/2179/news/ (санаи воридшавї: 12.06.2023).
3. Международные отношения и мировая политика. Учебник. Под редакцией П. А. Цыганкова. – М.: Юрайт, 2016.
4. Моргентау Г. Политические отношения между нациями. Борьба за власть и мир / Г. Моргентау // Социально–политический журнал. – 1997. – № 2.
5. Никитина Ю. А. Введение в международные отношения и мировую политику. Учебное пособие / Ю.А. Никитина. – М.: Аспект-Пресс, 2017. – 160 с.
6. Нуриддинов Р. Ш. Назарияи муносибатњои байналхалќї. Китоби дарсї / Р. Ш. Нуриддинов, П. Р. Нуриддин. – Душанбе: Эр-граф, 2018. – 340 с.
7. Нуриддинов Р. Ш. Дипломатия. Китоби дарсї / Р. Ш. Нуриддинов, П. Р. Нуриддинов. – Душанбе: ЭР–граф, 2017. – 576 с.
8. Нуриддинов Р. Ш. Дипломатияи иќтисодї. Китоби дарсї / Р. Ш. Нуриддинов, П. Р. Нуриддин. – Душанбе, 2020. – 258 с.
9. Нуриддинов Р. Ш. Геополитика: Учебное пособие / Р. Ш. Нуриддинов, П. Р. Нуриддинов. – Душанбе: ЭР-граф, 2016. – 352 с.
10. Нуриддинов Р. Ш. Сиёсати љањонї. Китоби дарсї / Р. Ш. Нуриддинов, П. Р. Нуриддинов. – Душанбе: Эр–граф, 2016. – 352 с.
11. Нуриддинов Р. Ш. Фаъолияти иттилоотї тањлилї дар муносибатњои байналмилалї. Китоби дарсї. Нашри дуюми такмилёфта / Р. Ш. Нуриддинов, П. Р. Нуриддин. – Душанбе: Эр–граф, 2018. – 490 с.
12. Нуриддинов Р. Ш. Хадамоти дипломатии Љумњурии Тољикистон ва давлатњои хориљї. Китоби дарсї / Р. Ш. Нуриддинов, П. Р. Нуриддинов. – Душанбе: ЭР-граф, 2018. – 388 с.

13. Саидов Х. Теория международных отношений. Учебник / Х. Саидов, Г. В. Коваленко. – Душанбе: РТСУ, 2016. – 497 с.

## МАФҲУМИ “СТРАТЕГИЯ”: ҲАДАФҲО ВА ВОСИТАҲОИ ОН

Дар мақола баъзе мулоҳизаҳо вобаста ба ҳадафҳо ва воситаҳои стратегия мавриди пажуҳиши илмӣ қарор гирифтаанд. Аз назари муаллифон, таърифи мафҳуми стратегия мураккаб аст, чунки ҳадафҳои акторҳои муносибатҳои байналмилалӣ на ҳама вақт равшану возеҳанд.Аз дидгоҳи муаллифон, стратегия метавонад чун самти дарозмуддати рафтор муайян карда шавад, ки илм ва санъатро барои расидан ба ҳадафҳои ояндадор пайванд медиҳад. Аз ин нуқтаи назар стратегияи актори муносибатҳои байналмилалӣ усули таҳлили вазъият, арзёбии самтҳои эҳтимолии рушди он, муқоисаи хулосаҳо бо манфиатҳои худ, интихоб намудани лаҳзаи муносиб ва воситаҳои муассири амалисозии ҳадафҳо мебошад. Тағйири вазъият боиси тағйири стратегия мегардад. Масалан, стратегияи «боздории коммунизм», ки Америка дар давраҳои гуногун бо шаклҳои мухталиф амалӣ менамуд, вобаста аз шароит ва воситаҳои истифодашаванда тағйир меёфт.

**Калидвожаҳо:** стартегия, актори муносибатҳои байналмилалӣ, дипломатия, сиёсати берунӣ, манфиатҳои миллӣ, стратегияи бузург, Иёлоти Муттаҳидаи Америка, Иттиҳоди Шуравӣ.

## СТРАТЕГИЯ: ЕЕ ЦЕЛИ И СРЕДСТВА

В статье научно исследуются некоторые вопросы, связанные с целями и средствами стратегии. По мнению авторов, определение понятия стратегии затруднено, поскольку цели акторов международных отношений не всегда ясны. По мнению авторов, стратегию можно определить как долгосрочное направление поведения, связывающее науку и искусство для достижения будущих целей. С этой точки зрения, стратегия актора международных отношений представляет собой способ анализа ситуации, оценки возможных направлений ее развития, сопоставления выводов со своими интересами, выбора подходящего момента и эффективных средств достижения поставленных целей. Изменение ситуации приводит к изменению стратегии. Например, стратегия «остановки коммунизма», которую Америка реализовывала в разные периоды в разных формах, менялась в зависимости от условий и используемых инструментов.

**Ключевые слова:** стратегия, актор международных отношений, дипломатия, внешняя политика, национальные интересы, большая стратегия, Соединенные Штаты Америки, Советский Союз и др.

## DEFINITION OF A “STRATEGY”: ITS GOALS AND MEANS

The article scientifically examines some of the reflections related to the goals and means of the strategy. According to the authors, the definition of the concept of strategy is difficult, since the goals of the actors in international relations are not always clear. According to the authors, strategy can be defined as a long-term direction of behavior that links science and art to achieve future goals. From this point of view, the strategy of an actor in international relations is a way of analyzing the situation, assessing possible directions for its development, comparing the conclusions with one's interests, choosing the right moment and effective means to achieve the set goals. A change in the situation leads to a change in strategy. For example, the “stop communism” strategy that America has implemented in different periods in different forms has changed depending on the conditions and the tools used.

**Keywords:** strategy, actor of international relations, diplomacy, foreign policy, national interests, grand strategy, United States of America, Soviet Union, etc.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Нуриддин Парвин Раймалихон*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, кафедраи муносибатҳои байналхалқӣ, номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент. **Суроға:** 734025, ш. Душанбе,Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E–mail: **panurama@mail.ru**
***Саматова Нилуфар Ҳабибовна*** **–** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, кафедраи муносибатҳои байналхалқӣ, докторант Ph.D. **Суроға:** 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. **E–mail: adozdias@gmail.com**

**Сведения об авторах:** ***Нуриддин Парвин Раймалихон*** **–** Таджикский национальный университет, кафедра международных отношений, кандидат политических наук, доцент. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки 17. E–mail: **panurama@mail.ru**
***Саматова Нилуфар Хабибовна*** **–** Таджикский национальный университет, кафедра международных отношений, докторант Ph.D. **Адрес:** 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки 17. E–mail: **adozdias@gmail.com;**

**Information about the authors:** ***Nuriddin Parvin Raimalikhon*** **–** Tajik national university, department of international relations, candidate of political science, associate professor. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. . E–mail: **panurama@mail.ru**
***Samatova Nilufar Habibovna*** – Tajik National University, department of international relations, Ph.D student. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. E–mail: **adozdias@gmail.com;**

ТДУ:931.16(575.3)

# ҲАМКОРИҲОИ ГУНОГУНСАМТАИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БО ИТТИҲОДИ АВРУПО ДАР МАРҲИЛАИ МУОСИР

*Султонова М.С.*

**Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ**

2 марти соли 1992 Ҷумҳурии Тоҷикистон узви комилҳуқуқи Созмони Милали Муттаҳид гардид. Ин марҳила минбаъд ба ташаккули ҳамкориҳои гуногунсамтаи Тоҷикистон бо дигар созмону ташкилоти минтақавию байналмилалӣ сабаб гардид. Аз ин рӯ, шароити истиқлоли давлатӣ таҳқиқу таҳлили ҳамкориҳои Тоҷикистон бо ташкилоти минтақавию байналмилаӣ, аз ҷумла Иттиҳоди Аврупо яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати хориҷии кишвар маҳсуб меёбад. Зеро, ҳамкориҳои Тоҷикистон бо Иттиҳоди Аврупо ба пешравии ҳаёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ мусоидат менамояд.

Ҳамкориҳои дуҷонибаи сиёсӣ ва иқтисодии Тоҷикистон бо Иттиҳоди Аврупо аз соли 1992 дар асоси Созишномаи ҳамкорӣ то имрӯз ба роҳ монда шудаанд. Тоҷикистон ҳамеша ҷонибдори густариш ва таҳкими робитаҳо бо Иттиҳоди Аврупо мебошад. Ҷумҳурии мо Иттиҳоди Аврупоро ба сифати шарики муҳимми байналмилалии худ, ки пайваста ба ислоҳоти демократӣ дар кишвар, волоияти қонун, ҳуқуқи инсон, ҷалби сармояи хориҷӣ ба соҳаҳои авлавиятноки иқтисоди миллӣ, рушди иҷтимоӣ ва тандурустӣ, ҳифзи муҳити зист, идоракунии захираҳои об, энергетика, идора намудани сарҳад ва мубориза бо гардиши ғайриқонунии моводи мухаддир ва ба ҳамкориҳои минтақавӣ мусоидат менамояд, арзёбӣ мекунад ва кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки бо ин сохтори бонуфузи байналмилалӣ ҳамкориҳои пойдору дарозмуддат ва мутақобилан судманд дошта бошад [4].

Дар ҳоли ҳозир равобити сиёсии Иттиҳоди Аврупо ва Тоҷикистон дар асоси “Созишномаи шарикӣ ва ҳамкорӣ” ва стратегияи нави Иттиҳоди Аврупо барои Осиёи Марказӣ “Имкониятҳои нави шарикии қавитар”, ки соли 2019 қабул шудааст, ба роҳ монда шудааст. Тоҷикистон расман дархост кард, ки СПА-и ҷорӣ дар моҳи ноябри соли 2019 тавассути музокирот оид ба Созишномаи густариши шарикӣ ва ҳамкорӣ (EPCA/EPCA – дар мисоли Қазоқистон, Қирғизистон ва Ӯзбекистон) нав карда шавад. Хадамоти амалиёти берунаи аврупоӣ (EEAS) ва Мудирияти генералии тиҷорат (TRADE) барои оғоз кардани машварати байниидоравӣ оид ба мандати гуфтушунид дар соли 2021 кор мекунанд [9].

Намояндаи вижаи Иттиҳоди Аврупо дар Осиёи Марказӣ Петер Буриан дар соли 2021 аз Тоҷикистон дидан карда, бар аҳаммияти равобити дуҷониба таъкид кард.

Ҳуҷҷатҳои стратегӣ: Созишномаи шарикӣ ва ҳамкорӣ аз 1 январи соли 2010 пас аз тасвиби ҳама кишварҳои Иттиҳодияи Аврупо эътибор пайдо кард. Созишнома ба таҳкими равобити дуҷониба мусоидат намуда, ҳузури Иттиҳодияи Аврупоро дар Тоҷикистон таҳким бахшида, инчунин чаҳорчӯбаи таҳкими муколама ва ҳамкориҳои сиёсиро муқаррар намуда, ҳамчунин ба ҳавасмандгардонии тиҷорат ва сармоягузории дуҷониба нигаронида шудааст.

Стратегияи Иттиҳоди Аврупо оид ба Осиёи Марказӣ ҳадафи роҳандозии ҳамкориҳои қавитар ва замонавӣ, бидуни маҳдудият барои иштирокчиён бо кишварҳои Осиёи Марказиро дар назар дорад.

Кишварҳои узви Иттиҳоди Аврупо ва Осиёи Марказӣ пойбандии худро ба Стратегияи Иттиҳоди Аврупо барои Осиёи Марказӣ тасдиқ карданд.

**Муносибатҳои тиҷоратӣ ва иқтисодӣ.** Муносибатҳои тиҷоративу иқтисодии Иттиҳоди Аврупо ва Тоҷикистон тибқи Созишномаи шарикӣ ва ҳамкорӣ (ПКА), ки моҳи октябри соли 2004 ба имзо расида, аз 1 январи соли 2010 эътибор пайдо кардааст, танзим мешаванд. Созишномаи мазкур созишномаи бе преференсияро пешбинӣ мекунад, ки тибқи он тарафҳо ба ҳамдигар режими мусоидтарини

давлатиро (MFN) дар робита ба тарифҳои гумрукӣ пешниҳод мекунанд ва маҳдудиятҳои миқдорӣ дар савдои дуҷониба манъ аст.

Илова бар ин, Созишнома ба ҳам пайвастани тадриҷан заминаи меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва қонунгузорӣ ва амалияи кишварро бо муҳимтарин стандартҳои Иттиҳоди Аврупо дар соҳаи тиҷорат, аз ҷумла регламентҳои техникӣ, талаботи санитарӣ ва фитосанитарӣ, ҳифзи ҳуқуқҳои моликияти зеҳнӣ ва масъалаҳои гумрукӣ пешбинӣ менамояд. Ҳамаи ин дар амал бояд боиси тавсеаи дастрасии молҳои истеҳсоли Тоҷикистон ба бозорҳои Иттиҳоди Аврупо гардад [4].

**Системаҳои афзалиятҳои ИА.** Низоми умумии имтиёзҳои Иттиҳодияи Аврупо - як механизми тиҷоратии дуҷониба мебошад, ки тавассути он Иттиҳоди Аврупо ба кишварҳо ва қаламравҳои рӯ ба тараққӣ бо роҳи коҳиш додани боҷҳои молҳои онҳо ҳангоми ворид шудан ба бозори ИА дастрасии имтиёзнок ба бозори худ медиҳад. Маҳсулоти воридотии имтиёзнок аз Тоҷикистон асосан ба ду бахши истеҳсолоти саноатӣ, ба мисли металлҳои ранга ва нассоҷӣ дахл дорад.

Тоҷикистон хурдтарин шарики тиҷоратии Иттиҳоди Аврупо дар Осиёи Марказӣ аст. Дар соли 2019 Иттиҳоди Аврупо ба Тоҷикистон ба маблағи 169 миллион евро содирот ва 44 миллион евро (асосан алюминий ва нассоҷӣ) ворид кардааст, ки дар муқоиса бо солҳои 2018 ва 2017 таҳаввулоти назаррасе надорад. Тоҷикистон дар соли 2013 ба СҶТ шомил шуд, вале аз нигоҳи гардиши тиҷорӣ то ҳол ба таври қобили мулоҳиза фоида нагирифтааст. Тоҷикистон ахиран уҳдадор шуд, ки ба Механизми махсуси мусоидат ба рушди устувор ва идоракунии хуб (GSP+) ҳамроҳ шавад.

**Қарзҳо ва сармоягузорӣ.** Иттиҳоди Аврупо чанд барномаи қарздиҳӣ ва сармоягузорӣ таҳия кардааст, ки Тоҷикистон тавонист аз онҳо истифода барад. Тоҷикистон бори нахуст қарзи худро аз Бонки сармоягузории Аврупо (EIB) дар соли 2011 гирифт ва дар ҳамон сол миёни Иттиҳоди Аврупо ва Тоҷикистон Созишномаи маблағгузорӣ барои Барномаи дастгирии рушди инсон дар бахшҳои тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоӣ ва идоракунии молияи давлатӣ ба имзо расид.

**Мулоқотҳои сатҳи баланд.** Муносибатҳои иқтисодӣ аксаран дар рӯзномаи Шурои ҳамкориҳои Иттиҳоди Аврупо ва Тоҷикистон қарор гирифтаанд. Маҳз онҳо ба аҳаммияти ислоҳоти иқтисодӣ дар Тоҷикистон ва ҳамчунин афзоиши қобили мулоҳизаи тиҷорати дуҷониба миёни Иттиҳоди Аврупо ва Тоҷикистон таъкид карданд. 19 феврали соли 2021 Шурои ҳамкории Иттиҳоди Аврупо (ИА) ва Тоҷикистон нуҳумин ҷаласаи худро тавассути конфронси видеоӣ миёни Брюссел, Лиссабон ва Душанбе баргузор кард.

Маврид ба зикр аст, ки муколама байни Иттиҳоди Аврупо ва Тоҷикистон барои баррасии масъалаҳои мавриди таваҷҷуҳи тарафайн ва густариши ҳамкорӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон дар доираи форумҳои бисёрҷониба, аз қабили Созмони амният ва ҳамкории Аврупо (САҲА) ва Созмони Милали Муттаҳид замина фароҳам меорад. Намояндагони Иттиҳоди Аврупо ҳамасола бо Ҳукумати Тоҷикистон мулоқот баргузор мекунанд, то мушкилоти ҳуқуқи башарро баррасӣ кунанд. Нахустин Муколамаи ҳуқуқи башар 31 октябри соли 2008 дар Душанбе баргузор шуд.

11 ноябри соли 2020 Иттиҳоди Аврупо ва Тоҷикистон даври 12-уми Муколамаи солонаи ҳуқуқи башарро тавассути конфронси видеоӣ баргузор карданд [8].

Иттиҳоди Аврупо Тоҷикистонро дар таъмини риояи пурраи тамоми меъёрҳои САҲА ва стандартҳои байналмилалии ҳуқуқи башар дастгирӣ мекунад. Барои мустаҳкам намудани волоияти конун ва беҳтар намудани фаъолияти системаи ҳуқуқӣ чораҳо андешида мешаванд.

Ҳамчунин, дар доираи ҳамкорӣ барои рушд, барои солҳои 2014-2020 стратегияи нави кишвар ва барномаи татбиқи бисёрсола бо бастаи молиявии дуҷониба ба маблағи 231 миллион евро амал мекунад, ки ба буҷети миёнаи солонаи 33 миллион евро дар як сол баробар аст, ки дар муқоиса бо соли молиявии қаблӣ зиёда аз 80% афзоишро нишон медиҳад. Дар давраи солҳои 2014-2020 гранти умумии Иттиҳоди Аврупо барои Тоҷикистон ба маблағи 251 миллион евро пешбинӣ шуда буд. Дар

натиҷаи баррасии миёнамӯҳлат тасмим гирифта шуд, ки 20 миллион евро аз бахшҳои рушди деҳот (10 миллион евро), маориф (5 миллион евро) ва тандурустӣ (5 миллион евро) тарҳ карда шуда, ба Осиёи Марказӣ интиқол дода шавад [4].Паст кардани сатҳи камбизоатӣ, инчунин рушди устувор ва фарогир дар минтақаи Осиёи Марказӣ ва бахусус дар Тоҷикистон, бо назардошти ниёзҳои афзояндаи аҳолӣ ва ҷавононе, ки дар ҷустуҷӯйи таҳсил ва имконоти беҳтари иқтисодӣ ҳастанд, мушкилоти калидӣ боқӣ мемонад. Дар ин соҳаҳо хал намудани вазифаҳои зерин пешбинӣ карда шудааст:

**Маориф:**

• Такмили равандҳои банақшагирӣ ва буҷет, инчунин иқтидори идоракунии молиявӣ дар вазоратхонаҳо, ки барои таҳсилоти миёна ва касбомӯзӣ масъуланд.

нигоҳдории тандурустӣ

• Тақвият додани иқтидори системаи идоракунӣ ва роҳбарӣ дар соҳаи тандурустӣ.

• Беҳтар намудани фарогирии аҳолӣ тавассути пешниҳоди хизматрасониҳои мувофиқ, дастрас, одилона ва босифат, махсусан барои табақаҳои осебпазир, аз ҷумла дар сатҳи кумаки аввалияи тиббӣ.

**Рушди деҳот:**

• Такмили системаи идоракунӣ дар сатҳи вилоятҳо, ноҳияҳо ва ҷамоатҳо, пурзӯр намудани иқтидори рушди ғайримутамарказ ва ҳамаҷонибаи минтақаҳои деҳот.

• Баланд бардоштани устувории хоҷагиҳои хурд дар муқобили офатҳои табиӣ ва маҳдудиятҳои шадиди захираҳо.

Барномаи нави бисёрсолаи индикативӣ (МИП) барои солҳои 2021-2027 аз ҷониби Иттиҳоди Аврупо бо машварати зич бо Тоҷикистон бо назардошти эҳтиёҷот ва расонидани дастгирии зарурӣ ба кишвар таҳия хоҳад шуд [3].

Барномаи нави минтақавии индикативӣ барои Осиёи Марказӣ, ки маблағи умумии 360 миллион евроро ташкил медиҳад, ҳамкориҳои давомдорро дар сатҳи минтақавӣ дар бахшҳои энергетика, муҳити зист ва рушди иҷтимоию иқтисодӣ, мубориза бо маводи мухаддир ва ҷинояткорӣ ва платформа барои волоияти қонун, маориф (ERASMUS+), нақлиёт ва энергетика (TRACECA, INOGATE).

Тоҷикистон инчунин аз дастгирии мавзуӣ тавассути EIDHR, NSA, муҳоҷират ва паноҳгоҳ, инчунин бастаҳои маблағгузорӣ, ки тавассути ташаббусҳои глобалӣ, аз қабили Шарикии глобалии маориф, Хазинаи глобалии мубориза бо ВИЧ/СПИД, сил ва вараҷа ва Алянси GAVI истифода мешавад, баҳра мебарад. ИА ва кишварҳои узви он донорҳои асосӣ мебошанд [10]. Лоиҳаҳои мушаххас дар доираи Воситаи мусоидат ба субот ва сулҳ ва асбоби ҳамкорӣ дар соҳаи амнияти ҳастаӣ амалӣ карда мешаванд.

Маврид ба зикри хос аст, ки Стратегияи нави Иттиҳоди Аврупо дар Осиёи Марказӣ, ки соли 2019 қабул гардид, равобити кишварҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Тоҷикистон ва Иттиҳоди Аврупоро танзим менамояд.

Бо мақсади баланд бардоштани сатҳи ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон моҳи ноябри соли 2019 дар заминаи имзои Созишномаи шарикӣ ва ҳамкорӣ миёни Тоҷикистон ва Иттиҳоди Аврупоро пешниҳод намуд, ки амалисозии он дар баррасии ҷонибҳо қарор дорад [5].

Иттиҳоди Аврупо дар доираи Барномаи бисёрсолаи индикативӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо буҷаи махсус барои солҳои муайян қабул мешавад, ба рушди бахшҳои мухталиф дар Тоҷикистон, алалхусус маориф, тандурустӣ, рушди деҳот, энергетика, ҳифзи муҳити зист ва захираҳои об, идоракунии сарҳадот, мубориза алайҳи маводди мухаддир ва ҷинояткорӣ, таъмини волоияти қонун ва нақлиёту коммуникатсия мусоидат мекунад.

Робитаҳои байнипарлумонии Тоҷикистон ва Иттиҳоди Аврупо хеле хуб ба роҳ монда шудаанд, ҷаласаи нахустини байнипарлумонӣ миёни Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Парлумони Аврупо моҳи марти соли 2011 дар Брюселл доир гардид. Дар ҷаласаи мазкур аз ҷониби вакилони ҳарду ҷониб дар

баробари масъалаҳои рӯзмарраи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, пешбурди равандҳои демократӣ ва ислоҳоти сиёсию иҷтимоӣ, доираи васеи мавзуъҳои ҳамкориҳои иқтисодию тиҷоратӣ ва инвеститсионӣ муҳокима гардиданд.

Яке аз чунин соҳаҳо чун ҳарвақта бахши энергетика боқӣ мемонад. Тоҷикистон захираҳои бузурги гидроэнергетикиро дорост, ки наздики 530 миллиард киловатт соат буда, алҳол танҳо 5 фисади он истифода мешаваду халос. Мутмаинам, ки бештар ва фаъолтар ба кор андохтани онҳо дар баробари мусоидат ба таъмини рушди босуботи кишвар ва нафъи экологии минтақа, ҳамчунин ба манфиати кулли кишварҳои Осиёи Марказӣ, аз он ҷумла Афғонистону Покистон хоҳад буд.

Лоиҳаҳои таҷдид ва тармими неругоҳҳои гидроэнергетикии дар Тоҷикистон амалкунанда, мавриди таваҷҷуҳи Барномаи минтақавии инвеститсионӣ - Хазинаи Комиссияи Аврупо оид ба сармоягузорӣ дар кишварҳои Осиёи Марказӣ қарор гирифтаанд.

Ба таври хулоса метавон зикр намуд, ки аз ибтидои истиқлолият то ҳол саҳми Иттиҳоди Аврупо дар рушди бахшҳои мухталифи иқтисоди Тоҷикистон қариб як миллиард евроро ташкил кардааст.Барномаҳое, ба монанди ТАСИС, дастгирии буҷети ҷумҳурӣ, кумакҳои макромолиявию техникӣ, БОМКА / КАДАП, «Темпус» ва Эразмус Мундус мисоли возеҳи саҳми Иттиҳоди Аврупо дар рушди устувори иҷтимоию иқтисодӣ, сиёсӣ ва таъмини амнияти Тоҷикистон маҳсуб меёбанд.

Ҳамчунин, Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи ҳамкориҳои худ бо Иттиҳоди Аврупо дар соҳаи амниятӣ, ки бахши муҳимми муносибатҳои моро ташкил медиҳанд, манфиатдор мебошад.Идомаи барномаҳои БОМКА / КАДАП оид ба таҳкими сарҳадот ва танзими фаъолияти гумрукӣ, тақвияти мубориза алайҳи қочоқи маводи мухаддир, аз ҷумлаи он иқдомот мебошанд, ки омили муҳимми таъмини амнияту субот на танҳо дар сарҳади Тоҷикистону Афғонистон, балки дар минтақаи Осиёи Марказӣ ба таври умумӣ арзёбӣ мегардад.

**Муқарриз: Ашуров А.М.- н.и.т., ИОМДОА АМИТ**

**АДАБИЁТ**


1. Convention for the Protection of the Architectural Heritage of Europe. ETS No.121. Granada, 03/10/1985. URL: https://goo.gl/yvEaEy (дата обращения 23.07.2023).
2. European Convention on the Protection of the Archaeological Heritage. ETS No.066. London, 06/05/1969. URL: https://goo.gl/havuaM (дата обращения 30.08.2022).
3. European Convention on the Protection of the Archaeological Heritage (Revised). ETS No.143. Valletta, 16/01/1992. URL: https://goo.gl/QJFZiV (дата обращения 27.08.2023).
4. Воҳидова С. Ҳамкориҳои бисёрсамтаи Иттиҳоди Аврупо бо давлатҳои Осиёи Марказӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон) / С.Воҳидова // Осиё ва Аврупо. -№4 (12). - 2022.
5. Басиров Б. Место Центральноазиатских государств в системе интересов Европейского союза / Б.Басиров //Вестник ТНУ., 2017.-№3/5.- С.100-102.
6. Боголюбова Н.М. В поисках эффективной политики охраны культурного наследия: Европейский опыт / Н.М.Боголюбова, Ю.В. Николаева //Евразийский Союз Ученых (ЕСУ). - № 4 (49). - 2018. – С.51-53
7. Всемирное культурное наследие. Под ред. В.И. Фокина, Н.М. Боголюбовой. -СПб.: изд-во СПбГУ, 2015. - 368 с.
8. Европейский союз и Центральная Азия: Новое партнёрство в действии. – Люксенбург, 2009-81 с.
9. Раҳмонзода А.Ш. Муносибатҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи муосир. Монография. – Душанбе: Дониш, 2022. -172 с. -С. 43.-44.
10. Сиёсати хориҷии Тоҷикистон дар масири истиқлолият. Зери назари Ҳ.Зарифӣ. – Душанбе: Ирфон, 2011.-340 с.
11. Солиходжаева С. О сотрудничестве Таджикистана с Европейским союзом / С. Солиходжаева //Номаи Донишгох (Учёные записки ХГУ имени академика Б.Г.Гафурова).– Худжанд, 2014. - №3. – С.162-173.


## ҲАМКОРИҲОИ БИСЁРСАМТАИ ИТТИҲОДИ АВРУПО БО ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН


Дар мақола ҳамкориҳои бисёрсамтаи Иттиҳоди Аврупо бо Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор гирифтаанд. Ҳамкориҳо бо Иттиҳоди Аврупо яке аз авлавиятҳои сиёсати хориҷии давлатҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор рафта, ҷонибҳо қолабҳои гуногуни ҳамкориҳоро дар сатҳҳои дуҷониба ва бисёрҷониба пеш мебаранд. Дар мақола стратегияҳои Иттиҳоди Аврупо нисбат ба кишварҳои Осиёи Марказӣ таҳлил гардида, шаклгирии

минбаъдаи ҳамкориҳои муфид ва судманд дар сиёсати хориҷии ин давлатҳо пешбинӣ гардидааст. Ҳамчунин, зарурати ҳамкориҳои бисёрҷониба, хусусан дар соҳаҳои иқтисодиёт, маориф ва илм нишон дода шудааст. Қайд гардидааст, ки ҳамкориҳои Тоҷикистону Иттиҳоди Аврупо дар самти маориф дар доираи барномаҳои Темпус, Эразмус Мундус ва Эразмус+-и Иттиҳоди Аврупо барои ба ҳам овардани донишгоҳҳои Тоҷикистону Аврупо ва амалисозии барномаҳои таҳсиливу табодули донишҷӯён мусоидат мекунанд. Дар чаҳорчӯбаи барномаҳои мушаххаси байниминтақавӣ дар роҳи пешгирии таҳдидҳо, Иттиҳоди Аврупо аз соли 2003 инҷониб баҳри таъмини амнияти минтақавӣ якчанд лоиҳаро дар чаҳорчӯбаи «Барномаи мусоидат ба идораи марзҳои Осиёи Марказӣ» (БОМКА) ва «Барномаи пешгирии маводди мухаддир ба Осиёи Марказӣ» (CADAP) амалӣ менамояд. Дар рушди муносибатҳои ҳарду ҷониб сафарҳои расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Иттиҳоди Аврупо (шаҳри Брюссел) ва намояндагони олии Иттиҳоди Аврупо ба Тоҷикистон нақши муҳим доранд.

**Калидвожаҳо:** Иттиҳоди Аврупо, Осиёи Марказӣ, Тоҷикистон, ҳамкориҳо, стратегия, сиёсати хориҷӣ, манфиат, ҳадафҳо.

## МНОГОНАПРАВЛЕННОЕ СОТРУДНИЧЕСТВО ЕВРОПЕЙСКОГО СОЮЗА С РЕСПУБЛИКОЙ ТАДЖИКИСТАН

В статье изучается и исследуется многонаправленное сотрудничество Европейского союза с Республикой Таджикистан. Сотрудничество с Европейским союзом является одним из приоритетов внешней политики государств Центральной Азии, в том числе Республики Таджикистан, и стороны продвигают различные формы сотрудничества на двустороннем и многостороннем уровне. В статье анализируются стратегии Евросоюза по отношению к странам Центральной Азии и предусматривается дальнейшее формирование полезного и взаимовыгодного сотрудничества во внешней политике этих стран. Показана также необходимость многостороннего сотрудничества, особенно в сферах экономики, образования и науки. Отмечается, что сотрудничество Таджикистана и Евросоюза в сфере образования осуществляется в рамках программ Евросоюза Tempus, Erasmus Mundus и Erasmus+, которые способствуют сближению университетов Таджикистана и Европы и реализации программы обучения и обмена студентами. Сотрудничество в сфере пограничного контроля и борьбы с наркотиками. В рамках конкретных межрегиональных программ по предотвращению угроз Евросоюз с 2003 года реализовал несколько проектов в рамках «Центральноазиатской программы помощи в управлении границами» (БОМКА) и «Центральноазиатской программы по предотвращению наркоторговли» (КАДАП) для обеспечения региональной безопасности.Официальные визиты Президента Республики Таджикистан в Европейский союз (Брюссель) и Высоких представителей Европейского Союза в Таджикистан играют важную роль в развитии отношений обеих сторон.

**Ключевые слова:** Европейский Союз, Центральная Азия, Таджикистан, сотрудничество, Стратегия, внешняя политика, интерес, цели.

## MULTIDIRECTIONAL COOPERATION OF THE EUROPEAN UNION WITH THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

The article examines and explores the multidirectional cooperation of the European Union with the Republic of Tajikistan. Cooperation with the European Union is one of the foreign policy priorities of the Central Asian states, including the Republic of Tajikistan, and the parties are promoting various forms of cooperation at the bilateral and multilateral level. The article analyzes the strategies of the European Union in relation to the countries of Central Asia and provides for the further formation of useful and mutually beneficial cooperation in the foreign policy of these countries. The need for multilateral cooperation is also shown, especially in the fields of economics, education and science. It is noted that cooperation between Tajikistan and the European Union in the field of education is carried out within the framework of the EU programs Tempus, Erasmus Mundus and Erasmus+, which contribute to the rapprochement of universities in Tajikistan and Europe and the implementation of training and student exchange programs. Cooperation in the field of border control and drug control. As part of specific interregional programs to prevent threats, the European Union has implemented several projects since 2003 within the framework of the “Central Asian Border Management Assistance Program” (BOMCA) and the “Central Asian Drug Trafficking Prevention Program” (CADAP) to ensure regional security. Official visits of the President of the Republic of Tajikistan to The European Union (Brussels) and the High Representatives of the European Union to Tajikistan play an important role in the development of relations between both sides.

**Key words**: European Union, Central Asia, Tajikistan, cooperation, Strategy, foreign policy, interest, goals.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Султонова Меҳрангез Сайфуллоевна*** **-** Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, докторанти Ph.D, шуъбаи Аврупо ва Америка. **Суроға:** 734025, шаҳри Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 33.E-mail: **sultonovamehrangez2@gmail.com** Телефон:**+992 933388803**.

**Сведения об авторе:** ***Султонова Мехренгез Сайфуллоевна*** – Институт изучения проблем стран Азии и Европы Национальной академии наук Таджикистана, докторант Ph.D, отделение Европы и Америки. **Адрес**: 734025, город Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки 33.

E -mail: **sultonovamehrangez2@gmail.com** Телефон**:+992 933388803**.
**Information about the author:** ***Sultonova Mekhrengez Sayfulloevna*** – Institute for the Study of Asian and European Countries of the National Academy of Sciences of Tajikistan, second-year PhD student, Department of Europe and America. E-mail: **sultonovamehrangez2@gmail.com** Phone: **+992 933388803** **Address:** 734025, Dushanbe city, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue 33.

УДК:93.15(575.3)

# МАСЪАЛАИ БАРОМАДИ ЭТНИКИИ ҲАЙТОЛИЁН

*Шарипов Ҷамолиддин*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Вобаста ба таърихи асримиёнагии халқи тоҷик масъалаҳои баҳсангезе вуҷуд доранд, ки то имрӯз ҳалли худро ба пуррагӣ наёфтаанд. Ҳарчанд тули қариб сад сол аст, ки таҳқиқот идома дорад, вале то имрӯз масъалаҳои вуҷуд доранд, ки аксаран миёни олимон, махсусан муаррихон баҳсҳоро ба вуҷуд овардаанд. Аз ин рӯ, омӯзиши таърихи барвақтаи асримиёнагии халқи тоҷик боз ҳам мубрамтар гардидаасту имрӯз зарурат ба таҳқиқоти бунёдии нав дорад. Дар меҳвари масъалаҳои баҳсангези муҳаққиқон вобаста ба таърихи барвақтаи асримиёнагӣ баромади этникии баъзе сулолаҳои ҳукмрон, ки дар ташаккул ва рушди тамаддуну низоми давлатдории минтақа нақши бориз гузоштаанд, қарор дорад.

Имрӯз аксаран халқҳои ҳамҷавори тоҷикон, ки дар минтақа таърихи тулонӣ надоранд, талош ба он доранд, то собит намоянд, ки шаҷараашон ба сулолаҳои ҳукмрони аҳди асримиёнагии минтақа рафта мерасад. Онҳо мехоҳанд қадимияти хешро собит созанду дар ташаккул ва рушди ин ҳавзаи тамаддунӣ (Мовароуннаҳру Хуросон) нақши худро то ҷое инъикос намоянд. Аммо барои расидан ба ин ҳадаф ҳарзагӯиву хаёлҳои бофташуда басанда нест. Аз худ кардани моли дигарон дар мисоли тамаддуну таърих кори осон нест ва дар айни ҳол ношуданӣ аст.

Яке аз масъалаҳое, ки аз нимаи дуюми қарни XX сар карда то имрӯз мавриди баҳси миёни муаррихони дохилию хориҷӣ қарор дорад, баромади этникии сулолаи Ҳайтолиён мебошад, ки дар қарнҳои V-VI-и мелодӣ дар Осиёи Марказӣ ҳукмронӣ намудаанду дар рушди тамаддуни минтақа нақши хосса гузоштаанд [14, с. 221-222].

Бояд қайд кард, ки дар ин хусус муаррихони аҳди қадим маълумоти мухталиф ва аксаран бо ҳам зид додаанд. Муаррихони замони муосир ҳам доир ба ин масъала назарҳои мухталиф иброз кардаанд.

Аксаран Кӯшониён, ҳайтолиён ва хиониёнро аз як қавм донистаанд. Бинобар ин, яке аз масъалаҳои бисёр баҳснок робитаи байни қавмҳои хионӣ, ҳайтолӣ ва кӯшонӣ ба ҳисоб меравад. Оид ба хиониҳо дар адабиёти таърихӣ ва осори муаррихони ватаниву хориҷӣ маълумот хеле кам аст. Мувофиқи ахбори Аммиан Марселлин, дар шарқ ба давлати Сосониён «хиониҳо ва евсенҳо» таҳдид мекарданд ва Шопури II маҷбур мешавад, ки бо лашкар ба он ҷо равад. Дар ҷойи дигар муаррихи мазкур хабар додааст, ки соли 359 мелодӣ хиониҳо бо сардории шоҳашон Грумбат ҳамчун иттифоқчиёни Сосониён дар ҳамла ба шаҳри Амидаи Сирия ширкат намуданд.

Мувофиқи ахбори Егише Вардапет бошад, Яздигурд ногаҳон ба сарзамини «хонҳо, ки кӯшонӣ низ номида мешаванд» лашкар кашид. Воқеан, дар асоси ин ахбор дақиқ кардани макони пайдоиши хиониҳо ва мансубияти этникии онҳо кори хеле мураккаб аст. Вале дар асоси ба забонҳои шарқии эронӣ тааллуқ доштани номи шоҳи онҳо Грумбат ва баръакси гуннҳо сурати зебо доштани онҳо ва баъзе маълумоти дигар муҳаққиқон ба чунин хулосае омадаанд, ки хиониҳо халқи ориёии бумии Осиёи Миёна буда, ба гурӯҳи қабилаҳои саккоию масагетӣ, ки кӯшониён низ ба онҳо тааллуқ доштанд, дохил мешуданд. Тибқи маълумоти аксари муаррихон, онҳо аз ҷанубу шарқи баҳри Каспий ҳаракат карда, Суғд ва Бохтарро тасарруф намуданд [4, с. 195-196].

Новобаста ба ин, дар ҳар сурат хиониҳо, ки нахуст номашон дар миёнаи асри IV пайдо мешавад, халқи маҳаллии Осиёи Миёна буда, бо эҳтимоли зиёд ориёинажод буданд. Бояд тазаккур дод, ки дар хусуси ба ақвоми ғайриориёӣ тааллуқ доштани онҳо ягон маълумот нест. Ҳадаф аз мисол овардани хиониҳо ва таҳлили масъалаи мансубияти этникии онҳо дар ин ҷо аз он иборат аст, ки мувофиқи ахбори сарчашмаҳо дар Осиёи Миёна, аз ҷумла, Бохтар ҳанӯз қабл аз Ҳайтолиён онҳо

ҳукмронӣ кардаанд. Ҳамчунин, муаррихони аҳди қадим дар аксар мавридҳо қабилаҳои хиониҳо ва ҳайтолиёнро аз лиҳози мансубияти этникӣ як шумурдаанд. Дар тавсифи як ҳодиса баъзе муаррихон ҳамчун иштирокчии асосӣ хиониҳоро ва баъзеи дигар бошанд, ҳайтолиёнро нишон додаанд. Маҳз дар ҳамин асос баъзе муҳаққиқон пешниҳод кардаанд, ки ин ду халқро аз ҳам амалан ҷудо карда намешавад ва барои ифодаи онҳо бояд ибораи хиониҳо-ҳайтолиён истифода карда шавад [4, с. 112-113].Бо вуҷуди ҷолиб ва моҳиятан дуруст будан, ин пешниҳод бо ахбори сарчашмаҳои хаттӣ, ки баъди соли 450 бештар дар ҳодисаҳои Осиёи Миёна Ҳайтолиёнро инъикос мекунанд ва онҳо дар ин ҷо давлати пуриқтидори худро ташкил карда буданд, чандон мувофиқат намекунад.

Қайд кардан бамаврид аст, ки мадракҳои мусулмонӣ дар ин давра ба ҳайси ҳукмрони минтақаи Осиёи Миёна танҳо Ҳайтолиёнро номбар кардаанд. Бо назардошти ин хабар, ба ақидаи мо беҳтар он аст, ки аз миёнаи асри IV то миёнаи асри V номи хиониҳоро истифода барем, чунки дар ин муддат танҳо онҳо дар минтақаи Осиёи Миёна қувваи пешбаранда ва асосии ҳарбӣ-сиёсӣ ба ҳисоб мерафтанд. Таҳлили адабиёти мавҷуда нишон медиҳад, ки аз миёнаи асри V ва то солҳои 60-уми асри VI қувваи пешбаранда Ҳайтолиён мешаванд ва онҳо давлати бузургеро ташкил мекунанд. Бинобар ин, барои ин марҳилаи таърихӣ беҳтар он аст, ки этнонимӣ ҳайтолиёнро (яфтолиёнро) мавриди истифода қарор диҳем. Ҳамин гуна истифода бурдани номҳои этникии хиноиҳо ва ҳайтолиён воқеияти таърихиро дурусттар инъикос менамояд. Дар ин баробар зарур аст, ки мо умумияти нажодии ин ду халқи ориёиро, ки ҳарду дар ибтидои раванди ташаккули ниёкони халқи тоҷик дар минтақа нақши бориз бозидаанд, бояд ҳама вақт дар назар дошта бошем.Муаррихи дигар Прокопий Кесарийский ҳайтолиёнро аз тоифаи гуннҳо номидааст, аммо таъкид кардааст, ки онҳо аз гуннҳои боқимонда хусусиятҳои фарқкунанда доранд, бо онҳо ҳамҷавор нестанд, бар хилофи онҳо сафедпӯст ва зебоандом буда, муқимнишинанд, подшоҳ ва давлату қонун доранд. Дар асоси ҳамин ахбор ба хулосае омадан мумкин аст, ки ҳайтолиён қавми муқимнишин ва ориёнажоди Осиёи Миёна (Бохтар) буданд.

Сарчашмаҳои дигари таърихие, ки дар хусуси масъалаи этникии ҳайтолиён истифодаашон бамаврид аст, солномаҳои чинӣ мебошанд. Солномаҳои чинӣ дар хусуси мансубияти этникии ҳайтолиён маълумоти гуногун дода, онҳоро як қисми кӯшониён (юэҷҳо), қабилаи туркӣ, турфонӣ (чеши), авлоди Канка номидаанд. Муҳаққиқ К. Еноки ахбори солномаҳои чиноиро ҳаматарафа таҳлил карда, ба хулосае омадааст, ки муаллифони онҳо дар бораи ҳайтолиён маълумоти дақиқ ва мушаххас надоштанд. Бояд қайд кард, ки нуқтаи мазкурро яке аз солноманависони қадими чинӣ ҳам таъкид намудааст [4, с. 195-196].

Бояд гуфт, ки муҳаққиқони аврупоӣ ҳам дар хусуси масъалаи мансубияти этникии ҳайтолиён назарҳои мухталиф пешниҳод намудаанд. Вақте ба осори онҳо назар меафканем, баъзе муҳаққиқон, ба монанди Ҷ. Клапорт ва Ҷ. Маркварт онҳоро турк ва ҳатто муғул ҳам номидаанд [5, с. 415]. Аммо барои чунин хулоса баровардан далели эътимодбахш вуҷуд надорад.

Инъикоси калимаҳои туркии хоқон, тегин ва баъзе аломатҳои дигари туркӣ-муғулӣ дар сиккаҳои ҳайтолиён, агар онҳо дар ҳақиқат ба замони ҳайтолиён тааллуқ дошта бошанд, сабабҳои дигар доранд. Аз ҷониби дигар ин аломатҳо барои ҳайтолиён ҷузъӣ буданд, на асосӣ ва муайянкунанда. Муҳаққиқони таърихи барвақтаи асримиёнагии Осиёи Миёна Р. Гиршман, К. Еноки ва дигарон ҳайтолиёнро халқи ориёинажоду ориёизабон ва бумӣ номидаанд. Дар натиҷаи таҳқиқоти зиёд вақтҳои охир ориёизабон будани ҳайтолиёнро аксари муҳаққиқон қабул доранд.

Таҳлили василаҳои таҳқиқи таърихи аҳди қадим ва асримиёнагӣ нишон медиҳад, ки барои муайян кардани мансубияти миллии ҳайтолиён сиккаҳо сарчашмаи муҳим ба ҳисоб меравaнд. Дар сиккаҳо симои шоҳони ҳайтолӣ мавҷуданд ва ин имкон медиҳанд, ки мо мансубияти нажодиву этникии онҳоро муайян кунем.

Аммо мушкилӣ дар он аст, ки ахбори сиккаҳо масоҳатан маҳдудтар ҳастанд, чунки онҳоро асосан дар шимоли Ҳиндустон, ҷануби Афғонистон ва баъзе ноҳияҳои дигари ҳамҷавор дарёфт намудаанд. Ҳатто дар Тахористон, ки бешубҳа маркази давлати Ҳайтолиён буд, сиккаҳои мазкур ба миқдори хеле кам ёфт шудаанд. Бо назардошти ин дар асоси сиккаҳо мо наметавонем дар бораи тамоми қаламрави давлати Ҳайтолиён, махсусан дар бораи маркази онҳо – Тахористон хулосаи амиқу дақиқ барорем.

Бояд тазаккур дод, ки дар ин кишвар ва дигар вилоятҳои васали ҳайтолиён сиккаҳои сосонӣ ва тақлидии сосонӣ бароварда мешуданду дар муомилот қарор доштанд. Таҳлили натиҷаи таҳқиқи сиккашиносон нишон медиҳад, ки дар онҳо на сурати шоҳони ҳайтолӣ, балки сурати шоҳони сосонӣ инъикос шудаанд. Аммо новобаста ба ин камбудиҳо аз рӯйи сиккаҳо мо метавонем дар бораи сурат ва шаклу шамоили шоҳони ҳайтолӣ тасавурроти амиқу муайян пайдо намоем. Дар аксари сиккаҳо шоҳони ҳайтолӣ шакли зоҳирии ориёӣ-аврупоӣ доранд, вале дар баъзе сиккаҳо, махсусан дар онҳое, ки симои шоҳ на аз бар, балки аз пеш тасвир шудааст, чеҳраи шоҳ бо нишонаҳои ғайриориёӣ инъикос гардидааст.

Агар ба таври дигар гӯем, дар симои ин шоҳон омезиш бо қавмҳои ҳамҷавори шимолӣ эҳсос карда мешавад. Баъзе муҳаққиқон бар он назаранд, ки ин ҳодиса метавонист дар натиҷаи никоҳҳои сулолавӣ байни шоҳони ҳайтолӣ ва пешвоёни қабоили сарзаминҳои шимоли ҳамҷавори Осиёи Миёна туркӣ-муғулӣ, ки дар канораҳои шимолу шарқии давлати ҳайтолиён ё берун аз он дар вилоятҳои ҳамҷавор зиндагӣ мекарданд, рух диҳад. Аз маълумоти сарчашмаҳои хаттӣ бармеояд, ки шоҳи ҳайтолиён се хоҳари худро ба пешвои яке аз қабилаҳои жуан жуан соли 522 ба занӣ додааст.

Ҳамин гуна никоҳҳои сиёсӣ-сулолавӣ метавонистанд пеш аз ин ва пас аз он низ ба вуҷуд оянд. Аз тарафи дигар, ин гуна сиккаҳо метавонистанд ба давраи баъди ҳайтолиён низ тааллуқ дошта бошанд. Ин нишонаи муносибати ҳамсоягии неки шоҳони ҳайтолӣ ва дигар шоҳони ориёӣ буд, ки хусусияти сиёсӣ-дипломатӣ дошт.

Ҳамчунин, навиштаҷоти сиккаҳои ҳайтолӣ бо забони ориёӣ (бохтарӣ) иҷро карда шудаанд. Осори ҳайтолиён, ки дар Туркистони Шарқӣ дарёфт шудаанд, бо забони шарқии эронӣ навишта шудаанд. Муаллифи солномаи Бэйми ба таври возеҳу равшан қайд кардааст, ки забони ҳайтолиён аз забони туркӣ ва муғулӣ комилан фарқкунанда аст. Баъзе муҳаққиқон даъво бар он доранд, ки ҳайтолиён ин забонро аз аҳолии маҳаллии ориёӣ қабул намудаанд, яъне ин забони модарии онҳо ба ҳисоб немерафт. Вале барои тасдиқу дақиқ намудани ин фикр онҳо ягон далели мушаххас пешниҳод накардаанд. Бояд қайд кард, ки ин фарзияи онҳо пурра қиёсӣ буда, қобили қабул нест.

Ба назари муҳаққиқон С. П. Толстов, А. Стейн ва Ғ. Алтҳайм, аксари номҳои ҳайтолӣ туркӣ мебошанд [5, с. 418]. Ба ин ақида розӣ шудан душвор аст. Масалан, номи ду шоҳи ҳайтолиён – Ахшунвар ва Готифар пурра ва бешубҳа ориёӣ мебошанд. Исми шоҳони дигари ҳайтолиён Тораман, Михиракула низ, бо эҳтимоли зиёд, ориёианд. Ин номҳо ориёнажод будани ҳайтолиёнро равшану возеҳ собит менамояд.

Муҳаққиқ Ф. Андреас, номи шоҳи хиониҳо Грумбатро дар асоси забонҳои эронӣ ҳамчун «Пуштибонаш Баҳром» маънидод кардааст. Дар масъалаи ватани ҳайтолиён низ ақидаҳои мухталиф вуҷуд доранд. Ин назарияҳо дар ҷилди якуми «Таърихи халқи тоҷик» бо забони русӣ ва китоби «Тоҷикон»-и академик Бобоҷон Ғафуров ба таври муфассал таҳлил ва баррасӣ шудаанд. Аз байни онҳо се ақидаи асосиро ҷудо кардан мумкин аст, ки мувофиқи онҳо ватани ҳайтолиён дар минтақаҳои зерин ҷойгир буд: шарқи баҳри Каспий (С. П. Толстов ва дигарон); Туркистони Шарқӣ (Р. Гиршман); Бадахшон (К. Еноки) [14, с. 224-225].

Бояд тазаккур дод, ки ҷонибдорони ҳар се ақида барои исботи фикрашон далелҳои мухталиф пешниҳод кардаанд. Ба назари мо, далелҳои мавҷуда ва маълумоти сарчашмаҳои хаттӣ ба фоидаи фикри сеюм, яъне дар Бадахшон будани ватани ҳайтолиён шаҳодат медиҳанд.

Муҳаққиқ Егише Вардапет дар хусуси бар муқобили шоҳи Кӯшониён ҳуҷум намудани Яздигурд ва ба сарзамини Ҳайтолиён расидани ӯ хабар додааст. Номбар шудани шоҳи кӯшонӣ шоҳиди боэътимодест, ки ин ҳодисаҳо дар шарқи Эрон, дар Бохтар рух додаанд ва сарзамини ҳайтолиён дар шарқтар, дар Бадахшон ҷойгир буд. Ин фарзияро солномаи Бэйши тасдиқ менамояд. Мувофиқи он пойтахти Ҳайтолиён дар Бодиён (Бадахшон) воқеъ гардида буд. Ахбори Муҳаммад Ҷарири Табарӣ низ ин фарзияро то андозае тасдиқ менамояд. Ба ақидаи ӯ, асоси давлати ҳайтолиёнро дар ибтидои ташкилшавиаш Ғарчистон, Тахористон, Балх ва Бадахшон ташкил мекарданд. Ба ин маълумоти муаррихи асримиёнагӣ як санади хеле муҳим ва ҷолиброро илова кардан лозим аст. Дар Бадахшони Афғонистон то имрӯз ноҳияи калоне бо номи Яфтал вуҷуд дорад ва сокинони онро мардуми атроф яфталӣ мегӯянд. Шубҳае нест, ки ин ном аз ҳамон давраҳои қадим боқӣ мондааст. Дар Бадахшони Тоҷикистон калимаи «яфтал» ҳамчун номи шахсӣ низ дучор мешавад. Ин аснод фарзияи ватани ҳайтолиён будани Бадахшонро тақвият медиҳанд [2, с. 195].

Дар робита бо мансубияти миллии ҳайтолиён олимон дуруст таъкид кардаанд, ки ба ҳайати иттиҳодияи онҳо халқҳо ва қабилаҳои гуногун дохил мешуданд. Ба андешаи мо, як сабаби маълумоти мухталиф додани муаррихони қадим дар бораи ҳайтолиён дар ҳамин аст. Худи ҳайтолиён бо эҳтимоли зиёд ориёнажод ва аз Бадахшон буданд.

Баъди Осиёи Миёна, Туркистони Шарқӣ ва Ҳиндустони Шимолиро ишғол кардани онҳо ба ҳайати давлаташон халқу қабилаҳои гуногун дохил шуданд. Аксарияти кулли ин халқҳо мисли худи ҳайтолиён ориёнажод ва ориёизабон буданд. Дар байни онҳо ориёиҳои кӯчманчӣ низ буданд. Аз эҳтимол дур нест, ки ба ин иттиҳодия дар қисматҳои шимолу шарқи Осиёи Миёна ва Туркистони Шарқӣ баъзе қабилаҳои туркӣ ва муғулӣ низ дохил шуда буданд. Аз сабаби он ки ин қабилаҳо низ ҳамчун ҷузъи давлати Ҳайтолиён дониста мешуданд, муаррихони қадим ва, пеш аз ҳама, хитоӣ дар барои ҳайтолиён маълумоти мухталиф дода, баъзан онҳоро турку муғул номидаанд.

Дар бораи сохти иҷтимоию иқтисодӣ ва маданияти ҳайтолиён маълумот хеле кам аст. Аз сарчашмаҳои хаттии қадим дар бораи тарзи зиндагонии ҳайтолиён Прокопий Кесари маълумоти нисбатан муфассал додааст. Ӯ навиштааст: «Гарчанде ки яфталиён аз тоифаи гуннҳоянд ва чунин номида мешаванд, аммо онҳо бо он гуннҳое, ки мо онҳоро медонем, омехта намешаванд ва алоқа надоранд, чунки бо онҳо ҳамсарҳад нестанд ва аз онҳо дур зиндагӣ мекунанд…, онҳо мисли дигар халқҳо кӯчманчӣ нестанд ва аз қадим дар сарзамини серҳосил зиндагӣ мекунанд… Аз байни гуннҳо танҳо онҳо бадани сафед доранд ва безеб нестанд ва мисли онҳо ваҳшиёна зиндагӣ намекунанд, онҳо як подшоҳ ва давлати қонунӣ доранд ва дар муносибат байни якдигар ва ҳамсояҳо адолатро на камтар аз румиҳо ва форсҳо риоя мекунанд» [4, с. 205].

Аз ин ахбор бармеояд, ки ҳайтолиён халқи муқиминишин буда, давлат ва қонун доштанд. Ба ибораи дигар, онҳо халқи мутамаддин буданд. Муаррихи дигари қадим Менандр онҳоро «қабилаи шаҳрнишин» номидааст. Ин ахбор бо ақидаи аз Бадахшон будани ҳайтолиён то андозае мувофиқ аст. Бадахшон яке аз минтақаҳои муқимнишини Бохтар буда, аз қадим шаҳру деҳаҳои зиёд дошт. Танҳо сарчашмаҳои хитоӣ ҳайтолиёнро кӯчманчӣ номиданд. Аммо онҳо таъкид кардаанд, ки дар гузашта онҳо шаҳру деҳкадаҳои истеҳкомдори зиёдро забт карда, онҳоро идора мекарданд. Шояд дар байни ҳайтолиён қабилаҳои кӯчманчӣ низ буданд ё сарчашмҳои хитоӣ саҳван қабилаҳои кӯчманчии ба ҳайати ин давлат дохил кардашударо ҳайтолӣ гӯён тавсир кардаанд.

Ҳамин тавр, дар асоси таҳлили сарчашмаҳои таърихӣ ва натиҷаи таҳқиқи муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ метавон гуфт, ки ҳайтолиён сулолаи ориёитабор буда, аз гурӯҳи туронийёни ориёӣ буданд, ки дар ташаккул ва рушди унсурҳои тамаддуни манотиқи Варорӯду Хуросон нақши хосса гузоштаанд. Онҳо зиёда аз сад сол сарзаминҳои мазкурро муттаҳид намуда, аз сиёсати забткории шоҳони Эрони сосонӣ

ва туркҳои кӯчманчӣ минтақаро ҳифз карданд. Маҳз дар ҳамин давра омезишёбии халқҳои ориёии шарқӣ дар натиҷаи рушди муносибатҳои тиҷоратӣ ва фарҳангӣ оғоз шуда, заминаи ташаккулёбии халқи тоҷик гузошта шуд.

**Муқарриз: Қ.Расулиён – д.и.т., профессори ДМТ**

## АДАБИЁТ


1. Бернштам А.Н. Очерк истории гуннов / А.Н. Бернштам. –Л., 1951.
2. Бичурин Н.Я. Собрание сведений о народах, обитавших в Средней Азии в древние времена. -Т.I / Н.Я. Бичурин. – М.: -Л.: 1950. – 471 с.
3. Вайнберг Б.И. Этногеография Турана в древности (VII в. до н.э. – VIII в н.э.) / Б.И. Вайнберг. – М., 1999. – 359 с.
4. Ғафуров Б. Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим, асрҳои миёна ва нав / Б. Ғафуров. – Душанбе: Дониш, 2010. – 870 с.
5. История Таджикского народа. -Т. I., 1963. 1. – С. 418.
6. Назаров Х. К истории происхождения и расселения племен и народов Центральной Азии / Х. Назаров. – Душанбе, 2004. – 102 с.
7. Пугаченкова Г.А., Ртвеладзе Э.В. Северная Бактария-Тохаристан: Очерки истории и культуры / Г.А. Пугаченкова. – Ташкент, 1990. – 220 с.
8. Раҳмонов Э. Тоҷикон дар оинаи таърих / Э. Раҳмонов. – Душанбе: Ирфон, 1997. – 136 с.
9. Раҳмонов Э. Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён. Китоби I / Э. Раҳмонов. – Лондон, 1999. – 240 с.
10. Раҳмонов Э. Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён. Китоби 2 / Э. Раҳмонов. – Душанбе: Ирфон, 2002. – 128 с.
11. Раҳмонов Э. Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён. Китоби 3 / Э. Раҳмонов. – Душанбе: Ирфон, 2006. – 504 с.
12. Раҳмонов Э. Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён. Иборат аз чаҳор китоб / Э. Раҳмонов. – Душанбе: Ирфон, 2009. – 704 с.
13. Раҳмонов Э. Ориёиҳо ва шинохти тамаддуни ориёиҳо / Э. Раҳмонов. – Душанбе, 2006. – 132 с.
14. Раҳмонов Э.Нигоҳе ба таърих ва тамаддуни ориёиҳо / Э. Раҳмонов.– Душанбе: Ирфон, 2006.–375 с.
15. Ҳакимов Н. Таърихи халқи тоҷик Ҷилди 1. / Китоби дарсӣ. / Н. Ҳакимов. – Душанбе: Ирфон, 2006. – 484 с.


## МАСЪАЛАИ БАРОМАДИ ЭТНИКИИ ҲАЙТОЛИЁН


Дар мақолаи мазкур муаллиф дар асоси сарчашма ва адабиёти мавҷуда оид ба масъалаи баромади этникии ҳайтолиён маълумот додааст. Ҳайтолиён халқи муқиминишин буда, давлат ва қонун доштанд. Ба ибораи дигар гӯем, онҳо халқи мутамаддин буданд. Муаррихи дигари қадим Менандр онҳоро «қабилаи шаҳрнишин» номидааст. Ин ахбор бо ақидаи аз Бадахшон будани ҳайтолиён то андозае мувофиқ аст. Бадахшон яке аз минтақаҳои муқимнишини Бохтар буда, аз қадим шаҳру деҳаҳои зиёд дошт. Танҳо сарчашмаҳои хитоӣ ҳайтолиёнро кӯчманчӣ номиданд. Аммо онҳо таъкид кардаанд, ки дар гузашта онҳо шаҳру деҳкадаҳои истеҳкомдори зиёдро забт карда, онҳоро идора мекарданд. Шояд дар байни ҳайтолиён қабилаҳои кӯчманчӣ низ буданд ё сарчашмҳои хитоӣ саҳван қабилаҳои кӯчманчии ба ҳайати ин давлат дохил кардашударо ҳайтолӣ гӯён тавсир кардаанд. Дар робита бо мансубияти миллии ҳайтолиён олимон дуруст таъкид кардаанд, ки ба ҳайати иттиҳодияи онҳо халқҳо ва қабилаҳои гуногун дохил мешуданд. Ба андешаи мо, як сабаби маълумоти мухталиф додани муаррихони қадим дар бораи ҳайтолиён дар ҳамин аст. Худи ҳайтолиён бо эҳтимоли зиёд ориёнажод ва аз Бадахшон буданд. Баъди Осиёи Миёна, Туркистони Шарқӣ ва Ҳиндустони Шимолиро ишғол кардани онҳо ба ҳайати давлаташон халқу қабилаҳои гуногун дохил шуданд. Аксарияти кулли ин халқҳо мисли худи ҳайтолиён ориёнажод ва ориёизабон буданд. Дар байни онҳо ориёиҳои кӯчманчӣ низ буданд. Аз эҳтимол дур нест, ки ба ин иттиҳодия дар қисматҳои шимолу шарқи Осиёи Миёна ва Туркистони Шарқӣ баъзе қабилаҳои туркӣ ва муғулӣ низ дохил шуда буданд. Аз сабаби он ки ин қабилаҳо низ ҳамчун ҷузъи давлати Ҳайтолиён дониста мешуданд, муаррихони қадим ва, пеш аз ҳама хитоӣ, дар барои ҳайтолиён маълумоти мухталиф дода, баъзан онҳоро турку муғул номидаанд. Таҳлили василаҳои таҳқиқи таърихи аҳди қадим ва асримиёнагӣ нишон медиҳад, ки барои муайян кардани мансубияти миллии ҳайтолиён сиккаҳо сарчашмаи муҳим ба ҳисоб мераванд. Дар сиккаҳо симои шоҳони ҳайтолӣ мавҷуданд ва имкон медиҳанд, ки мо мансубияти нажодиву этникии онҳоро муайян кунем. Аммо мушкилӣ дар он аст, ки ахбори сиккаҳо масоҳатан маҳдудтар ҳастанд, чунки онҳоро асосан дар шимоли Ҳиндустон, ҷануби Афғонистон ва баъзе ноҳияҳои дигари ҳамҷавор дарёфт намудаанд. Ҳатто дар Тахористон, ки бешубҳа маркази давлати Ҳайтолиён буд, сиккаҳои мазкур ба миқдори хеле кам ёфт шудаанд. Бо назардошти ин дар асоси сиккаҳо мо наметавонем дар бораи тамоми қаламрави давлати Ҳайтолиён, махсусан дар бораи маркази онҳо – Тахористон хулосаи амиқу дақиқ барорем.

**Калидвожаҳо:** масъала, баромад, таҳлил, мансубият, нажод, ҳайтолиён, сарчашма, адабиёт, муҳаққиқон, ахбор.

## ВОПРОС ЭТНИЧЕСКОГО ПРОИСХОЖДЕНИИ ЭФТАЛИДОВ

В данной статье автор представил информацию по вопросу этнического происхождения эфталитов на основе доступных источников и литературы. Эфталиты были оседлым народом, у них было государство и закон. Другими словами, они были цивилизованными людьми. Другой древний историк, Менандр, называл их «городским племенем» что несколько согласуется с мнением, что эфталицы родом из Бадахшана. Бадахшан - один из населенных районов Бактрии, в котором с древних времен было много городов и деревень. Только китайские источники называют эфталитов кочевниками. Но они подчеркивали, что в прошлом они завоевали много укрепленных городов и деревень и управляли ими. Возможно, среди эфталитов были кочевые племена, или китайские источники трактуют кочевые племена, входящие в это государство, как эфталитов. В связи с национальной принадлежностью эфталитов ученые справедливо подчеркивали, что в их объединение входили различные народы и племена. На наш взгляд, это одна из причин, по которой древние историки дают разные сведения о эфталитах. Сами эфталицы, скорее всего, были арийской расы и родом из Бадахшана. После того как они заняли Среднюю Азию, Восточный Туркестан и Северную Индию, в состав их государства вошли различные народы и племена. Подавляющее большинство этих народов, как и сами эфталиты, были арийцами и говорили на арийском языке. Среди них были кочевые арийцы. Не исключено, что в эту ассоциацию входили и некоторые тюркские и монгольские племена северо-восточных районов Средней Азии и Восточного Туркестана. В связи с тем, что эти племена также считались частью Эфталитского государства, древние и, прежде всего, китайские историки давали разные сведения о эфталитах и иногда называли их тюрками и монголами. Анализ средств исследования истории средневековья показывает, что важным источником для определения национальной идентичности эфталитов являются монеты. На монетах есть изображения римских королей, что позволяет определить их расовую и этническую принадлежность. Но проблема в том, что информация о монетах более ограничена, потому что они были найдены в основном на севере Индии, юге Афганистана и некоторых других соседних регионах. Даже в Тахаристане, который, несомненно, был центром Эфталитского государства, эти монеты были найдены в очень небольшом количестве. Учитывая это, на основании монет мы не можем сделать глубокого и точного вывода обо всей территории Эфталитского государства, особенно об их центре - Тахаристане.

**Ключевые слова:** выпуск, выход, анализ, принадлежность, раса, эфталиты, источник, литература, исследователи, новости.

## THE QUESTION OF THE ETHNIC ORIGIN OF THE EPHTHALIDES

In this article, the author presented information on the ethnic origin of the Hephthalites based on available sources and literature. The Eftalians were a sedentary people, they had a state and a law. In other words, they were civilized people. Another ancient historian, Menander, called them an "urban tribe". This news is somewhat consistent with the opinion that the Eftalians come from Badakhshan. Badakhshan is one of the populated regions of Bactria, which has had many towns and villages since ancient times. Only Chinese sources call the Hephthalites nomads. But they emphasized that in the past they had conquered and ruled over many fortified towns and villages. Perhaps there were nomadic tribes among the Ephtalids, or Chinese sources interpret the nomadic tribes that are part of this state as Ephthals. In connection with the national identity of the Hephtalians, scientists rightly emphasized that their association included various peoples and tribes. In our opinion, this is one of the reasons why ancient historians give different information about the Ephthalids. The Hephthalites themselves, most likely, were of the Aryan race and came from Badakhshan. After they occupied Central Asia, East Turkestan and North India, various peoples and tribes became part of their state. The vast majority of these peoples, like the Ephthalids themselves, were Aryans and spoke the Aryan language. Among them were nomadic Aryans. It is possible that this association also included some Turkic and Mongol tribes of the northeastern regions of Central Asia and East Turkestan. Due to the fact that these tribes were also considered part of the Ephtalian state, ancient and, above all, Chinese historians gave different information about the Ephthalians and sometimes called them Turks and Mongols. An analysis of the means of studying the history of the Middle Ages shows that coins are an important source for determining the national identity of the Ephthalids. On the coins there are images of Roman kings, which makes it possible to determine their racial and ethnic origin. But the problem is that information about the coins is more limited because they were found mainly in northern India, southern Afghanistan and some other neighboring regions. Even in Takharistan, which was undoubtedly the center of the Ephtalian state, these coins were found in very small quantities. Given this, on the basis of the coins, we cannot draw a deep and accurate conclusion about the entire territory of the Eftalitz state, especially about their center - Takharistan.

**Key words:** issue, output, analysis, belonging, race, ephthalids, source, literature, researchers, news.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Шарипов Ҷамолиддин Сафолович*** **–** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**,** номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи таърихи халқи тоҷик. **Суроға:** 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 943777707**, E-mail: **Sharipov-26041994@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Шарипов Джамолиддин Сафолович* –** Таджикский национальный университет, кафедра истории таджикского народа, кандидат исторических наук, доцент. **Адрес:** 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 943777707**,
E-mail: **Sharipov-26041994@mail.ru**

**Information about the author:** ***Sharipov Jamoliddin Safolovich*** - Tajik National University, Department of History of the Tajik People, Candidate of Historical Sciences, Associate Professor. Address: 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. Phone: **(+992) 943777707**, E-mail: **Sharipov-26041994@mail.ru**

ТДУ:930.16(575.320

# ВАЗЪИЯТИ МАОРИФИ ВОДИИ ШОҲДАРАИ БАДАХШОНИ ТОҶИКИСТОН ТО ЗАМОНИ ИНҚИЛОБИ ОКТЯБР

***Худобердиев Р.Б.***
**Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М.Назаршоев**

Пешравии ҷомеа вобаста аз илм, дониш ва маърифат буда, ин масъала барои мардуми водии Шоҳдараи [9] Бадахшони Тоҷикистон пеш аз ғалабаи Инқилоби Октябр хеле муҳим буд. Мардуми кӯҳистони Бадахшони Тоҷикистон шароити вазнини иқтисодӣ ва иҷтимоӣ доштанд. Дар навбати аввал, дур будани водии Шоҳдараи Бадахшони Тоҷикистон аз марказҳои фарҳангӣ, набудани роҳҳои қулайи алоқа бо кишварҳои ҳамсоя, боиси вазнин гардидани шароити зиндагӣ ва инчунин маорифи он ҳам мегардид.

Ҳамаи ин мушкилиҳо имконият намедоданд, ки то мардум соҳиби хату савод шаванд. Аз ин сабаб қисми зиёди мардуми ин манотиқ бесавод буданд. Дар он замон дар Бадахшон шахсоне саводнок ба ҳисоб мерафтанд, ки бо алифбои арабӣ хондану навиштан метавонистанд ва ё ягон ояҳои Қуръони каримро тиловат карда метавонистанд.

Дар ин бора академик Б.И. Искандаров чунин навишта буд: “Таълим - асосан аз омӯхтани алифбо, сураҳои Қуръон ва адабиёти форсу-тоҷик иборат буда, ба гумонам муаллимон аз ин бештар илмҳоро камтар медонистанд” [3, с.22].

Ш.Шонаврӯзов ҳам дар ин хусус навишта буд: «Агар ба таърихи гузаштаи пеш аз инқилобии мардуми Кӯҳистони Бадахшон назар андозем, аён мегардад, ки ба ғайр аз якчанд шахсоне, ки дар пеши муллоёни маҳал хату савод меомӯхтанд, дигарон аз ганҷинаи савод бебаҳра буданд. Дар мактабҳои динии хусусӣ танҳо фарзандони сарватмандон, руҳониён ва дигар табақаҳои бой таҳсил доштанд» [11, с.4].

Собиқадори маориф, мудири собиқи маорифи н.Роштқалъа Қ.Қарачаев дар ин бора ба муаллифи ин сатрҳо чунин маълумот дода буданд: “Дар деҳаи Тусиёни водии Шоҳдара як мактаби хусусӣ вуҷуд дошт. Ин мактабро дар ҳуҷраи яке аз сокинони ин деҳа ташкил намуданд, аммо муаллими дарсдиҳанда дар деҳа ягон кас ёфт нашуд. Сабаб он буд, ки дар деҳа ягон шахси босавод набуд.

Барои ҳамин онҳо муаллимеро бо номи Мамадназарбек аз деҳаи Шитхарви ноҳияи Ишкошим ба деҳаи Тусиён ҳамчун муаллим оварда, он кас барои шогирдони ин мактаби хусусӣ дарс мегуфт. Аввалин шогирдони он кас бо номи Зикиллобек, Ғалчабек, Шоҳабдулло, Ғуломносир ва дигарон буданд. Он вақт чун барои пардохти музди меҳнати муаллим мардуми деҳаи Тусиён пул надошт, аз ин сабаб барои пардохти ҳаққи муаллим шогирдон дар шакли натура гандум, моли майда ва дигар чизҳо ҷамъ карда, худашон ҳамроҳи муаллим баъди як соли таҳсил ба деҳаи Шитхарв бурданд [7].

Оиди вуҷуд доштани мактаби хусусӣ, дар деҳаи Тусиёни водии Шоҳдара, яке аз афсарони рус А.Г.Серебренников, ки соли 1894 дар ҳайати афсарони рус таҳти сарфармондеҳи генерал-майор М.Е.Ионов [2] бо отряди аскарони рус бо роҳбарии Скерский тавассути водии Шоҳдара ба Хоруғ ба хотири наҷот додани мардуми Помир аз зулми афғон омада буд, дар дафтари хотироти худ қайд намудааст, ки дар деҳаи Тусиён мактаби диние амал мекард, ки дар он ҳамагӣ 8 нафар талаба таҳсил доштанд [8, с.8].

Готфрид Л. ва Гафиз М. дар ин бора чунин навишта буданд: “Мероси “маданӣ”-и мардуми Помир, ки онро аз подшоҳи Рус гирифта буданд, ниҳоят ночиз ва камбағал буд. Дар оғози таълим муллоҳо ва эшонҳо ба омӯхтани илму маърифат машғул буданд. Мактабҳо умуман вуҷуд надоштанд. Бачаҳо хондану навиштанро ба таври индивидуалӣ дар хонаҳои муллоҳо меомӯхтанд. «Таълим»-и минбаъда хеле гарон буд. Муллоҳо барои ба помириҳо ёд додани хондан ва ё навиштан ба таври даҳонӣ, барзагов ё асп мегирифтанд, вале онҳо нафаҳмиданд, ки Қуръон ва дигар

китобҳои динӣ ба забони арабӣ ё форсӣ навишта шудаанд” [1, с.103]. Моҳи сентябри соли 1895 мувофиқи шартномае, ки байни давлатҳои Англия, Россия ва Афғонистон баста шуда буд, ҳудуди Помир ба Россия ҳамроҳ карда шуд ва дарёи Панҷро сарҳади байни ду давлат эълон карданд. Қисми асосии Помири Ғарбӣ - Рӯшон, Шуғнон ва як қисми Вахон он замон ба ихтиёри Аморати Бухоро гузашт.

Оиди вазъи маорифи ин давра А.Набиев чунин навишта буд: «Дар бобати инкишоф додани маданият дар Помир на амири Бухоро ва на ҳукумати подшоҳӣ ҳеҷ чора намеандешиданд. Дар давоми чоряки аср, ки Помир дар ҳайати Россияи подшоҳӣ буд, аҳолиаш қариб саросар бесавод монда буд. Дар мактабҳои камшумори хусусӣ, ки халифаю муллоҳо дар онҳо дарс медоданд, талабагон асосан хондани китобҳои диниро ёд мегирифтанд. Фақат коркунони ками аппарати идоракунӣ сардори отряди Помирро маҷбур мекарданд, ки баъзан фарзандони шахсони давлатмандро барои хондан ба мактабҳои русӣ-маҳаллии вилояти Фарғона фиристанд. Солҳои 1906-1907 дар мактаби русӣ-маҳаллии Қӯқанд шуғнониён Саид Набӣ ва Маҷид Охунаков мехонданд» [6, с.19-20].

«Пеш аз Револютсияи Кабири Сотсиалистии Октябр дар тамоми Тоҷикистон ҳамагӣ 10 мактаби ибтидоӣ буда, дар он қариб 400 кас мехонданд» [12, с.148-150]. Дар пости Хоруғ дар соли 1909 ҳамагӣ як мактаби русӣ-маҳаллӣ кушода шуда, он 8 нафар талаба дошт [6, с.20]. Вале дар водии Шоҳдараи Бадахшони Тоҷикистон дар ин вақт ҳатто як мактаби ибтидоӣ ҳам вуҷуд надошт.

Ҳамчунин, шахсони нисбатан донишманди водии Шоҳдара: чун Шанбе, Ниёзмуҳаммад, Ризо, Силтолӣ, ки то солҳои 30-юми асри XX ба дарбори Имоми давр ба ш.Бомбей ба дидорбинӣ рафта буданд, ҳангоми бозгашт ба Бадахшон бо худ аз китобхонаҳои Ҳиндустон китобҳои гуногун, чун “Девони ашъор”-и Саъдиву Ҳофиз, Хусрав, китоби “Маснавӣ”-и Румӣ ва ғайра оварданд.

Тибқи маълумотҳои шифоҳӣ, маскун шудани нахустин муаллими машҳури Бадахшон бо номи Охун Шоҳфитур аз Поршневи Шуғнон ба водии Шоҳдара ҳам боиси беҳтар гаштани муҳити фарҳангию маънавии ин манотиқ гардид.

Ин омилҳо боиси он шуданд, ки маърифату фарҳанги ин мардум то андозае ташаккул ёфта, аввалин шогирдоне, ки баъдтар дар мактабҳои шуравӣ таҳсил карда буданд, бо қобилият ва маҳорату малакаҳои донишомӯзиашон омӯзгоронашонро дар ҳайрат мегузоштанд.Вале новобаста аз ин дар водии Шоҳдара оиди муассисаҳои таълимӣ ё худ бинои алоҳидаи мактаб ва муаллими ҳирфавӣ ҳоҷати сухан гуфтан ҳам набуд. Таълими хусусӣ муваққатан, мавсимӣ ва одатан бар асари корҳои саҳроӣ танҳо дар фасли зимистон дар дохили хонаи урфии истиқоматӣ мегузашт.

Яке аз адибони тоҷики даврони шуравӣ зодаи водии Шоҳдара Нодир Шанбезода дар ин бора чунин навишта буд: «Ман фақат ду зимистон дар мактаби куҳнаи қишлоқамон таҳсил намудаму халос» [10, с.7].

Академик Баҳодур Искандаров низ доир ба мавсимӣ будани таҳсил то Инқилоби Октябр дар ҳудуди Бадахшон ин тавр маълумот медиҳад: «То кушода шудани мактабҳои шуравӣ дар баъзе аз қишлоқҷойҳо ҳанӯз мактабҳои дорои усули омӯзиши куҳнаро дидан мумкин буд, ки дар онҳо одатан муллоҳои маҳаллӣ дарс медоданд. Дар ин гуна мактабҳо танҳо 10-12 нафар писарбачаҳо мехонданд. Духтарон бошанд, танҳо дар хонаи худ таҳсил мекарданд. Ба ғайр аз ин, имконияти таҳсилро асосан фарзандони оилаҳои бадавлат доштанд. Хотирнишон мекунам, ки таълим танҳо дар фасли зимистон давом дошта, бо фарорасии фасли тобистон ва оғоз шудани мавсими корҳои саҳроӣ хондан дар мактабҳо қатъ мегардид» [4, с.21].

Чуноне ки муҳаққиқони соҳа нигоштаанд: «Дар кишвари тоинқилобии Туркистон, аз ҷумла Помир, барои маориф 2,3% буҷа ҷудо мешуд, ҳоло он ки барои нигоҳ доштани мансабдорону полис 86,7 % буҷаи кишвар сарф мешуд [5, с.254].

Тавре аз гуфтаҳои боло дида мешавад, то замони Шуравӣ аз сабаби дар сатҳи ниҳоят пасти иқтисодию иҷтимоӣ қарор гирифтани аҳолӣ дар водии Шоҳдара, то кушода шудани аввалин мактабҳои шуравӣ танҳо дар баъзе деҳаҳо мактабҳои

хусусӣ-динӣ амал мекарданду халос. Ин мактабҳо, чуноне ки дар боло зикр намудем, мавсимӣ буданд.

**Муқарриз:Хоҷибеков Э. – д.и.т., профессори ДДХ ба номи М.Назаршоев**

## АДАБИЁТ


1. Готфрид Л. Красный флаг на Крыше мира (Памирские очерки) / Л.Готфрид, М.Гафиз. -Ташкент-Сталинабад: Аджгиз, 1930. -С. 103.
2. Памир и памирские ханства (Военно-географический и топогорафический очерк) // Инженерный журнал. - СПб., 1894. - №11-12.
3. Искандаров Б.И. Роҳи душвори диёри дониш (зиндагиномаи академик Б.И.Искандаров) / Б.И. Искандаров. Тарҷумаи Н.Ҷонбобоев, Ғ.Қудратов. Трудный путь к знанию, МГУ, М., 1999. – Душанбе, 2021, - С. 22
4. Искандаров Б.И. Роҳи душвори диёри дониш (зиндагиномаи академик Б.И.Искандаров) / Б.И. Искандаров. Тарҷумаи Н.Ҷонбобоев, Ғ.Қудратов китоби Трудный путь к знанию, МГУ, М., 1999. – Душанбе, 2021. -С. 21.
5. Каширина Т. В. Очерки по истории Советского Бадахшана / Т. В.Каширина, Д. Давлатёров. - Душанбе, 1985.- С. 254.
6. Набиев А. Помири Советӣ (Очерки таърихӣ) / А. Набиев. - Душанбе: Ирфон, 1967. - С. 19-20.
7. Суҳбат бо Қарачаев Қарача, 77 сола, муаллими собиқадор, аълочии маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, сокини деҳаи Тусиён, сабти Худобердиев Р.Б., 25-уми ноябри соли 2018.
8. Туркестанский край: сборник материалов для истории его завоевания 1844-1866, собрал полковник А.Г.Серебренников.-Т.1-8, 17-22.-Ташкент, 1908-1915.- С.8.
9. Ҳудуди ҳозираи ноҳияи Роштқалъаи ВМКБ –и Ҷумҳурии Тоҷикистон.
10. Шанбезода Н. Гулғунча. Мураттиб ва муаллифи сарсухан В.Охониёзов- Хоруғ, 1998.- С.7
11. Шонаврӯзов Ш. Поягузорони мактаб дар диёрамон / Ш. Шонаврӯзов // Коммунисти Шуғнон, - №139 (605). - 1990. – 22 ноябр.-С. 4
12. 40 соли пуршараф, Р.Юсуфбеков (вазири маорифи халқи РСС Тоҷикистон), Аз бесаводии саросар - ба қуллаҳои маърифат. – Душанбе: Ирфон, 1964.- С.148-150.


## ВАЗЪИЯТИ МАОРИФИ ВОДИИ ШОҲДАРАИ БАДАХШОНИ ТОҶИКИСТОН ТО ЗАМОНИ ИНҚИЛОБИ ОКТЯБР


Дар мақола вазъи маорифи водии Шоҳдара (ҳозира ноҳияи Роштқалъа)–и Бадахшони Тоҷикистон то давраи Инқилоби Октябри соли 1917 инъикос ёфтааст. Қайд шудааст, ки аҳолии ин водӣ дар шароити ниҳоят пасти иқтисодӣ ва иҷтимоӣ қарор дошта, таълими кӯдакон танҳо дар баъзе аз деҳаҳо дар мактабҳои хусусӣ-динӣ амалӣ мешуд. Дар ин мактабҳои хусусӣ бештар фарзандони бойҳо ва танҳо қисми ками миёнаҳолон таҳсил мекарданд. Фаъолияти ин мактабҳои хусусӣ-динӣ бар асари корҳои саҳроӣ мавсимӣ буда, кӯдакон танҳо зимистон таҳсил мекарданд. Мавсими кишту кор ин мактабҳо фаъолияташонро қатъ мекарданд.



**Калидвожаҳо:** Шуравӣ, Тоҷикистон, Бадахшон, Помир, Шоҳдара, маориф, мактаб, хонанда, таҳсил, таълим, Инқилоби Октябр.


## СОСТОЯНИЕ ОБРАЗОВАНИЯ ШОХДАРИНСКОЙ ДОЛИНЫ ТАДЖИКСКОГО БАДАХШАНА ДО ОКТЯБРЬСКОЙ РЕВОЛЮЦИИ


В статье отражено вкраце сосояние образования Шохдаринской долины Таджикского Бадахшана до Октябрьской революции 1917 года. Подчёркнуто, что население этой долины находилось в тяжелых социально – экономических условиях и обучение детей осуществлялось лишь в некоторых сёлах в частно – религиозных школах. В этих частных школах в большинстве обучались дети богачей и малая часть детей середняков. Деятельность этих частных религиозных школ из-за полевых работ носила сезонный характер, и дети занимались только зимою. С наступлением весны и началом посевных работ эти школы прекращали свою деятельность.



**Ключевые слова:** Советский Союз, Таджикистан, Бадахшан, Памир, Шохдара, образование, школа, школьник, обучение, преподавание, Октябрьская Революция


## THE SITUATION OF EDUCATION IN THE SHOHDARA BADAKHSHAN VALLEY OF TAJIKISTAN UNTIL THE TIME OF THE OCTOBER REVOLUTION


The article describes the state of education in Shokhdara valley (now Roshtkala district) of Badakhshan Tajikistan until the October Revolution of 1917. It is noted that the population of this valley lived in extremely poor economic and social conditions, and children were educated only in some villages in private religious schools. In these private schools mostly the children of the rich and only a small part of middle pupils studied. The activities of these private religious schools were seasonal due to field work, and children studied in winter. When summer came and the season of planting and field work began, these schools stopped their activities.



**Key words:** Soviet Union, Tajikistan, Badakhson, Pamir, Shohdara, education, school, Pupil, Study, education, October Revolution

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Худобердиев Розиқ Боронбекович*** **-** Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М.Назаршоев ассистент, кафедраи таърих ва диншиносӣ. **Суроға:** 736000, ш.Хоруғ, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи Ш.Шоҳтемур, 109. E–mail: **hudoberdiev1986@mail.ru** Телефон: **(+992) 93 516 03 33.**

**Сведения об авторе:** ***Худобердиев Розик Боронбекович*** – Хорогский государственный университет имени М.Назаршоева, ассистент кафедры истории и религиоведения. **Адрес:** 736000, город Хорог, Республика Таджикистан, улица Ш.Шохтемура, 109. E–mail: **hudoberdiev1986@mail.ru** Телефон (+992) 93 516 03 33.
**Information about author**:

***Information about the author: Khudoberdiev Rozik Boronbekovich*** – Khorog State University named after M. Nazarshoev, assistant at the department of history and religious studies. **Address:** 736000, Khorog city, Republic of Tajikistan, Sh. Shokhtemur street 109. E-mail: **hudoberdiev1986@mail.ru** Phone: **(+992) 93 516 03 33.**

# ИЛМҲОИ ФАЛСАФА - ФИЛОСОФСКИЕ НАУКИ

УДК:130.2(540)

## ПРОБЛЕМЫ СООТНОШЕНИЯ РЕЛИГИИ И ФИЛОСОФИИ В ТВОРЧЕСТВЕ ШИБЛИ НУ'МАНИ

*Каримов Р.*
**Таджикский национальный университет**

Калам (исламская теология, или исламская теоретическая философия) — это раздел традиционной системы исламских наук и исламского образования. Многие современные мусульманские мыслители в свете современных знаний хотели реформировать, модернизировать и адаптировать эту науку меняющимся потребностям времени. По их мнению, для живых интеллектуальных традиций необходимо переосмысление, реформирование, возрождение и оживление, чтобы сделать их актуальными и чувствительными к меняющимся обстоятельствам. Они чувствовали потребность в новых направлениях мышления, поскольку исламская мысль в течение девятнадцатого века столкнулась с множеством интеллектуальных вызовов, в связи с распространением на мусульманский Восток западной культуры и философских традиций в период колониализма. Они пытались объединить религиозные ценности с научными открытиями и примирить разум и религию. Поэтому они предложили проект реконструкции исламской мысли путем создания некоторых работ по возрождению «Ильм аль-Калам». Шибли Ну'мани относится к данной категории мусульманских мыслителей колониальной Индии, стремившихся к возрождению и модернизации философии калама, реформированию религиозного сознания и примирению религии с философией.

Шибли в своем творчестве уделял особое внимание религиозному учению в современной системе образования и не отвергал его полностью. Он определил ислам как состоящий из трех аспектов: веры, поклонения и морали [9, с.188]. Он рассматривал религию как образ жизни, кодекс, предписанный путь во всеобъемлющем смысле. Он включает в себя все вышеперечисленные четыре аспекта, а именно: вероисповедание, поклонение, мораль и образ жизни. Таким образом, выступая за, принятие власти Аллаха, закона или Шариата и, в конечном итоге, принимая Его одного как Господа Судного Дня [9, с.186]. Следовательно, религия — это не просто набор верований, а органическое целое, сущность как таковая, в которой теологические и метафизические идеи составляют важную часть, но не являются всем и вся [9, с.110]. Шибли подчеркивал, что лучшая образовательная система должна быть согласована между новой и старой системами вместе [1, с.135], сохраняя добро старой системы наследия и принимая во внимание новую, лучшую. Следовательно, мусульманская умма действительно нуждается в возрождении и обновлении науки о каламе, т.е. искусстве осмысления и рациональной интерпретации насущных проблем мусульманского сообщества, чтобы противостоять вызовам. Сайид Ахмад Хан, современник, учитель и соратник Шибли Ну'мани разъяснял эту цель мусульманских реформаторов таким образом: «Сегодня мы, как и прежде, нуждаемся в современной теологии (ильм аль-калам), посредством чего мы должны либо опровергнуть доктрину современных наук, либо подорвать их основу, либо показать, что они согласуются с исламом» [10, с.217].

Реформаторские и модернистские воззрения Шибли Ну'мани изложены в его труде под названием «Каломи джадид» («Новый калам»). Необходимость реформирования исламской религиозно-философской мысли и создания нового калама мыслитель объяснил следующим образом:

1. Старый традиционный калам не в состоянии объяснить современные проблемы с позиций исламской религии. Современный социальный прогресс поставил совершенно

новые задачи, которые необъяснимы с позиций традиционного калама и естественно требуют нового подхода и новых интерпретаций.

2. Научно-технические революции привели к созданию новой картины мира, коренным образом изменили и научные взгляды о природе, обществе, в целом, о мире, и это требует нового взгляда на отношение ислама и науки, религии и философии, и требуют разработки новых концепций оценки результатов научно-технического прогресса.

3. Изменились нападки на ислам со стороны других религий, естественнонаучного материализма. Осмысление этих нападок и претензий требует ответов, а также выдвижения новых взглядов и новых методов отношения к ним.

4. Методология традиционного калама совершенно непригодна к анализу новых достижений науки. Более того, на первый план выдвигаются совершенно новые проблемы, которые требуют нового анализа и изменения отношения ислама к ним [7, с.44-45].

Эти идеи Шибли Ну'мани не только осуществил в своей работе «Новый калам», но и использовал, сначала в процессе преподавания в Алигархском университете, затем в религиозном институте «Надват-ул-улама» в Хайдарабаде. Шибли Ну'мани был верным учеником и последователем Сайида Ахмад-хана. Несмотря на некоторые разногласия во взглядах со своим учителем, в частности, в оценке английской системы образования, роли британской колонизации Индии и некоторых других вопросах, он до конца жизни Ахмад-хана 1898 года работал в Алигархе и преподавал арабский и персидский языки. А когда он переехал в Хайдарабад и работал в «Надват-ул-улама», то здесь встретил еще большую яростную атаку традиционалистов. Однако он упорно разрабатывал новый подход в преподавании, в системе образования, а также разработал свою концепцию в оценке современных событий в обществе и науке. Эти стремления Шибли к реформированию ислама нашли поддержку со стороны некоторых других ученых и реформаторов. Его линию продолжали разрабатывать известные реформаторы Абулкалам Азад, М.Икбал и другие. Затем его идеи стали достоянием других исламских реформаторов С.Афгани, М.Абдо, Р.Риза и других.

Идеи создания «нового калама» были настолько привлекательными, что о «новом каламе» заговорили многие идеологи ислама, арабские и иранские каламисты, особенно эти идеи привлекали внимание известных иранских исламских философов и каламистов, таких как С.Х.Табатабан, М.Мухахтари, М.Риза Асади, М.Шабистари и многих других современных мутакаллимов.

По мнению Шибли, противоречие между религиозным и научным представлением не является противоречием между истинной религией, божественным учением и наукой, а существует в представлениях людей о науке. Поэтому невозможно не имея новых взглядов и концепции, интерпретировать религиозные тексты, правильно объяснять позиции религии и её отношение к рациональным знаниям [1, с.1-2]. В традиционном каламе основные его задачи заключались в комментарии и объяснении основ веры и защите религиозного учения от различных нападок. Современные каламисты, в том числе Шибли Ну'мани, к этим двух задачам добавили обоснование истинности учения калама, расширение и развитие религиозного познания, разработку методологии исследования, в частности, использование опытных, эмпирических, аналитических и рациональных методов [4, с.164-165].

Главное в обновлении калама заключается в том, что расширилась сфера вопросов, рассматриваемых в каламе, в связи с появлением новых теорий в науке и социальной жизни, которые отличают проблемы нового калама от традиционного. Другим важным вопросом является новая методология, используемая в новом каламе. Это связано с новой методологией в науке и не только методы, но и язык калама претерпел определенные изменения. Язык каламистов, их концептуальное отношение к проблемам, рассматриваемым в каламе, во многом изменились [1, с.2].

Как видно, калам Шибли Ну'мани рассматривает науку как форму знания, и в этом плане он считает необходимым проводить изменения в соответствии с изменениями современной науки [7, с.6]. Эти вопросы, поставленные перед каламом со стороны Шибли Ну'мани в нынешних условиях, переросли в основные вопросы предмета нового калама и его разных форм, с точки зрения его научной ценности. Ибо в широком плане калам связан с современным религиоведением и философией религии. По мнению современного исследователя калама Хумоюн Химмати, «предметом калама является религиозная вера, общая и религиозная культура, религиозные теории и взгляды, которые нуждаются в объяснении, комментарии и защите» [4, с.179]. В связи с этим Шибли отмечает необходимость функциональной дефиниции калама и его проблем, рассматривает его в качестве новой науки, только исходя из того, что в калам включены ряд новых проблем, которые в традиционном каламе не встречаются.

Обновление калама охватывает не только его содержание и включение в него новых проблем, но и основы методологии, язык понятий и категорий этой науки, то есть изменения во всех его аспектах, которые могли бы превратить традиционный калам в новый. Содержательное обновление калама рассматривается в количественном измерении, а его методологическое обновление имеет в виду его качественные изменения. Шибли Ну'мани и другие современные мусульманские теологи-реформаторы основные задачи калама (познание, комментарий, обоснование и защита религиозной веры) тесно связывают с положением, инструментариями, методами, которыми пользуются современные науки [2, с.52]. Содержание нового калама охватывает две группы проблем: а) проблемы, которые рассматривались в традиционном каламе; б) почти все современные проблемы социальной жизни и науки, которые не обсуждались в традиционном каламе [2, с.54-55].

Шибли Ну'мани в своей работе «Новый калам» подробно останавливается на том, что ислам и современная цивилизация, общественный и культурный прогресс не имеют противоречий. Он считает, что основу человеческого развития составляет идея о том, что человек является венцом природы и он может подчинить себе её и всё, что существует в мире для него. Это идея заложена в Коране, следовательно, ислам дает импульс для развития [7, с.190-191]. Второй основой человеческого прогресса является идея о том, что всякий прогресс или спад, развитие или кризис зависят от стремления людей, от их творческой деятельности. Эта идея также заложена в Коране.

По мнению Шибли, западные философы считают, что история равноправия и свободы насчитывает 50 лет, но эта идея встречается в Коране значительно раньше. Ислам ещё 12 веков тому назад признавал принцип свободы и равноправия [7, с.199].

Таким же образом, Шибли говорит о наличии демократии, плюрализма, религиозной терпимости в исламе. Он эти вопросы рассматривает как вопросы нового калама, которые не были предметом обсуждения традиционного калама. Наряду с этим Шибли считает, что новый калам не может обходить новые открытия науки, не учитывать новые условия современного мира.

Шибли Ну'мани считает, что калам должен заниматься законами общественного развития, обосновать свои позиции, исходя как из религиозных источников, так и открытий современной науки. Новый калам подразумевает совершенно новый подход, новую методику исследования, происходит обновление калама в целом, то есть обновление касается источников: темы, концепции, методики, языка и т.д.

Шибли Ну'мани под обновлением калама имел в виду обновление тематики и повышение теоретического уровня калама, с использованием новых методов, в частности опытных. Он по этому поводу пишет: «Так как по-новому происходит обоснование, анализ проблем проводится особым путем, новым способом, мы его называем новым («новым каламом»). Он отличает истинную религию от ложной» [7, с.1]. По его мнению, истинная религия основывается на принципах, которые соответствуют человеческой

природе, его чаяниям и разуму. В таком случае, она не противоречит современным достижениям науки и социальному развитию [7, с.21].

Шибли отличал истинный ислам от его извращенного варианта, связанного с экстремизмом и фанатизмом массы верующих и его идеологов. Он отличал массовое религиозное сознание от истинного учения ислама. Разумеется, он при этом реформировал и по-новому истолковал многие положения исламской религии; по-новому относился к учению ислама, его культу и обрядам.

По его мнению, сущность воздаяния и наказания в загробной жизни заключается в том, что человек обязан соблюдать закон, соблюдение которого дает возможность человечеству развиваться, обеспечивает человеку права на соблюдение культа, моления, любить родину, работу, жить полной жизнью [7, с.20]. Эти идеи Шибли Ну'мани не только целиком и полностью нашли свое воплощение в современном каламе, но получили своё дальнейшее развитие и обоснование.

Новое время не только поставило вопрос об обновлении содержания и методологии калама, оно также определило его отношение к философии и науке в целом. По мнению Шибли, все изменения в миропонимании и мышлении должны стать предметом исследования и анализа калама [7, с.22].

Однако Шибли Ну'мани выступает против ограничения науки и религии, задачи и содержания науки и религии. Он, как рационалист, выступает за тождество и согласие выводов науки и религии. В этом плане он сторонник мусульманских философов, таких как Ибн Сина и других перипатетиков [7, с.74].

В средние века задачи калама были отличными от философии религии, выступали как метафизическое учение или как первая философия Ибн Сины. Калам был частью религиозных наук и остается таким же до сих пор. Не отрицая религиозный характер калама, Шибли расширил его философскими проблемами и навел мосты между философией религии и каламом. Шибли здесь акцентировал внимание на том, что калам является рациональной наукой, такой же как и философия. В качестве инструмента обоснования он использует рациональные формы познания и, прежде всего, отпирается на истинные суждения. «Как известно, связь калама и философии, о которой говорил Шибли, сегодня стала реальной. Многие исследователи религии используют «калами джадид» как философию религии». По мнению иранского исследователя Хасана Юсуфияна, «калами джадид» (новый калам) –это то, что на Западе называют «философия религии» [8, с.17]. Здесь уместно говорить о том, что Шибли не отказался от традиционных вопросов калама, а использовал данные современной науки и философии в обосновании традиционных проблем калама.

С учетом того, что эмпирическая наука достигла во второй половине XIX века самого высокого уровня развития, невозможно в свете этой науки лишь ограничиваться лишь сухим средневековым рационализмом. Истина достигается не только рациональным путем, но и опытными средствами. Цель науки и религии одна и та же – постижение истины. Истинные заключения возможны не только посредством аристотелевской силлогистики, но необходимо использовать индуктивные методы обоснования истины. Достижение истины в каламе и исламской философии осуществлялось через все формы познавательных процессов. Познание, наука – абсолютные аксиомы. Именно поэтому Садриддин Ширази сказал, что наука содержит истины, сущность которых совпадает с их существованием и нет более ясного определения, чем само понятие «наука» [5, с.118].

Шибли Ну'мани истину определяет двумя способами:

1. безусловная вера;

2. тождественное совпадение с реальностью.

Исходя из такого понимания, определяет связь религиозных аргументаций с философией [6, с.34]. Однако он этим не отвергает истину и её абсолютность, приведенную в Коране. Он считает, что идеи Корана не нуждаются в дополнительных доводах, они вечны и абсолютны. В обосновании нуждается наше понимание текста

Корана, наше мнение о тех или иных постулатах религии. Тем самым Шибли ограждает себя от обвинения в ереси и неверии.

Таким образом, анализ учения Шибли Ну'мани показывает, что он явно выступал за реформу ислама в свете последних достижений науки и философии. Он был сторонником концепции сосуществования религии и философии, науки и откровения, отказа от их противопоставления. При чем мыслитель категорически выступал против религиозной модификации науки, извращения достижения науки или изменения позиции науки с целью соответствия науки религиозному учению, а наоборот, выступал за модернизацию ислама в соответствии с достижениями современной ему науки.

Все это говорит о том, что период жизни Шибли был периодом, когда возникла задача реформировать ислам, приблизить его к нуждам эпохи, когда «мыслящий рассудок стал единственным мерилом всего существующего» [3, с.16], ограничивался модернизированным исламом и был доступен только определенной части просвещенной интеллигенции.

**Рецензент: Ахмедов С.А. – д.ф.н., профессор ТНУ**

**ЛИТЕРАТУРА**


1. Каломи ҷадид. Мабонӣ ва омӯзаҳо (Новый калам. Основы и учения). -Теҳрон: Асотир, 1387. -399 с.
2. Мухаммад Ризо Асадӣ. Пайванди илми калом ба суннат ва таҷаддуд (Связь науки калама с традицией и новшеством) // Каломи ҷадид. Мабонӣ ва омӯзаҳо. –Теҳрон, 1387. -С. 140-165.
3. Маркс К., Энгельс Ф. Соч., -Т. 20.
4. Ҳумоюн Ҳимматӣ. Муқаддима ба илоҳиёти ҷадид (Введение в новый калам). – Теҳрон, 1380.-204 с.
5. Ҳусейнзода М. Фалсафаи дин (философия религии). -Теҳрон, 1380. -490с.
6. Шиблии Нуъмонӣ. Таснифи калом (Классификация калама). -Теҳрон, 1387. -176 с.
7. Шиблии Нуъмонӣ. Илми каломи ҷадид (Новая наука калам). -Теҳрон, 1387. -235 с.
8. Юсуфиён Ҳасан. Каломи ҷадид (Новый калам). -Тегеран, 1391.-462с.
9. Anis Ahmad, Two Approaches to Islamic History, A Critique of Shibli Nu'mani's and Syed Ameer'Ali's Interpretations of History. Philadelphia: Temple University, Ph.D Thesis, 1980. -218 с.
10. Fadl al-Rahman, *Islam.* Chicago: University of Chicago Press, 1979, -278с.
11. H.A. Mukti Ali, Alam Pemikiran Islam Modern di India dan Pakistan. Jogjakarta: Mizan, 1993. 1st Ed. -278 с.


**МАСЪАЛАИ ТАНОСУБИ ДИН ВА ФАЛСАФА ДАР АСАРҲОИ ШИБЛИ НУЪМОНӢ**


Дар мақола саҳми Шиблии Нуъмонӣ дар навсозии калом ва ислоҳоти афкори исломӣ, андешаҳои мутафаккир дар бораи пайванди ногусастании дин ва илм, иртиботи имону дониш, дину фалсафа, ҷойгоҳи илму ақл, ваҳй ва нубувват дар консепсияи ирфонии мутафаккир баррасӣ шудааст. Муаллиф дар натиҷаи таҳлили ин ҷанбаҳои низоми динию фалсафии Шиблии Нуъмонӣ мегӯяд, ки ақидаҳои динӣ ва фалсафии мутафаккир зери таъсири қавии таълимоти Ғазолӣ ва Ҷалолиддини Румӣ ташаккул ёфтаанд. Анъанаҳои ратсионалистии машшоияи шарқӣ, бахусус ғояҳои Форобӣ, Ибни Сино ва Ибни Мискавайҳ низ ба ташаккули ақидаҳои ӯ таъсир расонидаанд. Вай ба таври возеҳ аз ислоҳоти ислом дар партави пешрафтҳои ахири илм ва фалсафа ҳимоят мекард, ҷонибдори консепсияи ҳамзистии дину фалсафа, илму ваҳй, рад кардани мухолифати онҳо буд. Гузашта аз ин, мутафаккир ба тағйири динии илм, таҳрифи дастовардҳои илм ё тағйир додани мавқеи илм барои мувофиқат кардани илм бо таълимоти динӣ қатъиян мухолифат мекард, баръакс, ҷонибдори навсозии ислом дар такя бо дастовардҳои илми муосир буд. Ба ин васила ба Шиблии Нуъмонӣ муяссар гардид, ки низомҳои тафаккури анъанавӣ ва муосирро созгор созад ва инчунин равиши теологиро бо суннати тасаввуф синтез намояд.



**Калидвожаҳо**: фалсафа, калом, анъанагароӣ, навгароӣ, ислоҳотгаро, ақлоният, дин, илм, ваҳй, ақл, нубувват.


**ПРОБЛЕМЫ СООТНОШЕНИЯ РЕЛИГИИ И ФИЛОСОФИИ В ТВОРЧЕСТВЕ ШИБЛИ НУМАНИ**


В статье анализируется и характеризуется вклад Шибли Ну'мани в модернизациюкалама и реформирование исламской мысли, идеи мыслителя о неразрывной связи религии и науки, соотношении веры и знания, религии и философии, рассматривается место науки и разума, откровения и пророчества в гносеологической концепции мыслителя. В результате анализа указанных аспектов религиозно-философской системы Шибли Ну'мани автор констатирует, что религиозно-философские воззрения мыслителя формировались под сильным влиянием учения ал-Газали и Джалаладдина Руми. Значительное влияние также на формирование его воззрений оказал рационалистические традиции восточного перипатетизма, особенно идеи Фараби, Ибн Сины и Ибн Мискавейха. Он явно выступал за реформу ислама в свете последних достижений науки и философии. Он был сторонником концепции сосуществования религии и философии, науки и откровения, отказа от их противопоставления. При чем мыслитель

категорически выступал против религиозной модификации науки, извращения достижений науки или изменения позиции науки с целью соответствия науки религиозному учению, а наоборот, выступал за модернизацию ислама в соответствии с достижениями современной ему науки. Таким способом Шибли Ну'мани удалось согласовать традиционную и современную системы мышления, а также синтезировать теологический подход с суфийской традицией.

**Ключевые слова:** философия, калам, традиционализм, рациональность, реформатор, модернизм, религия, наука, откровение, разум, пророчество.

**PROBLEMS OF CORRELATION OF RELIGION AND PHILOSOPHY IN THE WORKS OF SHIBLI NU'MANI**

The article analyzes and characterizes the contribution of Shibli Nu'mani to the modernization of kalam and the reform of Islamic thought, the thinker's ideas about the inseparable connection between religion and science, the relationship between faith and knowledge, religion and philosophy, the place of science and reason, revelation and prophecy in the thinker's epistemological concept is considered. As a result of the analysis of these aspects of the religious and philosophical system of Shibli Nu'mani, the author states that the religious and philosophical views of the thinker were formed under the strong influence of the teachings of al-Ghazali and Jalaladdin Rumi, the rationalistic traditions of Eastern peripatetism, especially the ideas of Farabi, also had a significant influence on the formation of his views, Ibn Sina and Ibn Miskawayha. He clearly advocated the reform of Islam in the light of recent advances in science and philosophy. He was a supporter of the concept of the coexistence of religion and philosophy, science and revelation, the rejection of their opposition. Moreover, the thinker categorically opposed the religious modification of science, perverting the achievements of science or changing the position of science in order to match science with religious teaching, but, on the contrary, advocated the modernization of Islam in accordance with the achievements of contemporary science. In this way, Shibli Nu'mani managed to harmonize the traditional and modern systems of thought, as well as synthesize the theological approach with the Sufi tradition.

**Key words:** philosophy, kalam, traditionalism, rationality, reformer, m odernism, religion, science, revelation, reason, prophecy.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Каримов Раҳим*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои фалсафа. **Суроға:**734052, ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **985176666**

**Сведения об авторе:** ***Каримов Рахим*** - Таджикский национальный университет, кандидат философских наук. **Адрес:**734052, г. Душанбе, Республика Таджикистан, пр. Рудаки, 17. Телефон: **985176666**

**Information about the author:** ***Karimov Rahim*** - Tajik National University, Candidate of Philosophical Sciences. **Address:** 734052, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Ave, 17. Phone:: **985176666**

ТДУ: 297

# ЧАНД СУХАН ОИД БА ҲАСТӢ ВА МОҲИЯТ

*Каримов А.А.*
**Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон**

Моҳият барои ифодаи маънои ҳақиқати чизе истифода мешавад. Дар фарҳанг омадааст, ки моҳият ин як масдари сохтаест, ки аҳли мантиқ ва хирад кашф кардаанд. Маънои луғавии вожаи «моҳият» (аз заб.арабӣ) ба таркиби «мо» (чӣ)», ҳия» (вай), «та» як масдар аст. Баъзе мегӯянд, ки моҳият аз «мо ҳия» гирифта шуда, таркиби «мо»(чӣ) пурсиш, «ҳия» (вай) нисбӣ ва «та» масдар аст ва пас аз «алиф» феъли зиёдатӣ ба «ҳай» табдил шудааст ва гоҳе ба ҷойи моҳият «май» ё «майит» (Фарҳанги форсӣ) гуфта мешавад. Моҳияти ашё «чӣ»-и он аст ва таҳқиқ аз моҳияти ашё аст. Моҳият маънои ҳақиқати объект ё ҷавоб ба саволи “он объект чист?»-ро дорад.

Дар фалсафа ҷонибдорони назарияи асолати ҳастӣ моҳиятро ҳадди ҳастӣ ва як масъалаи зарурӣ медонанд. Яъне, он чизе, ки ҳақиқати ашёро ташкил медиҳад. Моҳиятро дар ин маънӣ низ метавон ба ҳастӣ нисбат дод, вале моҳият дар маънои аввал мухолифи ҳастӣ аст, ки дар зер шарҳ дода мешавад.

Дар фалсафаи Юнони Қадим «моҳият» -ро ҳамчун «оғоз»-и дарки ашё ва дар айни замон сарчашмаи пайдоиши воқеии онҳо ва намуди зоҳирии онҳо - ҳамчун образи намоён, шакли тағйирёбандаи ашё ё чизе, ки танҳо «мувофиқи ақида» вуҷуд дорад, идрок мекарданд. Арасту дар боби аввали китоби «Метафизика» андешаҳои олимону файласуфони замони хешро оид ба нахустмабдаъ, ҳастӣ ва ғ. иқтибос оварда, дар боби дуюм чунин хулосаҳо мебарорад: «Бархе бар ин иддао мекунанд, ки ғояҳо ва ададҳо як моҳият доранд ва ҳама чизи дигар – хатҳо ва ҳамворҳо, то моҳияти олам ва то чизҳои бо ҳиссиёт даркшаванда ба онҳо мепайвандад... оё мавҷудоти ғайри эҳсосшаванда вуҷуд дорад ё на. Ва чӣ гуна ин моҳиятҳо вуҷуд доранд ва моҳияте ҳаст, ки ба ғайри эҳсосшаванда буда, мустақилона вуҷуд дошта бошад ва он чаро ва дар кадом намуд аст, ё худ ингуна моҳият мавҷуд нест?» [2,с.115].

Ба ақидаи Демокрит, моҳияти ашё аз худи ашё чудонашаванда аст ва аз атомҳое, ки аз он иборат аст, бармеояд. Аз рӯйи андешаи Афлотун моҳият (ғоя) ба ҳастии ҷисмӣ-ҳисссӣ мансуб набуда, дорои хусусияти ғайримоддӣ, абадӣ ва беохир мебошад. Ба андешаи Афлотун, моҳият («шакли ашё») ба ҷуз аз чизҳои алоҳида, алоҳида вуҷуд надорад. Ӯ ғоя ва ашёи математикиро ду навъи моҳият мефаҳмид [2,с.114].

Арасту аз рӯйи моҳият принсипи абадии мавҷудияти ашёро мефаҳмад. Моҳият дар мафҳум дарк карда мешавад. Ҳарчанд ҳастӣ дар шаклҳои гуногун зоҳир мешавад, вале азбаски ҳамаи ин шаклҳои ҳастӣ дар иртибот бо як маънои аслии он қарор доранд, аз ин рӯ, ҳар мавҷудият мавриди баррасии ҳамон илм аст ва ин илм, пеш аз ҳама ва аслан, ба моҳият нигаронида шудааст, ки он чизест асосан вуҷуддошта. Чуноне Арасту гуфта буд: «Аз нуқтаи назари мантиқӣ, моҳияти ҳастӣ барои ҳар як чиз дар он аст, ки ин ашё, бо хусусияти худ, хешро муаррифгар аст. Ҳастӣ барои ту на дар он чизест, ки барои шахси босавод (дар санъат) аст, зеро ту худ аз худ (на аз рӯйи фитрати худ) босавод (дар санъат) нестӣ. Пас, асли ҳастӣ барои ту он чизест, ки ту худ аз худ он ҳастӣ..» [2,с.116].

Ҳамин соҳаи илм масъалаҳои асосии умумии вобаста ба навъҳои ашёро дар бар мегирад. Дар баробари ин, дар байни кул ва ҷузъ робитаи зарурӣ вуҷуд дорад, ки намудҳои яке дар айни замон навъи дигаре мебошанд ва ҳамаи онҳо мавзуи фалсафаро ташкил медиҳанд. Аз он вақт таърифҳои зиддиятро ҳамон донишҳо фаро гирифтаанд ва ҷузъ ба кулл мухолиф аст, аз ин рӯ, он чизе, ки ба ҷузъ ва кулл нисбат медиҳанд ё хосиятҳои онҳоро дар бар мегирад мавзуи таҳқиқи файласуфро ташкил медиҳад ва нуқтаи ибтидоӣ барои ӯ дарки моҳият аст [2,с.58].

Ба андешаи Арасту «моҳияти ҳастӣ дар ҳар чизе, ки як навъ ҷинс набошад, пайдо намешавад, инчунин дар ин гуна намудҳо, на аз рӯйи иштироки (дар онҳо) муштарак, сухан меравад ва на барои он ҳолате, ки (дар онҳо) нишон дода шуд, чун он нест» [2,с.117].

Арасту, ки категорияи моҳиятро ҳаматарафа таҳқиқ мекард, ҳанӯз байни моҳият ва вуҷуд ин гуна тафовути муайяне нагузоштааст, гарчанде ки баъзе равишҳо ба он нишон дода шуда буданд. Тафовути равшани ин мафҳумҳоро файласуфи румӣ Боэтиус (Боэсий (тақрибан 480-524) муайян менамояд. Дар таърифи Боэтсий, моҳияти ашё ва муайянии он дар мафҳуми идрокшаванда ифода меёбад. Мо дар бораи мавҷудияти чизе аз таҷриба меомӯзем. Ба ақидаи Боэтсий, ҳастӣ ва моҳият танҳо дар Худо, ки субстансияи сода аст, ба ҳам мувофиқат мекунанд; дар чизҳои офаридашуда ҳастӣ ва моҳият мувофиқат намекунанд. Барои он ки бархе аз моҳият мавҷудияти муайяне дошта бошад, он бояд офарида шавад, ки бо иродаи илоҳӣ анҷом дода мешавад [14].

Ба ақидаи Боэтсий вуҷуд (вуҷудият) ва моҳият аз ҳам фарқ доранд; танҳо дар Худое, ки ҷавҳари одӣ аст, ҳастӣ ва моҳият мувофиқат мекунанд. Дар мавриди чизҳои махлуқ бошад, онҳо сода нестанд, балки мураккабанд ва ин пеш аз ҳама дар он ифода меёбад, ки ҳастӣ ва моҳияти онҳо яксон нестанд. Барои ба вуҷуд омадани ин ё он мавҷуд бояд ба ҳастӣ ҷалб шавад, ё содатар гӯем, бо хости илоҳӣ офарида шавад. "Ба андешаи Боэтиус, -мегӯяд файласуфи тоҷик М,Исмоилов,- ҳастӣ (мавҷудиёт) ва моҳият айни як чиз нестанд, онҳо танҳо дар Худо бо ҳам мувофиқ меоянд, як мешаванд. Ҳастӣ ва моҳияти чизҳову ашёҳои офаридашуда бошанд, бо ҳам айниятдор нестанд. Барои он ки ин ё он моҳият мавҷудият пайдо кунад, вай бояд аввало аз тарафи Худо офарида шуданаш лозим аст» [6,с.10]. Ин нуқтаи назар дар андешаҳои креатсионии намояндагони равияҳои машшоия (Ибни Сино) ва тасаввуф (Мустамлии Бухорӣ)-и асрҳои миёна низ мушоҳида мешавад.

Дар схоластикаи асримиёнагӣ байни моҳият (essentia) ва мавҷудият (existentia) фарқият гузошта мешуд, яъне ҳар чизе манбаи мавҷуди моҳият ва ҳастӣ аст. Моҳият чи будани худи ашёро тавсиф мекунад. Ибни Сино дар масъалаи моҳият ҳамандешаи Арасту аст: «Ҷавҳар он аст, ки варо моҳияте ҳаст, чун ҷисмӣ ва нафсӣ ва инсонӣ ва фарасӣ. Ҳоли моҳиятро чигунагии мавзуъ зарур аст ва он чиро моҳият ғайри чигунагӣ нест, ҷавҳар нест» [1,с.254].

Ба андешаи Сино "вуҷуд мафҳуми куллитаринест, ки ба ҷинсу навъ дарнамеояд. Ӯ муайяну тасвир карда намешавад ва бидуни исм шарҳ намеёбад» [10,с.13]. Ӯ ҳастиро ба Воҷиб-ул-вуҷуд (Худо, ҳастии воҷиб) ва имкон-ул-вуҷуд (ҳодисаҳои аз Воҷиб содиршаванда, ҳастии имкон) тақсим менамояд.

Намояндаи ҷараёни реализм Фомаи Аквинӣ(1225-1274) ба хулосае меояд, ки моҳият он чизи дар таъриф ифодашаванда, ки пояҳои зотиро дар бар мегирад [9,с.140] Моҳияти ашё аз шакли умумӣ ва материя мувофиқи асосҳои зотӣ иборат аст. Дар баробари ин, тафовути Арастуии шаклу материя барои ӯ мазмуни дигар пайдо мекунад, зеро моҳият ба воситаи ипостаса♦ ва ба воситаи шахс муайян мешавад, яъне бо мазмуни теологӣ-креатсионӣ (оламу одамро Худо офаридааст) пурра дарк мешавад. "Яке аз тарафдорон ва намояндагони барҷастаи номинализм Сигери Брабантӣ (1240-1284) ба хулосае омадааст, ки моҳият ва ҳастӣ айният доранд. Ӯ муқобили таълимоти Фомаи Аквинӣ буд ва назарияи дуалистии моҳият ва ҳастиро инкор менамояд. Ҳастии ҳама чизҳо, мувофиқи ақидаи Сигер, манбаи моҳияти онҳост, ҳастӣ ва чизҳо ду принсипи ҷудогона нестанд» [6,с.10]

Ба андешаи файласуфи материалисти англис Т.Гоббс (1588-1679) моҳият бо зуҳуротҳое алоқаманд аст, ки онҳо ба ҷисми мушаххас алоқаманданд [4,с.148]. Ба

♦ Апостас- калимаи юнонии "hypo-stasis" дар асл маънои "зер истодан" аст ва дар лотинӣ ҳамчун "модда" тарҷума шудааст. Истилоҳ дар таълимоти фалсафии Плотин васеъ истифода мешуд, гарчанде ки ба маънои дигар, моҳияти муайян (ё қисми он)-ро дар назар дошт, на шахс.

ақидаи материалисти голландӣ Б.Спиноза (1632-1677) моҳият «он чизе, ки бидуни он ашё ва баръакс, бе ашё вуҷуд надорад ва тасвир шуда наметавонад» [11]. Файласуфи англис Ҷ.Локк (1632-1704) дар китоби "Таҷрибаи дарки инсонӣ»моҳиятро сохтори воқеии ашё, сохтори дохилиеро, ки хосиятҳои маърифатӣ ба он вобастаанд, номида, байни моҳияти номиналӣ• ва воқеӣ тафриқа гузошт. Ба андешаи ӯ «мо зери мафҳуми моҳият набояд он чизеро дар назар гирем, ки ғайривоқеӣ ва ғайрисохторӣ бошад». Файласуфи олмонӣ Лейбнитс (1646-1716) мухолифи ақидаҳои Ҷ.Локк буд ва моҳиятро «имкони ифода шудани он чизе, ки дар таъриф гузошта шудааст», меномад [7]. Барои файласуфи олмонӣ Х. Вольф (1679-1754) моҳият он чизест, ки абадӣ, зарурӣ ва тағйирнопазир аст ва асоси ашёро ташкил медиҳад.

Дар фалсафаи замони нав зиддияти байни моҳият ва зуҳурот характери гносеологӣ касб карда, дар мафҳуми консепсияҳои ибтидоӣ ва дуюмдараҷа ифодаи худро меёбад. Асосгузори фалсафаи олмонӣ И.Кант (1724-1804) обективияти моҳиятро эътироф намуда, чунин мешуморид, ки моҳият сифат ё хусусиятҳои устувори зарурии ашёро тавсиф мекунад; зуҳурот, ба ақидаи И.Кант, тасаввуроти субъективиест, ки аз моҳият ба вуҷуд омадааст. Ӯ ҳастиро ба олами табиат ва олами инсон ҷудо кардааст. И.Кант мавҷудияти обективии чизҳоро гарчанде эътироф кунад ҳам, бо вуҷуди он , ӯ ин чизҳоро "чизҳои ба худ», яъне моҳиятан донисташаванда мепиндошт» [6,с.15]. Ба андешаи файласуфи олмонӣ Г.Гегел (1770-1831) "мафҳум ҳақиқати ҳастӣ ва моҳият аст», [4,с.261] вай "на фақат аз азал маълум нест (дар куҷо вуҷуд дорад), балки руҳи ҳақиқии ҳаётбахши тамоми олами мавҷуда ҳам мебошад». [8,с.421]. Ӯ зиддияти байни моҳият ва зуҳуротро бартараф намуда, исбот мекард, ки моҳият зуҳур мекунад ва зоҳир зуҳури моҳият буда, онҳоро ҳамчун таърифҳои рефлексивӣ, ҳамчун мафҳуми хотимавӣ, ҳамчун мафҳуми мутлақ дар ҳастӣ ифодашаванда мешуморад.

Неопозитивизм обективияти моҳиятро рад карда, танҳо зуҳуротҳои воқеӣ, «маълумоти ҳиссиётӣ»-ро эътироф мекунад; феноменология зуҳуротро ҳастии худифшо ва моҳиятро сирф идеалӣ медонад; дар экзистенсиализм категорияи моҳиятро мафҳуми мавҷудият иваз мекунад. Дар фалсафаи марксистӣ моҳият ва зуҳурот хусусиятҳои объективии универсалии олами объективӣ мебошанд; дар раванди шинохти онҳо ҳамчун марҳилаҳои дарки объект амал мекунанд. Онҳо ба ҳам зич алоқаманданд: зуҳурот шакли зуҳури моҳият аст, интиҳои он дар зуҳуротҳо зуҳур меёбад. Аммо ягонагии онҳо (зуҳурот ва моҳият) маънои айнияти онҳоро надорад: ...агар шакли зуҳурот ва моҳияти чизҳо, бевосита ба ҳам мувофиқ мебуд, он гоҳ тамоми илм зиёдатӣ мекард..» [9].

Чунон ки маълум мешавад, дар фалсафа ҳанӯз ҳам моҳият равшан муайян карда нашудааст. Дар замони мо файласуфон моҳиятро дар ду фаҳмиш муайян мекунанд:

1) моҳият ин асл, ғоя, маъно, фаҳмиш ва ғайраи чизе, раванде ё зуҳуроте.

2) Моҳияти арастуӣ як чизи олами воқеӣ аст. Ба шарофати ҳаракат, олами воқеӣ аз ғоя дар фазо пайдо мешавад (олами воқеӣ ғояи олами дар кайҳон амалишуда мебошад).

Ҷалолиддини Румӣ ҳамчун мутафаккири озодандеш ғояи абадии ваҳдат, дӯстӣ ва ҳамраъйии мардумро як постулати ҳаётӣ ва маънии зиндагии худ гирифтааст [20]. Ба эътиқоди Ҷалолиддини Румӣ, маънӣ ва мазмуни ҳастӣ инсонест, ки бояд ҳам бо ҷаҳони ботинии худ ва ҳам бо ҷаҳони иҷтимоӣ созгор зиндагӣ кунад. Тамоми эҷодиёти ӯ бо ҳамин ақида фаро гирифта шудааст — инсон тоҷи ҳар чиз, моҳият ва маънои мавҷудияти ҷаҳон аст. Инсон ҳамчун ҳокими ақл бояд худро ба шинохти моҳияти худ бахшад. Ва новобаста аз он ки инсон чӣ гуна аст, мусулмон аст ё не, ҳама дар ҷустуҷӯйи роҳи Ҳақ ҳастанд. Ва роҳҳо зиёданд, аммо Ҳақиқат як аст. Муҳимтарин чиз дар дарки моҳияти таҳаммулпазирӣ дар таълимоти Румӣ ин аст. Умумият барои ҳама мардум роҳи шинохти Ҳақ аст, аз ин рӯ, ҳар кас бояд ба зоти худ таҳаммулпазир бошад, зеро ӯ ҳам ақли ҷӯёи Ҳақ аст. Мутафаккир сатру масалҳои зиёде дорад, ки ҳар кас дар ҷустуҷӯйи як чиз аст, вале бо роҳҳои гуногун. Агар одамон якдигарро нафаҳманд, ин боиси низоъ мегардад. Ӯ дар масалҳои машҳури худ дар «Маснавӣ», бахусус «Баҳси фил», «Мусо ва чӯпон» ва «Боязид ва марди солеҳ» масъалаи ваҳдати инсониро ошкоро ба миён мегузорад. Румӣ қайд мекунад, ки одамон баъзан дар бораи як чиз бо забонҳои гуногун, бидуни дарки он вориди низоъҳои нолозим мешаванд. Ба андешаи ӯ, динҳо набояд мардумро аз ҳам ҷудо кунанд, балки баръакс онҳоро муттаҳид созанд.

*Мо барои васл кардан омадем,*
*На барои фасл кардан омадем [5, с.34].*

Ҳамин тариқ, дар таълимоти Ҷалолиддини Румӣ таҳаммулпазирӣ ҳамчун категорияи ахлоқӣ дар ҷанбаи иҷтимоӣ фаҳмида мешавад. Ҳарчанд тасаввуф ғояи зӯроварӣ надоштанро тарғиб мекунад, аммо ин маънои таслими ғайрифаъол ба эътиқод ва дидгоҳи дигарон, қабули ақидаи дигаронро надорад. Таҳаммулпазирӣ дар афкори иҷтимоии Ҷалолиддини Румӣ ҳамчун як категорияи ахлоқӣ, ҳамкориҳои

мусбати байни одамони мазҳаб ва фарҳангҳои гуногун, ки ҳуқуқи ҳамдигарро эҳтиром ва эътироф мекунанд, қабул карда мешавад.

Таҳаммулпазирӣ дар фаҳмиши Ҷалолиддини Румӣ ду маънии муҳим дорад: якум, тарбияи масъулият дар инсон ва дувум, ҳамбастагӣ дар шинохти Ҳақ. Таҳаммулпазириро Румӣ як меъёри мувофиқат дар ҷаҳони гуногунрангӣ ва шарти қабули дигаронро ҳамчунон ки ҳаст, медонист. Таҳаммулпазирӣ аз категорияи ғайрифаъол дур аст, он на танҳо эҳтиром ба арзишҳои дигарон, балки мавқеест, ки тавассути муколама бо намояндагони фарҳангҳо, ақидаҳо ва самтҳои дигар васеъ кардани доираи арзишҳои шахсиро дар бар мегирад. Одам аз эътиқоди худ даст накашад, дар айни замон ба ақидаҳои дигарон ҳамдардӣ мекунад. Ба ақидаи Румӣ, дар ҷомеае, ки бо иртиботи мухталифи иҷтимоӣ, равобит ва равобити мухталиф хос аст, таҳаммулро пуртоқатӣ мефаҳманд.

Дар таълимоти Ҷалолиддини Румӣ таҳаммулпазирӣ ба василаи инсонпарварӣ баррасӣ мешавад, ки ҷанбаҳои иҷтимоӣ ва фарҳангӣ дорад. Тавре дар боло қайд кардем, муносибати худ ва дигарон дар доираи таълимоти «ваҳдатулвуҷуд» ҳам дар мавқеъҳои инсондӯстона ва ҳам дар таълимоти Румӣ баррасӣ мешавад. Таносуби инсонпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ асосан бо мафҳумҳои «сабр» ва «ишқ» алоқаманд аст. Инсон ҳамчун шахсияти худтакмилдиҳанда ба шарофати инсондустии худ мусулмони ҳақиқӣ ё инсони комил мегардад. Ҳатто дар тасаввуф, бо вуҷуди он ки асоси он ислом аст, инсон баъзан ба тақдир мутеъ намешавад.

Дар адабиёти тасаввуфӣ аксаран андешаҳои инсондустона бидуни ташбеҳ ва тарсу ҳарос баён шудаанд. Дар консепсияи ахлоқии тасаввуф ва Румӣ инсонпарварӣ дар шакли муносибати одилонаи одамон нисбат ба ҳамдигар муаррифӣ шудааст. Инсон дар масъалаи интихоб ва иродаи инсон бештар аз доираи сарнавишти худ, таслиму тоати одӣ, дуову дархост ба Худо берун меравад. Агар шумо хоҳед, ки фурӯтан бошед, фурӯтаниро бояд ба меҳнатдӯстӣ равона кунед. Ҷалолиддини Румӣ аксар вақт хоксории динӣ, тарзи ҳаёти паразитии баъзе шайххоро танқид мекард. Хоксорӣ дар таълимоти Ҷалолиддини Румӣ хусусияти таҳаммулпазирона дорад. Ӯ чунин мешуморид, ки одам бояд барои аз худ кардани ҳунар кӯшиш кунад, меҳнатро эҳтиром кунад, меҳнатдӯст бошад. Агар одам имкони интихоб дошта бошад, бояд меҳнат ва маърифатро интихоб кунад. Хоксорӣ ва меҳнатдӯстии ӯро танҳо дар меҳнат ва маърифат таъриф мекунанд.

*Гар таваккул мекунӣ дар кор кун,*

Касб кун, пас такя бар Ҷаббор кун [9, с.220].

Дар шинохт, дониш гирифтан, меҳнат, тарбия, амалияи ҳаррӯза маънии инсонӣ, моҳияти инсон зоҳир мегардад. Бо дарназардошти олами офаридаи Худо, инсон ба воситаи амалҳои муштарак, тавассути муносибат ба дигарон ба шахсият - Ман табдил меёбад. Дар баробари ин, ин муносибатро метавон ҳамчун зуҳуроти инсондӯстӣ, андозагирии инсондӯстӣ, балки имтиҳони инсондӯстӣ арзёбӣ кард.

Баланд бардоштани мақоми инсон, бахусус ғайрат, ахлоқ, даъват ба ҷорӣ намудани адолат ва некбинӣ дар муносибатҳои байни одамон дар ҷомеа, рад кардани зӯроварӣ, душманиии дину миллатҳо, исрор ба таҳаммул ва ёрии ҳамдигарӣ, раҳмдилӣ нисбат ба мазлумон — ин нуқтаҳои асосии афкори инсондӯстии Румӣ буда, дар навбати худ, аз ҳаётбахш будани ақидаҳои мутафаккири бузург, дар бораи аҳаммияти онҳо дар асри мо, дар бораи арзиши пояндаи мероси ӯ шаҳодат медиҳанд.

Ҷалолиддини Румӣ муътақид аст, ки инсон болотар аз ҳама низоъҳои мазҳабӣ ва қавмӣ аст. «Ба гуфтаи Румӣ, барои мусалмон шудани инсон 1000 сол лозим аст ва барои инсони комил шудан аз ин ҳам зиёдтар. Барои ӯ муҳимтар аз ифтихор аз мансубияти мазҳабӣ ва мақоми иҷтимоӣ як фард ва шаҳрванди ҷаҳон будан аст. Шоир аз хатари душманиии байни миллатҳо ва таҳаммулнопазирии мазҳабӣ ё худ ватандӯстии бархе аз афроде, ки гузаштаи таърихии худ ва ашрофияти решаи ниёгони худро васф мекунанд, огоҳ буд» [15, с.41].

Инсон субъекти таҳаммулпазир аст, вай ҳамчун падидаи иҷтимоӣ-фарҳангӣ вуҷуд дорад ва бояд на танҳо аз ташвишу майлу хоҳиш ва тарсу шакҳои ҳаррӯзаи

худ, балки аз ташвишҳои тамоми ҷомеа огоҳ бошад. Инсон роҳи камолотро бояд интихоб кунад. Инсони таҳаммулпазир ҳамчун як падидаи иҷтимоӣ-фарҳангӣ бояд дарк кунад, ки ӯро ҳамчун намуна қабул мекунанд, бояд кӯшиш кунад, ки барои ҳамзистӣ тамоми шароитро фароҳам оварад, ки дар он ҷо на таҷовуз ва на рақобати шадид ҷой надошта бошад. Инсони дорои ақл бояд фазои каси дигареро қадр кунад ва ҳамзамон аз мавқеи худ дар роҳи камолот огоҳ бошад. Ва дар ин роҳ вай бояд барои инкишофи гуфтушунид ва ҳамзистии осоишта маҳорат пайдо кунад. Вай бояд гуногунии фарҳангиро қадр кунад ва фарқиятҳои фарҳангӣ ва зуҳуроти онҳоро дар ҳаёт эътироф кунад. Ҳамин тавр, таҳаммулпазирӣ, ки яке аз шартҳои рушди муносибатҳои иҷтимоӣ мебошад, дар умум дар тасаввуф ва бахусус дар Ҷалолиддини Румӣ ҳамчун идеале пайдо мешавад, ки воқеиятро тавсиф мекунад.

Ҳамин тариқ, дар афкори ахлоқии Ҷалолиддини Румӣ тафсирҳои мухталифи мафҳуми «таҳаммул» метавон мушоҳида кард, аз қабили ҷилавгирӣ аз нафс, дифои оқилона, наҷот аз васвасаҳо, талош барои паймон, хайрхоҳӣ, парҳезгорӣ, худотарсӣ дар ҳисси наҷот ва тавба, огоҳӣ аз ранҷу азоб ва бартараф кардани он, муҳаббат, тарбия, чаҳорчӯбаи ботинии рафтори инсон, қобилияти хомӯш будан, ҷустуҷӯйи созиш, истифода аз таҷрибаи касе, ҳамзистии забонҳои гуногун ва фарҳангҳо ва ғ. Таҳаммулпазирӣ ҳамчун категорияе пайдо мешавад, ки мундариҷаи он бисёрқабата аст. Муҳимтарин чиз дар дарки таҳаммулпазирӣ таҳаммулпазирии динӣ ва инсондӯстӣ аст.

Таҳаммулпазирӣ дар таълимоти Ҷалолиддини Румӣ ҳамчун падидаи ахлоқӣ зоҳир шуда, хусусияти фаъолияти инсонро муайян мекунад. Таҳаммулпазириро ӯ ҳамчун мафҳуми ахлоқӣ медонад, зеро асоси таҳаммулпазирӣ донистани меъёрҳои ахлоқӣ ва арзишҳои умумибашарӣ мебошад.

Таҳаммулпазирӣ ҳамчун як фазилат ҳамеша ҳифзи шаъну шарафи инсонро дар назар дорад. Ҳудуди таҳаммулпазирӣ дар фалсафаи Ҷалолиддини Румӣ бояд аз фаҳмиши некӣ ва бадӣ, одоби масъулият баррасӣ шавад. Онҳо ҳамеша ба сари одам ҳамчун барандаи меъёрҳои иҷтимоию фарҳангӣ вобастагӣ доранд.

Таҳаммулпазирӣ фаъолияти ахлоқиро тавсиф мекунад. Ин фаъолият рафтори устувори ахлоқӣ ва такмили худшиносиро талаб мекунад. Таҳаммулпазирӣ ҳамчун як тарзи муайяни зиндагӣ ба назар гирифта мешавад, ки дар асоси он, ки шахс дар ҳамоҳангӣ бо худ ва ҷомеа зиндагӣ мекунад.

**АДАБИЁТ**


1. Бахауддин Валад. Утопленная книга. Размышления Бахауддина, отца Руми о небесном и земном. - М., 2009. -280 с.
2. Зиёев Х. М. Мавлавия ва таърихи таҳаввули он. Монография / Х.М.Зиёев. – Душанбе: Ирфон, 2004.- 216с.
3. Зиёев Х.М. Суфийский орден мавлавия и эволюция его теоретической и практической философии: XIII - начало XX вв.: дис. … д-ра филос. наук / Х.М. Зиёев. –Душанбе, 2006. -278 с.
4. Зиёев Х.М. Суфийский орден Мавлавия / Х.М. Зиёев. – Душанбе: Хумо, 2007. -276 с.
5. История таджикской философии. С древнейших времён до XV века», Том III. Душанбе, 2013. –556 с.
6. Мавлоно Ҷалолуддини Румӣ. Девони кабир. -Душанбе, 2009. – 587с.
7. Мавлоно Ҷалолуддини Румӣ. Мактубот. -Душанбе, 2017. – 380с.
8. Махмаджонова М.Т. Философия Джалолуддина Руми. -Душанбе, 2007.- 290с.
9. Мирзоев Г.Ч. Свободомыслие как рациональная тенденция в истории таджикской философской мысли / Г.Ч.Мирзоев //Материалы конференции «Чалолуддин Балхии Руми и способ государственности». 30 сентября 2015 года, г.Душанбе. -Душанбе, 2015. -С.220.
10. Нафисӣ Саид. Сарчашмаи тасаввуф дар Эрон. – Теҳрон: Марвӣ, 1371. – 274 с.
11. Николсон Р.А. Ирфони орифони мусалмон / Р.А. Николсон. Тарҷумаи доктор Асад А.Озод. – Теҳрон, 1382. – С.158.
12. Одилов Н. Мировоззрения Джалолиддина Руми / Н. Одилов. - Душанбе, 1974. -111с.
13. Олимов К. Ҷаҳонбинии Абдуллоҳи Ансорӣ / К.Олимов. - Душанбе: Дониш, 1988-134с.
14. Рахимов М. Философия любви и толерантности Джалалледдина Руми. \\Сб.материалов научной конференции «Джалолуддин Балхии Руми и культура миротворчества.- Душанбе, 30 сентября 2013года.»- Душанбе, 2013. - С.55-62.
15. Рахимов М. Толерантность основа мира / М.Рахимов. - Душанбе, 2013.-196с.

16. Руми Джалал ад-дин Мухаммад. Маснави-йи Ма’нави (Поэма о скрытом смысле). -Москва, 1986.- 496 с.
17. Степанянц М.Т. Мусульманский мистицизм /М.Т. Степанянц – М.: Канон, 2009. – 272 с.
18. Фролова Е.А. Дискурс современной арабской философии. Часть 1. / Е.А. Фролова. - М.: Языки славянской культуры, 2012. – 72 с.
19. Эгамбердиева М.Х. Особенности формирования толерантности в системе образования Республики Таджикистан. Учёные записки / М.Х. Эгамбердиева. - №4 (41). –Худжанд, 2014. -С. 74.
20. [электронный ресурс]. http://today.tj/obschestvo/19456-osnova-ucheniya-mavlaviya-so-slov-samogo-mavlavi-glasit-vsyudu-bog-odin-drug-odin-i-slovo-odno-lider-nacii-emomali-rahmon-o-znachenii-tvorchestva-velikogo-predstavitelya-tadzhikskogo-naroda.html.(дата обращения: 25.04.2023 г.)

## АНДЕШАИ ТАҲАММУЛПАЗИРӢ ДАР ФАЛСАФАИ ҶАЛОЛИДДИНИ РУМӢ

Дар мақолаи мазкур муаллиф равишҳои асосии тафсири фалсафии зуҳуроти таҳаммулпазириро аз нуқтаи назари Ҷалолиддин Румӣ мавриди таҳлил ва баррасии илмӣ қарор додааст. Шарҳу тавзеҳи масъалаи мазкур ҳамчун як ҷанбаи умумибашарӣ имкон медиҳад таъсири эҷодиёти Ҷалолиддини Румиро дар рушди муносибатҳои иҷтимоиву фарҳангии мардум ифода намояд. Дар асоси таҳлили як қатор асарҳои Ҷалолиддини Румӣ, самтҳои асосии мафҳуми таҳаммулпазирӣ муайян карда шудаанд. Ба андешаи муаллиф, дар афкори ахлоқии Ҷалолиддини Румӣ тафсирҳои мухталифи мафҳуми «таҳаммул»-ро метавон мушоҳида кард, аз қабили ҷилавгирӣ аз нафс, дифои оқилона, наҷот аз васвасаҳо, талош барои паймон, хайрхоҳӣ, парҳезгорӣ, худотарсӣ дар ҳисси наҷот ва тавба, огоҳӣ аз ранҷу азоб ва бартараф кардани он, муҳаббат, тарбия, чаҳорчӯбаи ботинии рафтори инсон, қобилияти хомӯш будан, ҷустуҷӯйи созиш, истифода аз таҷрибаи касе, ҳамзистии забонҳои гуногун, фарҳангҳо ва ғ. Ба андешаи муаллиф, дар фалсафаи Ҷалолиддини Румӣ таҳаммулпазирӣ ҳамчун категорияи ахлоқӣ дар ҷанбаҳои иҷтимоӣ фаҳмида мешавад. Таҳаммулпазирӣ ҳамчун як фазилат ҳамеша ҳифзи шаъну шарафи инсонро дар назар дорад. Ҳудуди таҳаммулпазирӣ дар фалсафаи Ҷалолиддини Румӣ бояд аз фаҳмиши некӣ ва бадӣ, одоби масъулият баррасӣ шавад.

**Калидвожаҳо:** таҳаммулпазирӣ, тасаввуф, худшиносӣ ва Худошиносӣ, зуҳуротҳои ахлоқӣ, назарияи ахлоқӣ ва антропологӣ, ҷанбаҳои иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, ҷилавгирӣ аз нафс, фарҳанг, инсон.

## ИДЕИ ТОЛЕРАНТНОСТИ В ФИЛОСОФИИ ДЖАЛАЛЕДДИНА РУМИ

В данной статье автор проанализировал основные подходы к философскому осмыслению явлений толерантности, с точки зрения Джалаледдина Руми. Освещение этого вопроса как универсального аспекта позволяет выразить влияние творчества Джалаледдина Руми на развитие социальных и культурных отношений людей. На основе анализа ряда произведений Джалаледдина Руми определены основные направления концепции толерантности. По мнению автора, в нравственном воззрении Джалаледдина Руми можно наблюдать различные толкования понятия «терпимость», такие как самообладание, рациональная защита, спасение от искушений, стремление к согласию, благожелательность, благочестие в смысле спасения и покаяния, осознания страдания и его преодоления, любви, воспитания, внутренней основы человеческого поведения, умения молчать, поиска компромисса, использования чьего-то опыта, сосуществования разных языков, культур и т. д.По мнению автора, в философии Джалаледдина Руми толерантность понимается как нравственная категория в социальном аспекте. Толерантность как добродетель всегда подразумевает защиту человеческого достоинства. Границы толерантности в философии Джалаледдина Руми следует рассматривать с точки зрения понимания добра и зла, этики ответственности.

**Ключевые слова:** толерантность, суфизм, самосознание и богосознание, нравственные явления, морально-антропологическая теория, социальные и культурные аспекты, самообладание, культура, человек.

## IDEAS OF TOLERANCE IN THE PHILOSOPHY OF JALALUDDIN RUMI

In this article, the author analyzed the main approaches to the philosophical understanding of the phenomena of tolerance from the point of view of Jalaluddin Rumi. The coverage of this issue as a universal aspect makes it possible to express the influence of the work of Jalaluddin Rumi on the development of social and cultural relations of people. Based on the analysis of a number of works by Jalaleddin Umi, the main directions of the concept of tolerance are determined.According to the author, in the moral outlook of Jalaluddin Rumi, one can observe various interpretations of the concept of "tolerance", such as self-control, rational protection, salvation from temptations, the desire for consent, benevolence, piety in the sense of salvation and repentance, awareness of suffering and its overcoming, love, upbringing, the inner basis of human behavior, the ability to remain silent, the search for a compromise, the use of someone else's experience, the coexistence of different languages, cultures, etc.According to the author, in the philosophy of Jalaluddin Rumi, tolerance is understood as a moral category in the social aspect. Tolerance as a virtue always implies the protection of human dignity. The boundaries of tolerance in the philosophy of Jalaluddin Rumi should be considered from the point of view of understanding good and evil, the ethics of responsibility.

**Keywords:** tolerance, Sufism, self-consciousness and God-consciousness, moral phenomena, moral and anthropological theory, social and cultural aspects, self-control, culture, man.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Умедов Мастон Ҳамдамович*** **–** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, кафедраи таърихи фалсафа ва фалсафаи факултети фалсафа, доктори илмҳои фалсафа, и.в. профессор,. **Суроға**: 734025, шаҳри Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рудакӣ,17. Телефон: **+992 93 3013100**

**Сведения об авторе:** ***Умедов Мастон Хамдамович*** – Таджикский национальный университет, , кафедра истории философии и социальной философии философского факультета, доктор философских наук, и.о. профессора. **Адрес:** 734025, город Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рӯдаки,17. Телефон**: +992 93 3013100**

**Information about the author:** ***Umedov Maston Hamdamovich*** - Tajik National University, Department of History of Philosophy and Social Philosophy of the Faculty of Philosophy Doctor of Philosophy, Acting Professor. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Ave., 17. Phone**:+992 93 3013100**

ТДУ:113(575.3)

# САРЧАШМАИ ҒОЯВИИ МУНОСИБАТИ САЛАФИЯИ ИФРОТӢ БА ФАРҲАНГИ МИЛЛӢ

*Нурулҳақ Қамар*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Баъди пош хӯрдани Иттиҳоди Шуравӣ ва ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ масъалаи эҳё ва ҳифзи арзишҳои миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳаммияти хос пайдо кард. Зеро дини ислом аз ибтидои густариши худ дар Эрону Хуросони Бузург бо фарҳанги миллӣ ҳеҷ гуна муносибати ҳамгироӣ надошт. Азбаски имрӯз давлати миллии тоҷикон дунявиятро ба ҳайси низоми сиёсии хеш қабул кардааст, ҳифзу рушди фарҳанги миллӣ дар устувору таҳкими давлатдории миллӣ нақши муҳим мебозад. Набояд фаромӯш кард, ки барои миллатҳое, ки ба мисли тоҷикон, аз динҳои фаромиллӣ пайравӣ мекунанд, маҳз фарҳанги миллӣ таҷассумгар ва муарифкунандаи чеҳраи миллии онҳо буда, дар онҳо худшиносӣ ва ҳувияти миллиро ташаккул медиҳад. Ташаккули худшиносии миллӣ бошад, яке аз шартҳои муҳимми ваҳдати миллӣ ва таҳкими давлатдории миллӣ аст. Ба тарзи дигар гӯем, ҳифзу рушди фарҳанги миллӣ заминаи боэътимоди маънавӣ-идеологии давлати миллӣ аст, ки онро аз ҳар гуна хурофоту ифротгароӣ ва бегонапарастӣ ҳифз карда, дар раванди ҷаҳонишавӣ таъсири мафкураи бегонаро ба фарҳангу худшиносии миллӣ заиф месозад. Аз ин рӯ, дар зиндагии ҳаррӯза ва дар мафкураи аҳли ҷомеа мақоми хос пайдо кардани арзишҳои миллӣ имконияти муқовиматро ба паҳншавии ақидаҳои ҷараёнҳои исломии ифротӣ, бештар карда, аз ҷалби ҷавонон ба гурӯҳҳои ифротгарои динӣ метавонад пешгирӣ намояд. Яке аз ҳамин гуна ҷараёнҳои сиёсӣ-динии ифротии исломӣ, ки фарҳангҳои миллиро рад намуда, хусусияти зиддитамаддунӣ касб кардааст ва бо ин усул ҷавононро мағзшӯӣ карда, онҳоро ба гурӯҳҳои террористӣ ҷалб месозад, салафияи ифротӣ мебошад. Вале аксари муҳаққиқону коршиносоне, ки дар Тоҷикистон гӯё бо падидаи ифротгароӣ мубориза мебаранд, аз таҳқиқи ошкорои моҳияти зиддибашарӣ ва зиддитамаддунии ин ҷараёни ифротӣ сарфи назар менамоянд, ки инро метавон як навъи муҳофизат аз ин ҷараёни хатарнок ҳисобид. Барои ошкор сохтани моҳияти муносибати зиддиинсонии салафияи ифротӣ аввал бояд сарчашмаи ғоявии онро мавриди баррасӣ қарор дод. Аз ин рӯ, мо чунин меҳисобем, ки муносибати исломи ибтидои (се насли исломи ибтидоӣ-салаф)-ро ба фарҳанги миллӣ нишон надода, сарчашмаи ғоявии муносибати зиддибашарии салафияи ифротиро нисбати фарҳанги миллӣ ошкор намудан ғайриивоқеӣ аст. Зеро муносибати исломро ба фарҳанги миллӣ дар ибтидои густариши ислом, аз як ҷониб ва муносибати арабро ба фарҳанги замони ҷоҳилияи хеш, аз ҷониби дигар, манфиатҳои геосиёсии араб, ки ҳадафаш бо роҳи истилои кишварҳои дигар бунёди хилофат буд, муайян мекард. Вале баъдан дар натиҷаи рӯ ба рӯ омадани ислом бо фаҳангҳои дигар на танҳо муносибати арабу ислом ба фарҳанг тағйир ёфт, ҳамчунин, дар зери таъсири фарҳангҳои халқҳои пешрафтаи вақт фарҳанги наве бо номи «фарҳанги исломӣ» арзи вуҷуд кард, ки исломро густариш дод. Вагарна ислом дар он шакли ибтидоияш наметавонист равнақ ёбад. Аммо салафияи ифротӣ имрӯз дар муносибат ба фарҳанги миллӣ аз ҳамон принсипҳои муносибати ба ном «исломи ноб» нисбат ба фарҳанг истифода мебарад, ки густариши он барои миллату давлати миллӣ хатарнок аст.

Тақдири талхи тоҷикон дар тули асрҳои миёна низ собит сохт, ки яке аз сабабҳои заиф гардидани худшиносии миллӣ ва дар ин замина пароканда шудану аз даст рафтани давлатдории миллии онҳо дар зери таъсири исломи фаромиллӣ-сунатии хусусияти арабӣ дошта мебошад, ки дар ҳаёти иҷтимоӣ ва мафкураи тоҷикон ҷойгоҳи меҳварӣ касб карда, дар онҳо худбохтагию бегонапарастиро тақвият бахшид. Имрӯз низ мавқеи тундгароёна ва миллатситезӣ доштани исломгароён ва қисмати зиёди руҳонияти тоҷику форс нисбати фарҳанги миллӣ ва

таърихи тоисломии тоҷикон ба ҳама чун оина равшан аст. Мавқеи зиддимиллӣ ва тундгароёнаи онҳоро нисбати таъриху фарҳанги хеш мо аз мавъизаю амри маъруф ва навиштаҳои онҳо тавассути нашри китобу матбуот ва шабакаҳои иҷтимоӣ пайваста мушоҳида мекунем. Ин манзараро муҳаққиқи муосири эронӣ Амирҳусайни Лодан хеле хуб ба қалам додааст: “зиддияти арабгароён бо таърих, фарҳанг ва забони эронӣ тайи чаҳордаҳ қарни гузашта барқарор буда, идома дорад. Ҷомеаи руҳоният ба намояндагӣ аз ин фалсафаи зиддиэронӣ қарнҳост таърихи моро таҳриф карда, фарҳангамонро олуда намуда ва забонамонро арабзада карданд» [6,с.193].

Дуршавӣ аз асли худ ва бегонапарастиеро, ки дар зери таъсири арабу ислом ва руҳоният тули XIV қарн миллатҳои эронтабор, бахусус тоҷикон, аз сар гузарониданд, ҳатто аз ҷониби баъзе руҳониёни исломӣ ба мисли Муртазо Мутаҳҳарӣ, ки назарияпардозӣ Ҷумҳурии исломии Эрон буд ва исломгарои миллӣ Алии Шариатӣ, ки муҳаққиқи ислом мебошад, эътироф шудааст. Масалан, Алии Шариатӣ дар асараш “Бозгашт ба хештан” менависад, ки “Хештани бостонӣ дорем, моли давраи Ҳахоманишӣ, давраи Сосонӣ, давраи ашконӣ ва ғайра... Хештанест, ки фосилаи тӯлонии қарнҳо пайванди моро бо онҳо гусастааст... вале миллати мо он хештанро ба унвони хештани худаш ҳис намекунад ва қаҳрамонону шахсиятҳо, нубуғҳову ифтихороту асотири он давра дар миёни мардуми мо ҳаёт ва ҳаракату тапиш надорад, қайчии тамаддуни исломӣ омада ва байни хештани... мо фосилае андохтааст” [5,с.86]. Вале руҳоният ва баъзе ба ном «зиёиён»-и тоҷик бошанд, то ба имрӯз таърихи исломро васфу идеализатсия карда, арзишҳои таърихию бостони хешро паст мезананд ва эътирофи онро надоранд, ки бо омадани ислом байни фарҳанги бостонии тоҷикон ва фарҳанги онҳо дар замони ислом девори чиние ба вуҷуд омадааст, ки фарҳанги ин ду давраи таърихии моро ба ҳам муқобил мегузоранд.

Ба шарофати истиқлолияти давлатӣ, ки истиқлолияти зеҳнӣ, бахши муҳимми он аст, бори аввал маҳз Пешвои Миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон масъалаи бозгашт ба асли хешро на танҳо ба миён гузошт, ҳамчунин, худ пайваста барои эҳёи хештаншиносии бостонии мо, арзишҳои миллии мо талошҳои зиёде ба харҷ дод. Аммо ин иқдомҳои Роҳбари давлат дар роҳи эҳёи арзишҳои миллӣ ва мақоми шоиста касб кардани онҳо дар зеҳнияту зиндагии мо то ҳанӯз аз ҷониби рӯҳоният ҳамовозӣ пайдо накардааст. Гурӯҳҳои исломгаро ва ҳизбу ҳаракатҳои исломии ифротии замони муосир ба мисли салафия бошанд, мубориза бо фарҳанги миллиро яке аз ҳадафҳои асосии хеш қарор додаанд.

Бинобар он, омӯзишу таҳқиқи масъалаи муносибати исломи ибтидоӣ ба фарҳанги миллӣ имрӯз дар робита ба гуфтаҳои боло аҳаммияти хос касб намудааст. Алалхусус, аз он ҷиҳат, ки дар тули таърих муносибати оштинопазири ислом ба фарҳанги миллӣ, аз як ҷониб ва дар зери таъсири мафкураҳои бегона заиф гардидани арҷгузорӣ ба таъриху фарҳанги гузаштаи хеш, аз ҷониби дигар, имконият надодааст, ки ин масъала аз нигоҳи илмӣ воқеъбинона мавриди таҳқиқ қарор гирад. Ҳоло он ки таҳқиқи муносибати ислом ба фарҳанги миллӣ, робитаи мутақобилаи онҳо ва таҳаввулоту тағйиротҳо дар таносиби ислому фарҳанги миллӣ аз масъалаҳои муҳимми илмҳои диншиносӣ, таърих, фарҳангшиносӣ ва фалсафа ба шумор меравaнд. Яке аз сабабҳои он шояд дар он бошад, ки “дар кишварҳое, ки дин дар шуури мардум мавқеи устувор дорад ва ахлоқ бо дин сахт печида аст ва ҷудо кардани эътиқод аз он душвор аст (масалан, дар ҷаҳони ислом), воқеан барои диншиносон ҷой нест” [8,с.17].

Ин масъалаҳо аз нигоҳи диншиносӣ таҳқиқоти густардаро тақозо мекунанд. Азбаски ҳамаи ҷанбаҳои онро дар доираи як мақола таҳқиқ намудан ғайриимкон аст, мо танҳо масъалаи муносибати исломи ибтидоиро ба фарҳанги миллӣ мавриди таҳқиқ қарор медиҳем. Зеро, маҳз ҳамин масъала дар замони истиқлолияти давлатӣ, ки ба эҳёи арзишҳои миллӣ ҳамчун заминаи маънавӣ-идеологии давлатдории миллию дунявӣ такон бахшид, аз як ҷониб баҳсҳоро дар байни миллатгароёну дунявигароён ва исломгароён ба бор овард ва аз ҷониби дигар, ҷараёнҳои исломии

ифротии муосир, ба мисли салафия, дар мубориза худ ба муқобили фарҳангҳои миллӣ аз ҳамон муносибати исломи ибтидоӣ ба фарҳанги миллӣ ғизо мегирад. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки исломгароёни ашадӣ бо истифода аз мафкураи динӣ ва хурофотзадагии мардум таъриху арзишҳои миллии гузаштаи моро таҳқиру инкор мекунанд, ҳамзамон, дар муқобили сиёсати давлати миллию дунявии тоҷикон ва пеш аз ҳама сиёсати Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар самти эҳёи арзишҳои миллӣ ва ҳифзи хотираи таърихӣ муқобилият нишон медиҳанд. Зиёда аз ин, онҳо кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки дунявигароёнро дар байни мардум ба «куфр»-у бединӣ бадном созанд. Ҳол он ки то ба имрӯз арзишҳои миллии мо ҳеҷ гуна монеае ба диндории мусулмонон эҷод накардаанд. Баръакс, давлати дунявӣ дар замони истиқлолият ба рушди дин низ то ҷое мусоидат карда, озодии эътиқоди диниро асли муҳимми сиёсати худ қарор дод, ки аз ин фурсат истифода карда, баъзе исломгароён ҳатто баъзе ақидаҳои динии ифротии бегонаро ба фазои динӣ-сиёсии ҷомеаи мо ворид сохтанд, ки яке аз омилҳои ҷалби ҷавонон ба гурӯҳҳои экстремистӣ мебошад. Эҳёи арзишҳои миллӣ бошанд ба дин ягон робита надоранд ва аз ҳар гуна эътиқоду ифротӣ бегонаанд. Баръакс, ҳамин дунявигароёнанд, ки дар баробари эҳтиром ба арзишҳои миллӣ ба арзишҳои динӣ низ эҳтиром мегузоранд ва барои пойдории давлати миллии хеш ба муқобили ҳар гуна ақидаи бегонаи ифротӣ, ки ваҳдати эътиқодии мардуми Тоҷикистонро вайрон месозанд, мубориза мебаранд.

Бояд ёдрас кард, ки муносибати ислом ба фарҳанги миллӣ, пеш аз ҳама, аз муносибати он ба миллат маншаъ мегирад. Мусаллам аст, ки дар ислом (Қуръон) миллат ба маънои дин, роҳу равиш, кеш ва ғайра омада ва миллат танҳо як аломат дорад, яъне эътиқод доштан ба Худои ягона. Ислом миллатро ҳамчун умумияти таърихӣ-иҷтимоӣ, ки дорои ҳудуду аҳолии муайян, сохтори иқтисодиву фарҳанги мушаххас ва иттиҳоди сиёсии шаклгирифта, яъне давлат аст, эътироф надорад. Чунончӣ: “Эй мардум ба дурустӣ, ки шуморо аз як марду зан офаридем ва шуморо қавмҳо ва қабилаҳо сохтем, то ба якдигар шинос шавед! Ҳар оина гиромитарини Шумо назди Худо, парҳезгортарини Шумо аст, Худо донои хабардор аст” [11: Сураи “Ҳуҷурот”, ояти 19]. Ин матлабро оёти дигар низ тасдиқ мекунад: “Ва дини кист накӯтар аз касе, ки рӯи худро ба Худо мутеъ сохт ва ӯ накукор аст: ва миллати Иброҳимро, ки ҳаниф буд, пайравӣ кард? Ва Худо Иброҳимро дӯст гирифтааст” [11: Сураи “Нисо”, ояти 125]. Ба “миллати Иброҳим” мансуб будани пайравони динҳои тавҳидӣ, яктопарастиро ояти дигари Қуръон низ тасдиқ менамояд: “Бигӯ: “Худо рост гуфт, пас миллати Иброҳимро, ки ҳанификеш буд ва аз мушрикон набуд, пайравӣ кунед!” [11: Сураи “Оли Имрон”, ояти 95]. Дар ояти аввал “парҳезгор” ба маънои парҳез аз ширк, яъне шарик наовардан ба Худо омадааст ва ин фикр дар бисёр оятҳои Қуръон ишора шудааст. Ҳамин тариқ, умумияти эътиқодӣ, яъне эътиқод ба Худои ягона аз ҳама гуна умумиятҳои қавмию миллӣ ва нажодӣ боло гузошта мешавад.

Дар робита ба фаҳмиши ислом доир ба миллат яке аз намояндагони консепсияи “миллатгароии мусулмонӣ” Д.М. Азраф гуфтааст: “Омили асосии муттаҳидсозии халқҳои гуногун ба як миллати воҳид ин умумияти динӣ мебошад” [1,с.74]. Идеяи айнияти комил доштани умумияти динӣ ва миллии мусулмононро Муҳаммад Иқбол низ баён кардааст [9,с.213]. Чуноне ки мебинем, дар ин таърифҳо идеологҳои ислом дар пайдоиш ва ташаккули миллат нақши асосиро ба дин дода, динро унсури асосии миллат ва воситаи миллатсозӣ ҳисобида, вале нақши омилҳои этникӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ, таърихӣ-иҷтимоӣ, забонӣ, сиёсӣ ва давлатро ба назар нагирифтаанд. Ба ақидаи онҳо ин омилҳо танҳо дар заминаи умумияти эътиқодии одамон метавонанд дар пайдоишу ташаккули миллат нақш дошта бошанд. Аз ҳамин нигоҳ, яке аз идеологҳои “миллатгароии мусулмонӣ” М. Рафиуддин таъкид месозад, ки барои даст ёфтан ба идеали олии миллӣ эътиқоди амиқи умумӣ ба Худои ягона ногузир аст ва ин умумиятест, ки “фарқиятҳои забонӣ, нажодӣ, фарҳангӣ, таърих ва ҳудудӣ-ҷуғрофиро ба ин идея, яъне яктопарастӣ тобеъ месозад ва халқ бо характери ягона ба миллати ягона табдил меёбад” [2,с.49].

Ҳамин тариқ, таълимоти ислом дар бораи миллат хусусияти зиддиилмӣ дошта, чунин тарзи биниш дар бораи миллат нисбати фарҳанги миллӣ низ татбиқ гардида, ҳар кадом арзиши миллӣ арзиши ғайриисломӣ шинохта мешавад. Бояд таъкид кард, ки фаҳмиши исломии миллат, ки хусусияти фаромиллӣ (космополитикӣ) дорад, ҳеҷ гоҳ наметавонад халқҳои гуногунро дар як миллати том муттаҳид созад. Дигар ин ки, мусулмонон аз рӯйи эътиқоди динӣ низ аз ҳам ҷудоянд ва ба равияю фирқа ва мазҳабҳои гуногун тақсим шудаанд ва дар тули таърих то ба имрӯз миёни онҳо низоъҳои мазҳабию этникӣ дар заминаи бархӯрди эътиқодҳо ба вуқуъ пайвастааст, ки дар воқеъ вуҷуд доштани миллати ягонаи исломиро инкор мекунад. Гузашта аз ин, дар миёни аъзоёни як этнос, қавму миллат дар баробари диндорон метавонад ашхоси бедин ё ҳеҷ набошад озодфикр вуҷуд дошта бошад. Бинобар он, дар заминаи эътиқоди динии ягона ташаккул додани миллати воҳид ғайриимкон аст.

Дар асоси таълимоти исломии айнияти дину миллат ҳатто дар замони хилофати араб халқҳои гуногуни мусулмон наметавонистанд ба як халқи воҳид табдил ёбанд. Дар садаи XIX ҳаракати панисломизм низ натавонист ин идеяро дар амал татбиқ намояд. Миллатҳои гуногун, ки дар ин давра аксарият соҳиби давлати миллӣ буданд, ин идеяро қабул накарданд ва панисломизм шикаст хӯрд. Дар замони муосир ҳам идеяи мазкурро баъзе ҷараёнҳои сиёсӣ-динии ифротӣ, ба мисли салафия, ихвонулмуслимин, ҳизбуттаҳрир ва ғайраҳо дар зери парчами бозгашт ба “исломи ноб”, “исломи бемазҳаб” тарғиб менамоянд, ки албатта як “назария”-и бепоя ва ғайриилмӣ мебошад.

Мусаллам аст, ки дини ислом охирин дини тавҳидӣ (яктопарастӣ) мебошад, ки дар садаи VII мелодӣ дар Нимҷазираи Арабистон, дар қисмати марказии он Ҳиҷоз, ки минтақаи аз ҳама бештар биёбону регзор ва хушку камоб буда, қабоили араб асосан тарзи ҳаёти саҳронишинии бадавӣ доштанд ва аз саводу маърифат дур буданд, ба вуҷуд омадааст. Аз омӯзиши сарчашмаҳои исломӣ бармеояд, ки араб ҳарчанд аз динҳои халқҳои ҳамтабори худ-сомиён, аз ҷумла дини Иброҳим бохабар буд, вале аз динҳои дигар, бахусус, зардуштия ё маздоясно, маълумоти дақиқ надошт. Аммо бо вуҷуди ҳамин ҳам вақте, ки ислом ҳамчун идеологияи халқи араб зуҳур карда, аз ибтидо манофеи геосиёсӣ ва геоиқтисодии арабро барои бунёди империяи араб таҷассум кард, зарурияти муайян кардани муносибати ислом бо динҳои пешин ба миён омад. Зеро муносибати исломро бо динҳои тоисломии араб муайян накарда, қабоили парокандаи арабро дар давлати ягона муттаҳид кардан ғайриимкон буд. Ҳамзамон, истило намудани кишварҳои дигар ба хотири бунёд намудани хилофат масъалаи аз номи ислом ботил эълон намудани динҳои халқҳои дигарро ба бор овард, ки истилои кишварҳои ғайриарабро аз нигоҳи шаръӣ асоснок мекард. Ин сиёсат дар Қуръону Суннат аз номи Худои ягона ҳукми шаръӣ гирифт. Формулаи “дин (-и муътабар) назди Худо ислом аст” [11: сураи Фатҳ. 21] на танҳо барои муттаҳид сохтани қабоили парокандаи араб аҳаммияти хос дошт, ҳамзамон, заминаи идеологие барои забти кишварҳои дигар гардид.

Зиёда аз ин, дар зери парчами Худои ягона таъсис додани давлати ягона ҳанӯз арабро аз зиндагии сахти саҳронишинӣ наҷот намедод. Аммо иттиҳоди сиёсии қабоили араб дар зери парчами дини нав дар як давлати воҳид барои араби бадавии дар биёбони Нимҷазираи Арабистон далеру ҷангҷӯю бераҳм тарбияёфта ғасби кишварҳои ободу пешрафтаро, ба мисли эронзамин ва ғайра имконпазир мегардонид. Ба ҳамин сабаб, ҳанӯз аз ибтидои даъвату густариши ислом нақшаи истилои кишварҳои Руму Форс дар суннат [18,ҷ.3. с-48] Қуръон [11: сураи Фатҳ, ояи 21] аз номи Худованд ҳукми шаръӣ гирифт.

Муносибати ислом ба фарҳанги миллӣ, фарҳанги эрониён аз муносибат ба дини зардуштия бармеояд. Зеро инкори зардуштия дар як вақт инкори фарҳанги миллиро аз нигоҳи шаръи исломӣ асоснок месозад. Аммо ин масъала низ аз ҷониби муҳақиқони ватанӣ мавриди таҳқиқи мушаххасу воқеибинона қарор нагирифтааст.

Гузашта аз ин, миёни Арабу Эрон аз қадим пайваста бадбинию низоъ ва кинаю хусумат вуҷуд дошт. Минтақаҳои ҷанубӣ (Яман) ва шимолӣ-ғарбии

Нимҷазираи Арабистон, ки дар он ҷо қабилаҳои араб ҳаёти ниммуқиминишинӣ ва нимсаҳронишиниро паси сар мекарданд, дар зери нуфузи давлати Сосониён қарор доштанд. Илова ба ин, қабилаҳои араб баъзан ба минтақаҳои ғарбии марзҳои давлати Сосониён бо мақсади ба даст овардани ғаниматҳо тохтутозҳои бебарор анҷом медоданд. Аз ҷумла, дар давраи Шопури 11 соли 542-543 арабҳо ду бор ба минтақаҳои сарҳадии Эрон ҳуҷум карданд: бори аввал ғаниматҳои фаровон гирифта баргаштанд, бори дигар эрониён лашкари арабро дар иҳота гирифта, ҳамаро аз дами теғ гузарониданд ва минтақаҳои бо Эрон ҳамҳудуди арабҳоро ишғол карда, наздики 20 ҳазор асир гирифта, ба Эрон оварда, ҳамчун ғулом дар хонаҳояшон кор фармуданд. Ҳамаи ин оташи кинаву хусумат ва низоъи Арабу Эронро рӯз ба рӯз бештар месохт. Бинобар он, чуноне ки дар боло ишора шуд, нақшаи ғасби эронзамин (Форс) аз ибтидо дар андешаи араб вуҷуд дошт. Зардуштия бошад, дини расмӣ, идеологияи давлати Сосониён буд. Ин нуқтаро эроншиноси рус А.И. Колесников хеле хуб дарк карда, баҳои воқеибинона додааст: "муносибати мусулмонон (арабҳои мусулмон-Н.Қ.)–ро ба ҳамаи ғайримусулмонон дар сарзаминҳои истилогардида шароиту ҳолатҳои мушаххас муайян мекарданд. Баъзе аз ғайримусулмонон (яҳудиён ва насрониён) "аҳли китоб" ба ҳисоб мерафтанд, вале дигаронашон (зардуштиён) ба қатори мушрикон ва оташпарастон шомил карда мешуданд. Бадбинии ислом нисбати зардуштия на дар хусусиятҳои таълимоти он (зеро ақидаҳои меҳварии ислом ва зардуштия ихтилоф надоранд-Н.Қ.), балки дар дини расмии давлати Сосониён будани он буд, ки тули садсолаҳо қабилаҳо ва халқҳои ҳамсоя, аз ҷумла қабилаҳои муқиминишину бадавии арабро истисмор мекард. Бинобар он, зарбаи асосӣ дар давраи ғасбкории араб дар Шарқ ба "оташпарастон" зада шуд" [10,с.218]. Масъалаи сабабҳои дар ислом ба гурӯҳи мушрикон ворид сохтани зардуштиёнро мо дар мақолаи дигар мавриди баррасӣ қарор медиҳем.

Вале руҳонияти тоҷику форс бошанд, дар тули таърихи ислом таълимоти исломро дар бораи зардуштия дуруст наомӯхта, муносибати худ ва исломро нисбати оини зардуштия ва дар кулл нисбати фарҳанги миллии хеш аз мавқеи араб муайян кардаанд. Онҳо ҳамон нуктаи нозуку муҳимро дарк карда натавонистанд, арабҳо, ки ба динҳои қабл аз исломии хеш аз мавқеи ислом ҳамчун динҳои ширку бутпарастӣ ва ботил муносибат мекарданд, ҳамин принсипҳоро ба хотири ҳифзи манфиатҳои геосиёсии хеш нисбати дини зардуштӣ ва фарҳанги миллии тоҷикон низ татбиқ намуданд.

Бояд ба назар гирифт, ки яке аз хусусияти фарққунандаи истилои араб аз истилои аҷнабиёни дигаре, ки дар эронзамин сурат гирифтааст, дар он буд, ки истилои араб дар баробари террори ҷисмонию иқтисодӣ, террори мафкуравиро инз бо худ дошт ва ин террори мафкуравӣ аз китобсӯзии аъроб оғоз гардид. Моҳияти террори мафкуравии араб нисбати халқҳои истилошуда дар он ифода меёфт, ки араб тавонист тавассути ислом ба дину фарҳанги мардумони эронитабор хатти батлон кашида, онҳоро мағзшӯӣ карда, хотираи таърихӣ, ифтихору худшиносӣ ва ҳувияти миллии онҳоро заиф созад."Он чизе ки аз миллати тоҷик ситонида шуд, ин андешаи холис ва неруи тафаккур буд... Ҷинояте аз ин мудҳиштар нест, ки вақте як миллати дорои тамаддунро бо зӯри шамшер водор месозӣ бовар кунад, ки гузаштааш ҳама ботил ва ҳар чизе, ки дар китоби муқаддас омадааст, ҳамагӣ ҳақиқати бебаҳс мебошад ва берун аз он ҳадис бояд бар чизе эътимод нанамуд. Хаёлпардозиҳои мо ҳама танҳо як маънӣ доранд: гурез аз воқеияти худ ва воқеияти замон. Ҳақиқати мо, зиндагии мо ва ҷаҳони мо маҷозӣ гардид ва чунин ба назар намуд, ки гӯё мо бо воқеияти заминӣ бояд канор намоем" [12,с-18]. Ин мағзшӯи то ҷое расид, ки ин мардуми мазлум тадриҷан бедодгариҳои арабро нисбати хеш ба фаромӯшӣ дода, баръакс нисбати таъриху дину фарҳанги тоисломии худ нафрату бадбинӣ пайдо карданд. Дар ин хусус муаррихи шинохтаи тоҷик Ҳ. Назаров навиштааст: "Ҳоло баъзе аз муаллифони маъруф ва шинохташудаи эронӣ ба хотири таъриф ва тавсифи мазоё ва барҷастагиҳои ислом на танҳо ба таърих ва тамаддуни камаш 9 ҳазор солаи пеш аз исломии Эрон хатти батлон мегузоранд, балки исбот карданӣ мешаванд, ки

ҳар чи Эрон дорад ва надорад дар замони ислом ба даст омадааст ва то аҳди ислом эрониён аз мазовеи инсонӣ маҳрум буданд, байни ҳарому ҳалол тамиз намегузоштанд, бо маҳрамони худ издивоҷ мекарданд, аз илму дониш, китобу таълиф ба фарсангҳо дур буданд ва онҳое, ки даъво мекунанд, ки китобҳо ва осори илмии моро арабҳо сӯзонида ва нобуд карда шудааст, дурӯғи маҳз мегӯянд ва арабҳоро беасос айбдор мекунанд" [16,с.166-167]. Ҷонибдорони чунин биниш дар Тоҷикистон низ кам нестанд. Дар ин хусус навиштаҳои баъзе аз "донишмандони тоҷик" ва саҳифаҳои шабакаҳои иҷтимоии интернет пайваста шаҳодат медиҳанд.

Яке аз чунин муҳаққиқон М. Мутаҳҳарӣ мебошад, ки ҳатто далелҳои Абӯрайҳони Берунӣ ва донишманди машҳури худи араб Ибни Халдунро дар бораи китобсӯзии арабҳо зери шубҳа мегузорад. Ба қавли М. Мутаҳҳарӣ навиштаи Ибни Халдун дар хусуси он ки Халифа Умар ибни Хаттоб ба Саъд ибни Абиваққос дастур додааст, ки китобҳои эрониро "дар об афкананд, чи агар он чи дар онҳост раҳнамоӣ аст. Худо моро ба раҳнамои аз он беҳтар ҳидоят кардааст ва агар гумроҳӣ аст, Худо моро аз шарри он маҳфуз дошта. Банобар ин, он китобҳоро дар об ё оташ афкананд ва улуми эрониён, ки дар он кутуб мудаввил буд, аз миён рафт ва ба дасти мо нарасид," [13,с-236] ба зери шубҳа мегузорад. Ҳол он ки худи ҳамин муаллиф дар асоси далелҳои таърихӣ, аз ҷумла гуфтаҳои А. Берунӣ ёдовар мешавад, ки халифа Умар ба шиддат ҷилави китоботу таълифи онҳоро гирифт бо далели он, ки "моро Қуръон бас аст, ба шиддат таълифу таснифро мамнуъ эълон карда буд ва ҳар кас даст ба чунин коре мезад, ҷурм шинохта мешуд". Ва муаллиф боз таъқид менамояд, ки "ин мамнуъият то қарни дувум идома ёфт ва дар қарни дувум бо ҳукми ҷабри замон шикаста шуд. Яъне, дар асари инқилоби Абумуслими Хуросонӣ "бадеҳист, ки мардуме, ки (арабҳо-Н.Қ.) ба худашон лоақал то 100 сол иҷозати таълифу тасниф надиҳанд, муҳол аст, ки ба таълифу таснифоти ақвоми мағлуба иҷозаи идомаи вуҷуд дар он муддат дода бошанд" [13,с.236]. Аз ин ҷо хулоса бармеояд, ки агар араб таълифу таснифи китобро манъ карда бошад, пас китобсӯзии вай низ дуруст аст. Агар ҳамин тавр набошад, пас барои манъи таълифу таснифи китобҳо чи зарурате ҳаст! Хулоса, ҳарчанд М. Мутаҳҳарӣ дар ибтидо китобсӯзии арабҳоро зери шубҳа мегузорад, вале дар кулл дар асоси далелҳои таърихие, ки муаррихони гуногун хабар додаанд, китобсӯзӣ ва ихтилофи арабро бо илму фарҳанги миллии мардумони эронӣ тасдиқ менамояд [13,с-237]. Донишманди эронӣ Забеҳулло Сафо дар асараш "Таърихи улуми ақлӣ дар ислом" навиштааст, ки эътиқоди араб он буд, ки "ислом моқабли худро мунҳадим месозад ва ба ҳамин сабаб, дар азхони муслимин чунон русух карда буд, ки ҷуз ба Қуръон, ба чизе назар намекунанд, зеро Қуръон носихи ҳама кутуб ва ислом носихи ҳама адён аст. Пешвоёни шаръи мубин ҳам мутолиаи ҳар китоб ва ҳатто китоби диниро, ғайр аз Қуръон мамнуъ дошта буданд. Гӯянд рӯзе Пайғамбар (с) дар дасти Умар варақае аз Таврот мушоҳида кард... ва гуфт: "Оё шариате дурахшону покиза барои Шумо наёвардам? Ба Худо савганд, агар Мусо худ зинда мебуд роҳе ҷуз пайравӣ аз ман надошт" [13,с.237]. Эроншиноси маъруф Эдвар Браун дар бораи таассуби динӣ ва китобсӯзии араб, ба вижа ҳокимони исломӣ навиштааст: "Рӯзе шахсе ба дарбори Абдулло ибни Тоҳир дар Нишопур омад ва китоби форсӣ аз аҳди куҳан тақдим дошт. Чун пурсиданд, чӣ китобест посух дод: "Достони Вомиқу Узрост ва он қиссаи ширинро ҳукамо ба риштаи тақдир оварда ва ба Анӯшервон эҳдо намудаанд". Аммо амир гуфт: "Мо Қуръон мехонем ва ниёзе ба ин кутуб надорем. Каломи Худо ва аҳодис моро кифоят мекунад. Ба илова ин китобро маҷусон таълиф кардаанд ва дар назари мо матруду мардуд аст". Сипас бифармуд, то китобро ба об андохтанд ва дастур дод, ҳар ҷо дар қаламрави ӯ китобе ба забони форсӣ ба хонаи маҷус кашф шавад, нобуд гардад" [7,с.510]. Ҳол он ки Абдулло ибни Тоҳир як сиёсатмадори эронӣ буд. Вале зери таъсири арабу ислом таассуби динии ӯ то ҷойе расид, ки ӯ на танҳо дину арзишҳои тоисломии хешро, ҳатто як китоби бадеиро, ки достони ишқӣ буд, қабул надошт. Хулоса, фаҳмиши араб ин буд, ки мардумон бо омадани Қуръон ба китоби дигар ниёзе надоранд ва ба ҳамин сабаб дар раванди истилои кишварҳои ботамаддун китобсӯзи як шуғли

муқаррарии онҳо буд. Дар Хоразм бошад, Муслим ибни Қутайба ҳатто хоразмиёнро барои ба забони хоразмӣ сухан гуфтан қатл мекард [3,с.58]. Муҳаққиқи лубнонӣ Ҷурҷи Зайдон доир ба китобсӯзии арабҳо таҳқиқоти махсус анҷом дода, исбот намудааст, ки китобсӯзии арабҳоро воқеан наметавон инкор кард. Аз ҷумла, ӯ собит намудааст, ки бо дастури ҳокими араб дар давраи халифа Умар ибни Хаттоб 54 ҳазор китоби китобхонаи Искандарияро, ки дар замони Искандари Мақдунӣ гирдоварӣ шуда буд, сӯзонида, бо онҳо ҳамомҳои Искандария гарм карда шуданд [19,с.442]. Тавре ки маълум гардид, дар зери шиорҳои исломӣ истило гардидани Эрону Хуросону Мовароуннаҳр аз ҷониби араб ба ғуруби офтоби давлатдорӣ ва дину фарҳанги мардумони эрониасл, бахусус тоҷику форс оварда, теша ба бунёди таърихӣ ва маънавӣ-ахлоқии онҳо зад.

Зери фишори сахти ақидавӣ-идеологӣ қарор гирифтани фарҳанги миллӣ оқибат ифтихороти таърихӣ, миллӣ, фарҳангӣ ва мазҳабии ин мардумонро заифу маҳдуд сохта, ба боло гирифтани миқёсҳои динӣ аз миқёсҳои миллӣ мусоидат намуд. Дар муносибат ба фарҳанги миллӣ таассуби динӣ дар асрҳои миёна то ҷое боло гирифт, ки шахсиятҳои динию мазҳабӣ ва қисме аз сиёсӣ андешаҳоеро миёни мардум тарғиб мекарданд, ки мувофиқи он ҳувияту андешаи миллии тоҷикон фақат дар ислом аст ва кӯшиш ба харҷ доданд, ки тоҷикон Зардушту китоби "Авасто", таъриху осори тоисломӣ, муборизаҳои гузаштагони худро бар зидди истилогарони араб, ба мисли ҳаракати шуубия, ки барои эҳёи арзишҳои миллӣ мубориза мекарданд, арзишҳои миллӣ ба мисли Наврӯзу Меҳргону Сада ва ҳатто Фирдавсию "Шоҳнома"-и ӯро, ки ба васфи таърихи тоисломӣ бахшида шудааст, фаромӯш кунанд. Хулоса, дар тули таърихи ислом "девону мадраса ду ниҳоди фарҳангии аср бар сари ситеза ва инод бо фарҳанги эронӣ буданд. Дар мадрасаҳо, ки дар партави мавқуфоти муъминон бозори гарме доштанд, забони форсиву ҳикмату улуми ақлӣ роҳ надошт. Мударрисон фақат он чиро, ки мутобиқи эътиқодоти фақеҳону муҳаддисони Бағдод буд, он ҳам мунҳасиран ба забони арабӣ тадрис мекарданд" [15,с.150]. Албатта, дар ин ҷараён нақши фақеҳону муҳаддисон ва мударрисон, дар кулл руҳонияту уламои Бухорову Самарқанд ва дигар нуқоти Эрону Хуросони Бузург кам набуд.

Намунаи назари хасмгинона ва зиддимиллию зиддифарҳангии уламою руҳонияти тоҷику форс нисбати фарҳанги миллӣ дар навиштаҳои Муҳаммад Ғазолӣ хеле барҷаста баён гардидааст: "Изҳори шиори габракан ҳаром аст ва мухолифи шаръ аст ва ҳар чи барои он кунанд, нашояд, балки ифрот кардан дар оростани бозорҳо ба сабаби Наврӯз ва қатоифи бисёр кардан ва такаллуфҳои нав афзудан барои Наврӯз нашояд, балки Наврӯзу Сада бояд ки мундарис шавад ва касе номи он набарад, то гурӯҳе аз салаф гуфтаанд, ки Наврӯз рӯза бояд дошт, то аз он таомҳо хӯрда наояд ва шаби Сада чароғ фаро набояд гирифт, то аслан оташ набинанд. "ва шаби Сада ҳамчунин, чунон ки аз вай ному нишон намонад" [3,с.604]. Дар самти мубориза бо арзишҳои миллӣ ғазолимаобҳо хеле зиёд буданд. Чуноне ки Саолибӣ дар асараш "Татимат" (с. 265) овардааст, муфтии Ҳирот Бадеъуззамони Ҳамадонӣ ба амири Ҳирот гуфтааст: "Ҷашни Сада гумроҳии сахте аст, дар дунё идашон оташ аст ва Худо онҳоро дар қиёмат ба оташ баргардонад. Худованд Наврӯзу Меҳргонро шарофат набахшидааст. Худованд шамшери арабро бар аҷам оҳиқт (овехт), зеро адёну оташҳояшонро намеписандид" [17,с.500]. Бубинед руҳонии тоҷик то чи андоза шоду мамнун аст аз истилои эронзамин ва шикасти мардуму фарҳанги хеш. Саволе ба миён меояд, ки чаро ягон рӯҳонии тоҷику форс дар нисбати шамшери турку муғулу манғит, ки ба арабу аҷам овехт, сухане намегӯянд. Чи магар ба аҷаму араб овехта шудани шамшери қавмҳои болозикр айби исломи хонаи Каъба ва парастиши санги сиёҳи он аст? Чи магар худои муғулони чингизӣ Тенгирӣ бар Аллоҳ ғолиб омада буд, ки шамшери муғул бар гардани мусулмонон овехта шуд. Мантиқ куҷост? Ҳаргиз! Ҳукми таърих чунин будааст, ки шамшери қавмҳои саҳронишини бераҳму ҷангҷӯ ҳамеша бар гардани халқҳои соҳибтамаддуну таҳаммулпазир ва сулҳҷӯву инсондӯст овезон будааст. Вале як нукта бисёр нангин ба назар мерасад, ки дар ҳеҷ гӯшаи ҷаҳон шояд ягон халқе вуҷуд надошта бошад, ки руҳонияташ ба мисли

руҳонияти тоҷику форс ва ҳамтоёнашон таърихи гузашта ва ниёгону фарҳангу арзиши миллии хешро то ба ин андоза таҳқиру бадном карда бошанд, ба вижа таъриху фарҳанги боифтихоре, ки бузургони оламро ба тааҷҷуб ва ба илҳом овардааст.

Маҳз ҳамин муносибати иртиҷоии таърихан нисбати фарҳанги миллӣ шаклгирифтаи исломи суннатӣ аст, ки имрӯз барои ҷараёнҳои сиёсӣ-динии муосир низ, ба мисли ҷараёни ифротии салафия ҳамчун сарчашмаи ғоявӣ дар мубориза ба муқобили фарҳанги миллӣ истифода мегардад. Муносибати зиддитамаддунии салафия ифротӣ, ки гурӯҳҳои террористии "Давлати исломӣ" ки дар зери шиори бозгашт ба "исломи ноб"дар Сурияю Ироқ ба намоиш гузоштанд, аз муносибати ҳамон се насли салафи исломи ибтидоӣ фарқияте надоранд ва ин масъаларо мо дар мақолаҳои минбаъда пайгирӣ менамоем.

## АДАБИЁТ


1. Azraf D.M. National Character.-"The Pakistan Phitosophical Journal" vol.v. 1961, №1.
2. Rafiuddin M. National Character.-"The Pakistan Phitosophical Journal" vol.v. 1961, №1.
3. Абдуҳомид Муҳаммади Ғаззолӣ. Кимиёи Саодат. Ҷ. Аввал. Таҳияи Дӯстмуҳаммади Дӯст ва Ҳ. Элчибеков. – Душанбе: Эр-Граф, 2008.
4. Абурайҳони Берунӣ. Осор-ул-боқия. –Душанбе: Ирфон, 1990.
5. Алии Шариатӣ. Бозгашт ба хештан. -Теҳрон. Нашриёти «Талсо», 1394.
6. Амирхусайни Лодан. Худосолорӣ ва дармондагӣ. –Теҳрон: Китоб, 1993. (2014).
7. Браун Э. Таърихи адабиёт / Э. Браун. –Теҳрон, 1397.
8. Васильев Л.С. История религий. Учебное полебие / Л.С. Васильев. - М. 2008.
9. Гордон-Полонская Л. Р. Мусульманские течения в общественной мысли Индии и Пакистана, Критика мусульманского национализма. 2. гл. VII / Л. Р. Гордон-Полонская. - М., 1963. -С. 213.
10. Колесников А.И. Завоевание Ирана арабами / А.И. Колесников. - М.: Наука, 1982.
11. Қуръони карим. Сураи «Фатҳ», ояти 21.
12. Меҳрони Бомдод. Ҳикмати бедормағзӣ. -Душанбе, 2023. -С. 18.
13. Мутаххарӣ М. Хадамоти мутақобили Ирон ва Ислом //Ройзании фарҳангии Ирон дар Тоҷикистон. -Душанбе, 1999, -С. 236.
14. Мутаххарӣ М. Ҳамон ҷо. -С. 237.
15. Муҳаммадамини Риёҳӣ. Фирдавсӣ (Зиндагӣ, андеша ва шеъри ӯ). Ба алифбои криликии тоҷикӣ баргардони Дорои Дӯст. –Душанбе: Шуҷоиён, 2010.
16. Назаров Ҳ. Нақши эрониён-тоҷикон дар таърих ва фарҳанги ҷаҳон. -Душанбе, 2005.-С. 166-167.
17. Ноҷӣ Муҳаммадризо. Таърихи тамаддуни исломӣ дар қаламрави Сомониён. -Теҳрон, 1387.
18. Ҳаёт-ул-саҳоба. -Ҷилди 3.
19. Ҷ. Зайдон. Таърихи тамаддуни ислом. -Теҳрон, 1382.


## САРЧАШМАИ ҒОЯВИИ МУНОСИБАТИ САЛАФИЯИ ИФРОТӢ БА ФАРҲАНГИ МИЛЛӢ


Дар фаъолияти идеологию амалии салафияи ифротӣ инкори фарҳанги миллӣ ҷойгоҳи хос дорад ва он ба муқобили давлатҳои миллию дунявӣ нигаронида шудааст. Зеро фарҳанги миллӣ пояи маънавии давлати миллию дунявӣ ба ҳисоб меравад, ки ба идеяи «исломи ноб»-и ҳаракати салафия ихтилоф дорад. Аз ин рӯ, дар мақола масъалаи сарчашмаи ғоявии муносибати салафия ба фарҳанги миллӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Ба ақидаи муаллиф сарчашмаи ғоявии муносибати салафияро ба фарҳанги миллӣ исломи суннатие, ки дар Қуръону суннат инъикос ёфтанд ва аз ҷониби руҳонияти он тарғиб мегардад, ташкил медиҳад. Муаллиф нишон медиҳад, ки муносибати ислом ба фарҳанги миллӣ аз муносибати он ба миллат бармеояд. Чун дар ислом миллат ба маънои умумияти динӣ фаҳмида шуда, он ҳамчун умумияти иҷтимоӣ- таърихӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ-забонӣ ва ғайра рад мегардад, аз ин нигоҳ фарҳанги миллӣ низ инкор шуда, заминаро барои заифшавии худшиносии миллӣ фароҳам меорад. Дар таърихи тоҷикон – эрониён дар зери парчами ислом инкор ёфтани фарҳанги миллии онҳо аз ҳодисаи китобсӯзии арабҳо дар Эронзамин оғоз ёфтааст, ки онро ҳатто руҳонияти ислом ба мисли М. Мутаххарӣ эътироф кардаанд. Дар мақола нишон дода шудааст, ки дар натиҷаи дар зери фишори сахти ақидавӣ- идеалогии ислому руҳонияти он қарор гирифтани фарҳанги миллӣ оқибат ифтихороти таърихӣ, фарҳанги ва миллию мазҳабии мардумони тоҷику форс хеле заиф гардид. Оқибат онҳо ба таърихи фарҳанги тоисломии хеш аз нигоҳи арабу ислом таваҷҷуҳ карда, дар баробари араб онро «ботил» ҳисобида, инкор намуданд, ки минбаъд дар онҳо бегонапарастиро тақвият дод. Ҳарчанд имрӯз ба шарофати истиқлолияти давлатӣ арзишҳои миллӣ эҳё ва ҳифз мегарданд, вале муқовимати салафияи ифротӣ ва баъзе аз намояндагони руҳонияти суннатӣ ба муқобили арзишҳои миллӣ идома дорад. Салафияи ифротӣ дар мубориза бо арзишҳои миллӣ аз ҳамон таълимоти исломи суннатӣ, ки онро салафиён «исломи ноб» ном карданд, истифода мебаранд.

**Калидвожаҳо:** фарҳанги миллӣ, салафия, ислом, араб, руҳонияти суннатӣ, «исломи ноб», сарчашмаи ғоявӣ, истиқлолияти давлатӣ, бегонапарастӣ, террори мафкуравӣ.

## ИДЕЙНЫЕ ИСТОЧНИКИ ОТНОШЕНИЯ РАДИКАЛЬНОГО САЛАФИЗМА К НАЦИОНАЛЬНОЙ КУЛЬТУРЕ

Отрицание национальнойой культуры занимает особое место в учении и практике радикального салафизма и оно направлено против современных национальных и светских государств. Это связано с тем, что национальная культура составляет материальную и духовную основу современных светских и национальных государств, которая противоречит идее «чистого ислама», которую пропагандируют радикалы-салафиты. В связи с этим в статье исследованы духовные основы и источники враждебного отношения салафизма к национальной культуре и традиционалистскому суннизму, хотя традиционалисты опираются на Коран и сунну.Автор статьи показывает, что отношение ислама к национальной культуре исходит из отношения ислама к нациям. Ислам как общая религия всего человечества противостоит национальной, социально-исторической общности людей, следовательно, он не признает ни нацию, ни национальную культуру. В истории таджиков (иранцев) отрицание национальной культурной самобытности таджиков сопровождалось уничтожением культурных ценностей иранцев-таджиков арабами, в частности сжиганием древних книг, библиотек, уничтожением культурных учреждений, признанным даже идеологами ислама, например, М. Мутаххари. В результате беспрецедентного давления духовенства, арабских завоевателей, а также усиленного исламского идеологического давления на протяжении многих веков, было ослаблено национальное самосознание таджиков. В результате чего уровень национальной самоидентичности таджиков снизился, многие заимствовали арабские, исламские культурные ценности, стали воспринимать чужую культуру как свою.Сегодня благодаря государственной независимости возрождаются национальные ценности. Процесс возрождения ценностей национальной культуры встречает сильное сопротивление со стороны представителей салафизма и отдельных групп традиционного исламского духовенства. Радикальные салафиты по-прежнему противопоставляют национальной культуре идею «чистого ислама».

**Ключевые слова:** национальная культура, салафизм, ислам, араб, традиционное духовенство, «чистый ислам», идейный источник, государственная независимость, отчуждение, идеологический террор.

## IDEOLOGICAL SOURCES OF THE RELATION OF RADICAL SALAFISM TO NATIONAL CULTURE

The denial of national culture occupies a special place in the teaching and practice of radical Salafism and is directed against modern nation and secular states. This is due to the fact that national culture is the material and spiritual basis of modern secular and national states, which is contrary to the idea of "pure Islam" promoted by radical Salafists. In this regard, the article explores the spiritual foundations and sources of Salafism's hostile attitude towards national culture and traditionalist Sunnism, although traditionalists rely on the Koran and Sunnah.
The author of the article shows that the relation of Islam to national culture comes from the relation of Islam to nations. Islam as the common religion of all mankind opposes the national, socio-historical community of people, therefore, it does not recognize either the nation or the national culture. In the history of the Tajiks (Iranians), the denial of the national cultural identity of the Tajiks was accompanied by the destruction of the cultural values of the Iranian-Tajiks by the Arabs, in particular the burning of ancient books, libraries, the destruction of cultural institutions, recognized even by the ideologists of Islam, for example, M. Mutahhari. As a result of the unprecedented pressure of the clergy, the Arab conquerors, as well as the increased Islamic ideological pressure over many centuries, the national identity of the Tajiks weakened. As a result, the level of national self-identity of Tajiks decreased, many borrowed Arabic, Islamic cultural values, began to perceive a foreign culture as their own.Today, thanks to state independence, national values are being revived. The process of reviving the values of national culture meets with strong resistance from representatives of Salafism and certain groups of traditional Islamic clergy. Radical Salafists still oppose the idea of "pure Islam" to the national culture.

**Key words:** national culture, Salafism, Islam, Arab, traditional clergy, "pure Islam", ideological source, state independence, alienation, ideological terror.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Нурулҳақ Қамар*** **–** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, кафедраи диншиносӣ, номзади илмҳои фалсафа, профессор. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **93-315-02-46.**

**Сведения об авторе:** ***Нурулхак Камар*** – Таджикский национальный университет, кафедра религиоведения, кандидат философских наук, профессор. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **93-315-02-46.**

**Information about the author**: ***Nurulkhak Kamar*** - Tajik National University, , Department of Religious Studies, Candidate of Philological Sciences, Professor. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki avenue 17. Phone: **93-315-02-46**

**ТДУ:1(09)(575.3)**

# ЗАМИНАҲОИ ОРМОНИИ НАЗАРИЯИ ОЗОДӢ ВА ФАРМОНБАРДОРИИ ШАХС

***Зикирзода Ҳобил***

**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**

Яке аз принсипҳои асосии ҷаҳонбинии фалсафии исломӣ адолат аст. Адолат дар фалсафаи ислом консепсияи олӣ ва мушаххасест, ки моҳияти он, пеш аз ҳама дар ҳадафи офариниши олам ҳамчун ҳифзи адолат ва аз байн бурдани зулму бераҳмӣ аст. Умуман, адолат дар ислом маънои дуруст ва саҳеҳ гузоштани чизе дар ҷойи мустаҳаққи он мебошад. Дар робита бо он, ҳадди ақал се ҷанбаи хеле муҳимми адолат вуҷуд дорад. Аввалан, ҷойгузин намудани ягон кас дар мансаб ё вазифае, ки ба имкониятҳои ӯ мувофиқ аст. Дуюм, иҷро кардани ҳукм ё қабул кардани қароре, ки ба вазъият ё шахсе, ки онро қабул мекунад, мувофиқат кунад. Сеюм, бахшидани боигарӣ ё моликият ба касе, ки ба таври шоиста сазовори он бошад. Адолате, ки фалсафаи исломӣ тақозо мекунад, тамоми рафтори хайри одамонро дар бар мегирад ва он новобаста аз назардошти фарқиятҳо дар ранги пӯст, мазҳаб ва эътиқод амалӣ мегардад.

Ин тафсири умумии адолат дар фаҳмиши умумиисломӣ ва илоҳиётшиносии он мебошад. Ҷанбаҳои асосӣ ва моҳияти герменевтикӣ ва фалсафии адолатро дар ислом А.В Смирнов шарҳ дода, қайд кардааст, ки дар фалсафаи исломӣ ҳамчун “”мукофоти воҷиб” ва ё “тарки ботил” ба фоидаи “ҳақиқат (“ҳаққ”) дар ҳоли қаробати маъноии воҷиб ва ҳаққ фаҳмида мешавад. Ӯ тафсири ин истилоҳотро идома дода, менависад: “Адолат ҳамчун бахшидани ҳиссаҳои мустаҳаққ ба ҷонибҳои бо ҳам мухолиф дар маънии истилоҳоти “иқсот” ва “инсоф” ифода ёфтааст. Фаҳмиши адолат ҳамчун дар шакли “‘адл” ё “‘адāла”, ки маънои “баробаркунӣ” ва “миёнагарой”-ро дар бар мегирад, тавъам буда, ҳамзамон бартарӣ дорад. Муқобили он “беадолатӣ” (“ҷавр, зулм”) аст...Адолатро онҳо ҳамчун “баробарӣ” ё “мизони баробар” дар муносибатҳои байни одамон ва сохтори кайҳон мефаҳманд. Фаҳмиши ба ҳам наздики “эътидол” ҳамчун ҳолати беҳтарин дар фалсафаи табиат ҳангоми муҳокимаи сифатҳои “табъҳо” -и унсурҳои аввалин ё хосиятҳои иқлимҳо зоҳир мешавад” [3].

Бешакк, сарчашмаи назарияи адолати машшоиёни шарқӣ, қабл аз ҳама, Қуръон аст, ки дар он Худо ҳамчун довари одилтарин муаррифӣ карда мешавад. Ӯ – аз ҳама оқил ва доно буда, барои инсон ҳама гуна адолат ва одилиро амр медиҳад. Дар Қуръон ҳадди ақал ду ба назар мерасад сура ан-Нисо ва ан-Наҳл, ки дар онҳо дар бораи ин мавзуъ баҳс меравад. Дар ин сураҳо ҳадафи аслии офариниши замину осмон ва умуман тамоми Кайҳон, ки барои нигоҳ доштани адолат ва аз байн бурдани шарру бадӣ нигаронида шудааст, ба таври возеҳ нишон дода шудааст. Агар инсон он воқеиятеро эътироф кунад, ки олам барои нигоҳ доштани адолат офарида шудааст, пас ӯ низ бояд ҳамчун яке аз офаридаҳои Худо ин адолатро дастгирӣ намояд. Аз ин сабаб, ҳифзи адолат яке аз масъулиятҳои мо ҳамчун мавҷуди инсонӣ аст. Дар сураи ан-Наҳл омадааст: “Ҳамоно Худо [халқро] фармон ба адл ва эҳсон медиҳад ва ба базлу атои хешовандон амр мекунад ва аз афъоли зишту мункар ва зулм наҳй мекунад”. Ҳамин тавр, дар забони арабӣ адолат (ал-‘адāла ё ал-‘адл) ба қадру ченаки ашёе далолат мекунад, ки он ба навъи дигари онҳо мутавозӣ ва шабеҳи он бошад. Ал-‘Адāла – онест, ки дорои сифати неку, хайр ва ҳақиқӣ бошад. Мафҳуми “адолат” якчанд маъно дорад. Он метавонад ба маънои истифодаи қонун тибқи принсипҳои муқарраршуда ва қабулшуда, далели эътибор ва мувофиқати сифатии қонун ишора кунад. Адолат - маъниест, ки тасдиқшуда ва писандида аст. Ба ин монанд, он инчунин метавонад ба арзиши ахлоқӣ низ ишора кунад, ки одатан ҳамчун ҳадафе баррасӣ карда мешавад, ки онро бояд қонун ба даст орад ва дар нисбати инсоне, ки рафторашро қонун назорат мекунад ва он як меъёри қонуниест, ки хайру некиро

ифода мекунад. Қонуни беадолатона қонун нест. Тибқи ин назар, ба назар мерасад, ки адолат тақрибан бо ахлоқ ҳаммуродиф аст. Он дар паи ангезаҳои ботинӣ буда, инсонро ба рафторе водор мекунад, ки дар ҳузури Худо одил будани инсонро талқин мекунад; «Худо қотеъона ба шумо фармон медиҳад, ки амонатҳоро ба соҳибонаш баргардонед ва ҳангоме, ки миёни мардум доварӣ мекунед, ба адолат доварӣ кунед. Яқинан, [фармон бозгардонидани амонат ва адолат дар доварӣ] чизест, ки Худо шуморо ба он мавъиза мекунад. Бетардид, Худо ҳамвора шунаво ва биност» [3,с.245].

Сарчашмаи дигари адолат барои машшоиёни шарқӣ ҷанбаи забоншиносӣ ё герменевтикии масъала аст. Мо барои пайдо намудани тасвири дурусти ин масъала ба тафсирҳо ва маънидодкуниҳои олимону муҳаққиқони муосир руҷуъ намуда, барои таҳлили консепсияи адолат дар таълимоти машшоиёни шарқӣ як навъ заминаи методологиро асос мегузорем. Ҳамин тавр, аз нигоҳи забоншиносӣ мафҳуми "адолат" (ал-'адāла ё ал-'адл) дар забони арабӣ муродифҳои зиёдашро дорад ва ё мафҳумҳои дигаре ҳастанд, ки тобишҳои маънои онро ба пуррагӣ дода метавонанд. Муҳимтарини онҳо инҳоянд: қист, истиқāма, васат, насиб, ҳисса, мизāн ва ғайра. Айнан ҳамон тавр, мухолифи ал-'адл беадолатӣ дар шакли арабии он мафҳумҳои шабеҳ дар мисоли зулм, туғйāн, майл, инҳирāф ва ғайра ба кор бурда мешаванд. Тибқи тафсири олими машҳури ироқӣ М. Ҳаддурӣ (1905-2007) "ал-'адл"номи муҷаррад (абстрактӣ) аст, ки аз феъли "'адала" сохта шудааст. Ӯ мафҳуми "адл"-ро ба чор маъно тавзеҳ медиҳад: а) рост нигоҳ доштан ё рост нишастан, ислоҳ кардан ё тағйир додани вазъ; б) аз як роҳ (нодуруст) ба тарафи дигари роҳ (рост) гузаштан ё рафтан; в) баробар ё мутавозӣ будан, ё бо баробарӣ мувофиқ кардан; г) ба ҳоли тавозун овардан ё дар ҳолати баробар будан. Ду маънои аввали истилоҳи "адл" ба маънои консептуалии дурандешӣ ва ростқавлӣ ишора намуда, маъниҳои "дуруст" ва "нодуруст" мутаносибан дар истилоҳҳои "адл" ва "ҷавр" дар назар дошта шудааст. Мафҳуми "адл" ҳамчун "рост, дуруст" ба мафҳумҳои "мавзунӣ" ва "баробарҳуқуқӣ" мувофиқ аст, ки эҳтимолан, дар истилоҳи "истиқāма" дақиқтар аён мегардад. Дар охир М. Ҳаддурӣ тасдиқ мекунад, ки «маънои аслии адл дар забони арабии классикӣ ба ин васила маҷмуи арзишҳои ахлоқӣ ва иҷтимоӣ аст, ки адолат, тавозун, эътидол ва ростиро ифода мекунанд. Мантиқан дар адолати илоҳӣ синтези ҳамаи ин арзишҳо ва фазилатҳо бояд ҷой дошта бошад» [6,с.234].

Дар ҳоле ки яке аз намояндагони машшоияи шарқӣ Насируддини Тӯсӣ, чуноне ки дар "Ахлоқи Носирӣ"-аш омадааст, адолатро бар боқимондаи фазилатҳои инсонӣ болотар гузошта, дар тафсири моҳияти забонӣ ва ахлоқии он гуфтааст: "Лафзи адолат аз рӯйи далолат мунбӣ аст аз маънии мусовот ва таъаққули мусовот бе эътибори ваҳдати мумтанеъ. Ва чунонки ваҳдат ба мартабаи ақсо ва дараҷаи аъло аз маротибу мадориҷи камолу шараф махсусу мумтоз аст ва сараёни осори ӯ аз мабдаи аввал, ки воҳиди ҳақиқии ӯст, дар ҷумлагии маъдудот монанди фаязони анвори вуҷуд аст аз иллати увло, ки мавҷуди мутлақи ӯст дар ҷумлагии мавҷудот. Пас, ҳар чӣ ба ваҳдат наздиктар, вуҷуди ӯ шарифтар ва бад-ин сабаб дар нисаб ҳеч нисбате шарифтар аз нисбати мусовот нест, чунонки дар илми мусиқӣ муқаррар шудааст; ва дар фазоил ҳеч фазилат комилтар аз фазилати адолат нест» [4,с.105].

Аммо то Насируддини Тӯсӣ ва машшоиёни дигар, консепсияи адолатро мактабҳои дигари фикрии исломӣ, ки дар замони муқаддамтар фаъолияти зеҳнӣ ва таҳқиқотӣ мебурданд ва ба афкори намояндагони машшоияи шарқӣ, бешубҳа, таъсири калон доштанд, мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода буданд. Консепсияи адолат дар теологияи исломӣ мувофиқи таълимоте, ки аз ҷониби илоҳиётшиносони аввали ислом дар бораи сифатҳои ирода ва моҳияти Худо пешкаш гардида буд, ба шакли мураттаб ва муназзам медароянд. Дар робита бо мубоҳисаҳои байни онҳо дар бораи адолат ду мактаби фикрии бузург – ҷабария ва ашъария ҳамчун мудофеони таълимоти динӣ аз як тараф, ва мактаби ақлгароии қадария ва муътазиля ба миён меоянд. Ҳар яке аз онҳо таваҷҷуҳашонро ба тафсир ва тавзеҳи яке аз сифатҳои Худо – "одил" мутамарказ сохта, дар натиҷа ба мубоҳисаҳои бардавом дар бораи

масъалаи моҳият ва табиати адолат, аз як тараф, ва иродаю қобилияти инсон барои дарк кардани он, ки оё имкони дар рӯйи замин амалӣ кардани онро дорад, аз тарафи дигар шуруъ мегардад. Дар робита ба ин, ду мактаби муҳим – ашъария ва муътазила дар атрофи адолати илоҳӣ ва иродаи инсон таълимоташонро таъсис доданд.

Дар бораи яке аз онҳо – муътазила сухан гуфта, қайд мегардад, ки муътазилиён худашонро аксаран «аҳлу ал-ʻадл ва тавҳид» меномиданд ва тибқи таълимоти онҳо инсон масъули аъмоли ҳам одилона ва ҳам беадолатонаи хеш буда, барои онҳо дар охират подош ё ҷазо хоҳад дид. Онҳо муътақид буданд, ки адолат сарчашмаи илоҳӣ дорад, аммо дар боби он ки адолати илоҳӣ дар рӯйи замин чӣ гуна амалӣ мегардад, ихтилофи назар доштанд. Барои ҳаллу фасли он, муътазила назарияи нави адолатро пешниҳод намуданд, ки он вуҷудияти ду сатҳи адолатро таъйин мекард: адолати илоҳӣ ва инсонӣ - аввалӣ аз ҷониби Худо муқаррар гардида, дигари он дар доираи ақл муайян карда мешавад. Ақидаи муътазиларо дар ин бора таҳлил карда, М. Шариф навиштааст, ки "адолати Худои таъоло тақозо мекунад, ки инсон бояд муаллифи аъмоли худаш бошад; танҳо дар он сурат гуфтан мумкин аст, ки ӯ дар рафтораш озод ва барои он масъул аст. Худи ҳамин ақидаро қадариҳо ҳам пайравӣ менамуданд. Агар инсон муаллифи аъмолаш набошад ва агар ин аъмолро Худо офарида бошад, чӣ тавр инсон барои ин аъмол масъулиятро бар дӯш ва барои он гуноҳ ҷазо гирифта метавонад? Оё аз ҷониби Худо беадолатӣ нест, ки инсонро нотавон офарида, барои гуноҳҳояш ҷазо медиҳад ва ба дӯзах мефиристонад?" [6,с.31]. Дар маҷмуъ, муътазила се принсипи таълимоташонро дар бораи адолат тавсиф намудаанд: принсипи ақлгароӣ, ки тибқи он адолат тавассути ақл муайян карда мешавад; принсипи волюнтаризм, ки тибқи он амалҳои инсон маҳсули озодии иродаи ӯ мебошанд; ниҳоят, принсипи масъулияти инсон аст, ки тибқи он инсон бар асоси интихоб байни адолат ва беадолатӣ подош ё ҷазо хоҳад гирифт.

Таъсири муътазилиён ба афкори намояндагони машшоияи шарқӣ зиёд аст. Хусусан, Ал-Киндии машшоӣ, ки баъзан ӯро аз пайравони муътазила ҳам ном мебаранд ва ё ҳадди ақал дар зери таъсири амиқ мондани ӯ қайд карда мешавад. Илова бар ин, Ал-Киндӣ "дар муқоиса бо намояндагони машшоияи шарқӣ (Форобӣ, Ибни Сино) консепсияи машшоии судур ва нузули нафс (эманатсия)-ро напазируфтааст, назарияи хилқати "турфат-ул-айн"-ро пуштибонӣ карда, афзалияти донишҳои набавиро бар фалсафӣ тасдиқ кардааст. Дар руҳияи муътазилӣ масъалаҳои хосси калом – дар бораи сифатҳои илоҳӣ ва озодии иродаро баррасӣ намудааст [4,с. 245]. Масъалаи адолат бошад, аз нигоҳи Ал-Киндӣ, сифатест, ки ба инсон хос буда, ӯро ба корҳои дуруст аз рӯи ақл ҳидоят мекунад. Беадолатӣ, қайд мекунад, Ал-Киндӣ, мисли бадӣ тасодуфӣ аст. Он аз ғазаб ё хашми ӯ дар ҳоле ки ҳар гуна сабаб ангезаҳои манфии ҷисм (ғазаб, хашм ва ғайра)-ро идора карда наметавонад, ба миён меояд. Аммо дар сурати набудани ғазаб инсон одатан зери назорати ақл қарор дорад, ки ӯро ба корҳои дуруст водор мекунад. Барои ӯ, адолат фазилатест, ки инсон метавонад бо хоҳиши худаш ба мақсади дарки ҳақиқат инкишоф ва такмил диҳад. Аз байни мақулаҳои дигари ахлоқӣ ҳаким, ҷасорат, сабру таҳаммул ва монанди онҳо Ал-Киндӣ адолатро марказӣ ва волотар мешуморад. Дар баробари ин, мутафаккир қайд мекунад, ки адолатро метавон ҳамчун исботи офариниши он аз ҷониби Худо баррасӣ намуд, гарчанде ки он бевосита маҳсули ақл аст, аммо дар ниҳояти кор аз ҷониби Худо илҳом дода шуда, онро ақл дар вуҷуди инсон ҷой додааст [6,с.54].

Дар ҳоле ки мафҳуми адолат дар таълимоти Форобӣ умуман бо назарияҳои ӯ дар бораи сиёсати шаҳрдори (ас-сиёса ал-маданийа)-и ӯ иртибот дорад. Барои ӯ адолат, пеш аз ҳама дар тақсими манофеи хуб, ки дар байни сокинони шаҳр мегузарад ва сипас дар боби ҳифз намудани ҳар он чизҳое, ки дар байни онҳо тақсим шудааст, амалӣ мегардад. Манфиатҳое, ки пояи адолатро ташкил медиҳанд, - амният, сарват, шаъну шараф ва ҳамаи чизҳои дигаре мебошанд, ки бо онҳо одамон мубодила карда метавонанд: ҳар як шахс ҳақ дорад, ки ба фоидаҳои худ баробар саҳм гузорад ва зиёдатӣ ё камшавии саҳмияҳои шахс ин беадолатӣ аст ва аз меъёри

ҳиссаи одилона гузаштан – беадолатӣ нисбат ба аҳолии шаҳр ва нисбат ба ҳар чизе, ки аҳолии шаҳр байни худашон тақсим карда метавонанд, ба ҳисоб меравад. Форобӣ менависад: "Агар тақсимот анҷом дода шавад ва барои ҳар як шахс ҳиссаи ӯ муқаррар гашта бошад, он бояд барои ӯ чунон ҳифз карда шавад, ки ё аз дасташ ба ройгон наравад ва ё ба шарту шароите, ки агар ин ҳодиса рӯй диҳад, пас дар чунин шарту шароит на ба ӯ ва на ба шаҳр зараре нарасад. Агар ҳиссаи манфиатҳои шахс аз дасти ӯ равад, ин кор ё ихтиёрӣ сурат мегирад, ки он дар ҳолати фурӯш, ҳадя ва ҷуброн кардан сурат мегирад, ва ё беихтиёр дар мисоли дуздӣ ё мусодираи амволи шахс. Дар ҳар ду ҳолат бояд шароите вуҷуд дошта бошад, ки ба фазли он ин манфиатҳо дар дасти сокинони шаҳр ҳифз гардад. Беадолатӣ дар он аст, ки ҳиссаи манфиатҳои шахсро ба худи ӯ ё ба сокинони шаҳр баргардонида наметавонанд" [ 1, с.224-225]. Баёни ақоиди сокинони мадинаи фозила аз Форобӣ талаб мекунад, ки чаҳор намуди воқеиятро тасвир кунад: илоҳӣ, кайҳонӣ, инсонӣ ва сиёсӣ. Агар тартибу низом ё адолати иҷтимоие, ки одамон ва шаҳр бояд барои расидан баҳри шукуфоӣ талош кунанд, тавсиф нашуда бошад, он наметавонад мавзуи интихоби ақлонӣ бошад. Интихоби ақлонӣ барои адолат дар сатҳи нафси инсон зарур аст, аммо адолат дар сатҳи болотар аз мавҷудоти зинда ҷой дорад. Кайҳон ҳам дар сохторҳои тафсирҳои мантиқӣ ва ҳам мушоҳидавӣ, инсон ҳамчун нафс ва низ ҳамчун як организми ҷисмонӣ ва шаҳр ҳам дар сурати роҳбараш ва ҳам дар муносибатҳои мартабавии онҳое, ки ҳокиманд ва онҳое, ки тахти ҳукми онҳо қарор доранд, мисоли намунавии Аввал мебошанд. Форобӣ тасдиқ мекунад, ки "аммо фазилатҳои олам бошанд, аз Сабаби Авваланд ва ҳамаи чизҳо аз он сарчашма мегиранд; ҳастии он аз чизе, ки аз он сарчашма мегирад, бармеояд ва ба ҳамин тариқ то ба судуршавии чизи охир [аз ягон чизи дигар] ба ҳамон тавре, ки онҳо вуҷуд доранд, идома меёбад, зеро ки ҳамаи ин дар мавзунӣ ва адолат қарор дорад, аммо ҳар чизе, ки шоиста ва боадолат пайдо мешавад, фазилат аст [1, с.237]. Ин маротиби судури ашё бо ҳам пайваста ва мураттабанд. Робитаҳои мураттаб ҳам дар байни мавҷудоти ақлӣ (зеҳнӣ), ҳам сиёсӣ ва ҳам дар ботини ҳар кадоми онҳо ва инчунин дар байни зоҳиру ботин, нафсу ҷисм, байни ҳоким-файласуф ва аҳолии шаҳр вуҷуд дорад.

Адолат, ҳамчун ҷавҳари Аввал, ба ҳайси мартаба ва низому тартиб дар ҳар яке аз ин шаклҳо (ҳам аз ҷанбаи ботинӣ ва ҳам берунии онҳо) ва дар муносибатҳои байни онҳо ҷой дорад. Масалан, бо тавсиф кардани Аввал, Форобӣ назарияи файзи онро низ пешкаш менамояд, ки он бо даҳ ақли ғайримоддӣ оғоз шуда, ки яке аз паси дигари онҳо аз Аввал пайравӣ мекунанд: "Аммо ҷавҳари Аввал низ чунин аст, ки ҳамаи мавҷудот вобаста аз дараҷаи онҳо аз Он судур мекунанд... дар он ҳама чиз аз комилтарин оғоз ва он тавассути чизе идома меёбад, ки камоли камтар аз он дорад ва ҳамин тариқ, аз ғайрикомил ба сӯйи ғайрикомили дигар рафта, то ҳастие анҷом мепазирад, ки берун аз он вуҷудияти дигаре имкон надорад ва пас, ҳастии дигаре ҳам ҷой надорад" [1,с. 45]. Ин тартиби кайҳонӣ ва ба истилоҳ, "адолати илоҳи"-и тартиботи мазкур аст.

Дар тавсифи тартиби мавҷудоти ҷисмонӣ бошад, Форобӣ дар худи ҳамин китоб масъалаҳои антропологиро матраҳ месозад. Дар яке аз фаслҳои он қобилиятҳои нафсонии инсонро аз рӯйи дараҷаҳои онҳо дар муқоиса бо якдигар тавсиф мекунад; кадоме аз миёни онҳо танҳо роҳбарӣ мекунад ва кадоми дигарашон танҳо хизмат мекунад ва ин тарзи масъалагузорӣ аз назари Форобӣ нишон медиҳад, ки то кадом дараҷа дар ҳадди адолат инсони "табиӣ" бо мавҷудоти кайҳонӣ, ки аз ӯ муқаддамтаранд, ва то кадом дараҷа дар доираи иродаи озод "шаҳри зебо ба ҷисми комил ва солим шабоҳат дорад". Дар шаҳр дараҷаҳо ва мартабаҳои фармонбардорӣ лозиманд: қисматҳои он табиатан гуногун буда, майлҳои табиии онҳо аз рӯйи камол нобаробаранд: дар он шахсе ҳаст, ки ҳоким буда, баъзе ашхос бо дараҷаҳояшон ба ҳоким наздиканд ва ҳар яки онҳо тамоюл ва одат доранд, ки ба шарофати онҳо амалеро, ки мувофиқи хоҳиши ин ҳоким аст, ба иҷро мерасонад. Ба таври умум, Форобӣ қайд мекунад, ки "дар шаҳр инсони муайян ҳаст – роҳбар ва одамони дигар, ки ба ин ҳоким аз рӯйи мартабаашон қаробат доранд ва ҳар кадоме аз онҳо

мувофиқи мавқеъ ва қобилиятҳои худ амалеро иҷро мекунанд, ки ҳадафи гузоштаашон тақозо мекунад. Онҳо дар дараҷаи аввал қарор доранд. Дар зери ин мартаба одамони дигаре ҳастанд, ки мувофиқи ҳадафҳои аввалиҳо амал мекунанд - онҳо дараҷаи дуюмро ишғол мекунанд. Минбаъд ба ҳамин тарз мартабаи одамоне меояд, ки онҳо мувофиқи ҳадафҳои дараҷаи муқаддамтар аз онҳо амал мекунанд. Ба ҳамин тартиб, аъзои мухталифи иттиҳодияи шаҳрӣ то ба ҳадди онҳое, ки мувофиқи мақсадҳои муқаддамтарҳо амал мекунанд ва онҳоеанд, ки хидмат мекунанд, аммо ба онҳо хидмат намерасонанд. Онҳо дараҷаи пасттаринро ишғол намуда, одамони мартабаи пасттарин мебошанд. Ҳамин тавр, ин мартаба то ба ҳадди охирин мерасад, ки ҳамаи он дар доираи низоми мураттаб бо узвҳои бадани инсон ва пас, бо тартиботи кайҳонӣ муқоиса мешавад.

Аён аст, ки ҳам дар таълимоти Форобӣ ва ҳам Ибни Сино адолат ба таври куллӣ ба дунболи масъалаи фазилати инсон ва идеалҳою ормонҳои инсон дар ҷомеа барои рафъ намудани табъизу зӯроварӣ ва нобаробарӣ аст. Дар миёни нишондодҳои мухталифи адолат (сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва ғайра) консепсияи адолати иҷтимоӣ ва сиёсӣ яке аз муҳимтарин буъдҳое ба ҳисоб меравад, ки бар пояи ақлоният ва пайвастагии назариявию амалии таъсиси низоми иҷтимоӣ ва сиёсӣ, тақсими одилонаи қудрат, эҷоди баробарӣ ва мавзунӣ дар миёни сатҳҳои гуногуни иҷтимоӣ-сиёсӣ таъкид шуда, метавонад коромадҳо ва машруияти ин низомро волоият бахшад.

## АДАБИЁТ


1. Аль-Фараби, Абу Наср Мухаммед. Социально-этические трактаты. -С. 237.
2. Аль-Фараби, Абу Наср Мухаммад. Философские трактаты. Пер. с араб. - Алма-Ата, 1970. -С. 230.
3. История арабо-мусульманской ***философии***: Учебник. Под ред. ***А***.В. ***Смирнова***. — М.: Академический Проект, 2013. — 255 ***с***
4. Новая философская энциклопедия: В 4 т. / Ин-т философии РАН. -Т. 2. – М.: Мысль, 2010. -С. 245.
5. Насируддини Тӯсӣ. Ахлоқи Носирӣ. – Душанбе, 2009. -С. 105.
6. Shariff, M.M. (1963). A History of Muslim Philosophy, p. 432.
7. Khadduri M. (1984). The Islamic Conception of Justice. Baltimore: John Hopkins Univ Press, 28-34.
8. ابن سينا. الهيات. القاهرة 1964. ص. 441
9. عميد زنجانی. ميانی انديشه سياسی اسلام. تهران 1393 هـ. ص.17
10. ابن سينا. الشفاء. الهيات. القاهرة 1964. ص. 441
11. ابن سينا. الاشارات و التنبيهات. ج. 4. تهران 1404. ص. 61
12. ابن سينا. الشفاء. الهيات. ص. 441
13. الشيخ الرئيس ابو على ابن سينا. كتاب السياسة. دمشق 2006. ص. 61
14. رضوان سيد/ سياست و جامعه مدنی نزد شيخ ابو على سينا. بيروت 1962. ص. 151
15. حنا الفاخوری و خليل الجر. تاريخ فلسفه در جهان اسلامی. ج.2. تهران 1358. ص. 509
16. ابن سينا. الشفاء. الهيات. القاهرة 1964. ص. 451-452.


## ЗАМИНАҲОИ ОРМОНИИ НАЗАРИЯИ ОЗОДӢ ВА ФАРМОНБАРДОРИИ ШАХС


Муаллиф дар мақола оид ба яке аз принсипҳои асосии ҷаҳонбинии фалсафии исломӣ маълумот додааст. Муаллиф бар он назар аст, ки адолат дар фалсафаи ислом консепсияи олӣ ва мушаххасест, ки моҳияти он, пеш аз ҳама, дар ҳадафи офариниши олам ҳамчун ҳифзи адолат ва аз байн бурдани зулму бераҳмӣ аст. Умуман, дар мақола адолат дар консепсияи ислом маънои дуруст ва саҳеҳ гузоштани чизе дар ҷои мустаҳаққи он мебошад. Сарчашмаи назарияи адолати машшоиёни шарқӣ, қабл аз ҳама, Қуръон ба ҳисоб рафта, дар он Худо ҳамчун довари одилтарин муаррифӣ карда мешавад. Муаллиф назари муътазилиёнро, ки аксаран "аҳлу ал-'адл ва тавҳид" меномиданд ва тибқи таълимоти онҳо инсон масъули аъмоли ҳам одилона ва ҳам беадолатонаи хеш мебошад, онҳо дар охират подош ё ҷазо хоҳад дид, овардааст. Муаллиф муътақид аст, ки ба ақидаи мутафаккирон адолат сарчашмаи илоҳӣ дорад, аммо дар боби он ки адолати илоҳӣ дар рӯйи замин чӣ гуна амалӣ мегардад, дар байни онҳо ихтилофи назар вуҷуд дорад. Барои ҳаллу фасли он, муътазила назарияи нави адолатро пешниҳод намуданд, ки он вуҷудияти ду сатҳи адолатро таъин мекард.

**Калидвожаҳо** : ҳаюло, машшоияи шарқӣ, адолат, сарчашмаҳои илоҳӣ.


## ОСНОВНЫЕ УТОПИЧЕСКИЕ ТЕОРИИ СВОБОДЫ И ПОКОРНОСТИ ЧЕЛОВЕКА


В статье автор представил информацию об одном из основных принципов исламского философского мировоззрения. Автор считает, что справедливость в философии ислама – это высокое и конкретное понятие, суть которого заключается, прежде всего, в цели сотворения мира как защите справедливости и ликвидации угнетения и жестокости. Вообще в статье справедливость в понятии ислама означает поставить что-то на свое законное место. Источником учения о справедливости восточных мусульман прежде всего

является Коран, в котором Бог представлен как самый справедливый судья. Автор разделяет взгляды мутазилитов, которых часто называют ахлу аль-адл и таухид, и согласно их учению, люди несут ответственность за свои поступки, как справедливые, так и несправедливые, и будут вознаграждены или наказаны. Автор считает, что справедливость имеет божественный источник, но философы расходятся в том, как божественная справедливость осуществляется на земле. Для ее решения мутазилиты предложили новую теорию справедливости, которая определила существование двух уровней справедливости.

**Ключевые слова:** материя восточный перепатетизм, спарведливость, божественный источник.

**BASIC UTOPIAN THEORY OF FREEDOM AND HUMAN OBEDIENCE**

In the article, the author provided information about one of the basic principles of the Islamic philosophical worldview. The author believes that justice in the philosophy of Islam is a high and specific concept, the essence of which lies, first of all, in the goal of creating the world as the protection of justice and the elimination of oppression and cruelty. In general, in the article, justice in the concept of Islam means putting something in its rightful place. The source of the doctrine of justice for Eastern Muslims is primarily the Koran, in which God is presented as the most just judge. The author shares the views of the Mu'tazilites, who are often called ahlu al-adl and tawhid, and according to their teachings, people are responsible for their actions, both fair and unjust, and will be rewarded or punished in The author believes that justice has a divine source, but the philosophers disagreed on how divine justice is carried out on earth. To solve it, Mutazila proposed a new theory of justice, which determined the existence of two levels of justice.

**Keywords: matter**, eastern perepatetism, justice, divine source.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Зикирзода Ҳобил*** **-** Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, номзади илмҳои фалсафа, дотсент, кафедраи фалсафаи фарҳанг. **Суроға:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121. E-mail:**Hobiljon1981@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Зикирзода Хобил*** – Таджикский государственный педагогический университет имени Садриддина Айни, кандидат философских наук, доцент, кафедра философии культуры. **Адрес:** 734003, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 121. E-mail:**Hobiljon1981@mail.ru**

**Information about the author:** ***Zikirzoda Khobil*** **-** Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini, Candidate of Philosophy, Associate Professor, Department of Philosophy of Culture. **Address:** 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue, 121. E-mail: **Hobiljon1981@mail.ru**

УДК:14.141.8

# ҲАРАКАТИ ГЕНДЕРӢ ВА МУБОРИЗА БАР ЗИДДИ ХУШУНАТ НИСБАТИ ЗАНОН

*Сафарова Б. Қ.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Таҳқиқи масъалаҳои гуногуни гендерӣ дар илмҳои ҷомеашиносии ҷаҳон, аз ҷумла дар ҷумҳуриҳои собиқ Шуравӣ, бомаром пеш рафта истодааст. Ин масъала дар кишварҳои мутараққӣ таърихи қобили таваҷҷуҳ дорад, вале дар қаламрави кишварҳои пасошуравӣ ба ин раванди нави таҳқиқ ҳамагӣ дар тули зиёда аз ду даҳсола таваҷҷуҳ зоҳир карда шудааст. Аз ин хотир, гендершиносӣ дар Тоҷикистон низ, илми ҷавон ба ҳисоб меравад.

Дар кишварҳои пасошуравӣ, пеш аз ҳама, ба масъалаҳои гендерӣ пажуҳишгарони Россия ва баъдан Белорусияву Украина ва Қазоқистон рӯ овардаанд. Дар Тоҷикистон то охири асри XX роҷеъ ба масъалаҳои гендерӣ таҳқиқоти илмӣ вуҷуд надоштанд. Танҳо аз миёнаҳои солҳои 90-уми асри XX таҳияву татбиқи сиёсати гендерӣ [8] оғоз гардид. Дар давоми чанд соли ахир таҳқиқоти гендерӣ аз тарафи созмонҳои дохилию хориҷӣ ва марказҳои гендерӣ дастгирӣ карда мешаванд. Давлат низ ба масъалаҳои гендерӣ таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир менамояд. Сиёсати гендерӣ ба як бахши бартаридоштаи сиёсати давлат табдил ёфта истодааст. Натиҷаи пажуҳишҳои чанд соли ахир аз тарафи муҳаққиқони тоҷик дар дастури “Гендер и культура. Введение в гендерные исследования” ва боз чанд асари дигар интишор гардидаанд. Новобаста аз мавҷудияти чандин пажуҳишҳо дар самти гендер, масъалаҳои то ба ҳол таҳқиқнашуда дар ин самт зиёданд.

Истилоҳи “таҳқиқоти гендерӣ” ё “гендершиносӣ”-ро дар солҳои 60-70-уми асри XX ба гардиши илмӣ ворид намудаанд. Нахустин барномаҳои таҳқиқи масъалаи занон ва рафтори иҷтимоии онҳо дар донишгоҳҳои ИМА рӯйи кор омадаанд. Яке аз сабабҳои ба таҳқиқоти илмӣ фаро гирифтани масъалаҳои гендерӣ авҷ гирифтани ҳаракатҳои занон дар солҳои 70-уми асри XX будааст. Намояндагони ҳаракатҳои феминистӣ аз нав дида баромадани нақши занро дар пешбурди маданият ва ҷомеа талаб мекарданд. Ҳадафҳои ин ҳаракатҳои иҷтимоӣ аз ҷониби баъзе донишмандон дастгирӣ ёфта, онҳо бо таҳқиқоташон ба тақвият ёфтани феминизм мусоидат менамуданд. Дар ин самт онҳо ба муқобили ақидаҳо ва қолибҳои анъанавии вобаста ба мақоми зан мебаромаданд.

Дар адабиёти илмӣ мафҳуми “гендер” чунин шарҳ дода шудааст: “Гендер” аз калимаи англисии “gender” гирифта шуда, маънояш “ҷинс” мебошад [6]. Албатта, мафҳуми “гендер” тафовути ҷинсӣ ва ҷисмонии байни зану мардро ифода намекунад. Дар ин ҷо мафҳуми “гендер” ба маънои тафовутҳои ҷисмонию физиологӣ ва биологии байни зану мард наомадааст, балки сифатҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ ташаккулёфтаи байни зану мардро нишон медиҳад. Пас метавон хулоса баровард, ки сабабҳои иҷтимоие вуҷуд доранд, ки боиси тафовути миёни зану мард гаштаанд. Гендер ифодакунандаи интизориҳои нақшҳои иҷтимоии байни зану мард, фарқияти таърихан ташаккулёфтаи нақшҳои иҷтимоии байни ҷинсҳо, тақсимоти меҳнат ва талаботу арзишҳои иҷтимоии одамон вобаста ба ҷинс мебошад. Ба андешаи ҷомеашиноси шинохтаи англис Энтони Гидденс, истилоҳи “гендер”, пеш аз ҳама, “рафтори пешбинигардидаи иҷтимоие мебошад, ки барои мардону занон мувофиқ дониста шудааст” [3, с. 291].

Аввалин маротиба мафҳуми “гендер”-ро донишманди амрикоӣ Роберт Столлер соли 1968 дар китобаш “Ҷинс ва гендер” [9, с. 236] мавриди истифода қарор додааст. Тафовути гендерӣ дар нақшҳои иҷтимоии байни зану мард ифода меёбад. Ин нақш амали инсонро аз рӯйи рафтораш муайян менамояд: “Нақшҳои иҷтимоӣ имконият медиҳанд, ки маҷмӯи амсилаҳои рафтор идора карда шаванд” [2, с. 57]. Меъёри

нақшро пешакӣ ҷомеа муқаррар намудааст. Он ба нуқтаи фармондиҳие монанд аст, ки ба миллион иҷрокунандагони нақшҳо фармон медиҳад.

Гендершиноси рус Н.И. Абубикирова таъкид мекунадд, ки “истилоҳи “гендер” ҳамчун ифодаи муносибатҳо, ки ба синф, гурӯҳ, категория мансубият дорад, (ки ба яке аз маънои калимаи “род”(ҷинс) дар русӣ мувофиқат мекунад) фаҳмида мешавад” [1, с. 123].

Мубориизаи бемайлони ҳаракати феминистӣ, ки бо муборизаи сиёсӣ иртиботи бевосита дошт, ба комёбиҳои назаррас оварда расонид. Занҳо тавонистанд ҳаққи овоздиҳӣ дар интихобот ва ҳатто ҳуқуқи ба мақомотҳои ҳокимияти давлатӣ интихоб гардиданро ба даст оварда, барои адолат ва озодии иқтисодиашон даъво пеш оранд.

Тақсимоти меҳнат аз давраи ҷамоаҳои ибтидоӣ ва хусусиятҳои фарққунандаи байни занону мардон дар тули тамоми давраҳои таърихии инсоният тафовутҳои иҷтимоӣ ва нақши ҷинсҳоро дар ҷомеа бештар ва аз ҳам фарққунанда намуд. Пас аз пайдоиши ҷомеаи сармоядорӣ ва сар задани инқилобҳои иҷтимоӣ батадриҷ тартиботи то ин давра устуворгаштаи ҷомеа тағйир ёфт. Ҳуқуқи инсон ва арзишҳои иҷтимоӣ доштани ӯ дар сархатти масъалаҳои иҷтимоӣ қарор гирифт. Инқилоби саноатӣ ва тиҷорат занҳоро низ ба истеҳсолот ва ҷамъ кардани сармоя ҷалб намуданд. Бо роҳ ёфтан ба истеҳсолот занон, ҳамзамон, барои дарёфти ҳуқуқҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсии худ муборизаро оғоз намуданд. Ин муборизаи занонро дар баробари мардон барои доштани ҳуқуқу озодиҳо феминизм меноманд.

Феминизм идеологияест, ки ҳаракату талошҳои занонро барои озод шудан аз хушунати оилавӣ, имконияти васеи ворид шудан ба фаъолияти иқтисодию сиёсӣ ва ба даст овардани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ифода менамояд [11, с. 124]. Мафҳуми “феминизм”-ро бори аввал дар охири асри XIX Александр Дюма истифода намудааст. Аввалин манифести феминизмро, ки “Эъломияи ҳуқуқи зан ва шаҳрванд” ном дорад, соли 1791 адиби фаронсавӣ Олимпия де Гуж навиштааст, ки аввалин маротиба дар таърих баробарҳуқуқ донистани занону мардонро дар назди қонун талаб менамуд. Дар моддаи аввали ин Эъломия чунин навишта шудааст: “Зан таваллуд мешавад ва дар назди қонун озод аст ва бо мардон баробарҳуқуқ мебошад”. [4]. Ҳаракатҳои феминистӣ дар Ғарб дар асрҳои XIX ва XX авҷ мегиранд Занҳо тавассути талош ва кӯшишҳои муштарак ба он муваффақ гардиданд, ки бо мардон баробар маош гиранд, соати кориашонро кам намоянд, ба иттифоқҳои касаба, касбу ихтисосҳои то ин замон дастнорас ё ба истилоҳ “мардона” ва таълим дастрасӣ пайдо намоянд, узви ҳизбу ҳаракатҳои сиёсӣ гарданд, ҳуқуқи интихоб намудан ва интихоб шуданро пайдо намоянд (бо кӯшишҳои равияи феминистии суфражисткаҳо) аз кафолатҳои иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ ҳангоми маҳдуд гардидани қобилияти иҷтимоӣ ва давраи ҳомилагию нигоҳубини фарзанд бархӯрдор гарданд. Новобаста аз ба даст овардани ин ҳама ҳуқуқҳо занон то дер боз аз онҳо ба таври самаранок истифода бурда наметавонистанд, зеро то ҳол дар ҷомеаҳои суннатӣ барои амалӣ гаштани ҳуқуқи занон қолибҳои ақидавии консервативӣ, урфу одат ва анъанаҳо монеа эҷод мекунанд.

Аз охирҳои асри XX дар ҳаёти занон як қатор таҳаввулоти бузург ба амал омад. Маҳви бесаводии бештари занон, рушди касбияти онҳо, тағйир ёфтани вазифаҳои иҷтимоии оила ва гузаштани баъзе вазифаҳои он ба дигар ниҳодҳои иҷтимоӣ (махсусан маориф) кори занонро сабук кард. Имрӯзҳо ба сифати заминаи ғоявии ҳаракатҳои нави занон неофеминизм баромад мекунад. Неофеминизм тасаввуроти анъанавиро оид ба идомаи насл ва тавлиди кӯдакон мавриди боздид қарор дода, аз таълимоти нависанда ва файласуфи фаронсавӣ Симона де Бовуар сарчашма мегирад.

Неофеминизм таълим медиҳад, ки тамоми таърих ва фарҳанг мувофиқи ҷаҳонбинӣ ва завқи мардон бунёд гардидаанд, аз ин рӯ занон дар чунин низом озодона кору фаъолият карда наметавонанд. Бояд қолибҳои рафтору фаъолияти аз ҷониби мардон “ихтироъшуда” шикаста шаванд ва тарҳи нав пешкаш гардад.

Пас аз инқилоби соли 1917 идеяи баробарии мардону занон ҳамаҷониба тарғиб, мустаҳкам ва воқеӣ мегардад. Дигаргуниҳои иҷтимоию сиёсӣ коркарди роҳҳои нави

ҳалли масъалаҳои занон ва муносиботи оилавии зану мардро ба миён овард. Аввалин давлате, ки дар Конститутсияи соли 1918-и худ баробарҳуқуқии зану мардро дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ таҳким бахшида, баробарии шароити меҳнат, интихоби касб ва тарзи фаъолияти зану мардро ба таври оммавӣ тарғиб менамуд, Давлати Шуравӣ буд. Идеологияи Давлати Шуравӣ аз таълимоти марксизм сарчашма мегирифт, ки он баробарҳуқуқии зану мардро эътироф мекард. К. Маркс ва Ф. Энгелс – асосгузорони марксизм, ба масъалаи озод намудани зан аз ғуломии хонагӣ таваҷҷуҳи хосса зоҳир намуда, онро ҳамчун як ҷузъи ҷараёни умумии озодии инсоният мешумориданд. Асоси консепсияи гендерии марксизмро нуктаҳои зерин ташкил медоданд:

- дар раванди ҷудо шудани истеҳсолот аз оила вазифаҳои оила низ тағйир меёбанд;
- занон бояд ба низоми истеҳсолоти ҷамъиятӣ ҷалб карда шаванд;
- меҳнати дуҷонибаи онҳо, яъне ҳам кори хона ва ҳам кори истеҳсолӣ боз дошта шавад;
- модару кӯдак аз ҷониби давлат ҳифз гарданд ва ғайра [7, с. 78].

Вале, новобаста аз комёбиҳои зиёди 70 соли ҳукмронии Ҳокимияти Шуравӣ дар аксари музофоти ин давлат мисли пештара сатҳи дониши занон паст буд, онҳо назар ба мардон даромади камтар доштанд ва бештар ба корҳои оилавӣ банд буданд.

Дар ҷомеаи тоҷик бошад, муносибатҳои оилавӣ то Инқилоби соли 1917 хусусияти падаршоҳӣ доштанд. Пас аз ин инқилоб ақидаи баробарии зану мард то андозае ба воқеият табдил ёфт, вале мушкилоти занони тоҷик ба маротиб афзуд. Вазифаи модар будан, кору бори хона ва иштирок дар истеҳсолоти ҷамъиятӣ барои занони тоҷик бори ниҳоят гарон буд. Аз байн рафтани Давлати Шуравӣ боиси дар ҷомеа сар задани бухронҳои иқтисодию сиёсӣ гардид ва дар натиҷаи он корхонаҳо аз кор монданд, истеҳсолот рӯ ба таназзул ниҳод.

Ба мисли баъзе ҷомеаҳои суннатӣ дар Тоҷикистон низ аз рӯйи қолибҳои анъанавӣ ба корҳои мардона меҳнати фикрӣ, ташкилӣ, идоранамоӣ, қабули қарорҳо, корҳои вазнини ҷисмонӣ ва ғ., ба корҳои занона тавлид, парасторӣ ва тарбияи кӯдак, корҳои хона ва хидматгузорӣ, чун пешхизматҳо, рӯбандаҳои кӯча, котибаҳо, корҳои конселярӣ, муаллимӣ, ҳамшираҳои шафқат ва дигар корҳои камдаромаду каммузд дохил мешаванд. Бо сабабҳои объективӣ занҳо дар пешрафти мансабӣ, ихтисос, дастрасии нопурра ба бозори меҳнат ва ғайра аз мардҳо қафо мемонанд. Ба ин сабабҳо, пеш аз ҳама, тавлиди кӯдак ва нигоҳубини он, корҳои хона, нигоҳубини аъзои оилаи фаъолияташон маҳдуд, монеа эҷод кардани мардони оила, урфу одатҳо ва анъанаҳои дар ҷомеа вуҷуддошта дохил мешаванд. Баъзан занҳо ба низои нақшӣ гирифтор шуда, дар дуроҳаи интихоб қарор мегиранд: кори хона (оила) ва ё фаъолияти берун аз оила. Дар шароити фарҳангии мо аксаран занон оиларо интихоб мекунанд, зеро надоштани шавҳар ва фарзанд барои зани тоҷик тамғаи нангине ба ҳисоб меравад. Алоқа ва муносибатҳои иҷтимоии зани хонашин маҳдуд аст, якрангии зиндагӣ шавқу ҳаваси онҳоро гум мекунад ва аксаран ба таназзули фикрӣ оварда мерасонад. Баъдан, интихоби фаъолияти касбӣ ба зан сабукие намеорад, зеро на ҳама занҳо дар ин самт бо сабабҳои дар боло номбаршуда ба муваффақиятҳо ноил мегарданд. Мардон асосан ба корҳои сердаромад ва занон ба корҳои барояшон мувофиқ, ки камтар ба корҳои оилавиашон халал расонад, майл менамоянд. Дар баробари ин, аксарияти корфармоён кӯшиш менамоянд, ки занону духтаронро камтар ба кор гиранд. Барои он ки занон эҳтимолияти шавҳардор (агар шавҳар надошта бошанд) ва ҳомиладор шудан ва ба рухсатии таваллуд баромаданашон бештар аст. Ҳангоми ихтисори ҷойи корӣ ё зарурати аз кор дур андохтан ба сифати объект нахуст занон қарор мегиранд, зеро мувофиқи анъанаҳои қолибӣ бо ҷойи кор, дар навбати аввал, бояд саробони хона, яъне мардон таъмин карда шаванд. Занҳоро бошад, мардони хона ё шавҳарҳояшон аз ҷиҳати иқтисодӣ таъмин мекунанд.

Иқтисоди бозоргонӣ сохтори тақсимоти меҳнатро дар оила тағйир дода истодааст. Занони тоҷик бо сабабҳои норасоии иқтисодӣ, набудани саробони оила (мардон дар муҳоҷирати меҳнатӣ қарор доранд) маҷбур мешаванд, ки берун аз оила кор кунанд. Зиёда аз 1,5 млн аҳолии Тоҷикистон (асосан мардон) ба Россия ва дигар кишвар узвиҳои ИДМ ба муҳоҷирати меҳнатӣ рафтаанд. Қисме аз онҳо солиёни зиёд ба оила барнамегарданд, инчунин аз ҷиҳати молиявӣ оилаҳои худро дастгирӣ намекунанд. Дар натиҷа бори сангини рӯзгор ва таъмини моддии аъзои оила ба дӯши занон меафтад. Дар ҳолате ки зани тоҷик дар корҳои вазнину серташвиш банд мешавад ва шавҳар дар муҳоҷират аст, кӯдакон аз тарбия дур монда, каҷрафтор мешаванд ва дар кӯчаҳо беназорат гаштугузор менамоянд. Ин амр дар қатори дигар омилҳо низ метавонад яке аз омили хушунат дар оила бошад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки тақсимоти оилавии меҳнат ба анъана табдил ёфтааст ва инро ҳам занон ва ҳам мардон эътироф менамоянд. Дар ҷомеаи тоҷик корҳои занона, мардона ва корҳои муштараки зану мард хело дақиқ муайян карда шудаанд. Зан хамаи корҳои вазнини хоҷагии оилавиро ба дӯши худ мегирад ва эътироз намекунад, онро вазифаи “табиӣ”-и худ меҳисобад. Ҳатто зан аз мард даромади зиёд ба хона оварад ҳам, мард ба корҳои хонагии ӯ мадад намерасонад.

Вобаста ба нуктаҳои дар боло зикргардида заминаҳои хушунат ба занон фароҳам меоянд. Чунин тақсимоти оилавӣ ва иҷтимоии меҳнат на танҳо нобаробарии гендериро ба вуҷуд меорад, балки боиси маҳдуд гаштани вазифаҳои занон ва дар чор девори хона маҳкум намудани онҳо мегардад. Дар ҳамаи маданиятҳои падарсолорӣ зан махлуқе ҳисоб мешуд, ки ба мард тобеъ ва ба ӯ тааллуқ дорад. Хушунат ба зан дар урфу одат, анъана, никоҳ ва ғайра мустаҳкам ва гӯё “қонунӣ” гардонида шуда буд. Зан ва духтарон дар баробари иҷрои корҳои вазнини оилавӣ ба корҳои вазнини хоҷагӣ машғул шуда, ҷисман хароб гашта, ба касалиҳои зиёд мубтало мегарданд. Илова бар ин, онҳо бесавод монда, инкишофи ақлониашон боздошта мешавад. Маҳз ин анъанаҳо, одатҳои куҳнаи боқимондаи падаршоҳӣ ба занон имконият намедиҳанд, ки фаъолона баробари мардон дар истеҳсолот, мактаб ва дар ҳаёти сиёсии ҷамъият ширкат варзанд. Ҳуқуқу озодиҳои шахсию иҷтимоии занон ошкоро поймол карда мешаванд, хушунати иҷтимоӣ, психологӣ, шаҳвонӣ ва маданӣ нисбати занон ба таври ошкор ба чашм мерасад. Занҳо дар ҳама гӯшаҳои дунё ба шаклҳои гуногуни ҳуқуқпоймолкунӣ, мисли хариду фурӯш, зӯроварии оилавӣ, ҷалб намудан ба шаҳвоният ва ғ. дучор мешаванд.

Маҳдудият эҷод намудан дар интихоби касб ба бозори меҳнат ва зиёд будани бекорон, кам будани маош ва рақобати шадиди бозори меҳнат вобаста аст. Қисми зиёди занон ихтисос надоранд ва ба корҳои вазнини ҷисмонии кишоварзӣ, хизматрасонӣ ва тиҷорати кӯчагӣ ва бозор машғул ҳастанд, ки дар он ҷойҳо одитарин меъёрҳои санитарӣ ва меҳнатӣ риоя намешаванд. Волидон ба духтарон иҷозат намедиҳанд, то таҳсили худро дар мактабҳои олӣ ё миёнаи касбӣ давом диҳанд ва ин равандро амали беҳуда мешуморанд. Агар дар даврони шуравӣ зиёда аз 40%-и донишҷӯёни донишгоҳҳои олиро духтарон ташкил мекарданд, айни замон ин рақам ҳамагӣ ба 20% мерасад [10, с. 34].

Бо айби волидайн баъзе духтарон аз синфҳои поёнӣ мактаби миёнаро партофта, ба корҳои хона машғул мешаванд ва ба синни никоҳӣ нарасида, ба шавҳар дода мешаванд. Ҳол он ки ҷавондухтари ба синни никоҳӣ нарасида ҳанӯз ба муносибатҳои оилавӣ ва ҷинсӣ омода нест ва ӯ аз ин ҷароҳати ҷисмонӣ ва психологӣ мебинад.

Нобаробарии гендерӣ бо сабабҳои иқтисодию иҷтимоӣ на танҳо нигоҳ дошта мешавад, балки тезутунд гаштани он батадриҷ ошкор гардида истодааст. Аз ин мардон истифода бурда, бо ҳар роҳ монеи маълумотгирӣ ва интихоби касби дилхоҳи занон мегарданд. Зан аз рӯзҳои нахустини зиндагиаш зери фишори чорчӯбаи анъанаҳои хонагӣ ба воя мерасад. Онҳоро дар руҳияи ғуломӣ ва итоаткор будан ба мард (шавҳар) тарбия менамоянд. Аксарияти занони деҳот на танҳо оид ба дастовардҳои шахсӣ фикр намекунанд, ҳатто ба китобхонӣ ва маълумотгирӣ ҳавас

надоранд. Аз ин рӯ, тарбияи маънавии занон, ба корҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ҷалб намудани онҳо бояд яке аз вазифаҳои стратегии паст намудани хушунат нисбати занон бошад.

Таъмини имконоти баробари гирифтани маълумот баробарҳуқуқии занону мардонро дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёт таъмин менамояд. Дар ҷомеаи демократӣ ва кушод таҳсилот воситаи беҳтаринест, ки ба занон имконият медиҳад, то ба мақомҳои баланди иҷтимоӣ бирасанд.

Бояд зикр намуд, ки нобаробарии гендерӣ дар тамоми сайёра, новобаста аз сатҳи тараққиёти давлатҳои ҷаҳон то ба ҳол вуҷуд дорад. Бинобар ин, то ба ҳол ҷустуҷӯйи усул, муносибатҳо ва стратегияҳо барои аз байн бурдани ин нобаробарӣ ва хушунатҳое, ки аз он бармеоянд, идома дорад. Соли 1948 аз тарафи СММ "Эъломияи ҳуқуқи башар" қабул гардид, сипас, соли 1979 СММ Конвенсия "Дар бораи аз байн бурдани ҳама гуна шаклҳои табъиз нисбати занон"-ро қабул кард, ки ҳама гуна маҳдудсозии ҳуқуқиро аз лиҳози ҷинсият манъ намуда, баробарҳуқуқии занону мардонро дар соҳаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва шаҳрвандӣ муқаррар кардааст. Танҳо дар солҳои 70-80-уми асри XX дар Ғарб пас аз паҳн гардидани ғояи баробарҳуқуқии занону мардон дар никоҳу кор масъалаи зӯроварӣ дар оила низ ҳамчун зуҳуроти манфӣ эътироф гашта, мушкилоти иҷтимоӣ дониста шуд [5]. Сармашқи кори худ намудани санадҳои ҳуқуқӣ, таҷрибаи давлатҳои мутараққӣ, ҷаҳду кӯшиш барои аз байн бурдани омилҳои асосии ба вуҷуд омадани хушунат нисбати занон барои кам кардани сатҳи чунин хушунат ва зӯровариҳо мусоидат намуда, барои зудтар расидан ба мақсадҳои баробарии гендерӣ мувофиқ хоҳанд буд.

**Муқарриз: Маҳмадизода Н.Д. – д.и.ф., профессори ДМТ**

**АДАБИЁТ**


1. Абубакирова Н.И. Что такое гендер? // Общественные науки и современность / Н.И. Абубакирова. - 1996. –№6. –С.123-125.
2. Волков Ю. Социология / Ю.Волков. –М., 2007. –С.57.
3. Гидденс Э. Социология / Э.Гидденс. –М., 1999. – 665 с.
4. Гизела Бок. Права женщин как права человека. «Декларация прав женщин и граждан» Олимп де Гуж. Вклад в тематический фокус «Европейская история – гендерная история». В: Портал европейской истории. 2009г. (clio-online.de [доступ 20.08.2022 г.]).
5. Из опыта Канады / США: экономика, политика, идеология. -1996. -№3.
6. Коновалов С. История гендерного неравенства: Учебно-методический комплекс по курсу «Введение в теорию гендера» / С.Коновалов, М. Топаева. - Вып. III. –Алматы, 1999.
7. Маркс К., Энгельс Ф. Соч. Т.2. –С.78-79.
8. Сиёсати гендерӣ фаъолияти давлатӣ ва ҷамъиятиест, ки ба таъмини баробарии муносибатҳои мутақобилаи мардон ва занон равона шудааст. (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кафолати давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имконоти баробар барои амалигардонии онҳо»).
9. Столлер Р. Пол и гендер: о развитии мужественности и женственности. Science House / Р. Столлер. - Нью-Йорк, 1968. -383с.
10. Шоисматуллоев Ш. Насилие в отношении женщин: настоящее и прошлое / Ш. Шоисматуллоев. – Душанбе, 2005. –С.34.
11. Stoller R.J. Sex and Gender. N.Y. 1968. P.9. Цит. по: Кейт Миллетт. Теория сексуальной политики в кн. Феминизм и гендерные исследования: Хрестоматия. Под. общ. ред. В.И. Успенской. –Тверь, 1999. – С.124.


## ҲАРАКАТИ ГЕНДЕРӢ ВА МУБОРИЗА БАР ЗИДДИ ХУШУНАТ НИСБАТИ ЗАНОН


Дар мақола масъалаи омӯзиши ҳаракатҳои гендерӣ ва феминистӣ, таърихи таҳаввул, маъно, моҳият ва вазъи онҳо дар доираҳои илмӣ ва ҷомеа, роҳҳои мубориза бо хушунат нисбати занон баррасӣ гардидааст. Қайд мешавад, ки масъалаҳои гуногуни гендерӣ дар илмҳои ҷомеашиносии ҷаҳон, аз ҷумла дар ҷумҳурҳои собиқ Шуравӣ, мавриди таҳқиқ қарор доранд ва омӯзиши ин самт дар ҳоли рушд мебошад. Аз ҷумла, гендершиносӣ дар Тоҷикистонро метавон соҳаи нисбатан ҷавони илм донист.Дар доираи мақола вазъи таърихӣ-фарҳангӣ ва кунунии занони ҷомеаи тоҷик низ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифта, вобаста ба вазъи мавҷуда роҳҳои мубориза бар зидди хушунат нисбати занон пешбинӣ карда шудааст.

**Калидвожаҳо:** гендер, феминизм, тақсимоти меҳнат, оила, муносибатҳои иҷтимоӣ, хушунат нисбати занон, меҳнати хонагӣ, тарбияи фарзанд.

**ГЕНДЕРНОЕ ДВИЖЕНИЕ И БОРЬБА С НАСИЛИЕМ В ОТНОШЕНИИ ЖЕНЩИН**

В статье рассматривается вопрос изучения гендерных и феминистских движений, история их развития, их значение, сущность и статус в научных кругах и обществе, пути борьбы с насилием в отношении женщин. Отмечается, что различные гендерные вопросы изучаются в социальных науках мира, в том числе в странах постсоветского пространства, и изучение этого направления находится в стадии развития. Например, гендерные исследования в Таджикистане можно считать относительно молодой областью науки.В рамках статьи также было проанализировано историко-культурное и современное положение женщин в таджикском обществе в зависимости от сложившейся ситуации намечены пути борьбы с насилием в отношении женщин.

**Ключевые слова:** гендер, феминизм, разделение труда, семья, социальные отношения, насилие над женщинами, домашний труд, воспитание детей.

**GENDER MOVEMENT AND FIGHTING VIOLENCE AGAINST WOMEN**

The article deals with the study of gender and feminist movements, the history of their development, their significance, essence and status in the scientific community and society, ways to combat violence against women. It is noted that various gender issues are being studied in the social sciences of the world, including in the countries of the post-Soviet space, and the study of this area is in the development stage. For example, gender studies in Tajikistan can be considered a relatively young field of science.The article also analyzed the historical, cultural and current status of women in Tajik society and considered, depending on the current situation, ways to combat violence against women were outlined.

**Key words:** gender, feminism, division of labor, family, social relations, violence against women, domestic work, child rearing.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Сафарова Бону Қурбоновна*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, кафедраи таърихи фалсафа ва фалсафаи иҷтимоии факултети фалсафа, унвонҷӯй.. **Суроға:** 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ 17. E-mail: **safarovaBQ@ mail.ru**.Телефон:**(+992)918750991.**

**Сведения об авторе:** ***Сафарова Бону Курбоновна*** – Таджикский национальный университет, кафедра истории философии и социальной философии факультета философии, соискатель. **Адрес:** 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. E-mail: **safarovaBQ@ mail.ru**.Телефон:**(+992)918750991.**

**Information about the author*: Safarova Bonu Kurbonovna*** – Tajik National University, Department of History of Philosophy and Social Philosophy, Faculty of Philosophy, applicant. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. E-mail: **safarovaBQ@ mail.ru**. Phone: **(+992)918750991**.

ТДУ:37.014.52(575.3)

# МАСЪАЛАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ДИНӢ ВА АЛОҚАМАНДИИ ОН БА ТАҲСИЛОТИ ДУНЯВӢ ДАР ҶОМЕАИ МУОСИРИ ТОҶИКИСТОН

*Муҳаммадқодири Наҷмуддин*
**Донишгоҳои миллии Тоҷикистон**

Дар шароити имрӯзаи ҷаҳонишавӣ ва таъсири он ба низоми маориф барои таҳлилу баррасӣ намудани муносибати мувофиқи дин ва давлат, ҷустуҷӯйи шаклҳои алоқамандӣ ва баҳамтаъсиррасонии таҳсилоти динӣ ва дунявӣ аҳаммияти муҳимми назариявӣ ва амалӣ дорад.

Пас аз барқарор шудани Ҳокимияти Шуравӣ дар Осиёи Миёна ба руҳониёни исломӣ ва ба таҳсилоти динии аҳолӣ фишори зиёд оварда намешуд. Дар ибтидои солҳои 20-уми асри XX Ҳокимияти Шуравӣ на бо роҳи инкори дин, балки бо роҳи кушодани мактабҳо, клубҳо, китобхонаҳо ва дигар чорабиниҳои фарҳангӣ бо дин мубориза мебурд. Дар Ҷумҳурии Бухоро, ки тибқи барномаи таълимии мактабҳои дунявӣ барои таълими динӣ вақт ҷудо карда мешуд, хонандагони ба синни 14-солагӣ расида ба таври ихтиёрӣ дар масҷид асосҳои исломро омӯхта метавонистанд. Дар ин давра мактабҳои динӣ дар байни халқ мақоми баланд доштанд ва дар баробари мактабҳои дунявӣ амал мекарданд ва новобаста ба фишору монеагузориҳои Ҳокимияти Шуравӣ нисбат ба мактабҳои дунявӣ ҳолати хуби моддӣ ва моливӣ доштанд. Аҳолӣ ба мактабҳои динӣ кумакҳои молиявӣ мерасониданд ва ҳамзамон аз ҳисоби даромади заминҳои муассисаҳои динӣ (вақф) маблағгузорӣ мешуданд. Баъзе аз волидайн фарзандони худро аз муассисаҳои таҳсилоти дунявӣ гирифта, дар ин мактабҳои хусусӣ мегузоштанд ва таълими диниро аз дунявӣ афзалтар мепиндоштанд. Омӯзгорони динӣ дар байни аҳолӣ мақому мартабаи баланд доштанд ва онҳо дар устувории мактабҳои динӣ мусоидат менамуданд. Масалан, дар шаҳри Хеваи Ҷумҳурии Халқии Шуравии Хоразм шумораи хидматгузорони ташкилотҳои динӣ, хонандагони мадраса ва мактабҳои анъанавӣ ба 2550 нафар рафта мерасид, ки ҳамаи онҳо аз ҳисоби даромадҳои вафқ зиндагӣ мекарданд. Моҳи октябри соли 1923 дар ин ҷумҳурӣ 89 мактаби динии анъанавӣ вуҷуд дошт [1, с.19].

Дар ибтидо аксарияти зиёиён, ки пешбаранда ва тарғибгари илми дунявӣ ҳастанд, ба таҳсилоти динӣ рӯ оварданд, ҳатто дар муассисаҳои илмӣ олимони ҷавон ба сифати мавзуъҳои тадқиқоти илмӣ мавзуъҳои динӣ ва таълимоти динии руҳониёни диниро интихоб мекарданд ва ин раванд то ҳол ба назар мерасад. Аз миёнаҳои солҳои 20-уми асри XX сар карда, муносибати Ҳокимияти Шуравӣ ба мактабҳои динӣ тағйир меёбад, биноҳои таълимии динӣ ба мактабҳои дунявӣ табдил дода шуда, аз ҳисоби даромади вафқ мактабҳои советӣ кушода мешуданд. Дар ин давра шумораи мактабҳои шуравӣ якбора афзуд, соли 1927 дар Андиҷон 207 мактабҳои анъанавӣ ва 277 мактабҳои шуравӣ, дар Фарғона 118 мактаби анъанавӣ ва 272 мактаби шуравӣ, дар Зарафшон 120 мактаби анъанавӣ ва 110 мактаби шуравӣ, дар Хуҷанд 68 мактаби анъанавӣ ва 90 мактаби шуравӣ амал мекарданд [3, с.187-188]. Аз барномаи таълимии мактабҳои шуравӣ омӯзиши динӣ берун карда шуда, ҳатто ба руҳониён фаъолият кардан дар мактабҳои шӯравӣ ва маорифи халқ манъ гардид.

Бо сабаби роҳ ёфтани таълимоти равияҳои динии ғайрианъанавии динӣ ба мафкураи ҷавонон ва паҳн гардидани шуури ифротӣ, соли 2021 дар тамоми муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Тоҷикистон таълими фанни “Диншиносӣ” ба роҳ монда шуда, дар назди факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон кафедраи Диншиносӣ ва ихтисоси диншиносӣ кушода шуд. Аз соли таҳсили 2022-2023 дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон донишҷӯёнро бо ихтисоси диншиносӣ қабул намуданд. Хатмкунандагони ин ихтисос ҳамчун мутахассисони касбии диншиносӣ мода шуда, дар ташкилоту муассисаҳои давлатӣ оид ба дин кор карда метавонанд. Оид ба масъалаи алоқамандии таҳсилоти динӣ ва дунявӣ Б.С. Гершунский навиштааст, ки таносуби дурусти таҳсилоти дунявӣ ва динӣ бояд ба

«ҳамгироии арзишҳои равонӣ (психикӣ)-и одамон ва ҷомеа, ташаккули тадриҷии фазои ягонаи равонии тамаддун» мусоидат намояд [2, с. 437].

Яке аз хусусиятҳои фарққунандаи интихоби таҳсилоти динӣ аз дунявӣ дар он зоҳир мегардад, ки таҳсилоти динӣ ба эътиқод ва ҳиссиёти хонандагон ва ё волидайни онҳо алоқамандӣ дорад. Агар дар оила тарзи зиндагии динӣ интихоб шуда бошад ва аъзоёни оила арзишҳои диниро аз дунявӣ афзалтар шуморанд, пас роҳи таҳсилоти диниро пеш мегиранд. Албатта, дар ин самт ҳолатҳои истисноӣ ҷой доранд, яъне нафароне вомехӯранд, ки оилаашон аз тарзи зиндагии динӣ дур мебошанд, аммо зери таъсири муҳити иҷтимоӣ, махсусан, ҳамсолон монда, таҳсилоти диниро интихоб менамоянд ва ё мақому нуфузи руҳониёнро дида, тарзи зиндагии диниро афзалтар мешуморанд. Нисбат ба интихоби таҳсилоти дунявӣ муносибат дигар аст ва бештар ба интихоби оқилона такя карда мешавад. Дар ин ҳолат шахс ба қобилият ва малакаи шахсӣ такя карда, касби худро интихоб менамояд. "Агар интихоби комилан ҳама гуна намуди таҳсилоти касбии дунявӣ ба ангезаҳои оқилонаи шахс асос ёбад, пас бо таълимоти динӣ ҳама чиз комилан муқобил аст – дар ин ҷо интихоб ба андозаи бештар аз ҷониби маҷмуи ангезаҳои бешуурона, муносибатҳои психологӣ муайян карда мешавад" [7, с.14].

Таҳсилоти расмии динӣ имконият медиҳад, ки муҳассилин фанҳои дунявии муосирро низ омӯзанд. Агар руҳониён аз донишҳои дунявӣ бархӯрдор бошад, хатари ташаккул ёфтани хурофот ва андешаҳои ифротӣ аз байн меравад. Омӯзиши илмҳои дунявӣ ва мувофиқат намудан ба донишҳои муосири дунявӣ дар ҳамаи зинаҳои низоми таҳсилоти динӣ қобили қабул аст. Ҳоло низоми таҳсилоти динӣ барои омӯзиши илмҳои замонавии дунявӣ монеа намегардад, баръакс омӯхтани илмҳои дунявӣ боиси ташаккулёбии шахсияти руҳониён мегардад ва алоқамандии байни низоми таҳсилоти динӣ ва дунявӣ бештар мешавад. Дар натиҷа, руҳониён ҳангоми шарҳ додани зуҳуроти динӣ ба донишҳои илмӣ ва мантиқ такя карда, масъалаҳои диниро равшану фаҳмо шарҳ дода метавонанд.

Агар таҳсилоти расмии динӣ бо таҳсилоти дунявӣ алоқаманд гардад, бо пешрафти таҳсилоти дунявӣ шакл ва методҳои таҳсилоти динӣ низ ташаккул меёбанд. Масалан, дар асри 21 ҳангоми раванди таълими динӣ аз дастовардҳои илму техника ва технологияи иртиботӣ ба таври васеъ истифода бурда мешавад. Аммо таҳсилоти динӣ ба ҳамаи навовариҳо кушода нест ва нисбат ба таҳсилоти дунявӣ дар таҳсилоти дунявӣ ба ҷаҳонбинии плюралистӣ озодӣ дода намешавад. Руҳониён ба як варианти шарҳи зуҳуроти иҷтимоӣ эътимод дошта, нуқтаи назари худро тағйир намедиҳанд, аммо донишҳои дунявӣ барои шарҳи оқилонаи ин нуқтаи назар кумак мерасонанд.

Таълими босифати динӣ қоидаҳои рафторро муайян намуда, ахлоқи шахсро ташаккул дода, шахсияти дорои олами бойи маънавиро тарбия менамояд. Таҳсилоти расмии динӣ инсони ботаҳаммул ва хушахлоқро ба воя мерасонад, ки барои ӯ ҳама гуна ифротгароӣ ва хурофот бегона аст. Бе заминаи дониши динӣ ҷанбаҳои таърихии ҳаёти иҷтимоии халқи моро амиқ омӯхтан ғайриимкон аст. Новобаста ба паҳншавии зуҳуроти секуляризм дин ба ҷомеаи муосир ва ҳаёти иҷтимоӣ таъсир мерасонад. Агар дониши воқеии динӣ таълим дода нашавад, дар халои он арзишҳои ифротӣ ва хурофотии динӣ паҳн мегардад, идеологияи экстремизми динӣ устувор гашта, намояндагони ғояҳои хатарнок ва харобсозанда меафзоянд ва низоъҳои динӣ авҷ мегиранд. Роҳи муҳимтарини мубориза бо идеология экстремизми динӣ таълими дурусти динӣ ва ташаккули шуури динии шаҳрвандон мебошад.

Ҳоло таҳсилоти динӣ дар ҳолати бuҳронӣ қарор дорад, зеро таълими хусусии динӣ бо қонун манъ карда шудааст, ангуштшумор будани муассисаҳои таълимии расмии динӣ талаботи ҷомеаро ба таҳсилоти динӣ қонеъ гардонида наметавонад. Дар натиҷа таъсири гурӯҳҳои иҷтимоии динӣ ва руҳониёни алоҳидаи динӣ дар фазои динии ҷумҳурӣ зиёд гардида, онҳо аз технологияи иртиботии муосир истифода бурда, ақидаҳои худро паҳн менамоянд.

То ҳол дар кишварамон таълими динии пинҳонӣ вуҷуд дорад, баъзе аз руҳониёни муфтхӯр бо ҳар роҳ таълими динӣ ва ибодати ноболиғон ва ҷавононро талаб намуда, волидони ноогоҳро водор менамоянд, ки фарзандонашонро ба таҳсили ғайриқонунии динии хонагӣ ҷалб намоянд. Волидон ҳатто фарзандони хурди худро барои таҳсилоти динии пинҳонӣ ба доми ин гуна руҳониёни аз моҳияти аслии дини ислом бехабар гирифтор мекунанд. Таҳсилоти ғайриқонунии динӣ боиси шаклгирии тафаккури хурофотии ноболиғону ҷавонон гашта, дар онҳо ҷаҳонбинии хурофотӣ ва ғайриилмиро ташаккул медиҳад. Дар натиҷа ин гуна наврасону ҷавонон аз илму техника ва омӯзиши фанҳои дақиқ дур шуда, оянда ҳамчун руҳонии хурофотзада ба воя мерасанд. "Мутаассифона, имрӯз волидоне ёфт мешаванд, ки фарзандҳои худро назди ҳамин гуна ашхосе, ки аз аркони дини мубини Ислом бехабаранд, барои гирифтани таълимоти ғайрирасмии динӣ мемонанд. Ин табақа аз оқибатҳои манфии он ноогаҳ буда, ҳатто дарк наменамоянд, ки дар аксар мавридҳо фарзандашонро ин нафарон ба кӣ ва чӣ табдил медиҳанд. Бинобар ин, таълимоти ғайриқонунии динӣ барои ҷомеаи мо аз он нуқтаи назар хатарзо ва боиси нигаронӣ аст, ки аксари руҳониён худ маълумоти кофии динӣ надошта, ҷаҳонбинӣ ва зарфиятҳои илмии онҳо бисёр маҳдуданд. Раванди таълимоти ғайриқонунии динӣ, сарчашмаи таблиғкунандаи идеологияи ифротӣ ва қадами нахустин ба ҷониби ячейкаҳои ибтидоии террористӣ буда, асосан дар шароити ҳуҷраҳо ва манзили зисти руҳониёни иртиҷоӣ ба роҳ монда мешавад" [6, с.10].

Мувофиқи омори расмӣ, давоми солҳои 2019-2022 дар Тоҷикистон қариб 2000 ҳолати таълими ғайриқонунии динӣ (13 нафар хатмкунандагони муассисаҳои динии кишварҳои хориҷӣ) ошкор ва пешгирӣ карда шудаанд. Дар байни онҳо 43 нафар имомхатибон, 983 нафар руҳониёни ғайрирасмӣ, 32 омӯзгор ва 17 донишҷӯ низ буданд. Ҳамзамон, 33 волидайн, ки фарзандонашонро барои таҳсилоти дини пинҳонӣ дар назди руҳониён гузоштаанд, ба ҷавобгарии ҳуқуқӣ кашида шуданд [6, с.15-16].

Бояд ёдовар шавем, ки барои пешгирии таҳсилоти ғайриқонунии динӣ, ҳифзи амнияти шаҳрвандон ва пешгирии шомилшавии ҷавонон ба гурӯҳҳои ифротӣ ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйиру илова ворид гардиданд. Ба Кодекси ҷиноятии Тоҷикистон моддаи 334 банди 1 илова карда шуд. Минбаъд барои ғайриқонунӣ ба роҳ мондани таълими динӣ, аз ҷумла тавассути шабакаи интернет, агар ин кирдор хусусияти динии экстремистӣ надошта бошад ва давоми сол, пас аз татбиқи ҷазои маъмурӣ барои чунин ҳуқуқвайронкуниҳо содир шуда бошад, ҷавобгарии ҷиноятӣ муқаррар карда мешавад.

Соли 2017 дар муассисаҳои таълими динии хориҷи кишвар 3493 нафар шаҳрвандони Тоҷикистон таҳсил менамуданд. Дар натиҷаи андешидани чораҳои зарурӣ онҳо ба ватан баргадонида шуданд. Давлат барои таҳсилоти расмии динии ҷавонони Тоҷикистон тамоми заминаҳо ва шароитҳоро фароҳам овардааст, онҳо озодона бо роҳи қонунӣ таҳсилоти динии худро ба анҷом расонида метавонанд. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ин маврид чунин ибрози назар намудаанд: "Падару модарони азиз, аз таҳсили ғайрирасмии фарзандон дар муассисаҳои таълими динии хориҷи кишвар эҳтиёт бошед, зеро омили дигаре, ки ба густариши мафкураи экстремистӣ мусоидат мекунад, маҳз таҳсили ҷавонон дар чунин муассисаҳои таълимӣ мебошад. Гарчанде то имрӯз қисме аз онҳо ба Ватан баргардонида шудаанд, вале то ба ҳол даҳҳо нафари дигар дар мактабҳои динии хориҷӣ ғайриқонунӣ таҳсил карда истодаанд. Аз ин рӯ, бори дигар аз падару модарони азиз хоҳиш менамоям, ки барои баргардонидани фарзандону хешутаборони худ талош намоед, зеро дар Ватани худамон барои таҳсил ва кору заҳмати созанда тамоми шароит муҳайё карда шудааст" [10, с.5].

Кам шудани таъсири мусбати дин низ ба ҷомеа хатарҳои худро дорад, махсусан, беахлоқӣ, маънавиёти паст ва афзудани каҷрафториҳои иҷтимоӣ натиҷаи таҳсилоти

кофии динӣ нагирифтани шаҳрвандон мебошад. Махсусан, дар муассисаҳои таълимии Тоҷикистон бояд мутахассисони соҳаи дин таълим диҳанд ва моҳияти аслии динро ба наврасону ҷавонон фаҳмонида тавонанд.

Муносибатҳои тарафайни давлат ва дин дар шароити десекуляризатсия ва бештар шудани таъсири дин дар ҳаёти иҷтимоии Тоҷикистон мубрамияти хосса касб мекунанд. Хусусияти фарққунандаи тағйироти динӣ дар Тоҷикистон фаъолгардии равияҳои радикалии динӣ, ташаккулёбии экстремизми динӣ, пайдоиши гурӯҳҳои экстремистию террористӣ мебошад, ки бо шиорҳои динӣ ба сафҳои худ ҷалб намудани шаҳрвандон, махсусан, ҷавонон ба фазои сиёсии Тоҷикистон таъсир расонидан мехоҳанд. Дар чунин шароит таҳлили амсилаҳои муносибатҳои давлат ва дин, ёфтани роҳҳои мувофиқи баҳамтаъсиррасонии дин ва ҷомеа, алоқаманд намудани таҳсилоти дунявӣ ва динӣ аҳаммияти калони назариявӣ ва амалӣ дорад.

Файласуфи олмонӣ А. Хасенклевер дар тадқиқоти худ исбот кардааст, ки байни таҳсилоти динӣ ва рафтори демократӣ ҳамбастагии мусбӣ вуҷуд дорад. Ба ақидаи донишманд, ҳар қадаре ки сатҳи таҳсилоти динӣ паст бошад, ҳамон қадар гуногунрангии динӣ ба сифати воситаи сиёсӣ истифода бурда мешавад [13, с. 288]. Яке аз консепсияҳое, ки таносуби байни дин ва дунявиятро дида мебарояд, бо номи секуляризм мебошад. Мувофиқи назарияи секуляризм дигар дин омили ягонаи ҳамгироии ҷомеа баромад намекунад. Зуҳуроти секуляризм дар сотсиологияи муосир аз ҷониби муҳаққиқони хориҷӣ П. Бергер, Б. Уилсон, Е.С. Элбакян, Д.А. Узланер ва дигарон таҳқиқ гардидааст. Секуляризм маънои азбайнравии динро надошта, балки аз даст додани мақоми иҷтимоӣ ва аҳаммиятнокии дин дар ҷомеаро ифода менамояд. Секуляризми шуравӣ раванди секуляризатсияи ҷомеаро ҳамчун зуҳуроти позитивӣ арзёбӣ намуда, яке аз зинаҳои озодшавии инсоният аз зулми маънавӣ меномад, ки дар натиҷа ба рушди ҷомеа роҳ кушода мешавад [11, с.62-69]. Классикони назарияи секуляризм П. Бергер ва Б. Уилсон андеша доштанд, ки раванди секуляризатсия боиси таназзули эътиқод ва маънавиёти ҷомеа мегардад. Аксарияти муҳаққиқон бар ин боваранд, ки секуляризм динро аз байн набурда, балки боиси таҳаввулоти дин мегардад, яъне шаклҳои нави эътиқоди одамон пайдо мешаванд. Секуляризм ба давлатҳои рӯ ба инкишоф бо технологияи пешқадам, санъат, демократия ва муд ворид мегардад. Ҳоло бошад, донишмандон дар бораи бозгашти дин ба ҳаёти иҷтимоӣ ё десекуляризатсия сухан мегӯянд, ки ин раванд дар Тоҷикистон аллакай давом дорад.

Таҳсилоти динӣ, ба андешаи А.Ф. Козирев «намудҳои гуногуни фаъолияти тарбиявиро дар бар мегирад, ки ин ё он тарз бо омӯзиши дин, тарбияи эҳсосоти динӣ ва рушди шуури динӣ алоқаманд аст» [4, с.13-14]. Ҷомеашиноси рус Г.В. Осипов оид ба аҳаммияти иҷтимоии дин чунин навиштааст: "Дин бо тамоми шаклу зуҳуроташ бузургтарин падидаи таърихи инсоният мебошад. Он шахсро дар тамоми марҳилаҳои мавҷудияти ӯ, аз замоне дар бораи худ дар робитаи ногусастанӣ бо табиат фикр мекард ва то имрӯз ҳамроҳӣ менамояд. Маҳз таълимоти динӣ хирад ва таҷрибаи ҳаётии одамонро оид ба масъалаҳои ахлоқӣ ҷамъбаст намуда, дар ин замина заминаҳои асосии ахлоқро ифода мекунад, ки бидуни онҳо мавҷудияти халқҳо, ташкили ҳаёти рӯзмарраи иҷтимоии онҳо ғайриимкон аст. Ҳамаи динҳо бавуҷудомада, пеш аз ҳама, «ҳаракатҳои ҷамъиятии ахлоқӣ» буданд" [8, с.6].

Дин ҳамчун шакли махсуси шуури ҷамъиятӣ ба тамоми паҳлуҳои ҳаёти ҷамъиятӣ таъсири худро мерасонад. Дунявият маънои инкор ва рад намудани динро надошта, дар ҷомеаи дунявӣ диндорон ва бединон дар фазои мусоид ва осоишта муштарак зиндагӣ мекунанд. То асри 19 одами озодандеш ва дунявӣ зидди дин, руҳониён ва муассисаҳои динӣ шуморида мешуд. Дар ҷомеаи имрӯза дунявият ба ахлоқи умумиинсонӣ, ғояҳои оқилона ва рушди илму техника алоқаманд гаштааст. Дигар ахлоқи динӣ ва меъёрҳои динӣ пурра дар ҷомеа ҳукмрон буда наметавонад, аммо дунявият бо секуляризм ҳаммаъно нест ва дар ҷомеаи дунявӣ дин бо тамоми шаклҳои зуҳуроташ ба ҳаёти иҷтимоӣ таъсири калон расонида метавонад. Масалан, Тоҷикистон давлати дунявӣ эълон шудааст, аммо дар ҳаёти ҷамъиятӣ на секуляризм,

балки десекуляризм мушоҳида мешавад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон озодии эътиқод, озодии виҷдон, боварӣ ва анҷом додани маросимҳои динӣ бо санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ мустаҳкам гардида, дин ҳамчун арзиши иҷтимоӣ-маънавӣ ва унсури асосии ҷомеаи шаҳрвандӣ эътироф гардидааст. Дар баробари ин, давлат барои ҳукмронии комили дин дар ҳаёти иҷтимоӣ ва дахолати руҳониён ба равандҳои сиёсии ҷомеа роҳ намедиҳад. "Нуқтаи калидӣ дар муайян намудани давлати дунявӣ бояд мафҳуми "бетарафии идеологии давлат" бошад, ки муҳимтарин хусусияти назариявӣ ва методологии давлати дунявӣ буда, на танҳо ба дин, балки ба дигар шаклҳои маърифати олами атроф дахл дорад. Давлати дунявӣ бояд аз нигоҳи идеологӣ бетараф бошад ва ин маънои онро дорад, ки давлат аслан ба таври расмӣ бояд ба ягон идеология, хоҳ идеологияи давлатӣ, хоҳ динӣ, хоҳ атеистӣ бошад, роҳ надиҳад" [12, с. 90-95]. Айни замон дар Тоҷикистон амсилаҳои нави муносибати байни давлат ва иттиҳодияҳои динӣ шакл мегиранд ва танзими равандҳои динӣ дар асоси санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ба амал бароварда мешавад.

Ҳамзамон бояд гуфт, ки дунявиятро ҳамчун низоми давлатдорӣ ва динро ҳамчун ҷузъи фарҳанги миллӣ пазируфтан дар замони истиқлолият илмҳои диншиносию исломшиносиро аз бунбасти идеологию сиёсӣ озод намуд ва барои рушди бунёдии онҳо мусоидат кард. Аз ҷумла, дар Пажуҳишгоҳи фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинов шуъбаи таърих ва фалсафаи дин фаъолият мекунад, ки ба омӯзиши масъалаҳои исломшиносӣ ва фалсафаи ислом дар шароити ҷаҳонишавӣ машғул аст.

Яке аз дастовардҳои муҳимми ин давра он аст, ки бо ташаббуси Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар соли 2008 Маркази исломшиносӣ дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ёфт, ки аз панҷ шуъба иборат буда, ба омӯзишу таҳқиқи илмии масоили исломи муосир, сиёсати давлати дунявӣ нисбат ба дин, анъанаву маросимҳои исломӣ, тарҷумаю таҳқиқ ва нашри сарчашмаҳои исломӣ, омӯзиши вазъи дину диндорӣ, ҷойгоҳи дин дар ҷомеаи муосири тоҷик ва дигар масоили марбут ба диншиносӣ машғул аст. Ин ниҳоди илмӣ тули ин солҳо ба роҳбарияти олии кишвар доир ба масъалаҳои мубрами исломшиносӣ хулосаҳо, таҳлилу пешниҳодҳои илмӣ ва ташхиси маҳсулоти чопии дорои хусусияти диниро манзур намуда, ҳар сол ду маротиба дар мавзуъҳои муҳимми диншиносиву исломшиносӣ конфронсҳои ҷумҳуриявӣ ва минтақавӣ, машваратҳои тахассусӣ ва воҳӯрию мулоқот ташкил менамояд. Марказ дар тарғиби донишҳои диншиносию исломшиносӣ дар байни шаҳрвандон ва гузаронидани таҳқиқоти сотсиологӣ дар соҳаи дин низ саҳми калон дорад [5,с. 8]. Инчунин, Донишкадаи исломии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи Имоми Аъзам Абуҳанифа Нуъмон ибни Собит - Муассисаи давлатии Донишкадаи исломии Тоҷикистон бо Қарори № 547 дар таърихи 2-юми ноябри соли 2007 расман таъсис ёфтааст. Пеш аз ҳама, мақсади ниҳоии таҳсилоти динӣ омода намудани мутахассисони дин, омӯзгорони соҳаи дин, рӯҳониён ва хизматчиёни ташкилотҳои динӣ мебошад. Ба воситаи таҳсилоти динӣ иҷтимоишавии динии эътиқодмандони дин амалӣ гардида, меъёрҳо ва арзишҳои динӣ аз як насл ба насли дигар мегузаранд. Баъдан, бояд ҳудудҳои беҳтарини таъсири таълими динӣ ба раванди таълиму тарбияи муассисаҳои таълимии дунявӣ муайян карда шаванд.

**Муқарриз: Миров Ф.С. – н.и.ф., дотсенти ДМТ**

**АДАБИЁТ**


1. Базаров М. Советская религиозная политика в Средней Азии. 1918-1930г. [Манбаи электронї] https://www.vub.be/sites/vub/files/nieuws/users/bcoppiet/150sovetskaya_religioznaya.pdf (саннаи муроҷиат 13.04.2023)
2. Гершунский Б.С. Философия образования / Б.С.Гершунский. – М.: Флинта, 1998. – С. 437. 556 с.
3. Икрамов А. Об идеологической работе // Избранные труды в 3-х томах. Т.1 / А.Икрамов. – Ташкент: Узбекистан, 1972. – С. 289.
4. Козырев А.Ф. Религиозное образование в светской школе / А.Ф. Козырев. - СПб., 2005. –С. 13.
5. Қамар Нурулҳақ. Муносибати давлат ба дин дар даврони созандаи Истиқлолият. [Манбаи электронӣ] https://mit.tj/article ( саннаи муроҷиат 25.04. 2023)

6. Мамадҷонов Ф. Таълимоти ғайриқонунии динӣ – сарчашмаи ифротгароӣ. [Манбаи электронӣ] https://iet.tj/tj/talimoti-ajri-onunii-din-sarchashmai-ifrotgaro (саннаи мурочиат 10.03.2023)
7. Найденов М.С. Взаимодействие светского и религиозного образования в современных условиях. [Электроный рессурс]https://doi.org/10.30853/manuscript.2018-12- (саннаи мурољиат) (25.03.2023)
8. *Осипов Г.В.* Современный мир и религия / *Г.В.Осипов, Ж.Т. Тощенко* // Вопросы философии. – 2007. – №6. – С.6. -304 с.
9. Социологические исследования. - 2010. - № 6. – С. 62- 69.
10. Суханронї ба муносибати 18-солагии Рўзи ваҳдати миллї аз 26.06.2015. [Манбаи электронї]. URL: (санаи мурољиат: 24.03.2022)
11. Узланер Д. А. Советская модель секуляризации / Д. А. Узланер // Социологические исследования. - 2010. - № 6. - С. 62- 69.
12. Яхьяев М.Я. Светское и религиозное в современном обществе / М.Я. Яхьяев, Е.Г. Камышова // Исламоведение. – 2011. – №2. – 90-95. – С. 94.
13. Hasenclever A. Geteilte Werte - Gemeinsamer Frieden? Uberlegungen zur zivilisierenden Kraft von Religionen und Glaubensgemeinschaften // Friedenspolitik: ethische Grundlagen internationaler Beziehungen / Eds. H. Kung & D. Senghaas. Munchen: Piper, 2003. S. 288-318.

## МАСЪАЛАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ДИНӢ ВА АЛОҚАМАНДИИ ОН БА ТАҲСИЛОТИ ДУНЯВӢ ДАР ҶОМЕАИ МУОСИРИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақолаи мазкур масъалаҳои таҳсилоти динӣ, роҳҳо ва соҳаҳои алоқамандии таҳсилоти динӣ бо таҳсилоти дунявӣ, инчунин ҷанбаҳои меъёриву ҳуқуқии он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд. Инчунин, муаллиф дар асоси сарчашмаҳои илмӣ ва тадқиқоти сотсиологӣ таҳсилоти динии шаҳрвандонро дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон баррасӣ намуда, хулосаҳои илмӣ пешниҳод намудааст. Муаллифи мақола қайд менамояд, ки таҳсилоти динӣ бояд тибқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда шавад ва барои танзими ҳаёти динии ҷомеа, назорати риоя ва иҷроиши санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ дар соҳаи дин мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба дин амал мекунад. Ҳамзамон, муаллиф барои муносибати мувофиқи таҳсилоти динӣ бо таҳсилоти дунявӣ тавсияҳо ва пешниҳодҳои ҷолиби диққат пешниҳод намудааст.

**Калидвожаҳо:** таҳсилоти динӣ, таҳсилоти дунявӣ, озодандешӣ, секуляризм, демократия, идеологияи ифротӣ, муҳассилин, мактабҳои динӣ, руҳониён.

## ПРОБЛЕМЫ РЕЛИГИОЗНОГО ОБРАЗОВАНИЯ И ЕГО СВЯЗЬ СО СВЕТСКИМ ОБРАЗОВАНИЕМ В СОВРЕМЕННОМ ОБЩЕСТВЕ ТАДЖИКИСТНА

В данной статье изучены и проанализированы вопросы религиозного образования, пути и направления связи религиозного образования со светским образованием, а также его нормативно-правовые аспекты в Республике Таджикистан. Также на основе научных источников и социологических исследований автор рассмотрел вопросы религиозного воспитания граждан в современном обществе Таджикистана и представил научные выводы.Автор статьи отмечает, что религиозное образование должно функционировать в соответствии с действующим законодательством Республики Таджикистан, а уполномоченные государственные органы по делам религий осуществляют деятельность по регулированию религиозной жизни общества, контролю за соблюдением и реализацией нормативно-правовых актов в области религии. В то же время автор обращает внимание на интересные рекомендации и предложения по правильному соотношению религиозного и светского образования.

**Ключивые слова:** религиозное образование, светское образование, свобода мысли, секуляризм, демократия, радикальная идеология, образованные, религиозные школы, религиозные лидеры.

## THE PROBLEMS OF RELIGIOUS EDUCATION AND ITS CONNECTION WITH SECULAR EDUCATION

This article explores and analyzes the issues of religious education, the ways and directions of the relationship between religious education and secular education, as well as its regulatory and legal aspects in the Republic of Tajikistan. Also, on the basis of scientific sources and sociological research, the author examined the issues of religious education of citizens in modern Tajik society and presented scientific conclusions. The author of the article notes that religious education should function in accordance with the current legislation of the Republic of Tajikistan, and the authorized state bodies for religious affairs carry out activities to regulate the religious life of society, control over the observance and implementation of regulatory legal acts in the field of religion. At the same time, the author draws attention to interesting recommendations and proposals for the correct balance between religious and secular education.

**Keywords:** religious education, secular education,freedom og thought, secularism, democracy, radical ideology, education, religious school, religious leaders.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Муҳаммадқодири Наҷмуддин*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, кафедраи сотсиологияи факултети фалсафа, ассистент. **Суроға:** 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ 17. Телефон:**(+992) 93-544-90-91** E-mail:**najmiddinzoda90@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Мухаммадкодири Наджмуддин*** – Таджикский национальный университет, кафедра социологии факультета философии, ассистент. **Адрес:** 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. Телефон:**(+992) 93-544-90-91** E-mail:**najmiddinzoda90@mail.ru**

**Information about the author:** ***Muhammadqodiri Najmuddin***– Tajik National University, department of Sociology, faculty of philosophy, assistant. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17.Phone :**(+992) 93-544-90-91** E-mail:**najmiddinzoda90@mail.ru**

ТДУ:174

# БАТАНЗИМДАРОРИИ МЕЪЁРҲОИ АХЛОҚ ДАР ШАРОИТИ ҶАҲОНИШАВӢ

***Устобоева Д.М.***
**Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон**

Муносибатҳои байни одамон на танҳо ба воситаи меъёрҳои ҳуқуқӣ, инчунин тавассути меъёрҳои ахлоқӣ низ ба танзим дароварда мешаванд. Аз давраҳои қадим одамон рафтори худро бо меъёр ва қоидаҳои,ки худи онҳо дар ҳаёт санҷидаанд ва он меъёру қоидаҳо манфиати умумии онҳоро ифода мекарданд, мувофиқ мекарданд. Онҳо мефаҳмиданд, ки худсари инкор намудани манфиати дигарон барои ҳамаи онҳо номувофиқ ва хатарнок мебошад. Таърих гувоҳ аст, ки ба ҳама гуна офатҳо ва ноҷӯриҳои иҷтимоӣ ҳамон халқҳое тоб оварда тавонистанд, ки ба меъёрҳои умумӣ, қоидаҳо ва одатҳо қатъиян риоя намуда, таҷрибаи бисёрасраи фаъолияти якҷояи меҳнатӣ ва амсоли инҳоро дуруст истифода кардаанд.

Ахлоқ, одат, анъана, яъне меъёрҳои ахлоқӣ, тасаввурот оид ба некӣ ва бадӣ, адолат ва беадолатӣ, бовиҷдонӣ ва бевиҷдонӣ ва амсоли онҳо қоидаҳои аввалини рафтори одамон буданд. Одамон вайронкунандагони чунини қоидаҳоро маҳкум мекарданд. Бо мурури инкишофи ҷамъият ва мураккаб шудани муносибатҳои байни одамон меъёрҳои ахлоқӣ имконияти пурра танзим кардани муносибатҳои гуногуни ҷамъиятро аз даст доданд. Пайдоиши давлат ва синфҳо инкишофи муносибатҳои хоҷагӣ боиси мурккабшавии ин муносибатҳо гардид. Акнун меъёрҳои ахлоқӣ на ҳамаи муносибатҳои байни одамон ва давлатро ба танзим дароварда метавонистанд. Ба ин сабаб тадриҷан намудҳои нави меъёрҳои иҷтимоӣ, меъёрҳои ҳуқуқӣ ба вуҷуд омаданд. Барои вайрон намудани ин меъёрҳо давлат ҷазо медод. Ҳамин тариқ, ҳуқуқ ҳамчун банизомдарорандаи рафтори одамон нисбат ба меъёрҳои ахлоқӣ дертар ба вуҷуд омад.

Ахлоқ ҳамчун шакли шуури ҷамъиятӣ қоидаҳои рафтори одамонро танзим мекунад. Дар айни замон рафтори одамон на фақат тавассути ахлоқ, балки тибқи меъёрҳои ҳуқуқӣ ба танзим дароварда мешавад. Аммо дар аксар мавридҳо ҳуқуқ ва ахлоқ дар ягонагӣ муносибатҳои ҷамъиятиро ба танзим медароранд. Он рафторе, ки зидди талаботи меъёрҳои ҳуқуқӣ мебошад, рафтори зиддиахлоқӣ аст. Авбошӣ, дуздӣ, дашном, туҳмат, озор додани дигарон ва ба ин монанд рафтори ношоям ва фақат ба воситаи меъёрҳои ахлоқӣ махкум карда мешаванд, балки барои чунин рафтор шахсони гунаҳкор ба ҷавобгарии ҷиноятӣ низ кашида мешаванд. Аз ин лиҳоз, таъкид намудан ҷоиз аст, ки ҳуқуқ ва ахлоқ якдигарро пурра менамоянд. Ҳуқуқ амалӣ шудани ахлокро таъмин менамояд ва ахлоқ ба баландшавии самаранокии ҳуқуқ мусоидат мекунад. Дар баробари ин, меъёрҳои ҳуқуқӣ нисбат ба меъёрҳои ахлоқӣ то дараҷае аниқ ифода ёфта дар қонунҳо, қарорҳо, низомномаҳо ва дигар санадҳои зерқонунӣ муқаррар карда мешаванд.

Дар шароити таҳаввулоти глобалии иҷтимоӣ-фарҳангӣ нақши ахлоқ дар идоракунии ҳаёти маънавии ҷомеа, бақои вижагиҳои он аҳаммияти хосса пайдо намудааст. Ба андешаи мо, ин муҳиммият ба он вобаста аст, ки дар шароити бархӯрди фарҳангҳову тамаддунҳо ахлоқи ҷомеаи мо ба унсурҳои ахлоқи дигарон олуда гашта, муаммои костагии ахлокро ба миён овардааст. Ҳатто баъзе ҷомеашиносон дар бораи «таназзули ахлоқ» андеша баён менамоянд. Албатта, ба як маъно метавонем бо чунин баҳо розӣ шавем, аммо дар бораи таназзули куллии ахлоқ наметавон ҳарф занем, зеро бо вуҷуди мушоҳида шудани баъзе тамоюлҳои номатлуб дар муносибатҳои ахлоқӣ дар раванди бунёди давлатдории миллии онҳо, эҳёи таърих ва фарҳанги миллии халқи тоҷик тавонист, ки арзишҳои анъанавии маънавию ахлоқиро, ба истилоҳ, «сутунҳои баранда»-ро ҳифз намояд. Аз ин ҷост, ки мо аз он бармеоем, ки дар шароити муосир таъкид кардан ба таназзули бахшҳои алоҳидаи арзишҳои ахлоқӣ дар заминаи дигаргуниҳои ҷаҳонии иҷтимоӣ-фарҳангӣ дар ҷомеаи суннатии тоҷикон бамаврид мебуд. Чунин баҳодиҳии ахлоқ дар он аст, ки пас аз

пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ баъзе арзишҳои ахлоқие, ки зери таъсири идеологияи коммунистӣ ташаккул ёфта буданд, аҳаммияти худро гум карда, дастурҳои нави ахлоқӣ ҳанӯз ташаккул наёфтаанд. Дар натиҷа, дар ҷомеа холо ва номуайянӣ ба вуҷуд омад. Унсурҳои бегона ба ахлоқи анъанавии ҷамъияти мо ба бофтаи ҳаёти маънавӣ дохил шуда, асосҳои ахлоқии ҳаёти ҷамъиятиро вайрон карданд. Пеш аз ҳама, нақши институтҳои иҷтимоӣ, аз қабили оила, мактаб, институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, ки механизми назорати иҷтимоии риояи меъёрҳои аз ҷониби умум эътирофшудаи ахлоқӣ дар ҷомеа буданд, ба ҳадди ақал расонида шуд. Дар шароити аномия, яъне вақте ки дар ҷомеа бесарусомонӣ ва беназоратӣ ҳукмфармо буд, зуҳуроти зишт, монанди зӯроварӣ, одамкушӣ, ғоратгарӣ, дуздӣ, беэътиборӣ нисбат ба одам ва ғайра паҳн мешуд. Ҳудуди дарки чунин мафҳумҳои асосии ахлоқ, монанди некӣ ва бадӣ васеъ гардид. Ҳарчанд омилҳои муайянкунандаи ин падидаҳо (бухрони амиқи иқтисодӣ, бекорӣ, сатҳи пасти зиндагӣ, коҳиши нақши оила, системаи маориф, институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ғайра) то ҳол боқӣ мондаанд, аммо пас аз ба даст овардани сулҳу ваҳдат муносибатҳои маънавию ахлоқӣ ба низом даромаданд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки ба таври умум самтгирии шуури ҷамъиятӣ, алалхусус шуури ахлоқӣ кори душвор ва зиддиятнок гардид. Мушкилот дар он буд, ки одамон ҳанӯз дар зери таъсири муносибатҳои ахлоқии кухна қарор доштанд ва онҳо, бахусус насли калонсол, дар мутобиқ шудан ба арзишҳои нави ахлоқи душворӣ мекашиданд.

Ба ин муносибат аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ саволе ба миён омад: оё ахлоқро танзим кардан мумкин аст? Агар ин тавр бошад, вижагиҳо, марзҳо ва имконотҳои он чигунаанд? Ба назари мо, барои ҷавоб додан ба ин саволҳо ахлоқро бо дигар шаклҳои шуури ҷамъиятӣ, пеш аз ҳама, бо қонун муқоиса кардан лозим аст, зеро қонун ва ахлоқ муҳимтарин қисмҳои таркибии механизми танзими рафтори одамон мебошанд. Муҳимтарин моликияти ин шаклҳои шуури ҷамъиятӣ дар он аст, ки «онҳо ҳудуди озодии фард, амалҳои дуруст ва имконпазир, субъектҳоро муайян намуда, воситаи ифода ва ба ҳам мувофиқ кардани манфиатҳои шахсӣ ва ҷамъиятӣ мебошанд» [2, с.114].

Агар ҳуқуқ рафтори инсонро асосан бо роҳи муқаррар намудани тартиби ҳамкории субъектҳои ҷамъиятии дар қонунҳо ва дигар ҳуҷҷатҳое, ки аз тарафи ҳокимият дастгирӣ карда шудаанд, танзим кунад, пас, бархилофи он ахлоқ ба мақсад нигаронида шудааст, ки идеалҳои адолат, некӣ аз ботин, тавассути олами маънавии вай бо ёрии ангезандаи шуур ва афкори ҷамъиятӣ зуҳур мекунанд. Аз ин бармеояд, ки амали ахлоқии шахс бо олами ботинии инсон ва сатҳи шуури ахлоқии ӯ алоқаманд аст. Дохил шудан ба ботин ва муайян кардани ангезаҳои амали ӯ ҳамеша яке аз душвортарин вазифаҳост.

Масъалаи танзими ахлоқ дар таърихи афкори фалсафӣ решаҳои амиқ дорад. Муҳаққиқ Мирбобоев М.Қ. дар асари монографии «Одоби Ҷалолиддини Давонӣ» қайд мекунад, ки «Ҷ. Давонӣ дар асари худ «Аҳлоқи ҷалолӣ» хусусияти ахлоқро муайян намуда, ба саволҳои зерин посух медиҳад: ахлоқ тағйир меёбад ё бетағйир? Оё он фитрӣ аст ё ихтисобӣ?» Баъдан, муаллиф таъкид мекунад, ки «дар бораи табиати ахлоқ асосан ду нуқтаи назари якдигарро истисно мекард. Ба андешаи якум, ахлоқ падидаи бетағйир, доимист, аз рӯйи дуюм, тағйирпазирӣ ва дастрас будани ахлоқ тасдиқ шудааст” [5, с.44]. Аксарияти мутлақи мутафаккирони гузашта ва муҳаққиқони муосир ихтисобӣ будани ахлоқро эътироф намудаанд.

Аммо ҳар як системаи таърихии ахлоқ усулҳои танзими худро дорад. Механизмҳои танзими ахлоқӣ мувофиқи он вазифаҳои маънавию ахлоқие, ки дар шароити мушаххаси таърихӣ ба миён меоянд, ташаккул меёбанд. Ҳанӯз дар марҳалаҳои аввали тамаддуни башарият дар коллективҳои ибтидоӣ ахлоқ фаъолияти инсонро ба мақсад гузоштан, ба арзиш нигаронидашуда танзим мекард. В В. Гулуа иброз медоранд, ки дар ҷомеаҳои ибтидоӣ манъкуниҳои зиёд вуҷуд доштанд, ки

итоат ва тобеияти одамон ба тарс асос ёфта, он механизми, асосии танзими ахлоқро ташкил медод.

Раванди маърифати олам аз ҷониби инсон собит менамояд, ки масъалаи танзими ахлоқ ба ҷаҳонбинии одамон вобаста мебошад (бадеӣ, мифологӣ, динӣ, ахлоқӣ ва ғайра). Ҳадафи асосии танзими ахлоқ ин зарурати назорати риояи меъёрҳои ахлоқӣ мебошад. Барои вайрон кардани меъёрҳои ахлоқӣ, масалан, дар ҷомеаи ибтидоӣ одамон то аз қабила рондан ҷазои сахт мегирифтанд, ки ин ба марг баробар буд.

Пас аз пайдоиши динҳои монотеистӣ механизмҳои танзим бо қонунҳои ҷаҳонбинии динӣ алоқаманд буданд. Масалан, дар ҷомеаҳое, ки дини ислом ҳукмфармо буд, ахлоқ пурра аз рӯйи меъёрҳои шариат танзим мешуд. Ба рафтори одамон аз рӯйи он баҳо дода мешуд, ки то кадом андоза ба меъёрҳои шариат риоя мекунанд. Ҳама чизи ба ин меъёрҳо бегонаро бадахлоқӣ медонистанд. Сарчашмаи дигари танзими одобу ахлоқ ба системаи умумитар — ба инкишофи амалӣ-маънавии ҷаҳон аз тарафи инсон дохил шудани ахлоқ мебошад. Аҳаммияти воқеии амали ахлоқӣ барои одамони дигар ва низоми муносибатҳои инсонӣ арзишест, ки дар асоси таҷрибаи ахлоқии пештара модел шудааст [4, с.84]. Дар ин замина ахлоқ як шеваи арзишӣ-императивии азхудкунии ҷаҳон дар доираи муқовимати некӣ ва бадӣ мебошад. Ин ду мафҳум дар арзёбии амали ахлоқии одамон ҳалкунанда мебошанд. Тадқиқотчиён Аринин А.Н., Ковал Б.И., Ковал П.Б. таназзули ахлоқро бо хусусиятҳои инфиродӣ дар шуур ва рафтори одамон дар дарки сарҳади неку бадӣ, муносибатҳои онҳо алоқаманд мекунанд [1, с.76]. Бояд гуфт, ки муносибати арзишманд ба ашё ва падидаҳо ба мавқеи фардии инсон, ба қобилияти фарқ кардани некиву бадӣ муқовимат кардан нисбат ба он вобастагӣ дорад. Агар шахс дорои ин хислатҳо набошад, дар робита ба як қисми арзишҳо мавқеи ноустуворро ишғол намуда, худро аз таъсири онҳо раҳо карда, андешаҳои воқеиро дар бораи диалектикаи некӣ ва бадӣ, дар зеҳни ӯ «сарҳади», байни некиву бадӣ норавшан мешавад. Дар ин сурат релятивизми маънавӣ ба платформаи идеологии таназзули рафтор ҳамчун роҳи сафед кардани бадахлоқии худ табдил меёбад.

Деформатсияи баҳодиҳии ахлоқӣ низ дар мувофиқат - қобилияти баҳодиҳии мустақилонаи фард, ба баҳодиҳии гурӯҳӣ «мутобиқ шудан» ифода меёбад; ва дар субъективизм, ки аксаран манфиатҳои шахсии маҳдуди худхоҳонаро ифода мекунад. Дар ҳарду ҳолат, яъне ҳама гуна шаклҳои даст кашидан аз таваҷҷуҳ ба арзишҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳим, боиси иваз шудани тамоюли ахлоқӣ мегардад. Дар ин сурат некӣ дар шуур ҷозибаи худро гум мекунад ва бадӣ реша мегирад. Аз ин бармеояд, ки инсон бидуни тасаввури системаи арзишҳо, бидуни пешбинии мақсад ва мазмуни арзишҳои тағйироти оянда наметавонад дар воқеият самти худро муайян кунад. Аз ин рӯ, «зарурияти моделсозии арзишнокиояндаи иҷтимоӣ ва танзими арзишӣ-меъёрии замони имрӯза талаботи муҳимми дараҷаи муосири рушди ҷамъият мебошад» [3, с.104].

Сарчашмаи асосии ташаккул ва танзими ахлоқ аз оила оғоз меёбад. Сайри таърихӣ ба таълимотҳои мутафаккирони гузашта нишон медиҳад, ки оила маконест, ки дар он ҷо арзишҳои ибтидоии ахлоқ ташаккул меёбанд. Файласуфони Юнони қадим Сукрот, Афлотун ва Арасту моҳияти иҷтимоии ахлоқро кушода, хусусияти онро бо хусусиятҳои урфу одат, расму оин, тарзи зиндагӣ, маданияти муошират алоқаманд кардаанд. Махсусан, дар асарҳои «Сиёсат» ва «Одоби Никомах» Арасту нақши оила ва муносибатҳои оилавиро дар тарбияи фарзанд амиқ таҳлил намуда, қайд мекунад, ки решаҳои рафтори бадахлоқии кӯдак, пеш аз ҳама, ба проблемаҳои тарбияи оилавӣ дахл доранд.

Оила ҳамчун ниҳоди иҷтимоӣ аз муносибатҳо ва робитаҳои мураккаб иборат аст. Мураккабии муносибатҳои оилавӣ дар он зуҳур меёбад, ки дар оила муносибатҳои равонӣ, иқтисодӣ, маънавию фарҳангӣ ба ҳам омехта гашта, низоми томи иҷтимоиро ташкил менамояд.

Вазифаҳои оила, ҳамеша аз муаммоҳои иҷтимоиву иқтисодӣ ва маънавие, ки дар назди ҷомеа меистанд, бармеояд. Аз ин рӯ, вазифаи оила дар ҷомеаҳо фарқ менамояд. Одатан, ҷомеаҳоро ба анъанавӣ ва ғайрианъанавӣ ҷудо менамоянд. Ҷомеаи муосири тоҷик анъанавӣ буда, дар ҳолати гузариш аз як муносибати иҷтимоӣ ба дигараш қарор дорад.

Дар ҷомеаи суннатии тоҷик, оила дар тарбияи ахлоқ мақоми ҳалкунанда дорад. Аммо дар натиҷаи ҷанги шаҳрвандӣ нақш, обрӯву эътибори оила футур рафт ва он боиси буҳрони ахлоқ шуд. Аз ин рӯ, ҳақ бар ҷониби он муҳаққиқон аст, ки буҳрони солҳои аввали соҳибистиқлолиро қабл аз ҳама буҳрони ахлоқӣ меҳисобанд.

Оила чист? Ин савол доимо дар маркази диққати муҳаққиқон қарор дорад ва ҳар яки онҳо тибқи ҳадафҳои тадқиқотиашон моҳияти онро равшан менамоянд. Этимологияи ин вожа бо мафҳуми “хонавода” вобаста аст. Мафҳуми “хонавода” аз забони арабӣ буда, маънояш “андеша оид ба ҳалли мушкилот” мебошад. Дар маънои васеаш мазмуни "батанзимдарорӣ" ё “идора кардан”-ро дорад [16, с.40]. Дар забони адабии тоҷикӣ бештар ба ҷойи мафҳуми “хонавода” вожаи “оила” истифода мешавад. Ҳангоме ки сухан дар бораи муносибатҳои оилавӣ меравад, ибораи “хонавода” ё “аҳли хонавода” истифода мешавад.

Бояд тазаккур дод, ки то ҳол нисбати суоли “Оила чист?” ҷавоб ё нуктаю назари якхела ҷой надорад. Ба андешаи мо, чунин ҳолат ба ду омил вобастагӣ дорад: 1) ҳар як инсон шакли ормонии оиларо мувофиқи талаботҳои моддию маънавии хеш тасаввур менамояд; 2) нақш ва вазифаҳои оила дар ҳар як зинаи рушди ҷамъият вобаста ба шароитҳои иҷтимоиву иқтисодӣ ва фарҳангӣ ба таври гуногун муайян карда мешавад. Ин масъалаҳо ҳамеша дар маркази таваҷҷуҳи на фақат муҳаққиқон, балки ҳар як инсон қарор доранд, зеро муносибати оилавӣ на фақат муносибати маҳрамонаи зану шавҳар, балки масъалаҳои идоракунии хоҷагии хонаводагӣ, маишату рӯзгор, истироҳат, муошират ва хосса масъалаҳои таълиму тарбияро дар бар мегирад. Аз ин рӯ, дар аксари консепсияҳое, ки муаммои оила баррасӣ мегардад, онро чун ниҳоди бунёдии ҷомеа баррасӣ менамоянд. Чунин баррасӣ дуруст аст, зеро он муносибатҳо ва робитаҳои мураккаби иҷтимоӣ, иқтисодӣ, равонӣ, маънавию фарҳангиро дар бар гирифта, ниҳоди томи иҷтимоиро ташкил медиҳад. Вазифаҳои оила ҳамеша бо он кулли муаммоҳое, ки дар назди ҷомеа меистанд, тавъам мебошанд.

Аввалин андешаҳо оид ба оиларо дар фалсафаи Ҳинду Чин вохӯрдан мумкин аст. Хусусан, дар таълимоти Конфутсий дар бораи оила, муносибатҳои оилавӣ байни зану шавҳар, волидайну фарзанд, қоидаҳои муошират бо калонсолон андешаҳои ҷолиб баён шудааст.

Аммо, муаммои оила ва нақши он дар ташаккули фарҳангу маънавиёти шахс, ҷомеа ва насли наврас ба таври фарогир дар фалсафаи Юнони қадим, аз ҷумла дар осори Афлотун матраҳ гаштааст. Бояд таъкид кард, ки Афлотун мафҳуми “оила”-ро мавриди таҳлил қарор надодааст, аммо дар асараш “Қонунҳо” дар бораи ташкил кардани оила, муносибатҳои оилавӣ ва рисолати оила дар ҷомеа ба таври фарогир орои худро иброз доштааст.

Барои мо, дар доираи мавзуи таҳқиқшаванда, дар таълимоти Афлотун диққатҷалбкунанда ин аст, ки ӯ масъалаи тарбияи фарҳангиву маънавии фарзандонро вазифаи асосии оила меҳисобад. Ба ақидаи ӯ, тарбияи фарзанд аз батни модар оғоз меёбад. Барои он ки фарзанди солим ба дунё ояд, модар бояд доимо (ҳатто шабу рӯз) дар ҳаракат бошад, ғизои босифат истеъмол намояд, либосҳои шинам ба бар намояд ва асабонӣ нашавад. Баъд аз тавлид, зарур аст, ки аз хурдӣ ба кӯдак мардонагӣ, шуҷоат, нотарсӣ, ватанпарварӣ ва дигар арзишҳои волоро омӯзонанд. Фарзанд, ҳам аз нуктаи назари ҷисмонӣ ва ҳам маънавӣ ташаккул ёбад. Вобаста ба ин, баробари таъкиди нақши тамрини ҳарбу зарб, Афлотун ҷойгоҳи варзиш, мусиқӣ ва умуман, зебоишиносиро дар тарбияи фарзанд хеле муассир меҳисобад. Аз ин рӯ, волидайн бояд ба тарбияи зебоишиносӣ диққати хосса диҳанд. Ӯ қайд менамояд, ки мусиқӣ василаест, ки роҳро ба қалби инсонҳо мекушояд.

Афлотун, ҳамчунин ба нақши дин дар тарбия диққати хосса додааст. Душвории Афлотун дар ин ҷода дар он буд, ки дар он замон ҳоло динҳои яккахудоӣ ташаккул наёфта ва меъёрҳои ягонаи динӣ вуҷуд надоштанд ва мусаллам аст, ки Афлотун таълимоти ягонаи динии худро эҷод карда натавонистааст. Ба ин нигоҳ накарда, ӯ кӯшидааст, ки таъсири муассири динро дар тарбия муайян намояд. Ба фикри Афлотун: "Худо некии мутлақ аст ва ӯ манбаи бадӣ шуда наметавонад; ҳар як Худо зеботарин ва беҳтарин аст; Худоён ҳам дар рафтор ва ҳам дар амал ҳақиқатҷӯянд" [16, с.25].

Аз ин ҷиҳат, ҳар як насиҳат ва тавсияе, ки дода мешавад, бояд дар симои насли наврас тақводорӣ, таҳаммулпазирӣ ва сабру тоқатро ташаккул диҳад. Ба орои Афлотун, беҳтарин василаи хушбахт шудани инсон ин қурбонӣ кардан ба номи худоҳо, суҳбат бо онҳо ҳангоми ибодат ва риояи дигар маросимҳои динист. Ба хотири ҷалб намудани таваҷҷуҳи худоҳо ба худ, инсон бояд хурсандиву шукргузорӣ намояд, рақс кунад ва суруд хонад. Ҳамаи ин амалҳо, дар маҷмуъ тарбияи диниро ташкил медиҳанд ва то кадом андоза муваффақона ба роҳ мондани онҳо аз оила вобаста мебошад.

Афлотун меҳнатро яке аз фишангҳои муҳимми тарбияи фарзанд меҳисобад. Тарбияи меҳнатии шахс бояд мувофиқи синну сол ба роҳ монда шавад. Рисолати падару модар дар ин ҷо аз он иборат аст, ки бо назардошти синну сол ва шавқу ҳаваси насли наврас ба онҳо меҳнат карданро омӯзонанд. Афлотун мегӯяд: "Агар шахс барӯманд шудан хоҳад, ӯ бояд аз хурдсолӣ бо коре шуғл варзад, масалан ба кишоварзӣ, санъати меъморӣ. Кӯдакон аз хурдӣ бозикунон замин шудгор мекунанд ё иншооти хурди кӯдакона месозанд" [9, с.645].

Вазифаи мураббӣ ва падару модар дар ин лаҳза аз он иборат аст, ки барои амалигардонии ин саъйи кӯдакон олоти содатарин ва хурдтаринро таъмин намоянд, то ки онҳо амалашонро ба охир расонанд. Маҳз дар ҳамин раванд, шавқу ҳаваси кӯдак ба меҳнат ва бунёдкорӣ ташаккул меёбад.

Мутафаккирони тоҷику форс Абунасри Форобӣ, Ибни Сино, Насируддини Тӯсӣ, Давонӣ, Кошифӣ ва бисёр дигарон дур шудани шахс аз меъёрҳои маъмули рафтору кирдорро бо паст будани сатҳи дониш ва камбудиҳои таълиму тарбия рабт додаанд. Ин мутафаккирон нақши оиларо дар тарбияи ахлоқӣ низ таъкид кардаанд.

Ҳамин тариқ, метавон гуфт, ки чи дар гузашта ва чи имрӯз дар танзими ахлоқ оила, низоми маориф ва ҷомеаи шаҳрвандӣ нақши муҳим доранд.

Хулоса, ҷомеаи муосири тоҷик, ки дар ҳолати таҳаввулоти муносибатҳои иҷтимоӣ қарор дорад, ба танзими ахлоқ эҳтиёҷ дорад, зеро дар раванди дигаргуниҳои иҷтимоӣ муносибати арзишманди одамон ба ашё ва падидаҳо тағйир меёбад, ки бевосита дар амалҳои ахлоқии одамон ифода меёбад. Бояд гуфт, ки баъзе амалҳои ахлоқӣ, ки дар зери таъсири омилҳои дохилӣ ва берунӣ ташаккул меёбанд, ба ахлоқи суннатии мо бегонаанд. Агар сари вақт ба онҳо посух надиҳем, онҳо метавонанд дар ҷомеа нақши нооромкунанда бозанд. Аз ин рӯ, давлат бо ташаббуси қабули як қатор санадҳои қонунгузорӣ дар назди институтҳои иҷтимоӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ вазифа гузоштааст, ки ба ташаккули шахсияти аз ҷиҳати маънавӣ бой мусоидат намоянд. Вобаста ба ин, қабули қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар тарбияи фарзанд». «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» муҳимтарин механизми танзим ва идораи ахлоқ мебошанд.

**Муқарриз:Солиҷонов Расулҷон – д.и.ф., ИИС ДДТТ дар ш.Хуҷанд**

**АДАБИЁТ**


1. Аринин А.Н. Личность и общество: духовно-нравственный потенциал / А.Н.Аринин, Б.И.Коваль, П.Б. Коваль. - М., 2003.
2. Борзых В.В. Моральная регуляция: специфика, границы, возможности / В.В. Борзых // Вопросы философии. -1987. -№ 9. -С. 114.
3. Гулуа В.А.К вопросу о значении эмоций в моральных поступках / В.А. Гулуа // Философские науки. -1987. -№ 6. -С. 106.

4. Духовная жизнь общества: состояние и проблемы управления /Редкол.: В.М. Утенков (отв. ред.) и др. -М., 1992.
5. Мирбобоев М.К. Этика Джалолиддина Давони / М.К. Мирбобоев. –Душанбе: Дониш, 1992. -С.44.
6. Сино Абуалӣ. Рисола дар ахлоқ. -Ҷилди 2. – Душанбе, 2005. - 800с.
7. Содиқов А. Ақидаҳои ахлоқии мутафаккирони Шарқ / А. Содиқов. – Душанбе: Ирфон,1989.
8. Султонов У. Ақидаҳои фалсафӣ, иҷтимоӣ ва ахлоқии Абуалӣ ибни Сино / У.Султонов. - Душанбе, 1975. - 190с.
9. Платон. Законы. IV. -645 с.
10. Тусӣ Насируддин. Ахлоқи Носирӣ.– Душанбе, 2009. - 386с.
11. Уледов А.К. Духовная жизнь общества. Проблемы методологии исследования / А.К. Уледов. - М., 1980.
12. Унсурмаолии Кайковус. Қобуснома. – Душанбе, 2008.
13. Фалсафа. Иборат аз 2 қисм. - Душанбе, 1997.
14. Фалсафа. Қисми 21 Таҳти назари Наврӯзов С.Н., Идиев Х.У. – Душанбе: Собириён, 2011.
15. Ҳакимова З.А. Культурно-антропологические концепции семьи в практической философии восточных перипатетиков / З.А. Ҳакимова. – Душанбе, 2013. -С. 25.

## БАТАНЗИМДАРОРИИ МЕЪЁРҲОИ АХЛОҚ ДАР ШАРОИТИ ҶАҲОНИШАВӢ

Дар мақола вижагиҳои танзим ва идоракунии ахлоқ дар шароити гузариш ба муносибатҳои нави иҷтимоӣ баррасӣ гаштааст. Ғояи асосии мақола аз он иборат мебошад, ки тағйироти иҷтимоӣ, на фақат ба муносибати одамон дар соҳаи иҷтимоиву иқтисодӣ, балки ба вазъи ҳаёти маънавӣ таъсири бевосита расонида истодаанд. Ба андешаи муаллиф, ин ҳолат табиист, зеро равандҳои трансформатсияи ҳаёти иҷтимоӣ арзишҳои анъанавӣ таъсир расонида истодаанд. Муаллиф таъкид менамояд, ин раванд ҳам ҷиҳатҳои мусбат ва ҳам манфӣ дорад. Бо назардошти вусъати табодули арзишҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ дар шароити ҷаҳоншавӣ муаммои танзим ва идоракунии ахлоқ ба яке аз масъалаҳои муҳимми ҳалталаб табдил ёфтааст. Вобаста ба ин, шаклҳои таърихии танзим ва идоракунии ахлоқ мавриди таҳлил қарор дода шуда, ҳамзамон таъкид мегардад, ки дар раванди бунёди давлати миллӣ фишангҳои ҷадиди танзими ахлоқ ба миён омада истодаанд. Дар мақола ин фишангҳо дар шароити тағйирёбиҳои ниҳодӣ ва ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ баррасӣ гаштаанд.

**Калидвожаҳо:** ахлоқ, танзими ахлоқ, меъёри ахлоқ, идоракунии ахлоқ, оила, низоми таҳсилот, ҷомеаи шаҳрвандӣ арзиш, некӣ, бадӣ.

## РЕГУЛИРОВАНИЕ ЭТИЧЕСКИХ НОРМ В УСЛОВИЯХ ГЛОБАЛИЗАЦИИ

Я.А. Пономараев масъаларо ҳамчун ҳолати ғайриэътидолии система таъриф дода, онро бо ягон забон вобаста намесозад, он ғайримустақим аз субъект дар ҳодисаҳои табиӣ зоҳир мешавад. Ба ин гуфтаи муаллиф розӣ шудан мушкил аст. Ӯ чунин меҳисобад, ки «мақсад объекти қаноатмандсозии талаботҳо мебошад [17, с.111]. Барои ноил гардидан ба чунин мақсад омилҳои объективӣ ва субъективие лозиманд, ки субъекти ҳалкунандаи масъаларо ба предмет рӯ ба рӯ намояд. Ба объектҳои субъективӣ инҳо шомиланд: дониш, маҳорат, малака. Инҳо воситаҳои субъект барои ба мақсад расидан мебошанд.

Қайд намудан бамаврид аст, ки дар адабиётҳои илмӣ – педагогӣ ва психологӣ баъзе муаллифон мафҳуми масъаларо бо мафҳуми вазъияти проблемавӣ айни ҳам дониста, муаллифони рус В. Окон дар кори ттаҳқиқотии хеш «Асосҳои таҳлили проблемавӣ» ба таври муфассал ин масъаларо таҳлил намудааст. Ӯ тасдиқ менамояд, ки «проблема ин масъала нест». Ва дар идома менависад: «Характери проблемавӣ барои фардияти додашуда чунин навъи масъалае ба шумор меравад, ки он фарогири мушкилоти назариявӣ ва амалие мебошад, ки фаъолияти таҳқиқотиро дар раванди ҳалли масъала тақозо мекунад. Ҳангоми фатҳи душвориҳо дар ҳалли масъала характери проблемавӣ аз байн бардошта мешавад. Проблема барои шахси

масъаларо ҳалкунанда душвориҳое мебошанд, ки садди роҳи ҳалли ӯ гардиданд, ки ӯ ҳанӯз барои рафъи онҳо омода нест, барои дигарон ин масъала мумкин аст проблема бошад [15, с.38 – 39].

Табиист, ки аксари масъалаҳо то ягон дараҷае характери проблемавӣ доранд. Мисоли ин гуна масъалаҳо масъалаҳои матнии геометрӣ, арифметикӣ ва физикӣ мебошанд. Ин гуна масъалаҳо одатан аз субъект кори дарозмуддати мустақилонаро талаб мекунад. Аммо дар ҳаёт ва мактаб аксар бо масъалаҳое дучор меоем, ки ҳалли онҳо аз субъект фаъолияти механикиро талаб менамояд.

Характеристикаи раванди бавуҷудоӣ ва ҳалли масъала – проблема дар таълим ба ақидаи В. Окон, аз чунин элементҳо иборат аст: 1) вазъиятҳои ҳаётии муайян муоина карда мешаванд; 2) дар ҳар як чунин вазъият як проблема, масъалае дучор меояд, ки ҳалли он душвор мебошад; 3) барои ҳар як проблемаи бавуҷудоянда гипотезаи ҳалли он рӯйи кор меояд; 4) тамоми раванд бо ҳалли проблема ба поён мерасад [15, с.65– 66].

А.В. Брушлинский корҳои В. Оконро таҳлил намуда, нишон медиҳад, ки дар байни вазъияти проблемавӣ ва проблема фарқияти воқеӣ мавҷуд аст. Ӯ менависад: «Фарқияти байни вазъияти проблемавӣ ва проблемаро ба осонӣ муайян намудан ғайриимкон аст». Ин фарқиятҳо ба таври зерин тавсиф намудан мумкин аст. Субъект барои ба мақсади худ расидан дар ҳалли масъала бо душворӣ рӯ ба рӯ мешаванд, масалан норасоии иттилооти зарурӣ, қоидаҳои маъмулӣ, теоремаҳои вобаста ва ғайра. Дар ин асно вазъияти проблемавӣ ба вуҷуд меояд. Дар ҳамин вазъияти проблемавӣ масъала пайдо мешавад [5, с.169 – 175].

Вазъияти проблемавӣ, менависад А.М. Матюшкин дар охирсухан ба китоби В.Окон ду намуд мешавад: назариявӣ ва амалӣ. Моҳияти назариявии вазъияти проблемавӣ бо он зоҳир мегардад, ки муқаррароти умумӣ кушода шуда, донишҳои азхуднамудаи хонандагон асоснок гарданд. Илова бар ин, ошкор намудани омилҳое, ки барои шарҳи далелҳои нав ё асоснок намудани амалҳои нав зарур мебошанд [12, с.191 – 200]. Моҳияти амалии мафҳуми вазъияти проблемавӣ аз он иборат аст, ки хонандагон дар асnoи ҳалли масъала ба ягон монеаи зеҳнӣ бархӯрд мекунанд. Ин бархӯрд барои иҷрои амали барояшон зарурӣ ҳатмӣ мебошад. Дар ин маврид ҷустуҷӯйи усули дигар барои аз вазъияти проблемавӣ баромадан лозим мешавад.

Доир ба модели вазъияти проблемавӣ сухан гуфта, А.М. Матюшкин чунин намуди моделҳоро тасниф месозад: 1) модели рафтории вазъияти проблемавӣ; 2) модели эҳтимолӣ; 3) модели иттилоотӣ - семантикӣ.

Шарти асосии ба вуҷуд овардаи проблема дар ин навъи вазъиятҳои проблемавӣ мувофиқан инҳоянд: 1) монеаҳо дар роҳи ба мақсад расидан; 2) мушаххассозии шарт ва предмети тафаккур; 3) монеаи дар шакли алтернативӣ ифодашуда; 4) номувофиқатии донишҳои воқеии талабшаванда [12, с.286 – 295].

А.М. Матюшкин, Л.М. Фридман мафҳуми масъаларо бо ифодаҳои аломатии онҳо алоқаманд намудаанд. А.М. Матюшкин нишон медиҳад, ки барои вазъияти проблемавӣ «ёфтани донишҳои навъи қаблан азхуднамуда ё усулҳои амлиёт зарур мебошанд». Ҳангоме ки масъала ҳамчун «усули аломатии пешниҳод намудани як хонанда ба дигараш (ё ба худаш) пешниҳод мешавад, дар худ нишондод ба мақсад ва шарти комёб гардиданро дар бар мегирад» [12, с.189 – 192].

Л.М. Фридман масъаларо ҳамчун модели аломатии вазъияти проблемавӣ тавсиф намудааст. Ӯ чунин меҳисобад, ки вазъияти проблемавӣ барои мафҳуми масъала заминаи генетикӣ мебошад. Ӯ мафҳуми масъала ва вазъияти проблемавиро аз рӯйи аломатҳои зерин ҷудо намудааст: 1) вазъияти проблемавӣ барои субъект воқеъан новобаста аз ягон забон вуҷуд дорад ва он ба забоне, ки ба он баён мегардад, иртибот дорад; 2) вазъияти проблемавӣ ҳама вақт аз ҷиҳати мундариҷа нисбат ба масъала бой мебошад. Ё масъала ин модели вазъияте мебошад, ки онро қисман инъикос менамояд; 3) барои ҳар як вазъияти проблемавӣ як ё якчанд масъала мавҷуд аст, ки онҳоро аз якдигар чун маҷмуи хосиятҳои вазъиятҳои тасвиршаванда фарқ мекунанд; 4) вазъияти проблемавиро ба субъекти дигар интиқол додан

номумкин аст, масъаларо бошад, ба субъекти дигар интиқол додан мумкин аст, онро тағйир дода, аз нав пешниҳод кардан имкон дорад.

Ҳамин тавр таҳлили гузаронидашудаи мафҳуми масъала нишон медиҳад, ки таърифҳои гуногуни ин мафҳум мавҷуд аст. Бинобар ин, аксар вақт мафҳуми масъаларо бо вазъияти проблемавӣ алоқаманд медонанд. Баъзе муаллифон масъаларо бо вазъияти проблемавӣ айни ҳам дониста, дигар муаллифон масъаларо ҳамчун мафҳуми характери проблемавӣ дошта тавсиф медиҳанд, гурӯҳи сеюм онҳоро аз ҳамдигар дар фарқият гузошта, бар он ақидаанд, ки масъала дар вазъияти проблемавӣ ба вуҷуд меоянд.

Дар омӯзиши геометрия ҳалли масъалаҳо мавқеи муҳим дорад. Бинобар ин, дар адабиёти методӣ – математикӣ ба мафҳуми масъала диққати махсус равона карда шудааст. Агар мо зери мафҳуми «масъала» ба маънои васеъаш дилхоҳ машқро аз ҳисобкуниҳо то исботи теоремаҳо дар назар дошта бошем, мо ба ақидаи Ф. Волф оиди он ки «машғулиятҳои геометрия аз ҳалли масъалаҳо иборат аст», розӣ шуда метавонем [6, с.139 – 145].

Табиист, ки қабл аз оиди он ки кадом шаклҳои масъалаҳои геометриро дар мактаб омӯзонидан мумкин аст, чӣ гуна метавон масъалаҳалкуниро ба хонандагон ёд дод, дар кадом шароит геометрияро тавассути ҳалли масъалаҳо аз худ кардан мумкин аст сухан гӯем, бояд дар мавзуи ин мафҳум ҳамчун мафҳуми геометрӣ муҳокимаронӣ намоем.

Ю.М. Колягин қайд менамояд, ки «мафҳуми масъала яке аз мафҳумҳои асосӣ дар равоншиносӣ, кибернетика ва дилхоҳ фанни сикли дақиқ ва табиатшиносӣ ва дар маҷмуъ назария ва амалияи таълим ва тарбия ба шумор меравад» [7, с.36 – 45].

«Зери мафҳуми масъала (ба маънои густурдааш), - менависад А.А. Столяр, - талаботи ҷустуҷӯйи соҳаи ҳаққоният фаҳмида мешавад» [16, с.125].

Математик ва методисти булғорӣ И. Ганчев масъаларо ҳамчун «пай дар пай ифода намудани андешаҳо, ки ба воситаи онҳо ягон маҷмуи аввалаи R дар маҷмуи додашудаи M додашуда, зеринҳо талаб карда мешаванд:

A) Маҷмуи додашудаи R нисби ё конструктивӣ сохта мешавад;

B) R – и дар маҷмуи M додашударо ба воситаи ягон зермаҷмуи он муқаррар сохтан лозим аст;

C) Нишон додан лозим аст, ки объектҳо ва муносибатҳо аз R–ро ба воситаи қоидаҳои муайян ҳосил кардан мумкин аст, ки ба сохтани нрақшаҳо тавсиф меёбанд.

D) Нишон додан лозим аст, ки R бо маҷмуе ҳамҷоя мешавад, ки он маълум дониста мешавад.

Олими рус С.О. Шатуновский дар китоби худ «Масъалаҳои геометрӣ ва ҳалли онҳо бо ёрии паргор ва хаткашак», ки ҳамчун замима ба китоби А. Адлер «Назарияи созишҳои геометрӣ» навиштааст, масъаларо чунин таъриф додааст: «Масъала гуфта баёни талаботи аз рӯйи ашёҳои додашуда, ёфтани ашёи матлуберо меноманд, ки онҳо нисбат ба ҳамдигар ва ашёҳои додашуда дар муносибати муайяне мебошанд». Дар айни ҳол дар назар дошта шудааст, ки мафҳумҳои ашё, додашуда, ёфтан, матлуб дар ҳар як маврид махсус муайян карда мешаванд [20, с. 3 - 10].

Ин таъриф ба тавре хеле саҳеҳ алоқаи байни компонентҳои масъаларо кушода, қисматҳои асосии онро нишон медиҳад. Қайд намудан лозим аст, ки таърифҳои дигар математикҳо – методистон кӯшише барои пайгирӣ намудани ин таърифи Шатуновский мебошанд.

В.М. Брадис дар китоби худ «Методикаи таълими математика дар мактаби миёна» масъаларо чунин таъриф додааст: «Масъаларо ҳамчун саволи дилхоҳи математикӣ номидан мумкин аст, ки барои ба он ҷавоб гуфтан қайдҳо, таърифҳо, исботи теоремаҳо, матни аксиомаҳо кифоя нест». Брадис ин таърифро аниқ намуда, нишон медиҳад, ки масъалаи бо ёрии паргор ва хаткашак ба ду қисм ҷудо намудани порча барои хонанда, масъала маҳсуб номеёбад, аммо масъалаи исботи перпендикулярии ду биссектрисаҳое, ки ба кунҷҳои ҳамсоя гузаронида шудаанд, масъала ба шумор меравад. Саволҳое, ки ҷавоб ба онҳо аз хонанда ҷустуҷӯ,

фикррониро талаб мекунаду танҳо бахотирории донишҳои доштаашро тақозо дорад, масъала ба ҳисоб намеравад [4, с. 68 – 70].

Олими англис Д. Пойа дар китоби худ «Чӣ тавр масъаларро ҳал кардан лозим аст» агарчанде таърифи масъаларо баён накардааст, аммо ӯ нишон додааст, ки барои ҳал намудани масъала донистани «чӣ номаълум аст?», «чӣ дода шудааст?», «шарти масъала аз чӣ иборат аст?», «элементҳои гуногуни масъала бо ҳамдигар чӣ гуна вобастаанд?», «номаълум бо додашудаҳо чӣ тавр алоқаманданд?» хеле муҳим мебошад [16, с. 43 – 50].

Ҳамин тавр, ба ақидаи Д. Пойа, ҳар гуна масъала аз додашудаҳо, номаълумҳо ва алоқаи байни онҳо иборат аст.

Профессор Ҷ. Шарифов дар кори таҳқиқотии хеш «Асосҳои методии таълими ҳалли масъалаҳои математикӣ» маълумотҳои ҷолиброи нисбати ҳалли масъалаҳоропешниҳод намудааст. Муаллифи ин таҳқиқот идома медиҳад, ки «хонандагон бояд масъалаҳоро худашон ҳал намоянд. Ҳалли масъалаҳо эҷодкориро талаб мекунад» [20, с. 3 – 10].

Дар асоси хулосаҳои баровардаи хеш Ҷ. Шарофов ду масъалаи асосӣ ба миён мегузорад:

1. хонандагон на фақат ба ҳалли масъалаҳои тайёр, инчунин барои тартиб додани онҳо низ тайёр бошанд;

2. ин раванд фаъолияти баланди фикрии ҳар як хонандагонро таъмин месозад [22, с. 7 – 10].

Муҳммияти гузориши худи масъаларо кайҳо боз педагогҳои машҳури асрҳои гузашта қайд намудаанд.

Н.М. Бескин чунин қайд мекунад: «Онҳое, ки фақат нишон доданӣ мешаванд гӯё хонада масъалаи тайёрро ҳал кунад, хато мекунанд. Тартиб додани масъалаҳо раванди махсуси эҷодӣ буда, ҷойи онро ҳалли масъалаҳои тайёр гирифта наметавонад» [3, с. 67 – 70].

А.С. Криловсакая таърифи масъалаи математикиро ин гуна баён намудааст: «Масъалаи математкӣ – ин саволи математикиест, ки ҷавоб ба он худ ба худ ҳосил намешавад ва ин ҷавоб набояд бо роҳи татбиқи схемаи маълуми умумӣ ҳосил гардад» [8, с. 132 – 140].

Таърифи додашуда дар худ баъзе норасоиҳоро дорад.

- Якум ин ки, на ҳама масъалаҳои геометрӣ дар шакли савол баён карда мешаванд. Ва агар ҳамин таърифро дуруст гуфта қабул намоем, он гоҳ чандин масъалаҳои дар курси геометрия пешниҳодшуда ба ин таъриф мувофиқат намекунанд ва лозим меояд.

- Дуюм, таърифи додашуда ба саволи оё дар бораи масъалаи геометрӣ чизе гуфтан мумкин аст, агар савол геометрӣ набошаду вале барои ҳалли масъала татбиқи аппарати математикӣ талаб карда шавад, ҷавоб дода наметавонад.

- Сеюм, масъалаи геометрӣ, чун масъалаҳои дигар, на фақат аз савол иборат мебошад, балки аз саволе, ки баъзан онро пурра ё қисман ба худи савол дохил менамоянд.

Дар таърифҳои додашудаи масъала омехташавии ду равияи гуногунро пай бурдан мумкин аст: аз як тараф, дар таъриф таркибҳои масъалаҳо дохил гардида бошанд, аз тарафи дигар – консепсияи педагогӣ ворид гардидааст. Таърифҳои баррасӣ намудаамон аз субъект вобаста мебошанд. Дар таърифҳои С.О. Шатуновскиий ва И.Ф. Тесленко консепсияи педагогӣ ба назар гирифта нашудаастт, яъне таърифи масъала новобаста аз субъект муоина шудааст.

Ба таърифи масъала таърифи баёншудаи А.А. Столярро низ дохил намудан мумкин аст (дар таърифи ӯ консепсияи равоншиносӣ ба назар гирифта нашудааст). Ин таъриф аз таркиби мантиқии худи масъала бармеояд. Муаллиф қайд кардааст, ки дилхоҳ масъала аз соҳа, предмети муайян ба вуҷуд меояд. Соҳаи предметӣ системаеро муттаҳид месозад, ки аз як ё якчанд маҷмуъҳо иборат мебошад (онҳоро ба ҳамон як маҷмуи универсалӣ дохил кардан мумкин аст) ва дар онҳо предикатҳо

амал мекунанд (онҳо хосиятҳои элементҳои ин маҷмуъро ва ё муносибати байни онҳоро ифода мекунанд).

$(A_1, A_2, \ldots A_к, P_1, P_2, \ldots P_n)$

Дилхоҳ вазъият дар ин соҳаи предметӣ бо ягон формулае ифода мешавад, ки аз предикатҳои додашудаи Р ва амалиёти мантиқии

$\varphi(P_1, P_2, \ldots P_n)$ таркиб ёфтааст.

Математики машҳури америкоӣ Д. Пойе, ки ҳаёти хешро сарфи ҳалли масъалаҳо намудааст, доир ба масъала чунин андешаҳоро иброз доштааст: «Маҳорати ҳал кардани масъала, ба монанди маҳорати оббозӣ ё лижаронӣ тохтан ҳамин тавр санъати амалӣ мебошад. Онро танҳо бо роҳи тақлид ё машқ омӯхтан мумкин аст». «Ҳалли масъала хусусияти махсуси хиради инсон аст, вале хирад – ин неъмати махсуси инсон мебошад, ин санъат амалист». «Агар мо масъаларо ба ҷойи ҳарфҳо бо маълумотҳои додашуда ҳал мекардем, он гоҳ тадқиқи иборатомӯзи формулаҳо, инчунин баҳодиҳии санҷиши натиҷа сарфи назар мешуд».

Геометрияи Евклид ягона системаи мантиқии сода нест. Он аввалин ва бузургтарин мисоли чунин система мебошад, ки илмҳои дигар кӯшиш карданд ва ҳанӯз кӯшиш доранд ба он монанд бошанд. Бузургтарин дасттоварди Евклид аз маҳорати батартибории теоремаҳо иборат аст, системаи мантиқии он бузургтарин муваффақияти «Ибтидо» аст.

Ал – Форобӣ, ки ҳамчун мутафаккир дар илми дунёи маъруф аст, нисбат ба масъала ва илми геометрия чунин нуқтаҳоро баён кардааст:

Геометрияи назариявӣ хатҳо, сатҳҳо ва ҷисмҳоро мутлақ муоина мекунад, зеро ки онҳо барои сатҳҳои ҳамаи ҷисмҳо мебошанд. «Илмҳое, ки аз диди исботҳо муқаддамтаранд, илмҳое мебошанд, ки ба геометрия монанданд».

Оид ба мафҳуми масъала, мазмун моҳият, намудҳои он, методҳои ҳалли онҳо профессор Ҷ. Шарипов корҳои зиёдеро ба анҷом расонидааст. Аз мақола то китобҳои мукаммал мавсуф садҳо таълифот дорад, ки хонандаро ба олами масъалаҳо фаро хондааст. Азбаски дар ин ҷо сухан доир ба мафҳуми масъала меравад, мо барои намуна андешаҳои устодро роҷеъ ба он мухтасаран баён менамоем:

«Дар раванди ҳалли масъалаҳо донишҳои математикӣ ба сифати қувваҳои ҳаракаткунанда хизмат менамоянд». Агар хоҳиш бошад, роҳи ҳалли масъалаи душвортаринро ҳам ёфтан мумкин аст. «Дурусти ва ё нодурустии масъалаҳоро амалия исбот менамояд». «Дар зеҳни инсон энергияи захиравии зиёде мавҷуд аст. Ин энергия аслан дар шакли ғайрифаъол амал мекунад. Ҳалли масъалаҳо метавонад энергияи захиравиро ба энергияи корӣ табдил диҳад: дарёфтани як роҳи ҳалли масъала ин нишонаи самари бохирадии мо нест, балки хиради рушанбин дар ҳалли бешумори он зуҳур меёбад. Ҳалли масъала ҳар қадар душвор бошад, дар он манфиате бештар бошад. Онҳое, ки дар ҳалли масъала роҳи осон меҷӯянд, дер ё зуд пушаймон мегарданд. Агар сабру тоқати касеро санҷидани бошед, ба ӯ ҳалли масъалаи геометриро супориш диҳед». «Зиндагӣ худ мактаби бузург аст дар назди ҳар кадоме аз мову шумо даҳҳо ва садҳо масъаларо мегузорад. Ҳалли ин масъалаҳо моро вазифадор месозад, ки ба калиди масъалаҳои нисбатан нав камар бандем. Бахт насиби он касе мегардад, ки агар аз масъалаҳои зиндагӣ наҳаросад, балки барои ҳалли онҳо ҳатто аз шаклу усулҳои ғайриқобил истифода барад [21, с. 30 - 35].

Узви вобастаи Академияи илмҳои педагогӣ, доктори илмҳои педагогӣ Мансур Нугмонов дар баробари таҳқиқоти бешумор дар самти методикаи таълими математика, ба таърихи илми математика, мафҳумҳои гуногуни математика, аз ҷумла, масъала ва ҷузъиётҳои он таваҷҷуҳ зоҳир намуда, дар бораи ин илм ва нақши масъала ва муҳокимаронихо дар ҳаёт нуқтаҳои ҷолиб баён намудааст. Дар мавриди таҳқиқшаванда чанде аз онҳоро ба ҳайси далелҳои илмӣ пешниҳод менамоем: Таърихан ва дар ибтидо муҳокимаронихо ва қонуниятҳои математикӣ асосан бо забони табиӣ баён шуданд ва фақат баъдтар, ифодаи шаклан барои математика махсус, шакли интиҳоӣ ва мантиқан ғайри муқобилсухании назариявиро ба худ

гирифтаанд, ки бо ёрии забони шевагӣ пешниҳод шудаанд. Ишораҳои математикӣ ва формулаҳо нисбат ба гуфторҳои назариявӣ хеле баъдтар пайдо шудаанд. Аз тарафи дигар, гузариш ба забони ишоравӣ ва формулаҳо инкишофи соҳаҳои илми математика ва умуман математикаро хеле пурқувват ва моҳияти даркшавандагии муҳокимаронихо ва натиҷаҳои математикиро хеле осон гардонид [14, с. 12 – 14].

«Теорема худ натиҷаи ҷустуҷӯ ва ибтидои исбот аст. Онро ба шакл даровардан тафаккури баланди мантиқиро талаб мекунад. Ҳатто аз одитарин теоремаҳои геометрия нозукӣ, хушбаёнӣ ва ифодаи беҳтарини ҳамдеҳаи забонро дарёфт кардан мумкин аст. Аксиома дарки тахайюлии олами воқеист, ки бояд ҳар як шахси бомаърифат моҳияти онро фаҳмад ва қабул намояд. Он чунон ҳақиқат аст, ки дигар асоси ҳақиқиро ҷустуҷӯ кардан шарт нест» [14, с. 9].

**Муқарриз: Сироҷиддини Д. – н.и.п., ДДК ба номи А.Рӯдакӣ**

**АДАБИЁТ**


1. Балл Г.А. Вопросы психологии / Г.А. Балл.- М., 1976. – 180ст.
2. Балл Г.А. О психологическом содержании понятия «задача» / Г.А. Балл// Вопроы психологии, 1970. -№6. 4- 6.
3. Бескин Н.М. Методика геометрии / Н.М. Бескин. – М., 1947. -73ст.
4. Брадис В.М. Методика преподавания математики в средней школе / В.М. Брадис. – М., 1954.
5. Брушлинский А.В. Психология мышления и педагогическая практика/ А.В. Брушлинский //Вопросы психологии, 1969. - №3. 37 – 38.
6. Волф Ф. Проблемы в преподавании математикии // Роль аксиоматики и решение задач по математике / Ф. Волф. – М., 1966.
7. Колягин Ю.М. Задачи в обучении математике. Часть 1. Математические задачи как средство обучения и развития / Ю.М. Колягин. - М., 1977.
8. Крыговская А.С. Развитие математической деятельности учащихся и роль задач в этом развитии / А.С. Крыговская // Математика в школе. -1966. -№6.
9. Леонтьев А.Н. Проблемы развития психики / А.Н. Леонтьев. – М., 1981. 311ср.
10. Лернер И.Я. Проблема познавательных задач в обчении основам гуманитарных наук и пути ее исследования / И.Я. Лернер. –М.,1972. -37с.
11. Лимонтов Ф.С. О природе вопроса /Вопрос, мнение, человек / Ф.С. Лимонтов. – Лелинград, 1971. -354ст.
12. Матюшкин А.М. Основые психологические модели проблемных ситуаций / А.М. Матюшкин. – М., 1968. -340ст.
13. Матюшкин А.М. Проблемные ситуации в мышлении и обучении / А.М. Матюшкин. – М., 1973. -326ст.
14. Нугмонов М. Гуфтор дар ситоиши математика ва омӯзиши он/ М. Нугмонов. - Душанбе, 2005. – 140 с.
15. Оконь В. Основы проблемного обучения / В. Оконь. – М., 1968. -208ст.
16. Пойа Д. Как решить задачу / Д. Пойа. – М., 1961. – 110с.
17. Пономараев Я.А. Психология творческого мышления / Я.А. Пономараев. – М., 1960. -304с.
18. Рейтман У.Р. Познание и мышление / У.Р. Рейтман. – М., 1968. -300ср.
19. Фридман Л.М. Логико – психологический анализ школьных учебных задач / Л.М. Фридман. - Москва, 1977. -208ст.
20. Шарифов Ҷ. Асосҳои методии таълими ҳалли масъалаҳои математикӣ / Ҷ. Шарифов. – Душанбе, 2017. – 120с.
21. Шарифов Ҷ. Ҳазору як панди математикӣ / Ҷ. Шарифов. - Қӯрғотеппа, 2008.
22. Шатуновский С.О. Геометрические задачи и их решение с помощью циркуля и линейки / С.О. Шатуновский. – М., 1940.


## МАФҲУМИ МАСЪАЛА ДАР АДАБИЁТИ ПСИХОЛОГӢ - ПЕДАГОГӢ ВА МЕТОДИИ ГЕОМЕТРИЯ


Мафҳумҳо дар маҷмуъ ифодакунандаи ҳар як соҳаи илм мебошанд. Дар илми математика мафҳумҳои зиёде мавҷуданд, ки ин соҳаи илмро мукаммал намудаанд. Яке аз ин гуна мафҳумҳо, дарбаргирандаи зермафҳумҳои ҳар як масъалаи математикӣ мебошад. То ин замон доири он фикру андешаҳои зиёд мавҷуданд, аммо натиҷаи ҷамъбасткунандаи ягона мавҷуд нест. Мафҳуми масъала на танҳо мафҳуми математикӣ, балки дар айни замон мафҳуми фалсафӣ, психологӣ, мантиқӣ, педагогӣ ва дигар илмҳо мебошад. Муаллиф дар мақолаи пешниҳоднамудаи худ ба таърихи ин мафҳум ва ақидаҳои олимони соҳаҳои гуногун, бахусус математика доир ба он кор бурда, фикру андешаҳои онҳоро мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор додааст. Аз он ҷумла, корҳои олимони рус Ф.С. Лимантов, В.Ф. Берков, Ю.А. Петров, Л.М. Фридман ва А.А. Столярро дар таҳқиқоти хеш ҳамчун замина қарор додааст. Муаллиф ақидаҳои онҳоро баён намуда, ҷиҳатҳои мавриди тасдиқ ва инкори онҳоро аз нуқтаи назари илмҳои педагогӣ, равоншиносӣ ва методӣ муайян намудааст. Дар баробари мафҳуми масъала мафҳумҳои дигаре, ба монанди «савол», «машқ», «проблема» (қазия) мавҷуданд, ки аксарият

онҳоро айни якдигар ҳисобидаанд. Муаллиф ба ин ҷиҳати масъала диққати махсус зоҳир намуда, бо далелҳои илмӣ собит сохтааст. Масалан, равоншинос Г.А. Баллро мафҳуми таҳқиқотиро ба таври густурда пайгирӣ намуда, корҳои дар ин самт анҷомдодаи А.Ф. Эсаулов, У.Р. Рейтман, А.Я. Пономарёвро дар қиёс бо олимони дар фавқ баёнгардида нишон дода, чунин мешуморад, ки онҳо пурракунандаи якдигар мебошанд.Муаллиф мавқеи олимони тоҷик Н. Мансуров, И. Ғуломов, Ҷ. Шарифовро дар таҳқиқи мафҳумҳо баён намуда, корҳои анҷомдодаи онҳоро ҳамчун далелҳои илмӣ пешниҳод намудааст. Мақола фарогири масъалаҳои зиёди илмӣ буда, онҳоро аз нуқтаи назари педагогӣ, психологӣ, методӣ ва илмӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд.

**Калидвожаҳо:** масъала, проблема ва вазъияти проблемавӣ, объект, субъект, элементҳои проблемавӣ, таҳлил ва ҳалли масъала, шарт ва талаботи масъала, тафаккури эҷодӣ, назария, гипотеза, мафҳуми масъалаи геометрӣ.

## ПОСТАНОВКА ПРОБЛЕМЫ В ПСИХОЛОГИЧЕСКОЙ ЛИТЕРАТУРЕ И МЕТОД ГЕОМЕТРИИ

Понятия являются репрезентативными для каждой области науки. В математической науке существует множество понятий, сочетание которых завершает эту область науки. Одно из этих понятий включает в себя подпонятия каждой математической задачи. До сих пор существует множество мнений по этому поводу, но единого окончательного результата нет. Понятие проблемы является не только математическим понятием, но в то же время философским, психологическим, логическим, педагогическим и подобным им понятием этих наук. В представленной статье автор использовал историю возникновения этого понятия и мнения ученых из разных областей, особенно математики, проанализировал и исследовал их мысли. В том числе работы таких российских ученых, как Ф.С. Лимантов, В.Ф. Берков, Ю.А. Петров, Л.М. Фридман и А.А. Столяр, уделил им особое внимание и положил их работы в основу своего исследования. Автор высказал определил аспекты их теорий с точки зрения педагогической, психологической и методологической наук. Наряду с понятием проблемы существуют и другие понятия, такие как «вопрос», «упражнение», «проблема» (кейс), которые считаются тождественными друг другу. Автор уделил особое внимание этому аспекту проблемы и доказал наличие и отсутствие прозрачности с помощью научных данных. Например, психолог Г.А. Баллро широко исследовал концепции и работы, проделанные в этом направлении А.Ф. Есауловым, У.Р. Рейтманом, А.Я. Пономарева. Автор считает, что они дополняют друг друга. Автор занимает позицию таджикских ученых Н. Мансурова, И. Гуломова, Дж. Шарифова в изучении понятий и представлений как научных доказательств. Свои мысли он высказал при сборе доказательств и их анализе. Статья охватывает множество научных вопросов, включает понятие неопределяемого с педагогической, психологической, методологической и научной точек зрения и рекомендуется для широкого круга читателей.

**Ключевые слова:** проблема, проблемно-проблемная ситуация, объект, предмет, проблемные элементы, анализ и решение проблемы, условия и требования задачи, исследовательское поведение, творческое мышление, теория, гипотеза, концепция геометрической задачи.

## STATEMENT OF THE PROBLEM IN PSYCHOLOGICAL LITERATURE AND THE METHOD OF GEOMETRY

The concepts are representative of each field of science. There are many concepts in mathematical science, the combination of which completes this field of science. One of these concepts includes sub-concepts of each mathematical problem. There are still many opinions about this, but there is no single final result. The concept of a problem is not only a mathematical concept, but at the same time a philosophical, psychological, logical, pedagogical and similar concept of these sciences. In the presented article, the author used the history of the emergence of this concept and the opinions of scientists from different fields, especially mathematics, analyzed and explored their thoughts. Including the works of Russian scientists F.S. Limantov, V.F. Berkov, Yu.A. Petrov, L.M. Fridman and A.A. The carpenter paid special attention to them and placed them at the heart of his research. The author expressed their opinions and defined aspects of their confirmation and refutation from the point of view of pedagogical, psychological and methodological sciences. Along with the concept of a problem, there are other concepts, such as "question", "exercise", "problem" (case), which most of them consider identical to each other. The author paid special attention to this aspect of the problem and proved the presence and absence of transparency with scientific data.For example, psychologist G.A. Ballro broadly followed the concept of research, and the work done in this direction by A.F. Esaulov, U.R. Reitman, A.Ya. Comparing Ponomarev with the scientists mentioned above, he believes that they complement each other with the exception. The author takes the position of the Tajik scientists N. Mansurov, I. Gulomov, J. He explained the Sharifs in the study of concepts and presented their work as a scientific proof. He expressed his thoughts when compiling the article, as well as collecting evidence and analyzing their comparison. The article covers many scientific issues, includes the concept of the undefined from the pedagogical, psychological, methodological and scientific points of view and is recommended for a wide range of readers.

**Keywords:** Problem, problem-problem situation, object, subject, problem elements, analysis and solution of the problem, conditions and requirements of the problem, research behavior, creative thinking, theory, hypothesis, concept of a geometric problem.

**Маълумот дар бораи муаллиф*: Амирализода Насрулло Неъматулло*** – Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, кафедраи математика ва методикаи таълими он, унвонҷӯй. **Суроға:** 735360, *шаҳри* Кӯлоб, *Ҷумҳурии Тоҷикистон,* кӯчаи С. Сафаров, 16. Телефон: **(992) (988-50-17-00).**

**Сведения об авторе: *Амирализода Насрулло Нематулло*** - Кулябский государственный университет имени Абуабдуллаха Рудаки, кафедра математики и методики обучения соискатель. **Адрес:** 735360, город Куляб, Республика Таджикистан, улица С. Сафарова, 16. Телефон: **(992) (988-50-17-00).**

**Information about the author: *Amiralizoda Nasrullo Nematullo*** - Kulyab State University named after Abuabdullah Rudaki, Department of Mathematics and Teaching Methods, applicant. **Address:** 735360, Kulyab city, Republic of Tajikistan, S. Safarova street 16.Phone: (**992) (988-50-17-00).**

ТДУ 371.012

# КОРҲОИ БЕРУНАЗСИНФӢ-ВОСИТАИ АСОСИИ БЕДОРШАВИИ ШАВҚИ ХОНАНДАГОН БА ФАННИ ТЕХНОЛОГИЯ (ТАЪЛИМИ МЕҲНАТ)

*Алиева М.Н.*
**Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров**

Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ-Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханрониҳои худ чунин қайд намудаанд: «Ба Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур аст, ки дар мактабҳои таҳсилоти миёна ҷорӣ намудани дарсҳои беруназсинфиро доир ба интихоби касб таъмин карда, санадҳои меъёрии дар ин самт амалкунандаро ба талаботи замона мутобиқ гардонад» [13, с.1].

Бо мақсади дар амал татбиқ намудани гуфтаҳои Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамҷоя бо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон кӯшиш ба харҷ медиҳад, то шароитҳои мувофиқ ба талаботи замони муосирро баҳри хонандагон фароҳам оваранд.

Бобоҷонова Ш.У. чунин таъкид кардааст: «Санъати ҳунарҳои миллӣ манбаи тамомнашавандаи донишмандӣ ва зебогӣ буда, чи қадаре ки ба он мароқ ва шавқу завқи зиёд муомила намоем, он ҳамон қадар ҳаматарафа ва чуқур ба мо кушода мешавад. Донистани ҳунари миллӣ-ин дӯст доштан, фаҳмидан ва дарк намудани он буда, асоси маданияти бадеии ҳамаи халқҳо ба ҳисоб меравад» [9, с.93].

Дар ин замина талаб карда мешавад, ки хонандагони муосир бояд аз овони наврасӣ ба тарбияи зебоипарастӣ ва эҳтиром ба таъриху анъанаҳои мардумӣ, фарҳанг ва арзишҳои бузурги миллӣ ҳамаҷониба омода карда шаванд.

Профессор А.А.Азизов ва дигарон дар барнома ва модули намунавӣ чунин таъкид кардаанд: «...технология (таълими меҳнат) дар синфҳои 5-11 аз чунин мақсадҳо инҳо иборат аст:

- ба хонандагон додани дониш ва маҳорати аввалини дар ҳаёт зарурӣ вобаста ба фанни технология (таълими меҳнат);
- шиносоии хонандагон бо истифодаи асбобҳои челонгариву дуредгарӣ ва дастгоҳҳои ёрирасон;
- инкишоф додани муносибати эҷодкорона ба меҳнат дар асоси татбиқи ҳамаҷонибаи амсиласозӣ, тарҳрезӣ ва тарзи дурусти сохтани маснуот;
- шиносоии хонандагон бо таърих ва татбиқ дар ҳаёт, маданияти умумии меҳнат, мусоидат кардан ба инкишофи ҳамаҷонибаи шахсияти хонандагон;
- омодакунии хонандагон ба интихоби касб, бедор кардани шавқи хонандагон ба намудҳои гуногуни касб дар соҳаҳои саноат, хоҷагии қишлоқ ва хизматрасонӣ...» [1, с.23].

Олими машҳури рус Ю.К.Бабанский чунин таъкид намудааст: «Ҳангоми дарсҳо дар устохонаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, синфхонаи меҳнати хизматрасонӣ, майдонҳои таълимии таҷрибавӣ маданияти меҳнатӣ тарбия меёбад, ки он дар маҳорати банақшадарории кор, нигоҳдории устохонаҳои таълимӣ, синфхонаҳои муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ, ҷойи кор, риоякунии гигиенаи шахсӣ, истифодаи дурусти асбобу афзори хоҷагиҳои қишлоқ, назорати рафторҳои худ, иҷрои дақиқи кор, хароҷоти сарфакоронаи масолеҳ ва вақт, баҷооварии дурусти усулу амалиёти коркарди масолеҳҳои гуногун, зебо ороиш кардани маснуот ва ғ. ифода меёбад...» [8, с.43].

«...дар раванди дарси технология (таълими меҳнат) машғулиятҳо доир ба технологияи тайёр кардани маснуот бо назардошти иҷрои корҳои гуногуни амалӣ аз тарафи хонандагон гузаронида мешавад. Дар раванди дарс онҳо аз нақшакашӣ, масолеҳшиносӣ, технология (таълими меҳнат), мошинсозӣ, барқ, агротехника ва ғайра маълумот мегиранд, ба корхонаҳои саноатӣ, хоҷагии қишлоқ ва соҳаи

хизматрасонӣ саёҳати таълимӣ (экскурсия) ташкил гардида, хонандагон бо истеҳсолоти ҳозира шинос карда мешаванд» [2, с.12].

Олими тоҷик М.А.Дадобоева вобаста ба масъалаи омодагии омӯзгор чунин баён кардааст: «...тайёрии омӯзгор ба машғулият аз омӯзиши тавзеҳоту барномаи таълимӣ оғоз ёфта, баъд мазмуни таълимӣ ба нақша даровардa мешавад, ки дар раванди он сифати техникии таълим робита бо асосҳои илм ба назар гирифта мешаванд. Сохтани маснуотҳои гуногун бо роҳи пешакӣ баҳисобгирии талаботи барнома ва муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ ба нақша гирифта мешавад. Нақшаи кори устохонаи таълимии муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ аз тарафи маъмурияти он тасдиқ карда мешавад, ки нақшаи тасдиқгардидаро ба ҳисоб гирифта, асосҳои моддӣ ва масолеҳҳои зарурӣ барои коркард омода карда мешаванд» » [11, с.21].

Л.П.Алексеева чунин ибрози ақида намудааст: «...Омӯзгори фанни технология (таълими меҳнат) бо мақсади инкишоф додани завқи эстетикии хонандагон ҳангоми таълим хусусияти шаклҳои зебо, муфид будани маснуоти омодамешуда ва тарзи ороишдиҳиро эзоҳ дода, бо ҷузъиёти асосии нақшу нигори миллӣ шинос менамояд» [6, с.123].

А.А.Азизов чунин ия ибрoз намудааст: «...Истифодаи намунаҳои асбобҳои зебо, аёниятҳо ва таҳлилкунии шакли онҳо ба мақсад мувофиқ буда, дар тарбияи зебопарастӣ мақоми омӯзгор ниҳоят калон буда, аз тартибдиҳии дурусти истифодаи асбобу афзорҳои зарурӣ, аёнияти омодашуда ва назорати доимӣ вобаста ба нигаҳ доштани ашёҳои хониш иборат аст. Аз ҷиҳати зебопарастӣ фаъолиятбарии омӯзгор ва дар асоси он ташкилкунии муносибат ба хонанда дар раванди таълим барои ташкили дурусти ҳадафи таълим ёрии калон мерасонад» [5, с.301].

Инкишоф додани қобилияти эҷодӣ ва тарбияи хонандагон дар корҳои берунaзсинфӣ зарур ва муҳим арзёбӣ мегардад. Шаклҳои оммавӣ ва намудҳои корҳои берунaзсинфӣ ин намоиши корҳои эҷодӣ, олимпиадаҳо мебошад.

Дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ маҳфилҳои фаннӣ амал мекунанд, ки мақсади ташкили маҳфилҳои фаннӣ хонандагонро ба корҳои амалӣ ва ҳаёти муассисаи таълимӣ наздик намудан, барои аз худ кардани дониш ба онҳо ёрӣ расондан мебошад. Маҳфилҳо инчунин малака ва дониши хонандагонро зиёд намуда, барои дар руҳияи инсондӯстӣ ва худшиносӣ тарбия кардани онҳо нақши калон мебозанд. Маҳфил хонандагонро ба меҳнат одат кунонида, дар онҳо дӯстию рафоқатро тарбия намуда, интизоми онҳоро мустаҳкам менамояд.

«Мафҳуми «лоиҳаи эҷодӣ» кори мустақилонаи хонандагон буда, он аз офариниши маснуоте иборат аст, ки дар давоми соли хониш бо роҳбарии омӯзгор гузаронида мешавад» [7, с.192].

Дар муассисаҳои таълимӣ ташкил намудани маҳфилҳо яке аз самтҳои муҳимми кори тарбиявӣ буда, бояд кори маҳфилҳо аз машғулиятҳое, ки дар синф гузаронида мешаванд, фарқ кунад ва он такрори дарсҳо набуда, балки дониши дар ҷараёни дарс гирифтаи хонандагонро пурра ва мукаммал менамояд.

М.А.Мамадҷонова вобаста ба кори маҳфил чунин иброз доштааст: «Маҳфил ин қисми кори таълиму тарбия, ки пас аз дарс гузаронида мешавад ва яке аз роҳҳои сазовор шудан ба дониши чуқури политехникӣ, илмӣ ва махсус, фаъолияти оянд аи эҷодкорӣ ва навоварӣ мебошад» [12, с. 118].

Таҷриба нишон медиҳад, ки яке аз шартҳои муваффақияти кори маҳфил шавқу ҳаваси хонандагонро бедор намудан мебошад, инчунин барои мустақилона интихоб намудани касб ба онҳо ёрии амалӣ мерасонад. Дар гузаронидани корҳои раҳнамоӣ дар интихоби касб дар муассисаҳои таълимӣ дарсҳои берунaзсинфӣ бо хонандагон вобаста ба шавқу ҳаваси онҳо мавқеи муҳимро ишғол мекунад.

Инчунин, вобаста ба мақсади ташкилкунии маҳфил М.А.Мамадҷонова чунин баён кардааст: «Ҳадаф аз ташкили маҳфилҳо дуруст интихоб кардани касбҳо аз тарафи хонандагон аст. Маҳфилҳо шавқовар, бо маълумотҳои амалию эҷодӣ гузаронида шуда, шавқу рағбати хонандаро бедор менамоянд, дар интихоби касб шогирдон саҳв намекунанд» [12, с.119].

Мутаассифона, баъзе аз хатмкунандагони муассисаҳои таълимӣ дар интихоби касби оянда ба волидайну дӯстон такя менамоянд, ки ин хатогии бузург аст. Чунки дар интихоби касб шавқу завқ, қобилият, истеъдод бояд бошад. Касби дӯстдошта сабру тоқат, ҷидду ҷаҳд, ҷустуҷӯҳои нав ба навро талаб мекунад. Маҳфил хусусиятҳои меҳнатдӯстӣ, устуворӣ, пуртоқатӣ, кори оғознамударо ба анҷом расониданро ташаккул дода, табъи бадеиро рушд медиҳад

Дар муассисаҳои таълимӣ фаъолияти меҳнатии хонандагон дар асоси барномаи фанни технология (таълими меҳнат) барои ҳамаи хонандагон ҳатмӣ арзёбӣ мегардад, лекин ин фаъолият хонандагонро ба қадри зарурӣ қаноатманд карда наметавонад.

Бо мақсади ҳалли чунин масъалаҳо корҳои беруназсинфӣ машғулиятҳои ихтиёриву маҳфилҳо ба роҳ монда мешаванд. Дар шароити муосир дар муассисаҳои таълимӣ ташкил намудани ин гуна маҳфилҳо мувофиқи мақсад аст:

-маҳфил ва ё машғулиятҳои ихтиёрии ҳунарҳои халқӣ: бофандагӣ, гулдӯзӣ, кашидадӯзӣ, қуроқдӯзӣ, тоқидӯзӣ ва ғайра;

-маҳфилҳои техникӣ: тарроҳони ҷавон, маҳфили навоварон, амсиласозон ва ғайраҳо.

Вазифаи асосии корҳои беруназсинфию беруназмактабӣ омӯзиши дурусти ҳунарҳои халқиву додани донишҳои умумитехникӣ, ташаккули маҳорату малакаҳои меҳнатӣ, муайян кардану ташаккул додани қобилияти эҷодии хонандагон ба ҳисоб меравад.

Яке аз масъалаҳои муҳимми илми педагогикаи муосир ташаккули қобилияти маърифатӣ ва эҷодии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, хусусан хонандагони синфҳои болоӣ, муҳассилини муассисаҳои таҳсилоти махсуси касбӣ ва олӣ мебошад. Ҳалли ин масъала аз бисёр ҷиҳат ба сифатан дигар шудани шакл ва усулҳои таълим, гузариш ба низоми нави таҳсилот, яъне мкносибати салоҳиятнокӣ, бо роҳи фаъолияти мустақилонаи маърифатӣ аз худ кардани дониш аз тарафи хонандагон вобаста аст.

Дар дарсҳои технология (таълими меҳнат) хонандагон лоиҳаҳои эҷодиро таҳия мекунанд. Тибқи барномаи таълимӣ дар фанни технология (таълими меҳнат) аз тарафи хонандагон иҷро намудани на камтар аз як лоиҳаи эҷодӣ дар давоми соли хониш пешбинӣ шудааст.

Омӯзгоронро имконияти ташаккули зеҳнӣ, рушди фаъолнокӣ, мустақилият, эҷодкорӣ, фардияти хонандагон дар ин усул ҷалб мекунад. «Маҳорати эҷодии шахс аксар вақт ҳамчун як раванди алоҳида баррасӣ карда мешавад. Эҷодиёт аз рӯи нуқтаи назари мо ин падидаест, ки ба мақсад мувофиқ буда, дараҷаи муайяни ташкилот ба ҳисоб меравад. Эҷодиёт бояд бо раванди педагогии муассисаҳои таълимӣ алоқаманд бошад, зеро маҳз дар ин раванд шахсияти кӯдак малакаҳои ибтидоии маърифатӣ ва шеваи фаъолиятро аз худ мекунад» [10, с.132].

Ман, ки роҳбари рисолаи хатми донишҷӯйи курси 4-уми ихтисоси технология Калонова Муаттар Ғайбуллоевнаро ба зимма доштам, аз сабаби зиёда аз 10 соли собиқаи корӣ дар Маркази таҳсилоти иловагии №4-и ноҳияи Бобоҷон ба ҳайси омӯзгори фанни технология (таълими меҳнат) фаъолият бурданашон, дар асоси фармоиши ректори МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» дар раванди гузаронидани таҷрибаомӯзии омӯзгорӣ дар нимсолаи якуми соли хониши 2022-2023 ба муассисаи худ ҳамчун таҷрибаомӯз ба мӯҳлати 4 ҳафта фиристода шуда буданд.

Бо мақсади дар амал татбиқ намудани мавзуи рисолаи хатм ҳангоми дар таҷрибаомӯзии омӯзгорӣ қарор доштанашон бо хонандагони маркази таҳсилоти иловагӣ маҳфил таҳти унвони «Дастони моҳир» ташкил намуда, кори амалии рисолаи хатмро омода намуданд, ки ҳамроҳ корҳои озмоишӣ-таҳқиқотӣ гузаронидем.

Инчунин, дар рафти таҳқиқоти педагогии худ ҳангоми таҷрибаомӯзии омӯзгорӣ ҳангоми татбиқи усули лоиҳа, бо мушкилиҳои зерин дучор гардидем:

- ➢ ба фаъолият ҳеҷ гуна ҳавасмандӣ нест ё хонанда аз рӯйи қолаб кор намекунад (супоришро танҳо барои арзёбӣ иҷро мекунад, хоҳиши худшиносӣ ва худтакмилдиҳӣ нест) ;
- ➢ хонанда назарияро дар амалия татбиқ карда наметавонад;
- ➢ дар иҷрои фаъолияти амалӣ метарсад;
- ➢ ҳангоми кор дар гурӯҳ, аксарияти хонандагон намехоҳанд, ки ташаббусҳои худ, қобилиятҳои эҷодии худро нишон диҳанд.

Арзёбии лоиҳаҳо мувофиқи параметрҳои махсус, ки дар ҷадвали 1 оварда шудааст, аз рӯйи миқёси худ (5 то 10 хол) баҳогузорӣ карда мешавад.

Дар натиҷа, ҳар як хонанда метавонад 100 холро соҳиб шавад. Ин усули баҳодиҳӣ ташхисӣ низ буда, он ба мо имкон медиҳад, ки сатҳи рушди қобилиятҳои эҷодии хонандагонро муайян кунем.

**Ҷадвали №1 Меъёрҳои арзёбии лоиҳаи хонандагон**

| Марҳилаҳо: | Намуди фаъолият | Меъёри хол |
|---|---|---|
| Омодагӣ | Интихоб ва асосноккуни мавзуи лоиҳа, аслият. | 5 |
| | Маълумоти таърихиву техникӣ; | 5 |
| Конструкторӣ | Ҳуҷҷатнигории ҳуҷҷати конструкторӣ | 5 |
| Технологӣ | Ҳуҷҷатнигории ҳуҷҷати технологӣ. | 5 |
| Марҳилаи конструкторӣ | Мавҷудияти технологияҳои бемисл, таҷҳизотҳои махсус тайёркардашуда ва ғайра. | 10 |
| Марҳилаи тайёркунии маҳсулот | Риояи маданияти меҳнат дар дарс. | 5 |
| | Сифати маҳсулот, мувофиқат ба стандарт, аслият. | 10 |
| Марҳилаи ниҳоӣ | Асосноккунии иқтисодӣ. | 10 |
| | Сифати таблиғот, аслият. | 5 |
| | Сифати баромад: пуррагии пешниҳоди баромад; сатҳи дониш аз рӯйи мавзӯъ. сифати посух ба саволҳо. сифати шахсии ҳимоякунанда. | 10 |
| | Сифати руқъа (ҳисобот); тартиб, мувофиқат ба стандартҳо, сохти матн, сифати нақшаҳо, ангора, тарҳ, сифат ва пуррагии тақриз. | 10 |
| | Мавҷудияти хулоса оид ба кори иҷронамуда. | 10 |
| | Сатҳи мустақилият дар ҳамаи марҳилаҳо | 10 |

Аз сабаби он ки ҳангоми гузоштани холҳо ба лоиҳаи омодашуда асосан меъёрҳое чун аслият, мустақилият ва сифати он ба назар гирифта шуд, низоми баҳогузорӣ ба сатҳи рушди тафаккури эҷодии хонандагон аз назар дур намондааст.

Ҳар як хонанда метавонад барои ҳамаи марҳилаҳои кор ҳадди ақал 100 хол гирад. Дар ҷараёни озмоиш дар синфи 8 аз фанни технология (таълими меҳнат) ҳар як хонанда аз рӯйи ин низом баҳогузорӣ карда шуд. Натиҷаҳои баҳодиҳӣ дар ҷадвали 2 оварда шудаанд:

**Ҷадвали №2 Шумораи умумии холҳо, ки хонандагон ҳангоми иштирок дар лоиҳа соҳиб гаштанд:**

| № | Ному насаби хонанда | Шумораи умумии холҳо |
|---|---|---|
| 1. | Азизова Амина Комиловна | 95 |
| 2. | Вазирова Камила Давроновна | 90 |
| 3. | Ғайбуллоева Карима Мирҷамоловна | 80 |
| 4. | Дадоҷонова Шукрона Наимовна | 75 |
| 5. | Мирова Фирӯза Зокировна | 65 |

Шумораи умумии холҳо барои муқоисакунӣ дар шакли диаграмма оварда мешавад:




**Расми 1. Диаграммаи шумораи умумии холҳо**

Таҳлилҳо асосан ду сатҳ: баланд (хонандаи 1 аз 100 % 95%) ва сатҳи паст (хонандаи 5 аз 100 танҳо 65%)-и рушди қобилиятҳои эҷодӣ ва истифодаи самараноки онҳоро дар дарси технология (таълими меҳнат) нишон доданд. Ин бо он алоқаманд аст, ки бо усули лоиҳавӣ хонандагон дар рафти озмоиш бори аввал рӯ ба рӯ шуданд, омӯзиши фанни технология (таълими меҳнат) дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ бо усули анъанавӣ сурат мегирад, ки иҷроиши супориш аз рӯйи намуна, ангора ва бузургиҳои додашударо пешбинӣ мекунад.

Натиҷаҳои бадастомада исбот менамоянд, ки истифодаи усули лоиҳавӣ дар раванди омӯзиши фанни технология (таълими меҳнат) барои бедоршавии шавқу ҳавас, рушди қобилиятҳои эҷодии хонандагон муҳим аст.

Ҳамин тариқ, нақши асосиро дар роҳи бедор намудани шавқу завқ нисбат ба техникаву технология, намудҳои касбҳои истеҳсолӣ, шаклҳои пешрафтаи меҳнат, усули «лоиҳаи эҷодӣ» мебозад. Ҳангоми гузаронидани корҳои беруназсинфӣ талаботи минтақа ё ноҳия ба касбҳои коргариро ба эътибор гирифтан лозим аст.

Инкишоф додани диққат ва қобилияти эҷодӣ, шавқи хонандагон ҳангоми таъсиси маҳфилҳо ва корҳои беруназсинфию беруназмуассисавӣ, лоиҳаҳои эҷодӣ, таълиму тарбия дар раванди корҳои ороишию амалии дастӣ аз фанни технология (таълими меҳнат) корҳои амалӣ хеле васеъ паҳн шуда, онҳо характери муфиди ҷамъиятӣ дошта, дар айни ҳол дониш, маҳорат, малакаи хонандагон ва қобилияти онҳоро ташаккул ва инкишоф медиҳанд.

Талабот ба майлу хоҳиши хонандагон ба омӯхтани асосҳои ин ё он фан танҳо ба воситаи дуруст ба роҳ мондани корҳои беруназсинфӣ қонеъ гардонида мешавад. Барои дуруст ва самаранок истифода бурдани корҳои беруназсинфӣ ҳаҷм ва мундариҷаи онро муайян кардан муҳим аст. Корҳои беруназсинфӣ ҷузъи ҷудонашавандаи раванди таълиму тарбия буда, ба инкишоф додани диққат ва қобилияти эҷодии хонандагон дар раванди корҳои дастӣ, яъне тарбияи эстетикии насли наврас нигаронида шудаанд.

**Муқарриз: Азизов А.А. – д.и.п, профессори ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров**

**АДАБИЁТ**


1. Азизов А.А. Барнома ва модули намунавии таълимии курси омӯзишӣ барои омӯзгорони фанни технология (таълими меҳнат) оид ба муносибати салоҳиятнокӣ ба таълим /А.А.Азизов, М.Д.Рӯзиева, Ш.Ю.Азизов, М.Насимӣ, А.Риоев. -Душанбе: Маориф, 2017.-140 с.
2. .Азизов А.А. Раҳнамои фанни технология (барои писарон) синфи 6-ум /А.А.Азизов, Ш.Ю.Азизов. -Душанбе: Маориф, 2017.-154 с.

3. Азизов А.А. Технология: таълим бо усулҳои нав. Дастури методӣ барои омӯзгорони фанни технология (таълими меҳнат) /М.У.Иргашева, А.А.Азизов.- Душанбе, 2016.-76 с.
4. Азизов А.А. Шароитҳои педагогии ташкили фаъолияти лоиҳавии мутахассисони оянда ва истифодаи методҳо дар дарсҳои технология /А.А.Азизов, Т.А.Ашӯрова. -Хуҷанд:Нури маърифат 2014.-143 с.
5. Азизов А.А. Дидактические основы формирования технического творчества у учащихся общеобразовательной школы (на примере Республики Таджикистан): дис…докт. пед. наук: 13.00.01/А.А.Азизов. - Душанбе, 2013.-354 с.
6. Алексеева Л.П. Преподавательские кадры: состояние и проблемы профессиональной компетентности /Л.П. Алексеева, Н.С. Шаблыгина. -М.: НИИВО, 1994.-134 с.
7. Алиева М.Н. Татбиқи лоиҳаи эҷодӣ дар раванди дарси технология (таълими меҳнат) бо назардошти муносибати салоҳиятнокӣ ба таълим /М.Н.Алиева, А.Н.Шамсиева// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. -Душанбе, 2023. -№3. -331 с.
8. Бабанский Ю.К. Методы обучения в современной школе / Ю.К. Бабанский. – М.: Просвещение, 1985.-208 с.
9. Species Бобоҷонова Ш.У. Истифодаи ҳунарҳои миллӣ дар омода намудани либоси занона// Масъалаҳои таърих, назария ва методикаи таълими фанҳои графикӣ ва технология (маҷмуи мақолаҳо).-Хуҷанд: Ношир-2017.-136.-С.93-94
10. Бобоева И.С. Инкишофи маҳорати эҷодии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ /И.С.Бобоева, М.Н.Алиева// Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар. -Бохтар, 2020. -№1/4 (80). -Қисми 2. -313 с.
11. Дадобоева М.А. Педагогические условия подготовки будущих учителей к творческой деятельности в школе: автореф. дисс…канд. пед. наук: 13.00.01 /М.А.Дадобоева. -Душанбе, 2010.-24 с.
12. Мамадҷонова М.А. Ташкил ва гузаронидани маҳфил дар дарси технология // Масъалаҳои таърих, назария ва методикаи таълими фанҳои графикӣ ва технология (маҷмуи мақолаҳо). -Хуҷанд: Ношир-2017.-136с.
13. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2015.
14. Рӯзиева М.Д. Раҳнамои фанни технология (барои духтарон) синфи 7-ум /М.Д.Рӯзиева, М.Насимӣ. -Душанбе: Маориф, 2017.-180 с.

## КОРҲОИ БЕРУНАЗСИНФӢ-ВОСИТАИ АСОСИИ БЕДОРШАВИИ ШАВҚИ ХОНАНДАГОН БА ФАННИ ТЕХНОЛОГИЯ (ТАЪЛИМИ МЕҲНАТ)

Ҳангоми дар раванди дарси технология (таълими меҳнат) истифода намудани маводҳои дидактикӣ, бозиҳо ба он оварда мерасонад, ки шавқу ҳаваси омӯхтан баланд шуда, қобилияти эҷодӣ такмил мёебад инчунин, ба амиқ омӯхтани фан сабаб мешавад. Аз ин рӯйй, методҳои фаъоли омӯзиш дар дарсҳои амалии технология (таълими меҳнат) дар корҳои берунazсинфӣ бояд истифода шаванд. Истифодаи шакл ва усулҳои нави таълим дар ин раванд аз манфиат холӣ нест. Усулҳои анъанавӣ, ки солҳои дароз истифода мешуд, тарафҳои мусбии худро дорад. Аммо истифодаи усулҳои нави таълим мувофиқи низоми нави таҳсилот барои баланд бардоштани самаранокии раванди таълим, азхудкунии маводи дарсӣ ва фаъолияти хонандагон мусоидат менамояд.

**Калидвожаҳо:** технология (таълими меҳнат), ҳунарҳои миллӣ, корҳои беруназсинфӣ, маҳфил, шавқ, қобилияти эҷодӣ.

## ВНЕКЛАССНЫЕ ЗАНЯТИЯ-ОСНОВНОЙ ИНСТРУМЕНТ ПРОБУЖДЕНИЯ ИНТЕРЕСА УЧАЩИХСЯ К ПРЕДМЕТУ ТЕХНОЛОГИИ (ТРУДОВОЕ ОБУЧЕНИЕ)

При использовании дидактических материалов в процессе урока технологии (трудовое обучение) игры приводят к тому, что повышается интерес к обучению, улучшаются творческие способности, что приводит к глубокому изучению предмета, как теоретического, так и практического. Таким образом, активные методы обучения на практических уроках технологии (трудовое обучение) во внеклассных мероприятиях должны использоваться во всех типах учебных процессов. Использование в этом процессе новых форм и методов обучения не лишено цели. Традиционные методы, которые использовались в течение многих лет, имеют свои плюсы и минусы. Однако использование новых методов обучения в соответствии с новой системой образования способствует повышению эффективности учебного процесса, усвоению учебных материалов и успеваемости учащихся.

**Ключевые слова:** технологии (трудовое образование), национальные ремесла, внеклассные мероприятия, хобби, интересы, творческие способности

## EXTRACURRICULAR ACTIVITIES ARE THE MAIN TOOL FOR AWAKENING STUDENTS' INTEREST IN THE SUBJECT OF TECHNOLOGY (LABOR TRAINING)

When using didactic materials in the course of a technology lesson (labor training), games lead to an increased interest in learning, improved creativity, which leads to a deep study of the subject, both theoretical and practical. Thus, active teaching methods in practical technology lessons (labor training) in extracurricular activities should be used in all types of educational processes.The use of new forms and methods of teaching in this process is not without purpose. Traditional methods that have been used for many years have their pros and cons. However,

the use of new teaching methods in accordance with the new education system contributes to improving the efficiency of the educational process, the assimilation of educational materials and student performance.

**Keywords:** technologies (labor education), national crafts, extracurricular activities, hobbies, interests, creativity

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Алиева Мунзифахон Насимовна*** **-** Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров, кафедраи технология ва методикаи таълими он, дотсент. **Суроға**: 735700, шаҳри Хуҷанд, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Мавлонбеков, 1. E-mail**: M.Alieva-92@mail.ru**.
Телефон: **92-980-74-36**

**Сведения о авторе:** ***Алиева Мунзифахон Насимовна-*** Худжандский государственный университет имени академика Б.Гафурова, кафедра технологии и методики её обучения, доцент. **Адрес:** 735700, город Худжанд, Республика Таджикистан, проспект Мавлонбекова, 1. E-mail**: M.Alieva-92@mail.ru**.
Телефон: **92-980-74-36**

**Information about author:** ***Aliyeva Munzifahon Nasimovna*** - Khujand State University named after Academician B. Gafurov, Department of Technology and Methods of its Teaching Associate Professor. **Address:** 735700, Khujand city, Republic of Tajikistan, Mavlonbekov avenue 1. E-mail: **M. Alieva-92@mail.ru**.
Phone: **92-980-74-36**

ТДУ:372.851

# БОЗИИ ДИДАКТИКӢ ҲАМЧУН ВОСИТАИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ САМАРАНОКИИ ДАРСҲОИ МАТЕМАТИКА

*Юнусова Н.М., Мадалиева Г.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,**
**Пажуҳишгоҳи рушди маорифи ба номи А.Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон**

Солҳои аввали таълим барои хонандагон то андозае душвор аст, бавижа барои баъзе аз таълимгирандагон математика фанни дӯстдоштанӣ нест. Сабаб ин аст, ки чунин шакли тафаккур монанди таҳлил, омезиш, умумӣ кардан, хулоса баровардан, тасниф кардан, муқоиса кардан, ҷудо кардани маълумотҳо ва вазифаҳои гузошташуда барои баъзе аз кӯдакон ҳанӯз ташаккул наёфтааст. Барои бомуваффақият омӯхтани кӯдакон, пеш аз ҳама, дар онҳо бояд шавқу ҳавас ба фанни таълимшавандаро бедор кард ва фаъолияти ҳаррӯзаи онҳоро самаранок ва сермаҳсул ба роҳ монд. Яке аз чунин воситаҳои бедор кардани шавқу ҳавас ба фанни таълимӣ, ба роҳ мондани бозиҳои дидактикӣ дар рафти таълим ба ҳисоб меравад.

Бозиҳои дидактикӣ аз дигар гурӯҳи бозиҳо бо он фарқ мекунанд, ки дар ин навъи бозӣ фаъолияти озод дар рафти бозӣ бо дар назди худ мақсад гузоштан оғоз мегардад. Бозиҳои педагогӣ аз бозиҳои маъмулӣ бо он фарқ мекунанд, ки дорои аломатҳои муайян буда, ҳадафи мушаххас ва дақиқи омӯзишӣ доранд, ҳамзамон бо иҷрои онҳо натиҷаҳои ба онҳо мувофиқ рӯйи кор меоянд, ки асоснок буда, ба навъҳои муайян ҷудо карда шудаанд ва бо самти омӯзишӣ - дарккунӣ тавсиф карда мешаванд [4, с.52].

Бозиҳои дидактикӣ, чун қоида, аз рӯйи вақт маҳдуд буда, дар аксар ҳолатҳо амалҳои дар бозӣ анҷомдодашаванда ба қоидаҳои муқарраршуда тобеъ мебошанд, натиҷаҳои омӯзишии онҳо мумкин аст бевосита ба маҳсулоти фаъолияти таълимӣ - бозии дар рафти бозӣ омодакардашуда алоқаманд бошад [3].

Бозӣ дар раванди таълим ҳамзамон шакл ва усули омӯзишӣ ба ҳисоб меравад. Технологияи нисбатан рушдкардаи бозӣ ҳамчун шакли ташкил ва такмили раванди таълим дар корҳои илмии С.Ф. Занко, Ю.С. Тюнников ва С.М. Тюнникова мавриди баррасӣ қарор гирифтааст: “То рушди назарияи омӯзиши проблемавӣ мафҳумҳо, принсипҳо ва усулҳои асосии бозӣ дастрас набуданд ва дар сохтори худ на дар ҷанбаи дидактикии тафсири сохтор ва мундариҷаи проблемаҳо ва на дар ҷанбаи ташкилу фароҳамсозии раванди бозӣ мантиқи педагогӣ надоштанд” [1, с.6].

Татбиқи усулҳои бозӣ ва вазъиятҳои дарсӣ асосан дар чунин самтҳо амалӣ карда мешавад: мақсади дидактикӣ дар назди толибилмон дар шакли вазифаҳои бозӣ гузошта мешавад; фаъолияти таълимӣ ба қоидаҳои бозӣ итоат мекунад; маводи таълимӣ ба сифати воситаҳои он истифода мегардад, дар фаъолияти таълимӣ унсурҳои мусобиқа ворид карда мешаванд, ки вазифаи дидактикиро ба бозӣ табдил медиҳанд; иҷрои бомуваффақияти вазифаҳои дидактикӣ бо натиҷаҳои бозӣ алоқаманд аст.

М. В. Кларин бозиҳои дидактикиро чунин тавсиф кардааст: “Ин фаъолияти дар рафти омӯзиш ташкил шуда, таъминкунандаи самаранокии азхудкунии маводи таълимӣ, баландбардорандаи ҳадафи дарккунӣ аз ҳисоби бо эҳсос зинатдиҳии амалҳои ба бозӣ дахлдошта ба ҳисоб рафта, бо моделсозии имитатсионӣ ва рамзии зуҳурот ва равандҳои омӯхтшаванда асоснок карда шудааст, дар натиҷаи гузаронидани он ташаккули донишҳои мушаххас, маҳорат ва малакаҳо ба нақша гирифта шудаанд” [2, с.165].

С. А. Шмаков намудҳои махсуси бозиҳоро, ки барои рушди мақсаднок, ғановати зеҳнӣ, барои додани маълумот оид ба ҷаҳон, иттилооти муҳим, бозиҳои барои таълим мақсаднок ба ҳисоб гирифташуда ихтисос дода шудаанд, ҷудо мекунад [6, с. 107]. Ӯ барои муайян кардани ин гурӯҳи бозиҳо истилоҳи “интеллект”-ро истифода кардааст, ки бевосита ба бозиҳои дидактикӣ алоқаманд аст ва ҳамчун

воситаи рушди фаъолияти дарккунии кӯдакон ва наврасон истифода мегардад. Он дар асоси маводи тартиб дода шуда, аз чи сабаб бошад, ки мақсади чунин бозиҳо махфӣ нигоҳ дошта мешавад [6, с. 114].

Бозиҳои дидкатикӣ дар дарсҳои математика на танҳо шавқоваранд, балки кӯдаконро ба фикркунӣ водор мекунад, дар онҳо мустақилият, ташаббускориро тарбия мекунад, ҳамнишинӣ бо рафиқони хубро меомӯзад. Ба бозиҳои дидактикӣ ҷалб гардидани кӯдакон сабаби ба осонӣ аз худ кардани барномаи дарсӣ гардида, дар онҳо дониш, маҳорату малакаро ташаккул медиҳад ва сатҳи фаҳму дарки онҳоро тақвият мебахшад. Аз ин рӯ, истифодаи бозиҳои дидактикӣ дар дарсҳои математика раванди таълимро шавқовар гардонида, вазъу ҳолати равонии кӯдаконро болида месозад, мушкилоти дарсомӯзиро бартараф карда, диққати хонандагонро бештар ба дарс ҷалб мекунад.

***Аҳаммияти бозиҳои дидактикӣ:***

- қобилияти фаҳму дарки хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумиро баланд мебардорад;
- дарс нисбатан фаҳмо ва пурмуҳтаво мегардад;
- ҳавасмандии мусбатро ҳангоми омӯзиш ташаккул медиҳад;
- диққату фаҳми эҷодиро афзоиш дода, қобилияти кории хонандагонро таҳким мебахшад;
- қобилияти кор дар гурӯҳро ташаккул медиҳад.

Мақом ва нақши технологияи бозӣ дар ҷараёни таълим, якҷо кардани унсурҳои бозӣ ва таълим бештар барои тақвияти фаҳму дарки омӯзгор мусоидат карда, вазифаҳоро мушаххас менамояд. Ин раванд бештар ба таснифоти дурусти бозиҳои педагогӣ вобаста аст.

Вобаста ба хусусияти фаъолияти маърифатӣ бозиҳои дидактикӣ ба гурӯҳҳои зерин ҷудо карда мешаванд:

1. Бозиҳое, ки аз кӯдакон иҷрои амалҳои муайянро талаб мекунанд. Бо ёрии ин бозиҳо кӯдакон амалҳоро мувофиқи модел иҷро мекунанд (бо фикр кардани ифодаҳои ададӣ, нақшасозӣ, расми монандро кашидан).

2. Бозиҳо мувофиқи талабу дархост иҷро карда мешаванд, ки дар ин раванд фаъол будан ҳангоми бозӣ зарур аст. Онҳо асосан ба ташаккули малакаҳои ҳисоббарорӣ нигаронида шудаанд («Моҳигирии математикӣ», «Лабиринт», «Чӣ тавр то қулла расидан», «Пур кардани хоначаҳо», «Самти ҳаракати киштиро муайян кардан»).

3. Бозиҳое, ки унсурҳои ҷустуҷӯ ва эҷодкориро дар бар мегиранд (“Ҷамъоварии мисолҳои даврӣ”, “Занҷираи математикӣ ”).

Аз рӯйи хусусияти маводи истифодашаванда бозиҳои дидактикӣ шартан ба бозиҳо бо предметҳо, бозиҳои рӯйимизӣ ва бозӣ бо калимаҳо ҷудо мешаванд.

Аз рӯйи вазифа бозиҳои дидактикиро чунин тақсим кардан мумкин аст: 1. омӯзишӣ; 2. назоратӣ; 3. умумикунанда ва ё хулосакунанда.

**Бозӣ тарбиявӣ** хоҳад буд, агар хонандагон дар он иштирок кунанд, дониш ва малакаҳои нав ба даст оранд, ё онҳоро маҷбуран дар раванди омодагӣ тавассути бозӣ аз худ кунанд. Ғайр аз ин, натиҷаи азхудкунии дониш ҳамон қадар беҳтар хоҳад шуд, агар мотиви фаъолияти маърифатӣ на танҳо дар бозӣ, балки дар худи мазмуни маводи математикӣ ҳам равшантар ифода ёбад.

**Бозӣ назоратӣ** хоҳад буд, агар ҳадафи дидактикии он такрор кардан, мустаҳкам кардан ва санҷиши донишҳои қаблан гирифташуда бошад. Барои иштирок дар он ба ҳар як донишҷӯ омодагии муайян ва дониши математикӣ лозим аст.

**Бозиҳои умумӣ** муттаҳидсозии донишҳоро талаб мекунанд. Онҳо ба таъсиси робитаҳои байнисоҳавӣ, ки ба пайдо кардани малакаҳои амал кардан дар ҳолатҳои гуногуни таълимӣ нигаронида шудаанд, мусоидат мекунанд.

Аз рӯйи шумораи иштирокчиён бозиҳои дидактикӣ метавонанд: коллективӣ, гурӯҳӣ ва инфиродӣ бошанд. Бозиҳои дидактикиро дар марҳилаҳои алоҳидаи дарс истифода бурдан мумкин аст, ки онҳо ҳамчун лаҳзаҳои бозӣ амал мекунанд [5].

Таҳқиқи хусусияти бозиҳои дидактикӣ бидуни таҳлил ва татбиқи бозиҳои гуногун имконнопазир аст. Ҳоло ман бо хонандагони синфи 3 кор мекунам. Мавзуи асосии курси математика дар синфи 3 омӯзиши ҷадвали зарб ва тақсим мебошад. Усул талаб мекунад, ки бачаҳо на танхо ҷадвалро аз худ карда бошанд, балки принсипҳои тартиб додани онро низ фаҳманд. Маҳорати ҳисоббарорӣ, чунонки маълум аст, дар натиҷаи такрори чандкаратаи ҳамон амалҳо ҳосил мешавад. Барои роҳ надодан ба якрангӣ дар коркарди ҳолатҳои ҷадвали зарб ва тақсим, ман машқҳоро ба таври бозӣ ва шавқовар мегузаронам.

Барои дар дарс гузаронидани бозии дидактикӣ, зарур аст, пешакӣ гурӯҳҳоро муайян кунем, то ба ҳар гурӯҳ хонандагони дорои қобилияти ҳам қавӣ ва ҳам суст дохил шаванд. Ба ҳар як гурӯҳ шахси масъул таъин мекунем. Аз рӯйи қоида як хонандаро интихоб мекунем, ки дорои имкониятҳои хуби омӯзиш буда, фаъолияти гурӯҳро ба роҳ монда метавонад ва аз уҳдаи ташкили бозӣ мебароят. Дар дарсҳо истифодаи машқҳои шифоҳӣ нақши муҳим дорад. Бо мақсади ба ин кор ҷалб намудани ҳамаи талабагон аз картаҳои сигналӣ ё аломатгузоришуда истифода мебарем. Онҳо ба таҳкими интизоми талабагон ёрӣ расонда, дар айни замон барои аз худ намудани мавод маълумот дастрас мекунанд. Бо ёрии онҳо шумо метавонед бисёр машқҳои шифоҳиро дар шакли бозӣ иҷро кунед. Дар дарсҳо ман аз бозиҳои зерин истифода мебарам.

***Бозии “Ҳа. Не".*** Дар тахтаи синф мисолҳо оварда шудаанд: 4х6, 8х3, 4х5, 7х3, 9х4, 5х6. Кортҳоро бо рақамҳо нишон медиҳам. Агар рақам ҷавоб дошта бошад, хонандагон баробар дар якҷоягӣ «Ҳа» мегӯянд, пас мисоли 4х6=24-ро бо овози баланд аз тахта мехонанд, агар рақами ҷавоб нодуруст бошад, "Не" мегӯянд.

***Бозии "Намегӯям".*** Бозӣ чунин тартиб дода шудааст: масалан, кӯдакон дар як вақт аз 20 то 50 ҳисоб мекунанд. Ба ҷойи рақамҳое, ки ба 6 тақсим мешаванд, онҳо мегӯянд: "Намегӯям!" !«. Ман ин рақамҳоро дар тахтаи синф менависам. Сабт пайдо мешавад: 24, 30, 36, 42, 48. Сипас, бо навиштани ҳар як рақам, хонандагон мисолҳоро номбар мекунанд: 24:6=4, 30:6=5 ва ғайра. Ин бозӣ ба ташаккули мақсадноки механизмҳои иваз кардани диққат мусоидат мекунад.

***Бозии "Кӣ тезтар бо дақиқтар?"*** Барои ҳар як қатори миз як маҷмуи рақамҳоро аз 0 то 9 тақсим мекунем, то як хонанда дар қатор рақами 0, дигараш 1 ва ғайраро гирад. Мисолҳоро мехонем (4 × 4; 9 × 2 ё 40: 4 ва ғ.) ва кӯдакон бояд зуд муайян кунанд, ки он чӣ қадар хоҳад буд ва онҳое, ки рақамҳои 1 ва 6 доранд, ба назди тахта баромада, рақами 16-ро ташкил медиҳанд. Барои ҳар як мисол ва ҷавобе, ки зудтар ва дуруст иҷро шудааст, холгузорӣ карда мешавад. Қаторе, ки бештар хол ба даст меорад, ғолиб дониста мешавад.

Бозӣ на танҳо ба таҳкими маҳорати муайяни ҳисоббарорӣ, махсусан ҷадвали зарб ва тақсим, мусоидат мекунад, балки дар рафти он фаҳмиши маънои маҳаллии ададҳо равшан мегардад. Дар ин ҳолат хонандагон бояд аз ҷой бархезанд, то як адад воҳидҳоро, адади дигар даҳиҳоро ифода кунанд. Омезиши ҷойҳо ҳамчун бохт дар бозӣ ба ҳисоб гирифта мешавад.

***Бозии "Мисолҳои даврӣ".*** Ман кортҳоро бо мисолҳо пешакӣ омода карда, интихоб мекунам, то ки ҷавоби мисоли қаблӣ ибтидои мисоли оянда бошад. Ҳар як хонанда дар як қатор чунин корт мегирад. Дар ин ҷо хато накардан хеле муҳим аст! Дар дарси навбатӣ, мисолҳои даврашакл ба хонандагони қатори дигар дода мешаванд.

***Бозии "Кадом қатор беҳтар?".*** Хонандагоне, ки дар қатори аввал қарор доранд, ба хонандагони дар қатори дуюм доир ба ҷадвали зарб (аз ҷумла тақсим) саволҳо медиҳанд. Баъд хонадагони катори дуюм барои хонандагони катори сеюм мисолҳо тайёр мекунанд. Дар тахта шумораи ҷавобҳои дурусти ҳар як қаторо ҳисоб карда мешавад.

***Бозии "Ҷуфти мувофиқро пайдо кун".*** Аз ҳар як қатор се нафарӣ хонандагон бо навбат ба тахтаи синф мебароянд. Вазифа: дар қуттиҳо рақамҳоро нависед, то баробариҳои дуруст ба даст оред.

$$9 \times 4 = ? + ?$$
$$42 : 6 = ? - ?$$
$$76 - 44 = ? \, X \, ?$$
$$27 + 27 = ? \, X \, ?$$

Бозиҳои дар боло овардашуда, танҳо баъзе намудҳои кор дар дарси математика мебошанд, ки фаъолияти хонандагонро самарнок мегардонанд. Ҳангоми иҷрои вазифаҳои дар боло баррасишуда хонандагон фикр мекунанд, муқоиса мекунанд, таҳлил мекунанд, ки ин раванд барои азхудкунии бештар, босамар ва бошууронаи дониш, маҳорат ва малака мусоидат мекунад.

### АДАБИЁТ


1. Занько С.Ф. Игра и учение. Части 1 и 2 / С.Ф.Занько, Ю.С.Тюнников, С.М. Тюнникова. - М.: Ассоциация "Профессиональное образование", 1992.
2. Кларин М.В. Инновационные модели обучения в зарубежных педагогических поисках / М.В.Кларин. - М., 1994. - 178 с.
3. Пидкасистый П.И. Искусство преподавания. 2-е издание / П.И.Пидкасистый, М.Л. Портнов. - М.: Педагогическое общество России, 1999 - 212 с.
4. Сикорский И.А. Душа ребенка / И.А. Сикорский. - Киев, тип. Кульженко, 1911г.
5. Торопова Г.Н. Дидактическая игра как средство повышения эффективности уроков математики *(мақола)*
6. Шмаков С.А. Культура - досуг – ребенок / С.А. Шмаков. - М., 1994.
7. Игротехника. Методология. Теория. Практика. - М.: изд. АМБ - агро, 2000. -339с.
8. Шмаков С.А. Игра и дети / С.А. Шмаков. - М., 1968. - 57с.
9. Шмаков С.А. Игры учащихся - феномен культуры / С.А. Шмаков. - М.: Новая школа, 1994. -240с.
10. Щедровицкий Г.Б. Методологические замечания к педагогическим исследованиям игры // Психология и педагогика игры дошкольников / Г.Б. Щедровицкий. -М.: Просвещение, 1966. -С.34
11. Щедровицкий Г.Б. Игры для взрослых / Г.Б. Щедровицкий. - Смена, 1982, от 5/II
12. Щербакова С.Г. Пусть на уроках дети играют /Научные достижения и передовой опыт в области педагогики и народного образования / С.Г. Щербакова. - М.: Педагогика, 1990. -Выпуск 5. -С.24-26.
13. Щукина Г.И. Активизация познавательной деятельности учащихся в учебном процессе / Г.И. Щукина. - М.: Просвещение, 1979.


### БОЗИИ ДИДАКТИКӢ ҲАМЧУН ВОСИТАИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ САМАРАНОКИИ ДАРСҲОИ МАТЕМАТИКА


Таҳқиқи бозиҳои дидактикӣ дар педагогика масъалаи мубрам ба ҳисоб рафта, татбиқи онҳо дар раванди таълим барои баланд бардоштани сифати дарс ва таъмини самарнокии он мусоидат мекунад. Дар мақола назари олимони рус мавриди баррасӣ қарор гирифта, аҳаммияти татбиқи бозиҳои дидактикӣ барои такмили маҳорату малакаи хонандагон таъкид гардидааст. Дар мақолаи мазкур муаллиф афкори илмии М. Б. Кларин, С.А. Шмаковро мавриди таҳлил қарор дода, аҳаммияти истифодаи бозиҳои дидактикиро дар дарс мушаххас нишон додааст. Ба андешаи ӯ, бозиҳои дидактикӣ қобилияту фаҳми хонандагонро баланд мебардоранд, шавқу ҳавасро нисбат ба дарсу таълим бештар мегардонанд.Муаллифон бозиҳоро ба гурӯҳҳо ҷудо мекунад: бозии аҳммияти тарбиявӣ дошта, бозии назоратӣ ва бозии умумӣ. Муаллифон намунаи, навъҳои гуногуни бозиҳоро оварда, таҳлил кардаанд. Ҳар як бозиро баррасӣ карда, хусусиятҳои онҳоро нишон додаанд. Ба андешаи муаллифон, бозиҳои дидактикӣ бояд дар тамоми марҳилаҳои таълим истифода гарданд, зеро таъсири онҳо ба раванди таълим мусбат ва босамар аст. Бозиҳо барои ташаккули шахсияти инсон нақши муассир доранд. Тақвияти андеша ва ташаккули хислатҳои мусбати инсонӣ маҳз тавассути истифодаи бозиҳои гуногун дар дарс сурат мегиранд. Андешаҳои муаллифон бо далелҳо ва мисолҳо асоснок карда шудаанд. Мақола дар асоси талаботҳои муқараршудаи илмӣ рӯйи кор омадааст.



**Калидвожаҳо:** бозӣ, дидактика, мисол, хонанда, муаллим, маҳорат, усул, фикрронӣ, талабот, меъёр, бозиҳои дидактикӣ, шавқу рағбат, омӯзиш.


### ДИДАКТИЧЕСКАЯ ИГРА КАК СРЕДСТВО ПОВЫШЕНИЯ ЭФФЕКТИВНОСТИ УРОКОВ МАТЕМАТИКЕ


Исследование дидактических игр в педагогике считается актуальной проблемой, а их применение в образовательном процессе способствует повышению качества урока и обеспечению его эффективности. В статье обсуждалось мнение российских ученых, а также подчеркивалась важность применения дидактических игр для совершенствования навыков учащихся. В данной статье автор представляет научное мнение М. Б. Кларин, С.А. Шмакова были проанализированы и наглядно показали важность использования дидактических игр на уроке. По его мнению, дидактические игры повышают способности и понимание учащихся, повышают их интерес к обучению и обучению.Автор делит игры на группы: игры воспитательного значения, контрольные игры и общеигровые игры. Авторы представили и

проанализировали примеры разных типов игр. Они рассмотрели каждую игру и показали их особенности. По мнению авторов, дидактические игры необходимо использовать на всех этапах обучения, поскольку их влияние на учебный процесс положительное и эффективное. Игры играют важную роль в формировании личности человека. Укрепление мышления и формирование положительных качеств человека происходит посредством использования на занятиях различных игр. Мнения авторов обоснованы фактами и примерами. Статья основана на установленных научных требованиях.

**Ключевые слова**: игра, дидактика, пример, ученик, учитель, умение, метод, мышление, требования, нормативы, дидактические игры, интерес, обучение.

**DIDACTIC GAME AS A MEANS OF INCREASING THE EFFECTIVENESS OF MATHEMATICS LESSONS**

The study of didactic games in pedagogy is considered an urgent problem, and their use in the educational process helps improve the quality of the lesson and ensure its effectiveness. The article discussed the opinion of Russian scientists, and also emphasized the importance of using didactic games to improve students' skills. In this article, the author presents the scientific opinion of M.B. Clarin, S.A. Shmakov were analyzed and clearly showed the importance of using didactic games in the classroom. In his opinion, didactic games increase students' abilities and understanding, increase their interest in teaching and learning. The author divides games into groups: educational games, test games and general game games. The authors presented and analyzed examples of different types of games. They looked at each game and showed their features. According to the authors, didactic games should be used at all stages of learning, since their influence on the learning process is positive and effective. Games play an important role in shaping a person's personality. Strengthening thinking and the formation of positive qualities of a person occurs through the use of various games in the classroom. The authors' opinions are substantiated by facts and examples. The article is based on established scientific requirements.

**Key words**: game, didactics, example, student, teacher, skill, method, thinking, requirements, standards, didactic games, interest, learning.

**Маълумот дар бораи муаллифон*: Юнусова Нафисахон Муродовна*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, кафедраи умумидонишгоҳии педагогика, профессор. **Суроға:** 734025, шаҳри Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **nafisa48@mail.ru** Телефон: **(+992) 907-97-48-07**.
***Мадалиева Гулдаста* –** Пажуҳишгоҳи рушди маорифи ба номи А.Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, унвонҷӯй. **Суроға:** 734024, шаҳри Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи Айнӣ, 45.Телефон: **(+992)908-908-852**

**Сведения об авторах:** ***Юнусова Нафисахон Муродовна*** – Таджикский национальный университет, общеуниверситетская кафедра педагогики, профессор,. Адрес: 734025, город Душанбе, РеспубликаТаджикистан, проспект Рудаки, 17. E-mail: **nafisa48@mail.ru** Телефон**: (+992) 907-97-48-07.**
***Мадалиева Гулдаста* –** Институт развития образования имени А.Джами Академии образования Таджикистана, соискатель. **Адрес:**734024, город Душанбе, Республика Таджикистан, улица Айни, 45. Телефон: **(+992)908-908-852**

**Information about the authors:** ***Yunusova Nafisakhon Murodovna*** – Tajik National University, university-wide department of pedagogy, professor. **Address:** 734025, Dushanbe city, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue 17. E-mail: **nafisa48@mail.ru** Phone: **(+992) 907-97-48-07.**
***Madalieva Guldasta* –** Institute for Educational Development named after A. Jami of the Academy of Education of Tajikistan, applicant. **Address:** 734024, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Aini street 45. Phone: **(+992)908-908-852**

ТДУ: 37.01(091)

# ҒОЯҲОИ ТАЪЛИМӢ-ТАРБИЯВӢ ДАР НАЗМИ СУФИЁНА ВА РОҲАНДОЗИИ ОНҲО ДАР ПЕДАГОГИКАИ МУОСИР

*Ҳусейнов Н.М., Қодиров К.Б.*
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Танзим ва табақабандии роҳёфти назми суфиёна дар фаъолияти таълимӣ-тарбиявии муассисаҳои таълимӣ дар мадди аввал шиносоӣ бо мероси фарҳангӣ-ахлоқии гузашта ва огоҳии судманд аз он аст, ки дорои се ҳадаф ва коркард мебошад: раҳбарии фаъолияти таълимӣ-тарбиявӣ, эҷоди ангезаҳои ахлоқӣ дар хонандагон ва таваҷҷуҳ ба мероси пандуахлоқии ниёгон дар фаъолиятҳои таълимӣ-тарбиявӣ аст.

Муҳтавои муҳимми ин масъала интихоби дуруст ва саҳеҳи ҳадафи таълимӣ-тарбиявидоштаи назми суфиёна аст. Дар ин мавридҳамоҳанг сохтани барномаҳои таълимӣ ва тарбиявӣ ба омӯзиши назми суфиёна муҳим аст ва яке аз масъалаҳои муҳим дар барномаҳои таълимӣ-тарбиявӣ муқаррар намудани ҳадафи он низ мебошад.

Назми суфиёнаи Саноӣ, Аттор ва Ҷалолиддини Балхӣ дар масъалаҳои тарбия, ахлоқ ва рушду такомули хонандагон муҳим аст, зеро дар арсаи орои бадеӣ суруда шудааст, ки то ҳол барои хонандагони муассисаҳои таълимӣ аҳаммияти таълимӣ-тарбиявии он ба сурати муайян, роҳандозӣ нагардидааст. Осори назмии Саноӣ, Аттор ва Ҷалолиддини Балхӣ мактаби муҳими тарбиявӣ-таълимӣ дар асрҳои миёна буда, дар рисолаҳои арзанда эҷод гардидааст, ки дорои вижагиҳои афкор, андешаҳо ва одоб мебошанд. Суфия марказҳои таълимӣ ва омӯзишӣ мисли мактабхона, мадраса, омӯзишгоҳ, аз ҷумла ба номи «хонақоҳ»-ро бо ҳадафи мушаххас таъсис карда буданд ва дар он бештар дарси ахлоқ медоданд. Хонақоҳ, дар амал, макони омӯзиши ахлоқии шабонарӯзии суфиёна шинохта мешуд, ки таълимгирандагон дар он таҳти омӯзиш қарор мегирифтанд. Бинобар ин, роҳандозии назми суфиёна аҳаммияти таълимӣ-тарбиявӣ дорад ва дар ҳақиқат, ин роҳандозӣ ва арзёбии ин андешаҳои ахлоқӣ барои хонандагони муассисаҳои таълимӣ мактаби муҳимми таълимӣ-тарбиявӣ аст.

Имтиёзоти назми суфиёна ва роҳандозии он дар муассисаҳои таълимӣ аз хизмат ба меҳан, тарбияи ахлоқӣ ва касб намудани маърифат аст. Ин ҷо саъй ба он бояд кард, ки аҳаммияти таълимӣ-тарбиявии назми суфиёна бо шакли низомдошта истифода карда шавад ва ин амр, дар ҳолате муяссар мегардад, ки агар мавзуъҳои ахлоқии он дар ҷараёни таълим ва тарбия бошад. Дар ин замина, аҳаммияти таълимӣ-тарбиявии назми суфиёна дар чор фасл бо унвони заминаҳо, ҳадаф, усул ва шеваҳои таълим ва тарбия бояд роҳандозӣ карда шавад. Заминаи таълим ва тарбиявии назми суфиёна аз андешаҳо, афкор ва нигоришҳои алоқаманд ба маърифатшиносӣ, ҷаҳоншиносӣ ва инсоншиносӣ иборат аст, ки ба ҳаёти ин шоирон пайваста аст ва таҳти таъсири онҳо баҳс мекунанд. Шоирони суфия андешамандони таълим ва тарбия буданд ва орифона саъй доштанд, аз манзари андеша ва биниши хеш ҳадаф ва ғояҳои таълимӣ ва тарбиявиро муайян намоянд. Саноӣ, Аттор, Ҷалолиддини Балхӣ ва дигар донишмандони аҳли тасаввуф ҳадафи таълим ва тарбияро биниши бештари ахлоқӣ медонистанд ва мавриди таваҷҷуҳ қарор медоданд.

Ин донишмандони таълим ва тарбия усули тарбияро таҳти унвони фаъолият, ҳайрат, сабқат, масъулият, эътидол, таносуби амал ва вазъи иҷтимоӣ зикр мекарданд. Таълим ва тарбия ҳангоме муваффақ аст, ки агар ҳадаф дошта бошад. Вақте тарбия ҳадаф дорад, агар шева ва мазмуни тарбиявӣ дошта бошад ва омӯзгор (мураббӣ) ин ҳангом дилсӯз ва корсоз аст. Дар ҳолате ки барои такомули тарбия

мақсад вуҷуд дошта бошад, омӯзгор (мураббӣ) дар шароитҳои гуногун заминаҳои тарбияро муайян менамояд.

Бинобар ин, мавҷуд будани мақсад дар мураттабсозии таълим ва тарбия дастурамалест, ки тадбири тарбияро мавриди таваҷҷуҳи омӯзгорон (мураббиён) қарор медиҳад. Дар ҳолате, ки мақсади таълим ва тарбия мураттаб нест, мақсади тарбия ҳам эҷод нашудааст.

Мақсади таълим ва тарбия дар муассисаҳои таълимӣ иҷтимоӣ сохтани хонандагон аст. Дар назми суфиёна таълим ва тарбия бо назардошти иҷтимоӣ сохтани инсон пазируфта шудааст. Асли иҷтимоиёт тарбияи ангезаҳои иҷтимоӣ, эҷоди заминаи пайвастани хонандагон ба ҷамъи иҷтимоъ, парҳез намудани онҳо аз канораҷӯйӣ, омода намудани онҳо барои арзу шикоят, ошно сохтани омӯзгорон (мураббиён) ба масъулиятҳои иҷтимоии онҳо ва бунёди руҳияи эҷодкории хонандагон (мураббиён) дар партави иҷтимоӣ шудан аст.

Саноӣ дар «Ҳадиқат-ул-ҳақоиқ», Аттор дар «Мантиқ-ут-тайр» ва Ҷалолиддини Балхӣ дар «Маснавии маънавӣ», дар бисёр маврид асли иҷтимоиётро баррасӣ намудаанд, ки усули расидан ба камол аст. Онҳо таъкид кардаанд, ки узвият дар ҷомеа инсонро арзишманд ва маънавӣ месозад, зеро инсон дар худпарастӣ ҷудо мешавад, то ба ҷомеа пайванд гардад ва вазифаҳои иҷтимоиро ба уҳда мегирад ва масъулиятнок мегардад. Дар партави пайвастан ба иҷтимоъ руҳияи навандешӣ, дилсӯзӣ, муҳаббат дар инсон тарбия карда мешавад.

Муҳтавои таълим ва тарбия дар назми суфиёна тарбияи инсондӯстӣ аст, ки ба методҳои хос алоқаманд аст. Методҳои таълим ва тарбия ба ду гурӯҳ тақсим мешаванд: а) методи тарбиявии амалӣ. Омӯзгор (мураббӣ) бояд бо методи татбиқи тарбия ба асоси ҳадаф ва усули муайян ошно бошад, то аз байни онҳо методе, ки бо шароит мувофиқ аст, дар тарбия истифода намояд, монанди усулҳои меҳрварзӣ, ташвиқ, танбеҳ, ҷазо ва ғайра; б) методи худсозӣ – хонандагонро ба камоли маънавӣ наздик месозад, онҳоро аз разилӣ, ошноӣ ба фазл, зикр ва фикр тарбия менамояд. Ин методҳо воситаҳои худсозӣ ва тарбияи маънавианд. Ин методҳои тарбиявии таъсирпазиранд ва дар шароити иҷтимоӣ ва ҷуғрофӣ ногузиранд, ба хонавода, мактаб, рафтори падару модар, омӯзгорон (мураббиён) ба хонандагон низоми имконпазир меофаранд ва ба ин асос, падару модар, омӯзгорон, мураббиён бо таври кулл бояд аз ин методҳои тарбиявӣ огоҳ бошанд ва аз онҳо дар тарбия баҳра баранд.

Дар назми суфиёна методҳои тарбияи ибратомӯз аз назари айнӣ ва истифодаи он дар таълиму тарбия барои омӯзгорон (мураббиён) зарур аст, зеро кӯдакон дар солҳои нахустини зиндагӣ осудапазирӣ ва ибратомӯзиро аз падару модар, атрофиён, ҳамбозиён, ҳамнишинон аз мураббиён ибрат мегиранд ва шахсияти онҳо аз ин тариқ сохта мешавад ва чун бузургтар

мешаванд, шахсиятҳои иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва ҳунарӣ мегарданд. Агар падару модар, омӯзгорон, мураббиён, шахсиятҳо ва калонсолони ҷомеа намуна дар рафтор ва кирдор бошанд, дар натиҷаи мушоҳидаи ибратомӯз қарор дошта бошанд, метавонанд шахсияти мувофиқи иҷтимоиро ташаккул диҳанд ва ба таври айнӣ онҳоро тарбия намоянд, бинобар ин падару модар ва омӯзгорон (мураббиён) бояд дар ислоҳи рафтор ва ахлоқи худ саъй намоянд. Масалан, Ҷалолиддини Балхӣ методи ибратомӯзро дар қолаби тамоили зебо баён мекунад ва ин методро ба Имом Алӣ (ҳ) исбот менамояд; зане саросема назди Имом Алӣ (ҳ) рафт ва гуфт: «Имом кӯдакам болои бом рафта ҳарчӣ ӯро мехонам гӯш намекунад ва ин ки дар хатари сукут аст ва раҳоии фарзандам танҳо ба дасти туст, чӣ кунам? Имом Алӣ (ҳ) фармуд: кудаки дигарро ба бом бибар то чун кӯдакат ӯро бубинад, ибрат бигирад ва аз бом равад ва аз хатари сукут раҳоӣ ёбад; модар чунин кард ва фарзандаш аз хатар эмин монд» [13, с. 11].

Дар ашъори пандомези суфиёна таълим ва тарбия тавассути методи ибратомӯзӣ мавриди таваҷҷуҳ қарор дорад ва онро аз омили муҳимми рушди ёдгории иҷтимоӣ, асос ва пояи асли шаклгирии шахсияти кӯдак дар давраи ҳафт соли аввали зиндагӣ аст ва тақлид ва ибратгирӣ дар ин айём муҳим аст, ки кӯдак чӣ гуна сухан гуфтан, чӣ

гуна роҳ рафтан, чӣ гуна рафтор кардан ва ба таври куллӣ, чӣ гуна зиндагӣ карданро аз падару модар, атрофиён, ҳамбозиён ва омӯзгорон (мураббиён) биёмӯзад ва бинои асли шахсияти олудаи худро сомон диҳад. Дар солҳои баъди навҷавонӣ ва ҷавонӣ чун ба сӯйи шахсияти вуҷуди худ ва ёфтани ҳувияти хос ва ибрози шахсияти худанд, мехоҳад чӣ гуна зистанро биомӯзанд. Бо шиддат аз он чи ба онҳо арз мешавад ва таъсир менамояд, ба таври табиӣ аз рафтори падару модар, наздикон, омӯзгорон (мураббиён) ва аз шахсиятҳои иҷтимоӣ ибрат мегиранд. Бояд донист, ки ҳамон меъёри осудапазирии кӯдакон ва навҷавонон аҳаммият дорад, яъне падару модар ва омӯзгорон (мураббиён) метавонанд бо рафтор хислати накуиро тарбия намоянд. Бинобар ин, нафъпазиртарин ва муяссартарин методи тарбиявӣ методи ибратомӯзӣ аст.

Муҳаббат ва меҳрварзӣ асоси таълиму тарбия аст. Кӯдаки хурдсол мехоҳад ӯро дар оғӯш гиранд ва ӯ моил аст бо касе бозӣ кунад ва касе ӯро дӯст бидорад, бо ӯ гап бизанад, инҳо эҳтиёҷоте мебошанд, ки бояд ба инобат гирифта шаванд. Дар ашъори Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ мавриди меҳрварзӣ чунин аст:

*Аз муҳаббат талхҳо ширин шавад,*
*Аз муҳаббат мисҳо заррин шавад.*
*Аз муҳаббат дардҳо софӣ шавад,*
*Аз муҳаббат дардҳо шофӣ шавад.*
*Аз муҳаббат мурда зинда мекунанд,*
*Аз муҳаббат шоҳ банда мекунад,*
*Ин муҳаббат ҳам натиҷаи дониш аст,*
*Ки газофа бар чунин тахте нишаст [4, с. 64].*

Тадқиқоти равоншиносӣ нишон медиҳанд, ки ҳузури касе, ки бо кӯдак аст ва дар бозиҳо ширкат мекунад, ба рушди равонии кӯдак кумак мекунад. Ҳарчӣ кӯдак рушд мекунад, ба муҳаббат ва меҳрварзӣ ниёзманд аст. Хона ва мактаб дар меҳрварзӣ ва муҳаббат ва ташаккули шахсият таъсир доранд. Бинобар ин, падару модар ва омӯзгорон (мураббиён)-ро лозим аст, ки методи меҳрварзиро истифода намоянд ва бо ин усул тарбияи фарзанди хешро осон намоянд, ки беҳтарин усул забон аст, ки меҳру муҳаббатро иброз менамояд, зеро забон ба меҳру мояи таҳкими пайванди тарбия ва ҳифзи ин пайванди лозима заминаи таъсиргузорӣ дорад.

Дар назми суфиёна меҳрварзӣ ва муҳаббат паҳлуи самарабахшест, ки кӯдакро дигаргун месозад ва омӯзгор (мураббӣ) бо меҳрварзӣ метавонад заминаҳои тарбияпазирӣ бисозад ва бо ин усул таваҷҷуҳи таълимгирандаро ҷалб намояд, то ӯ ҳама розҳои худро бигӯяд. Меҳрварзӣ хонандагонро омода месозад, ки ба таклиф шавқ дошта бошанд. Меҳрварзӣ ҳидоятест, ки хонандагон ба таҳсил шавқи бештар дошта бошанд ва ба фидокорӣ омода бошанд ва бо ин усул ҷоҳилият бартараф карда мешавад: «Имоми Содиқ(х) тавсияи гаронқадре дар ин замина ба башар додааст, ки агар муҳаббати касеро дар дил дорӣ ба ӯ бигӯ дӯстат дорам, зеро ибрози меҳр мавҷуд мешавад, дӯстии шумо устувортар гардад» [6, с. 64].

Методи ташвиқ ва танбеҳ дар осори шоирони суфия ғояи тарбиявӣ дорад. Тариқи методи ташвиқ ангезаҳо, майлу рағбати таълимгирандагон анҷом дода мешавад ва майлу фитрати онҳо ба меҳру муҳаббат ва қадршиносӣ таъмин карда мешавад. Муассисаи таълимӣ метавонад танбеҳро истифода намояд ва истифодаи танбеҳ ин ташвиқ ва ҳидояти таълимгирандагон аст, зеро ба инобат нагирифтани хатокориҳо ба таълим ва тарбия таъсири манфӣ дорад. Дар ин замина, ташвиқ ва танбеҳ барои рушди таълим ва тарбия муҳим аст.

Мақсад аз методи ташвиқ ва танбеҳислоҳи рафтори таълимгирандагон аст, ки дар онҳо масъулияти муносиб тарбия карда мешавад. Мақсад аз танбеҳ низ посух дар баробари номатлубии таълимгирандагон аст, аз ҷумла, нигоҳи сарди омӯзгор, рӯй гардонидан, тағйири чеҳра ва ғайра. Дар ин асос, назари шоиронаи суфия дар ташвиқ он аст, ки танбеҳ муҷозот намудан аст ва решаи ташвиқ ва танбеҳ ҳам ҳамин амр аст, ки бояд кори нек ва бади таълимгиранда аз ҳам ҷудо карда шаванд ва некукории ӯ ва бадкории ӯ дар рафтори таълимгиранда ислоҳ карда шавад. Дар

назми суфиёна бадӣ ва некӣ яксон нест ва бадкорӣ аз накукорӣ ҷудо карда мешавад. Бинобар ин, асли ташвиқ ва танбеҳ пазируфта шудааст, муҳим ташвиқ аст, аммо дар ҳолате ки ташвиқ воқеӣ нашавад, танбеҳ зарур аст.

Шоирони суфия асоси таълим ва тарбияро дар методи ташвиқ – нақши таъинкунандаи муҳаббат ва рафиқ сохтан медонанд, ки омӯзгорон (мураббиён) танҳо барои ислоҳ ва тарбия онро истифода мекунанд ва агар онҳо танбеҳро моҳирона истифода намоянд, дар нақши шахсияти таълимгиранда муҳим аст. Танбеҳ – методи тарбиявӣ аст, ки омӯзгор вазифадор аст барои ёдгирии беҳтари донишомӯзон ва тарбияи саҳеҳ аз он истифода намояд.

Яке аз методҳои муҳимми таълиму тарбия дар назми суфиёна мушовара аст. Мушовара шаклҳои гуногун дорад, яъне иртиботи фикрӣ ва биниши байни муроҷиаткунанда ва мушовир барои эҷоди тағйирот ва дигаргуниҳо барои муроҷиаткунанда аст, то бо шинохти бештар ва биниши саҳеҳ битавонад тасмимоти алоқаманд дошта бошад ва мушкилоти худро ҳал кунад. Бинобар ин, мушовара панд додан ва мавзуъгирӣ аст. Дар шеъри суфия нақши мушовара дар кумак кардан ба таълимгиранда бо мақсади тағйирот дар шинохт ва пайдоиши роҳи ҳалли мушкилот зикр карда шудааст. Шоирони суфия аҳаммияти мушовараро бештар баррасӣ намуданд. Сухан дар бораи машварат, ҳадафи машварат, нақши машварат ва шароити мушовара дар ҷараёни таълиму тарбия аст, ки дар назми суфиёна ҷойгоҳи муҳим дорад ва ҳамчун методи тарбияи муфид истифода карда мешавад. Масалан, Аттор дар заминаи таълиму тарбия омӯзиши гурӯҳӣ (синфӣ)-ро таъкид мекунад ва бовар дорад, ки кӯдакон бояд бо ҳамсолони худ ба дониш аз худ намудан пардозанд, зеро омӯзиши гурӯҳӣ (синфӣ) рағбати онҳоро афзун менамояд, илова бар ин, табодули назар ва мушовараи кӯдаконро бо якдигар густариш медиҳад. Методи ибратомӯзӣ аз методҳои муҳимми таълиму тарбия дар шеъри суфия аст. Ибратомӯзӣ аз одатҳои бад даст кашидан ва арзёбии онҳо аст, ки таълимгирандагонро ба роҳи дуруст роҳнамоӣ мекунад. Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ дар «Маснавии маънавӣ» ибратомӯзиро нишонаи хирадмандӣ донистааст. Вай бар ин бовар аст, ки таълимгиранда метавонад дар таърихи гузаштагон ҷойгоҳи худро ёбад ва аз ҳукми таърих ибрат бигирад. Мавлоно дар «Достони Мусо(х)» таъкид менамояд, ки таълимгиранда метавонад ба ин достони ибратомӯз таваҷҷуҳ намояд ва аз он ибрат бигирад. Забони қисса ё достонсароӣ дар назми суфиёна яке аз методҳои омӯзишӣ аст, ки дорои ҷозиба аст ва аз тариқи он ҳақиқат ва воқеият арзёбӣ карда мешавад ва таъсири он мушоҳида мегардад. Нақли достон аз умдатарин методи мавриди истифодаи Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ аст. Ӯ бисёр ҳақоиқу сирри таълиму тарбияро дар қолаби қисса ва ҳикояҳо баён кардааст. Ӯ достонҳои «Маснавии маънавӣ»-ро нақди ҳоли инсон ва бозтобии аҳволи дарунии ӯ медонад:

*Бишнавед эй дӯстон ин достон,*
*Худ ҳақиқат нақди ҳоли мост он [4, с. 111].*

Достонҳои «Маснавии маънавӣ» ҳарчанд дар бораи ҷонварон, ривоятҳои қадимии паҳлавӣ, асотирҳо ва афсонаҳо ё шахсиятҳои таърихӣ аст, вале бояд аз назари муҳтавои он истифода карда шаванд. Яъне, мақсади Ҷалолиддини Балхӣ аз методи баёни қисса ва қиссагӯйӣ ва достонҳои таърихӣ ҳидоят ва саодати донишомӯзон аст.

Достонсароӣ аз методҳоест, ки дар таълиму тарбияи муассисаҳои таълимӣ бояд мавриди истифода қарор дода шавад. Шоирони баландпояи суфия аз ин метод бисёр баҳра бурданд ва аз ин тариқ, мафҳумҳои тарбия, ахлоқ ва иҷтимоиётро таъриф доданд.

Тамсил дар назми суфиёна методи таълим ва тарбия аст, ки мақсад ва муродро наздик сохта, матлабро ба фаҳм муайян месозад. Тамсил ин муҷассам сохтани матлаб дар зеҳн аст. Тамсил монанди ташбеҳ аст, бо ин тафовут, ки тамсил ташбеҳ аст, яъне дар ҳолате ки чанд мавзуи тарбиявӣ дар мавриди ташбеҳ қарор мегирад ва маълум мегардад, ки тамсил монанди тамсил таълимгирандаи ношоиста, ки китоб намехонад, аст. Қудрати тамсил нишонаи азамати андеша аст, ки фикрро руҳ

медиҳад. Шоирони аҳли суфия барои тафҳими ҳақиқати маънӣ ва наздик кардани маънои латифи руҳонӣ ба зеҳн аз тамсил баҳра бурдаанд. Тамсил барои равшан сохтани матлаб дар зеҳн истифода бурда мешавад:

*Фикрат бад, нохун пур зи ҳар дон,*
*Мехарошад дар таъмақ рӯи ҷон [5, с. 61].*

Ҳамин тариқ, методҳои таълим ва тарбия дар назми суфиёна аз ду қисм иборатанд: методҳои тарбиявӣ ва методҳои худсозӣ. Нахуст лозим аст ин нуктаҳоро ёдовар шавем, ки аксари шоирони суфия мавқеи марҳилаи сайр ва сулукро дар ҳафт марҳила баён намудаанд. Аттор дар «Мантиқ-ут-тайр» марҳилаи ҳафтгонаи сайру сулукро бо тартиб - ишқ, маърифат, истиғно, тавҳид, ҳайрат ва фано тақсим кардааст, ки он чи мавриди баён аст, методи худсозӣ аст. Нуқтаи нахустини худсозӣ дар «Мантиқ-ут-тайр» майдони камол – майдони амал ба илм аст:

*Илм чандон, ки бештар хоҳӣ,*
*Чун амал дар ту нест нодонӣ.*
*На муҳаққиқ буд на донишманд,*
*Чорпое бар ӯ китобе чанд.*
*Он тиҳимағзро чи илм ва хабар,*
*Ки бар ӯ ҳезум аст ё дафтар [2, с. 43].*

Шоирони суфия амали солеҳро ба илм талаб намудаанд ва дар осори худ соликон ва толибони камолро ба амал даъват намудаанд. Бо ин тартиб, маъхази ҳамаи назми суфиёна таълим ва тарбияи ахлоқӣ аст ва онҳо доштани гоми устуворро дар амал ба илм таъкид намудаанд.

Дар «Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» истифодаи мақсадноки фарҳанги ахлоқӣ ва усулҳои мардумии тарбия дар мундариҷаи ҷараёни педагогӣ таъкид ёфтааст. Дар назми суфиёнаи тоҷику форс, ки дар он методҳо ва шаклҳои анъанавии таълиму тарбия инъикос ёфтаанд, дар ташаккули ахлоқии хонандагони муассисаҳои таълимӣ муҳим аст ва роҳандозии он зарурият дорад.

Роҳандозии назми суфиёна (ашъори суфияи Саноӣ, Аттор Ҷалолиддини Балхӣ ва диг.) бояд бо чунин муҳтавои таълимӣ-тарбиявӣ дар муассисаҳои таълимии кишвар ба роҳ монда шавад:

1) мувофиқ намудани андешаҳои маънавию ахлоқии назми суфиёна дар китобҳои дарсӣ, барномаҳои таълимӣ, нақшаҳои дарсӣ, фаъолиятҳои дохилимактабӣ ва беруназмактабӣ; дастрасии намунавии онҳо дар мактаб ва синф барои донишомӯзон, то онҳо тавонанд дар ҷараёни таълиму тарбия онҳоро истифода намоянд ва баҳра бигиранд; 2) истифодаи бомақсад ва ҳамешагии осори тарбиявӣ-ахлоқии назми суфиёна дар асри муосир – асри фаромодерн ва фарошинохт, яъне вусъат бахшидани тарбияи ақлӣ; 3) татбиқи тадриҷии паҳлуҳои ахлоқӣ-тарбиявии назми суфиёна бо назардошти сармояи ақлӣ ва ҷовидонагии он; 4) тағйироти бунёдии таълиму тарбияи хонандагон ҳангоми омӯзиши назми ахлоқии суфиёна; 5) эҷоди ин тағйирот дар ҷараёни таълиму тарбия ва муайян намудани аҳаммияти тарбиявии ин тағйирот; 6) зурурияти омӯзиши назми суфиёна дар таълиму тарбияи зеҳнии хонандагон; 7) татбиқи назми суфиёна дар имтиҳонот ва усулҳои таъмини он дар мавзуъҳои китобҳои дарсӣ; 8) тартиб додани луғати вожаҳои мушкилфаҳми шеъри суфия дар поварақи китобҳои дарсӣ; 9) тавассути эҷоди барномаҳои таълимӣ ҷорӣ намудани таҷрибаҳои ахлоқии назми суфиёна бо мақсади тарбияи маънавии хонандагон; 10) натиҷаи ин барномаҳои таълимӣ дар баҳра бурдани хонандагон аз фарҳанги ғании гузашта чун сармояи миллӣ.

Омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ бояд огоҳ бошанд, ки бисёр аз шеърҳои суфия дар бораи таълим ва тарбия, бо худ вожаҳое, ки маънии мухталиф доранд, оғоз мегарданд. Ин бисёр муҳим аст, аксари вожаҳои таълимӣ-тарбиявӣ маъноҳои суфиёна доранд, ки аз омӯзгорон (мураббиён) тақозо менамояд, ки зеҳни боматлаб дошта бошанд. Маҳз ин усули таълим ва тарбия роҳбарӣ ва ҳидоятро талаб менамояд.

Яке аз мушкилоти муассисаҳои таълимии кишвар таҳияи нодурусти китобҳои дарсӣ, алалхусус дар адабиёти тоҷик ин ба инобат нагирифтани тарбияи ахлоқии хонандагон дар партави назми сармоядори суфиёна ва сарфи назар кардани тағйирпазирии ҷаҳони ахлоқӣ аст. Шоирони суфия ахлоқро тағйирпазир медонанд, онҳо бар ин ақидаанд, ки инсон чӣ гунае, ки офарида шудааст, метавонад сифат, одат ва ҳатто муомилаҳои ахлоқии хешро тағйир диҳад. Аз ин нуқтаи назар, ҳам дар ҷараёни таълим ва ҳам дар ҷараёни тарбия, аз ҷумла, корҳои беруназсинфӣ ва беруназмактабӣ, дар маҳфилҳо қироати назми суфия, ки ахлоқро рушд медиҳад, муҳим аст. Тарбияи ахлоқӣ дар муассисаҳои таълимӣ, аз рӯйи нақшаи муайян бояд дар асоси марҳилаҳои рушди ахлоқии хонандагон тартиб дода шавад, зеро ахлоқ ба унвони фан аст, ки ҷаҳони хонандагонро тағйир медиҳад. Пас, бояд барномаи саҳеҳи ахлоқӣ ва ҳамоҳанг бо ҷараёни таълим муқаррар карда шавад.

Аз ин нуқтаи назар, ҳоло дар муассисаҳои таълимии кишвар роҳандозии таълиму тарбия аз тариқи барномаҳои дарсӣ бояд амалӣ карда шавад, ҷаҳони ахлоқӣ ва маънавӣ ба низоми мактаб ва синф ворид карда шавад, ба шакле, ки донишомӯзон тавонанд аз дарки он баҳра баранд; ақлу дониш бо ахлоқ ва маънавиёти оромбахш, бо ҳамоҳангӣ татбиқ карда шавад; ҷаҳони ботинии хонандагон ғанӣ гардонида шаванд ва сармояҳои ҷовидона дар онҳо тарбия карда шавад; дар таълим ва тарбия бояд тағйироти бунёдӣ эҷод карда шавад, усулҳои тарбиявӣ аз зеҳн ба сӯйи ахлоқ ва маънавият нигаронида шавад. Бо ин мақсад, бояд барномаҳои дарсӣ, бештар ахлоқӣ-маънавӣ карда шаванд ва ин таҷриба ба маъно ва бо арзиш ба донишомӯзон дода шавад, ки натиҷаи он бояд ахлоқӣ-маънавӣ бошад. Аҳаммияти чунин барномаҳои дарсӣ дар он аст, ки ба таълиму тарбия руҳияи ахлоқӣ-маънавӣ бахшида мешавад.

Дар муассисаҳои таълимии кишвар, бо мақсади худогоҳӣ аз педагогикаи гузаштаи миллат, омӯхтани нуқтаҳои таълимӣ-тарбиявии «Ҳадиқат-ул-ҳақоиқ»-и Саноӣ, «Мантиқ-ут-тайр»-и Аттор, «Маснавии маънавӣ»-и Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ ва дигарон, ба мақсад мувофиқ аст.

Андешаҳои таълимӣ-тарбиявӣ дар назми суфиёна имтиёзҳои шоён дар таълиму тарбияи муосир дорад.

Баррасии афкори ахлоқии назми суфиёна дар шакли тайёр намудани барномаҳои таълимӣ, роҳандозии онҳо дар низоми таълим мақоми амалии тарбияро афзун менамояд. Албатта, назми суфиёна як дарёест, ки роҳандозии он мушкил аст, аммо дар таълиму тарбияи муосир истифода намудани он дар таълим ва тарбияи фанҳои гуманитарӣ, маҳфилҳо, намоишҳои ҳунарӣ, корҳои беруназсинфӣ ва беруназмактабӣ масъулияти омӯзгорони муассисаҳои таълимии кишварро тақозо менамояд.

## АДАБИЁТ


1. Абдураҳимов, Б. Ишқи илоҳӣ дар ирфони исломӣ / Б.Абдураҳимов. – Теҳрон, 1366 ҳ.ш. - 201с.
2. Аттор, Фаридуддин. Мантиқ-ут-тайр. – Душанбе: Эҷод, 2006. - 361с.
3. Балхӣ, Ҷалолиддин. Фиҳӣ мо фиҳӣ. – Душанбе: Сомон, 1992. – С.12-52.
4. Балхӣ, Ҷалолиддин. Маснавии маънавӣ. Дафтари аввал ва дувум. – Душанбе: Адиб, 2013. - 480 с.
5. Балхӣ, Ҷалолиддин. Маснавии маънавӣ. Дафтари савум ва чорум. – Душанбе: Адиб, 2013. - 480 с.
6. Балхӣ, Ҷалолиддин. Маснавии маънавӣ. Дафтари панҷум ва шашум. –Душанбе: Адиб, 2013. - 480 с.
7. Кодиров, К. Педагогика и дидактика суфизма / К.Кодиров. – Душанбе: Маориф, 2006. - 168 с.
8. Қодиров, К. Пандҳои суфиявӣ-ахлоқии Ҷалолиддини Балхӣ / К.Қодиров. – Душанбе: Маориф, 2000. - 27 с.
9. Қодиров, К. Консепсияи «инсони комил» дар адабиёти тоҷикӣ-форсӣ асрҳои XI-XII. – Саноӣ ва Ҷалолиддин Балхӣ / К.Қодиров. – Душанбе: Адиб, 1998. - №1-3. – С. 21-23.
10. Қодиров, К. Таърихи афкори педагогии халқи тоҷик (аз давраҳои қадим то пайдоиши ислом) / К.Қодиров. – Душанбе: Маориф, 2000. – 296 с.
11. Қодиров, К. Таърихи тарбияи мактаб ва афкори педагогии тоҷик аз давраҳои қадимтарин то пайдоиши ислом / К.Қодиров. – Душанбе: Маориф, 2004. – 264 с.
12. Куманиш, А. Партави ирфон (шарҳи истилоҳоти ирфонӣ дар куллиёти Шамс). – Теҳрон, 1366 ҳ.ш. - 146с.
13. Нафисӣ, А. Ҳикоёти Маснавӣ (мураттиб Н.Суҳбатов, муҳаррир М. Маҳрамбеков). – Душанбе, 2003. - 161с.

14. Саноӣ, Ҳаким. Осори мунтахаб. -Ҷилди 1. – Душанбе: Адиб, 1993. - 301с.
15. Саноӣ, Ҳаким. Осори мунтахаб. -Ҷилди 2. – Душанбе: Адиб, 2001. - 314с.

## ҒОЯҲОИ ТАЪЛИМӢ-ТАРБИЯВӢ ДАР НАЗМИ СУФИЁНА ВА РОҲАНДОЗИИ ОНҲО ДАР ПЕДАГОГИКАИ МУОСИР

Дар мақола аҳаммияти таълимӣ-тарбиявии осори назмии Саноӣ, Аттор ва Ҷалолиддини Балхӣ мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Зимни таҳлили рисолаҳои суфияи Саноӣ, Аттор ва Ҷалолиддини Балхӣ методҳои таълимӣ-тарбиявии онҳо дар «Ҳадиқат-ул-ҳақоиқ», «Мантиқ-ут-тайр» ва «Маснавии маънавӣ» баррасӣ гардидаанд. Таъкид шудааст, ки имтиёзи таълимӣ-тарбиявии назми суфиёна ва роҳандозии он дар муассисаҳои таълимӣ тарбияи ахлоқӣ ва касб намудани маърифат аст.Усули таълим ва тарбия, ки дар назми суфиёна зикр гардидааст бо манзари хеш биниши беҳтари ахлоқӣ дошта, нигориши алоқаманд ба маърифатшиносӣ ва инсондӯстӣ дорад. Аз ин лиҳоз, муҳтавои таълим ва тарбия дар назми суфиёна тарбияи инсон буда, ба методҳои хос алоқаманд аст, ки ба ду гурӯҳ, яъне методҳои тарбияи амалӣ ва методи худсозӣ тақсим мешаванд. Ин методҳо воситаҳои худсозӣ ва тарбияи маънавиянд.Инчунин, методи ибратомӯзӣ дар назми суфиёна таҳлил шудааст. Методҳои дигари таълимӣ-тарбиявии назми суфиёна, аз ҷумла меҳрварзӣ, ки паҳлуҳои самарабахш дорад ва мушовара, ташвиқ, танбеҳ ва ғайра мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд.Дар мақола методҳо, шаклҳо ва усулҳои роҳандозии назми суфиёна дар фаъолияти таълимӣ-тарбиявии муассисаҳои таълимӣ муайян гардидааст, ки мувофиқ намудани андешаҳои таълимӣ-тарбиявии онҳо дар китобҳои дарсӣ, барномаҳои таълимӣ, нақшаҳои дарсӣ, корҳои дохилимактабӣ ва беруназмактабӣ ба миён гузошта шудааст. Муқаррар гардид, ки роҳандозии назми суфиёна дар мавзуоти таълими адабиёти тоҷик муҳим аст, ки хонандагони муассисаҳои таълимӣ ба фарҳанги ғании гузашта чун сармояи миллӣ шинос карда мешаванд.

**Калидвожаҳо:** Саноӣ, Аттор, Ҷалолиддини Балхӣ, метод, таълим, тарбия, шахсият, назм, суфия, ахлоқ.

## УЧЕБНО-ВОСПИТАТЕЛЬНЫЕ ИДЕИ В ТАДЖИКСКО-ПЕРСИДСКОЙ СУФИЙСКОЙ ПОЭЗИИ И ИХ РЕАЛИЗАЦИЯ В СОВРЕМЕННОЙ ПЕДАГОГИКЕ

В статье анализируется учебно-воспитательное значение суфийской поэзии в современной педагогике. На основе анализа поэзии Санаи, Аттара и Джалолиддина Балхи выявляются учебно-воспитательные идеи. Анализируются трактаты «Њадиќат-ул-њаќоиќ», «Мантиќ-ут-тайр» и «Маснавии маънавї» и определяются учебные и воспитательные методы в суфийской поэзии, указывается их реализация в учебных заведениях.Учебные и воспитательные методы в суфийской поэзии имеют морально-этические аспекты и направлены на формирование личности, и поэтому имеют гуманистический характер. Воспитание человека в суфийской поэзии связано с двумя группами методов: практические методы воспитания и методы самосовершенствования.Кроме того, такие методы как самовоспитание, беседа, общение и критика имеют учебно-воспитательную значимость в современной педагогической науке.В статье указываются методы, формы и приёмы суфийской поэзии и их использование в учебно-воспитательном процессе. В этой связи, подчеркивается важность издания учебников, учебных пособий, учебных программ и, школьных и внешкольных мероприятиї. Указаны приёмы и формы реализации учебно-воспитательных идей суфийской поэзии в учебных заведениях с целью ознакомления учащихся с этим богатым наследим нации.

**Ключевые слова:** Санои, Аттар, Джалолиддин Балхи, метод, обучение, воспитание, личность, поэзия, суфизм, мораль.

## TEACHING AND EDUCATIONAL IDEAS IN TAJIK-PERSIAN SUFI POETRY AND THEIR IMPLEMENTATION IN MODERN PEDAGOGY

The article analyzes the educational value of Sufi poetry in modern pedagogy. Based on the analysis of the poetry of Sanai, Attar and Jaloliddin Balkhi, teaching and educational ideas are revealed. The treatises “Kadiyat-ul-vaќoiќ”, “Mantiќ-ut-tair” and “Masnavii manavї” are analyzed and educational and educational methods in Sufi poetry are determined and their implementation in educational institutions is indicated.Teaching and educational methods in Sufi poetry have moral and ethical aspects and are aimed at shaping the personality and therefore have humanism. The education of a person, in Sufi poetry, is associated with two groups of methods: practical methods of education and self-improvement.In addition, such methods as self-education, conversation, communication and criticism have educational and educational significance in modern pedagogical science.The article points to the methods, forms and techniques in Sufi poetry and their use in the educational process. In this regard, emphasis is placed on the publication and supplementation of textbooks, teaching aids, curricula, school and extracurricular activities. The methods and forms of implementation of the teaching and educational ideas of Sufi poetry in educational institutions are indicated in order to familiarize students with this rich heritage of the nation.

**Key words:** Sanoi, Attar, Jaloliddin Balkhi, metod, teaching, education, personality, poetry, Sufism, morality.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Ҳусейнов Насриддин Муқимҷонович*** – Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, кафедраи педагогика ва психологияи таҳсилоти ибтидоӣ, омӯзгор. **Суроға:** 734003, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 121. E-mail: **huseinov86tj@mail.ru**. Телефон: **(992) 908777534.**
***Қодиров Каримҷон Барфакович*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, кафедраи умумидонишгоҳии педагогика, доктори илмҳои педагогӣ, профессор. **Суроға:** 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **kodirov@mail.ru**. Телефон: **(992) 918141673**.

**Сведения об авторах:** ***Хусейнов Насриддин Мукимджонович*** – Таджикский государственный педагогический университет имени Садриддина Айни, кафедра педагогики и психологии начального обучения, преподаватель. **Адрес:** 734003, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 121. E-**mail: huseinov86tj@mail.ru**. Телефон: **(992) 908777534.**
***Кодиров Каримджон Барфакович*** – Таджикский национальный университет, общеуниверситетская кафедра педагогики, доктор педагогических наук, профессор. **Адрес:** 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. E-mail: **kodirov@mail.ru**. Телефон: **(992) 918141673**.

**Information about the authors: Huseynov Nasriddin Mukimdzhonovich** – Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini, Department of Pedagogy and Psychology of Primary Education, teacher.
**Address:** 734003, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 121. E-mail: **huseinov86tj@mail.ru.**
Phone: **(992) 908777534.**
***Kodirov Karimjon Barfakovich*** **–** Tajik National University, university-wide department of pedagogy, Doctor of Pedagogical Sciences, Professor. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. E-mail: **kodirov@mail.ru.** Phone: **(992) 918141673.**

ТДУ:370.17.41

# ОМӮЗИШИ ИСТИФОДАИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛООТӢ – ИРТИБОТӢ ВА ИМКОНОТИ ҲАДАФҲОИ ПЕДАГОГӢ

*Акбарова Маҳрамбӣ*

**Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ**

Истифодаи технологияи иттилоотӣ-иртиботӣ дар раванди таълим барои расидан ба ҳадафҳои педагогӣ имконоти зеринро фароҳам меорад:

1. Татбиқи фармоиши иҷтимоии ҷомеа дар шароити иттилоотикунонӣ, ҷаҳонишавӣ ва иртиботикунии оммавӣ. Ҷомеа ба он манфиатдор аст, ки низоми таҳсилоти умумӣ ба хатмкунандагони беҳтарини худ дараҷаи зарурии омодагиро дар соҳаи информатика, информатизатсия ва технологияҳои иртиботӣ таъмин кунад ва низоми таҳсилоти касбӣ тайёр намудани мутахассисони касбиро нисбат ба татбиқи имконоти технологияи иттилоотӣ-иртиботӣ дар тамоми соҳаҳои фаъолияти ҳаётӣ дар ҷомеаи иттилоотӣ таъмин намояд.

2. Рушди шахсияти хонандагон, тайёрию омодагии онҳо ба фаъолияти ҳаётии хубу гуворо ва форам дар шароити ҷомеаи муосири иттилоотии иртиботии оммавии ҷомеа ва ҷаҳонишавӣ.

Муваффақшавӣ ба ҳадафи педагогӣ, истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-иртиботиро дар рушди тафаккури хонандагон ва ташаккул додани низоми донишҳо имконпазир мегардонад. Технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ имкони гузаронидани ҷамъоварӣ, коркард, маҳсулнокӣ, интиқол, бойгоникунии маълумот, фаъолият оид ба пешниҳод ва дарёфти донишҳоро таъмин мекунад. Зимни ин амал хонанда имкон ба даст меорад, ки ҳамзамон иттилооти гуногуннавъро аз байни сарчашмаҳои гунуогуни иттилоотӣ қабул ва дарк намояд. Дар ин замина шароите ба миён меояд, ки ҳалли мувофиқ пайдо гардида, роҳҳои ҳаллу фасл дар вазъу ҳолатҳои мураккаб пешниҳод карда шаванд. Ва дар ин росто рушди қобилиятҳои иртиботӣ имконпазир гардида, малакаҳои гузаронидани фаъолияти иттилоотӣ-ҷустуҷӯйӣ ва озмоишӣ-таҳқиқотӣ дар муҳити фаннӣ ба роҳ монда шавад.

3. Шиддатбахшӣ (интенсификатсия), афзоиши самаранокӣ ва сифати раванди таҳсилотӣ дар ҳамаи дараҷаҳои низоми таҳсилот.

Такмили самаранокӣ ва сифати раванди таҳсилотӣ метавонад аз ҳисоби татбиқи технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ дар раванди таълим таъмин гардад, ки дар боло зикр гашта буданд. Зимнан ангезаҳои водоркунандаи дарёфти таҳсилот рушд мекунанд, ки дар ин маврид тақвияти фаъолияти зеҳнӣ бо истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ сурат мегирад, алоқаҳои байнифаннӣ аз ҳисоби истифодаи васоити муосири коркарди иттилоот, аз ҷумла, аудиовизуалӣ ҳам ба миён меояд. Мақоми махсусро имконоти татбиқи идеяи таҳсилоти озоду кушод дар заминаи истифодаи захираҳои иттилотии тақсимотӣ касб мекунад.

Зимни истифодаи захираҳои васеи технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ дар раванди таълим моҳиятан нақши омӯзгор ва хонанда тағйир мееёбад. Нақши омӯзгор ҳамчун сарчашмаи ягонаи иттилооти таълимӣ ба самти сарпараст (роҳбар) ва ё мураббӣ майл мекунад. Омӯзгор аллакай вақти худро барои интиқоли иттилоот, нақлу ҳикояти такрории маводи таълимӣ, хабар додан оид ба маҷмуи донишҳо сарф намекунад. Ин вақт барои ҳалли вазифаҳои эҷодӣ ва идорӣ сарф мегардад.

Нақши омӯзанда ҳамчун «истифодабаранда»-и иттилооти фактографии таълимӣ ва ё дар сурати беҳтар, ҳамчун иштирокчии вазъу ҳолати ба тариқи проблемавӣ гузошташудаи таълимӣ низ тағйир мееёбад. Он ба роҳи нисбатан мураккаби ҷустуҷӯ, интихоби иттилоот (масалан, аз рӯйи аломатҳои муайян, ки тавассути омӯзгор пешниҳод шудааст), коркарди он (имкон дорад дар ҳаҷми калон дар вақти нисбатан камтар) ва интиқол додан.

Истифодаи иттилооти таълимӣ, ки ба тариқи мустақилона дастрас гаштааст, раванди таълимро аз дараҷаи «истифодаи ғайрифаъоли иттилоот» ба дараҷаи

«табдили фаъоли иттилоот» интиқол медиҳад, дар варианти нисбатан муосиртар - ба дараҷаи гузориши мустақилонаи вазифаи таълимӣ (проблема), пешниҳоди фарзия барои ҳалли он, санҷиши дурустии он ва ташаккули хулосаю натиҷаҳо оид ба қонунияти мавриди назар мегузаронад. Зимнан ташкили шаклҳо ва навъҳои фаъолияти инфиродӣ, гурӯҳӣ ва дастаҷамъона бо истифодаи васоити иттилоотикунонӣ муҳим мебошад.

Тавре ки зикр гардид, имконоти технологияи иттилоотӣ-иртиботӣ, ки амсиласозӣ ва тақлиду намоиши сюжетҳои таълимӣ, объектҳо, равандҳо, падидаҳоро дар экран фароҳам меоранд, татбиқи навъҳои нави фаъолияти таълимиро бо шаклҳо ва методҳои муаррифӣ ва ҷалби донишҳо таъмин мекунанд (қайду сабт, ҷамъоварӣ, ҳифзу нигоҳдошт, коркарди иттилоот; визуализатсияи иттилооти таълимӣ; идоракунии объектҳои воқеӣ; идоракунии инъикоси моделҳои (амсилаҳои) объектҳои гуногун дар экран; назорати автоматикунонидашуда ва худназораткунӣ). Истифодаи тақсимоти захираҳои иттилоотии интернет ба хонанда ва омӯзгор имкон медиҳад, ки ғайр аз татбиқи навъҳои зикршудаи фаъолияти таълимӣ ҳамчунин ҷустуҷӯйи иттилоотро ба роҳ монанд, аз ҷумла, аудиовизуалӣ, дар базаҳои маълумоти гуногун, дар сомонаҳои интернетӣ дар реҷаи муколамаи вақту замони воқеӣ.

Ҳамин тариқ, имконоти дидактикӣ ва технологии истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ дар раванди таълим ба тағйирёбии сохтор, навъҳои фаъолияти таълимӣ ва шаклҳои амалкарди мутақобилаи байни хонанда ва муаллим, муаллим ва технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ мусоидат менамояд.

Ба андешаи муҳаққиқ Л.П.Мартиросян, истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ дар раванди таълими математика имкони татбиқи чунин ҳадафҳои методиро фароҳам меорад:

- ташаккули тасаввурот оид ба вобастагии функсионалӣ дар шароити амалкарди мутақобилаи интерактивии низом бо истифодабаранда;
- мустақилона «кушодан»-и қонуниятҳо дар сохтани графикаҳо дар визуализатсияи компютерӣ; ташаккули малакаи сохтан, шарҳ додан ва истифодаи формулаҳо ва ифодаҳо;
- имкони истифодаи технологияҳои иттилоотӣ - иртиботӣ барои ҳалли вазифаҳои амалӣ, таҳқиқи вазъу ҳолатҳои воқеии ҳаётӣ;
- имкони таҳқиқи амсилаҳои (моделҳои) математикӣ бо тағйири ҳаҷму андозаи онҳо, эҷоди андешаҳои шахсӣ;
- ташаккули малакаҳои пешниҳоди фарзия ва эҳтимолиятҳо, методҳои санҷиши онҳо дар шароити таъмини алоқаи мутақобила ва муколамаи интерактивӣ;
- сохтани объектҳои экранӣ оид ба паҳлуҳои пешбинишуда дар низомҳое, ки имконоти графикаҳои компютериро эҷод мекунанд;
- сохтани тасвиру аксҳои стереометрии седараҷавӣ.

Дар аксари захираҳои таҳсилотии рақамӣ оид ба математика бештар чунин имконоти технологияҳои иттилоотӣ - иртиботӣ татбиқ мегарданд:

- иҷроиши сохтани графикаҳои дорои вазифаҳои гуногун (бо эҷоди ҷадвалҳои муқаддамотии таъинотӣ ва ғайра);
- эҷоди тасвирҳои экрании объектҳои геометрӣ бо мақсади тадқиқи вижагиҳои онҳо, модификатсияҳо оид ба шартҳои пешбинишуда, омӯзиши имконоти таҳаввулоти геометрӣ;
- автоматизатсияи фаъолияти ҷустуҷӯйии иттилоотӣ ва ҳисоббаробаркунӣ;
- сохтани диаграммаҳо, ки ҷараёни рушди равандҳои омӯхташавандаро тавсиф мекунанд;
- ташкили машқу тамринҳо бо назорати давра ва ҷамъбасти кумакҳои меъёрӣ;
- ташкили назорати азхудкунии донишҳо ва воситаҳои амалиёт.

Вазифаҳои имконпазири технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ дар марҳилаҳои гуногуни дарси математика муайян карда мешаванд:

-хусусиятҳои ҳадафҳо ва вазифаҳои марҳила;

- хусусиятҳои мазмуни маводи таълимӣ;

- мавҷудияти имконоти зарурии техникӣ (таъмин будан бо компютерҳо ва ғайра);

- мавҷудияти захираҳои мутобиқи таҳсилоти рақамӣ.

Қобилияти омӯзгор ба тариқи мустақилона сохтан ва истифода бурдани маводи таълимии рақамӣ.

**Муқарриз: Сироҷиддини М. – н.и.п., дотсенти ДДК ба номи А.Рӯдакӣ**

## АДАБИЁТ


1. Акбарова М.Н. Методикаи истифодаи технологияи иттилоотӣ –иртиботӣ ҳамчун омили рушди зеҳнии хонандагон зимни таълими математика. Монография / М.Н. Акбарова. – Душанбе, 2023.
2. Авганов, С.С. Профессиональная подготовка будущего учителя иностранных языков на основе применения компьютерных технологий для общеобразовательных школ: Автореф. дис… д-ра. пед. наук /С.С.Авганов. - Д., 2010 -48 с.
3. Акбарова, М.Н. Методикаи истифодаи технологияи иттилоотӣ иртиботӣ ҳамчун омили рушди зеҳнии хонандагон зимни таълими математика: Дис…н.и.п./ Н.М.Акбарова. -Бохтар, 2019. -167 с.
4. Барномаи компютерикунонии муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015. - Душанбе, 2010. - 42с.
5. Беззубенко, Н. С. Использование информационных технологий как фактора активизации познавательной деятельности студентов: Дисс. кандидата педагогических наук /Н.Беззубенко. - Тула, 2006.- 206 с.
6. Мартиросян, Л.П. Требования к структуре, содержанию учебного материала и организации учебной деятельности с использованием информационных технологий на уроках математики /Л.П.Мартиросян //Ученые записки ИИО РАО - 2003. - Вып. 12.-107-115 с.
7. Малахова, Е. И. Лекция на тему «Использование современных ИКТ при обучении математике» //Курс лекций по теории и методике обучения математике для студентов педагогических специальностей /Е.И.Малахова. - М., 2001.


## ОМӮЗИШИ ИСТИФОДАИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛООТӢ – ИРТИБОТӢ ВА ИМКОНОТИ ҲАДАФҲОИ ПЕДАГОГӢ


Барои тамоми ҷамеаи ҷаҳонӣ дар замони муосир ташаккули низоми нави таҳсилот хос аст, ки имконоти технологияҳои иттилоотӣ- иртиботиро татбиқ мекунад. Иттилоотикунонии таҳсилот раванди таъмини тамоми соҳаҳои таҳсилот бо назария ва амалияи коркард ва истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-иртиботии муосир мебошад, ки ба татбиқи ҳадафҳои таълиму тарбия ва рушд нигаронида шудаанд. Технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ васоити барномавӣ, барномавӣ-дастгоҳӣ ва техникие мебошанд, ки амалиётро оид ба ҷамъоварӣ, таҷаммуъ, ҳифзу нигоҳдошт, коркард, интиқоли иттилоот ва имконоти дастрасӣ ба захираҳои иттилоотии маҳаллӣ ва шабакаи ҷаҳонии компютерӣ таъмин мекунад. Технологияҳои иттилоотӣ-иртиботии таъиноти таҳсилотӣ татбиқи имконоти дидактикиро пешбинӣ мекунанд, ки заминаҳо барои рушди раванди таҳсилот фароҳам оварда, ҳамчунин методикаҳоеро, ки ба рушди ақлу зеҳни омӯзанда, ба ҷалби мустақилона ва пешкашу муаррифии донишҳо, ба рушди фаъолияти маърифатии хонанда нигаронида шудааст, фаро мегиранд.



**Калидвожаҳо:** информатика, математика, технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ, истифода, тайғиротҳо, дараҷа, дарс, низом, таълим, вазъ, зарурат, телекоммуникатсия, масъала, технологияҳои муосир.


## ИЗУЧЕНИЕ ИСПОЛЬЗОВАНИЯ ИНФОРМАЦИОННО-КОММУНИКАЦИОННЫХ ТЕХНОЛОГИЙ И ВОЗМОЖНОСТЕЙ ПЕДАГОГИЧЕСКИХ ЦЕЛЕЙ


Формирование новой системы образования, реализующей возможности информационно-коммуникационных технологий, характерно для всего мирового сообщества в современное время. Информатизация образования - процесс обеспечения всех направлений образования теорией и практикой развития и использования современных информационно-коммуникационных технологий, которые направлены на реализацию целей образования и развития. Среды информационно-коммуникационных технологий - это программные, программно-аппаратные и технические среды, обеспечивающие операции по сбору, компиляции, производству, защите и хранению, обработке, передаче информации и доступ к локальным информационным ресурсам и глобальной компьютерной сети. Средства информационно-коммуникационных технологий в образовательных целях предусматривают реализацию дидактических вариантов, которые дают основу для интенсификации образовательного процесса, а также создание методик, направленных на развитие интеллекта обучающихся, на самостоятельное овладение ими. и представления знаний, при развитии познавательной деятельности учащихся.

**Ключевые слова:** информатика, математика, информационно-коммуникационные технологии, использование, изменения, уровень, урок, система, обучение, ситуация, необходимость, телекоммуникации, проблема, современные технологии.

**STUDY OF THE USE OF INFORMATION AND COMMUNICATION TECHNOLOGIES AND THE POSSIBILITIES OF PEDAGOGICAL GOALS**

The formation of a new education system that implements the capabilities of information and communication technologies is typical for the entire world community in modern times. Informatization of education is the process of providing all areas of education with the theory and practice of the development and use of modern information and communication technologies, which are aimed at realizing the goals of education and development. Information and communication technology environments are software, hardware, and hardware environments that provide operations to collect, compile, produce, protect, and store, process, transmit, and access local information resources and a wide area network. The means of information and communication technologies for educational purposes provide for the implementation of didactic options that provide the basis for intensifying the educational process, as well as the creation of methods aimed at developing the intellect of students, at independently mastering them. and the presentation of knowledge in the development of the cognitive activity of students.

**Key words:** computer science, mathematics, information and communication technologies, use, changes, level, lesson, system, training, situation, necessity, telecommunications, problem, modern technologies.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Акбарова Маҳрамбӣ*** **-** Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ**,** кафедраи фанҳои табиию риёзӣ ва методикаи таълими онҳо, номзади илмҳои педагогӣ, саромӯзгор. **Суроға:** 735360, шаҳри Кӯлоб, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи С.Сафаров, 16.

**Сведения об авторе:** ***Акбарова Махрамби*** - Кулябский государственный университет имени Абуабдуллаха Рудаки, кафедра естественно-математических наук и методики их преподавания, кандидат педагогических наук, старший преподаватель. **Адрес:** 735360, г.Куляб, Республика Таджикистан, улицаС.Сафарова, 16.

**Information about the author:** ***Akbarova Mahrambi*** **-** Kulyab State University named after Abuabdullah Rudaki, Department of Natural and Mathematical Sciences and Methods of Teaching, Candidate of Pedagogical Sciences, Senior Lecturer. **Address:** 735360, Kulyab, Republic of Tajikistan, S. Safarova street, 16.

ТДУ:371.44

# НАҚШИ ПЕДАГОГИКАИ ХАЛҚӢ ДАР ТАШАККУЛИ ШАХСИЯТ

*Холов Р.Р.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Педагогикаи халқӣ нисбат ба илми педагогика собиқаи таърихӣ дорад. Зуҳури педагогикаи халқӣ баробари таърихи пайдоиши халқ сурат гирифта, замони пайдоиши он мушаххас карда нашудааст. Ба андешаи педагоги рус К. Д. Ушинский: "Халқи рус чанд асре вуҷуд дошта бошад, тарбия низ ҳамон қадар аср вуҷуд дорад" [10,с. 111]. Ин андеша ба миллати тоҷик низ тааллуқ дорад. Воқеан, афкори ахлоқию тарибиявии миллати тоҷик аз замони пайдоиши он вуҷуд доштааст, ки то имрӯз рушд карда, тавсеа ёфтааст. Агар ба таърихи такомули афкори педагогии ниёгон таваҷҷуҳ кунем, нисбат ба санъату ҳунар қадимтар буда, баробари пайдоиши инсонҳои аввалин намунаҳои сода ва ташаккулнаёфтаи онҳо зуҳур кардаанд. Минбаъд дар заминаи онҳо афкори комилу ташаккулёфта ба вуҷуд меояд, ки дар ташаккули инсон ҳамчун шахсият хидмат мекунад. Ташаккули педагогикаи халқӣ дар натиҷаи ҳамзистӣ ва муносибатҳои гуногуни иҷтимоӣ сурат гирифта, дар доираи оила, кӯча, деҳа, шаҳр ва умуман як халқу миллат ба вуҷуд омадааст. Раванди зиндагии пурпечутоб ба инсонҳо дарси ахлоқ омӯхта, таҷрибаи зиндагӣ ҷойгоҳи холии онро бо мурури замон пурра кардааст.

Педагогикаи халқӣ таҳқиқи мукаммалро тақозо мекунад, ки дар хазинаи таҷрибаи халқ ҳифз карда шудааст. Омӯзиши он аз оғози таваллуди кӯдак, ки ба бозиҳои гуногун шуғл меварзад, ҳарфзаниро меомӯзад, маншаъ мегирад ва бо маром ба ӯ афсона нақл карда мешавад, ӯ онро такрор мекунад, ба ӯ чистону зарбулмасал меомӯзанд, ӯ то ба ҳадди сарфаҳм рафтан маънии сухан мерасад. Бинобар таҳқиқоти анҷомдодашуда, таъкид мешавад, ки захираи маънавии педагогикаи халқ фаррох ва пурғановат аст. Масалан, модар аз синни хурдӣ мекӯшад ба духтараш тамоми қоидаву қонунҳои дар ҳаёт заруриро омӯзад, то дар оянда ӯ духтари боахлоқу хушбахт ба воя бирасад. Падар ба фарзандаш дарси ахлоқ дода, ӯро дар руҳияи ҷавонмардию шуҷоат тарбия мекунад, то фардо муҳофизи ватан гардад. Ташаккули идеяҳои педагогикаи халқӣ дар муҳити хонавода, кӯча, маҳалли зист, ноҳия, шаҳр, вилоят ва дар мунтаҳо дар доираи як ҳалқу миллат сурат мегирад ва минбаъд тавсеа меёбад. "Дар педагогикаи халқӣ тарбияи ахлоқии насли ҷавон бо кодекси ахлоқи оила алоқаманд аст. Дар фаҳмиши халқ муҳаббат ба ватан, садоқат ба манфиатҳои халқ: ҳисси коллективизм, ростқавлӣ, поквиҷдонӣ, хоксорӣ, вафодорӣ, дӯстӣ ва муҳаббат сифатҳои шахсияти хушахлоқ мебошанд" [8,с. 15- 16].

Рушди педагогикаи халқӣ таърихи қадим дошта, оғози он аз аввалин андешаҳои педагогӣ сарчашма мегирад, ки тамоми афкор, андешаи халқ дар шакли як низом гирдоварӣ гардида, мавриди пажуҳиш қарор гирифтааст. Дар пояи ин афкору андешаҳо этнопедагогика ҳамчун шохаи илми мустақил зуҳур мекунад, ки замони пайдоиши ин бахши илми педагогикаро ба соли 70-уми садаи XX алоқаманд мекунанд. Асосгузори он -Г. Н. Волков этнопедагогикаро ҳамчун илм доир ба таҷрибаҳои эмпирикӣ бо гурӯҳҳои этникӣ дар тарбия ва таълими кӯдакон доир ба арзишҳои бунёдии ахлоқ дар оила, қавм, қабила, халқ ва ниҳоят миллат мавриди пажуҳиш қарор дод. Бо пайдоиши мафҳуми "этнопедагогика" ва "педагогикаи халқӣ" аксар муҳаққиқон миёни ин ду мафҳум тафовут гузошта, қисме аз таҷрибаҳои анъанавии халқиро ба мафҳуми этнопедагогика мансуб донистанд. Академик Г. Н. Волков тафовути асосии ин мафҳумро дар асоси таҳқиқоти илмӣ муайян кард, педагогикаи халқӣ ба таҷрибаи халқ ва тавсифи он дахл дошта, этнопедагогика - маҷмуи андешаҳои назарӣ доир ба муҳити илмӣ аст [4]. Тибқи назари В. С. Кукушина, педагогикаи халқӣ - ин анъаноти тарбиявию ахлоқии гурӯҳи мушаххас, этнопедагогика бошад, мафҳумҳои хулосакардашуда мебошад, ки таҳлили муқоисавии анъаноти тарбиявии халқҳои гуногунро дар бар мегирад [7].

Этнопедагогика мисли фанҳои таълимӣ объекти омӯзиш дорад, ки масоили зеринро дар бар мегирад: мафҳумҳои асосии педагогии халқ, таълиму тарбияи кӯдак ва масоили ба он рабт дошта, аз қабили кӯдакони ятим, кӯдакони ҳамсинну сол, муҳити кӯдакона, хислату характери кӯдакон, дараҷаи рушди ақлонию ҷисмонии кӯдак, омилҳои таъсиргузор ба тарбияи кӯдак, усулҳои тарбияи кӯдак, воситаҳои тарбия ва донишомӯзии кӯдакон тавассути ҳикоя, зарбулмасалу мақол, шеърхонӣ ва ғайра. Натиҷаи омӯзиш барои рушди ақлониву ҷисмонии тарбиятгирандагон таъсири мусбат дошта, барои ташаккули насли солими ҷомеа нақши ҳалкунанда мебозад. Инчунин, дар баробари рушди педагогикаи халқӣ, рушди фарҳанги ахлоқии ҷомеа таъмин мегардад.

Муҳаққиқони соҳаи педагогикаи ҳалқӣ, ки минбаъд бо этнопедагогика алоқамандии ногусастанӣ барқарор мекунад, дар маркази омӯзиши афкори педагогикаи халқӣ таҳаммулпазириро ҷо додаанд. Пешрафту камолоти ахлоқии шахсро дар татбиқи ин принсип мебинанд. Афкори ахлоқии ниёгони мо тоҷикон далели он аст, ки бузургони илму адаби мо хазинаи андешаҳои педагогии халқӣ мебошанд. Нақши педагогикаи халқӣ дар тарбияи маънавию ахлоқии кӯдакон муҳим буда, вазифаи дар руҳияи шахси солимақл, босавод ба воя расиданро иҷро мекунад. Саводнокӣ ва ба муҳити иҷтимоӣ одат кардани онҳоро дар асоси таҷриба, таълим, маърифат, интихоби касб, инкишофи ҷисмониву ахлоқӣ рушд дода, дар тарбияи маънавию ахлоқии кӯдакон нақши муҳим дорад.

Педагогикаи халқӣ аз осори фолклорӣ сарчашма мегирад. Масалан, кӯдак дар оила шахси муҳим аст, ки бе вуҷуди он ояндаи оила маънӣ надорад. Дар фаҳмиши модар кӯдак, махсус, бояд мавриди таваҷҷуҳ ва парастиш қарор гирад. Нақши модар дар тарбияи кӯдак хос буда, бидуни ҳузури ӯ кӯдак як лаҳза ором нест ва ҳатто баркамол шавад, таъсири набудани модар дар рафтору гуфтори ӯ ҳис карда мешавад. “Зарбулмасал ва мақолҳо дар забони зиндаи халқ – дар эҷодиёти даҳанакии он “дурдонаҳои пурҳикмат” мебошанд” [5, с.6]. Дар зарбулмасалу мақолҳои тоҷикӣ чунин оварда шудааст: “То дар зартудаи падар мондан, дар хокистартудаи модар мондан беҳтар аст”. Дар ҷаҳонбинии мардуми тоҷик чунин аст, ки асосан шахси бемодарро ятим меҳисобанд, бо он ки падару модар ҳар ду азизанд, вале ҷойгоҳи модар бештар аст. Зарбулмасалҳои зиёде мавҷуданд, ки ба мавзуоти гуногун бахшида шуда, ифодакунандаи афкори ахлоқии халқ мебошанд.

Этнопедагогика алоқамандии илми педагогикаро бо педагогикаи халқӣ мавриди омӯзиш қарор медиҳад ва дар якҷоягӣ онҳоро бо усулҳои муосири тарбия ташхис мекунад. Этнопедагогика проблемаҳои бунёдии тарбияро баррасӣ мекунад, ки дар замони муосир барои тарбияи насли наврас аввалиндараҷа ба ҳисоб мераванд.

Мафҳумҳои асосии педагогикаи халқӣ, монанди нигоҳубин, тарбия, худтарбиякунӣ, азнавтарбиякунӣ, омӯзиш ва ғайра мебошанд. Дар фаҳмиши мардуми тоҷик ба кӯдакон нигоҳубин кардан, парасторӣ кардан аз лиҳози фарҳанги динӣ ва ҳам фарҳанги дунявӣ мақоми хос дорад. Волидон аз рӯйи таомул ва анъаноти миллии тоҷикӣ бояд ба кӯдакони худ ғамхор ва меҳрубон бошанд, нагузоранд, ки лаҳзае онҳо ба мушкилӣ, беморӣ ва ё дигар ҳолату вазъияти ногувор дучор гарданд. Агар фарҳангу тарзи зиндагии аксар миллатҳоро муқоиса кунем, тоҷикон барои тарбияи фарзанди хеш ҳамеша омодаанд ва на танҳо дар кӯдакӣ, балки пас аз калон шудани онҳо низ ба умури хонаводагии онҳо дахл намуда, маслиҳатҳои хуб медиҳанд, роҳнамоӣ мекунанд. Дар фарҳанги миллати тоҷик заминаҳои тарбиякунӣ, худтарбиякунӣ ҳазорсолаҳо инҷониб вуҷуд доранд. Таҷрибаи чандҳазорсолаи халқи тоҷик имкон медиҳад, ки кӯдаконро солиму солеҳ ва бофарҳанг тарбия кунем. Мисол, дар зарбулмасаҳои халқии тоҷикӣ чунин оварда шудааст: “Фарзанд агарчӣ айбнок аст, дар чашми падар зи айб пок аст”, “Фарзанд - меваи инсон аст”, “Фарзанд номи падару модарро зинда нигоҳ медорад” [5, с.176-178].

Дар педагогикаи халқӣ кӯдак объект ва субъекти тарбия ба ҳисоб меравад. Фарзандони ятим, муносибат ба онҳо дар фарҳанги мардуми тоҷик мавқеи хосса дорад. Мардуми тоҷик ҳамеша ба кӯдакони ятим бо меҳрубонӣ муносибат мекунанд, бениҳоят эҳтиёткор мебошанд.

Барои кӯдакон аз синни хурдӣ фароҳам овардани шароити мувофиқи зист, таъмини либосу хӯрок ва дигар чорандешиҳо дар фаъолияти ҳамешагии мардум ҷо дорад. Аз қадим анъана аст, ки фарзандони ятиммонда ба фарзандӣ хонда мешаванд. Ба онҳо меҳрубонӣ ва муносибати хос зоҳир карда мешавад. Барои кӯдакон муҳити солими зиндагонӣ фароҳам карда мешавад. Дар педагогикаи халқӣ вазифаҳои тарбия мушаххас карда шудаанд. Ба кӯдакон аз синни хурдӣ меҳнати ҳалол карданро меомӯзанд. Барои ташаккули сифатҳои ҳамида ва ахлоқи нек ҳамеша кӯшиш карда мешавад. Саломатии кӯдакон таҳти сарпарастӣ қарор гирифта, дар онҳо муҳаббат, самимият ва муомилаи хуб доштан тарбия карда мешавад. Урфу одат ва анъанаҳои мардуми тоҷик аз қадим хислати тарбиявӣ дошта, анҷом додани амалҳои гуногун паҳлуҳои мусбат ва манфӣ дорад, ки дар дину мазҳаб, санъат, забон ва расму оин инъикоси худро ёфтаанд. Масалан, тоҷикон жанрҳои гуногуни мусиқӣ доранд, ки аз эҷоди халқ сарчашма мегиранд ва саротопо ахлоқ аст. Кӯдакон бо усулҳои талаб кардан, фармон додан, маслиҳат додан ва амсоли инҳо тарбия карда мешаванд. Масалан, иҷрои амри волидон барои кӯдакон ва ҳатто калонсолон ҳатмӣ аст. Барои кӯдакон қасами бардурӯғ хӯрдан мумкин нест. Мисол: “Падар розӣ, ҳама розӣ”, “Панди падар беасар набошад”, “Панди падару модар ба фарзанд кимиё” [5,с.147].

Кӯдакон аз синни хурдӣ дар муҳити хонавонда, сипас ҷомеа ба воя мерасанд, ба афкору ҷаҳонбинии онҳо қиссаву ривоят, афсонаву латифа, шеъру достон таъсири мусбат доранд. Дар фарҳанги мардуми тоҷик ҳикояву достонҳои зиёде мавҷуданд, ки барои дар кӯдакон тарбия намудани ахлоқи ҳамида ва ташаккул додани шахсияти онҳо хидмат мекунанд. Масалан, афсонаҳои “Бузаки ҷингилапо”, ҳикояи “Эраҷи тилисмшикан”, латифаҳои зиёде, ки қаҳрамони онҳо Афандӣ, Мушфиқӣ ва дигарон мебошанд. Ин гуна ҳикояву достон дар хазинаи педагогикаи халқии мардуми тоҷик хеле зиёд буда, миқдори он то ҳол мушаххас карда нашудааст. Дар таърихи мардуми тоҷик шахсиятҳо, қаҳрамонҳое ҳастанд, ки барои тарбияи кӯдакон намуна ва идеал мебошанд. Масалан, Рустами Достон, Шерак, Муқаннаъ, Темурмалик, Восеъ ва дигар қаҳрамонҳо, ки ҳама аз миёни халқ бархостаанд. Зиндагии онҳо барои кӯдакон намуна буда, тавассути нақл ва таҳлили онҳо дар мавридҳои гуногун кӯдакон хушмуомилагӣ, қаҳрамонӣ, ватандӯстӣ ва дигар хислатҳои шоистаро меомӯзанд.

Педагогикаи халқӣ фароҳамкунандаи фазои мусоиди тарбия буда, яке аз воситаҳои тарбия меҳнати якҷояи одамон мебошад. Масалан, барои сохтани хона ва ё дигар корҳо чун меҳанати дастаҷамъӣ (ҳашар) ташкил карда мешуд. Ин гуна муносибат дар одамон хислати иттифоқ будан, ба ҳамдигар ёрӣ доданро тарбия мекард. Татбиқи идеяҳои педагогикаи халқӣ ба воситаи шахсони алоҳида, волидон ва педагогҳо, инчунин мӯйсафедони рӯзгордида ба роҳ монда мешавад.

Таҳқиқи педагогикаи халқӣ дар осори илмии Я. А. Коменский ба мушоҳида мерасад. Ӯ идеяи “Мактаби модарӣ”-ро пешниҳод кард, ки мақсади ӯ аз он иборат буд, ки тамоми аъзои оиларо то ба сатҳи оилаи беҳтарин бояд бардошт. К. У. Ушинский кори Коменскийро идома дода, ба педагогҳои дигар халқу миллатҳо ин идеяро омӯхт.

Дар баробари таҳқиқоти педагогҳои рус, донишмандони форсу тоҷик дар такя ба эҷодиёти пурғановати халқ, афкори педагогии худро дар шакли китобу рисолаҳо ва маҷмуаи шеърӣ манзури ҳаводорони илму ахлоқ гардонидаанд. Афкори педагогии бузургони имлу адаби мо то ҳол бо вуҷуди таҳқиқоти зиёд, ба таври комил мавриди омӯзиш қарор нагирифтааст. Ин бо ду сабаб аст: якум, теъдоди осори назмиву насрии ба мерос монда хеле бузург аст; дуюм, рӯ овардан ба мероси илмию ахлоқии бузургони гузаштаи мо асосан солҳои охир тарвиҷ меёбад. Ҳоло дар ин самт таҳқиқот идома дорад.

Ташаккули шахсияти инсон бидуни илму ахлоқ имкон надорад, зеро афзалияти инсон нисбат ба дигар махлуқот дар доштани ахлоқи ҳамида ва илму маърифат зоҳир мегардад. Ниёгони мо бо осори гаронбаҳои худ, ки сарчашмаи асосии он халқ ва эҷодиёти ӯ мебошад, дар ташаккули шахсият ва такомули ахлоқи миллии мо саҳми бузург гузоштаанд.

Педагогикаи халқӣ, ки сарчашмааш эҷоди халқ, усули зисту зиндагӣ дар масири таърих мебошад, бо мурури замон инъикоси худро дар адабиёт пайдо мекунад. Агар дар эҷодиёти халқ афкори педагогӣ ба таври номунназам шакл гирифта бошад, дар адабиёти бадеӣ дар қолаби мушаххас рехта шуда, дар тамоми мавзуъҳои ахлоқии бахшида ба хурдсолон ва калонсолон осори назмиву насрӣ ба мерос мондааст, ки барои ташаккули шахсияти инсон нақши муассир доранд. Дар таърихи фарҳанги мо Рӯзбеҳ (Ибни Муқаффаъ) бо асари худ "Адаб- ул- акбар ва адаб-ул асғар" доир ба мавзуоти гуногуни ахлоқии ба хурдсолон ва калонсолон бахшидашуда андешаронӣ мекунад ва хулосаҳои саҳеҳ ва муфид ироа медорад. Ба андешаи ин донишманд ирси падар ба фарзанд на танҳо моли дунё, балки ахолоқу одоб, рафтори шоиста аст, то онҳо шахси баркамол ба воя расанд. Дар ин мавзуъ Рӯзбеҳ чунин мегӯяд: "Бартарин чизе, ки падарон барои фарзандони худ ба ирс мегузоранд, се чиз аст: номи нек, адаби судманд, дӯстони солеҳ ва накукор" [11, с.115]. Ташаккули инсон ҳамчун шахсият, воқеан, бидуни аъмоли номбурдаи Рӯзбеҳ ғайриимкон аст. Дар ҷойи дигар таъкид мекунад, ки инсони комил набояд бо ашхоси фиребкор дӯстӣ кунад: "Ҳеҷ гоҳ бо фиребкор дӯстӣ маяфкан ва аз оҷизу дармонда ёрӣ маҷӯ ва аз сусту нотавон кумак махоҳ" [11, с.121].

Шахсияти дигар, ки афкори судманд дар боби ахлоқ ба мерос мондааст, Ибни Мискавайҳ мебошад. Ӯ дар китоби худ: "Таҳзиб-ул ахлоқ" афкори педагогии худро доир ба масоили гуногуни ахлоқӣ иброз медорад. Ӯ аъмолу хислати инсонро ба ду гурӯҳ тақсим карда, чунин мегӯяд: "Умри иродие, ки ба инсон нисбат дода мешавад, ба хайрот ва шарур тақсим мешавад ва ин барои он аст, ки ғарази мақсуд аз вуҷуди инсон ҳар гоҳ ки яке аз мо бад-он таваҷҷуҳ кунад, то онро касб кунад..." [11, с.128].

Ба андешаи муҳаққиқони педагогикаи халқӣ, яке аз воситаҳои тарбият ба кӯдакон супориш, фармон додан аст, албатта, бо далел ва гоҳо нишон додани натиҷаи аъмоли шоиста ва баръакс ношоиста. Унсурулмаолии Кайковус дар китоби худ "Қобуснома", ки онро "Насиҳатнома" ҳам ном мебаранд чунин меорад: "Эй писар! Сухангӯй бош, валекин дурӯғгӯй мабош ва худро ба дурӯғгӯйӣ маъруф макун..." [11,с.154]; "Эй писар! Агар писарат ояд аввал бояд, ки номи неку ниҳӣ, ки аз ҷумлаи ҳаққи падарон бар фарзандон он аст, ки номи хуб ниҳанд.... Он чи омӯхтанӣ бошад аз фазлу ҳунар фарзандонро биёмӯзӣ то ҳаққи падарӣ ва шафқати падарон ба ҷой оварда бошӣ..." [11, с.167-168]. Аз донишмандони дигар Хоҷа Насируддини Тӯсӣ мебошад. Ӯ дар асари хеш "Ахлоқи Носирӣ", дар боби "Дар таълим ва тарбияти фарзандон" чунин овардааст: " Ва аввал чизе аз осори қуввати тамиз дар кӯдак зоҳир шавад, ҳаё бувад. Пас нигоҳ бояд кард: агар ҳаё бар ӯ ғолиб бувад, бештари вақтҳо сар ба пеш афканда дорад ва қароҳат нанмояд, далели наҷобати ӯ бувад..." [11,с.173].

Идеяҳои педагогикаи халқӣ на танҳо дар эҷодиёти шифоҳии халқ, балки дар осори адибон, ки аз эҷодиёти халқ таъсир бардоштаанд, дар тули арсҳои зиёд ташаккул ёфта, то имрӯз арзишҳои худро ҳифз кардаанд. Мақсад аз такомули ёфтани афкору андешаҳои педагогии халқӣ тарбияи инсон ва ташаккули шахсияти комил дар ҷомеа аст, ки он аз овони кӯдакӣ оғоз мегардад. Афкор ва анъанаву расму оин, фолклор ва осори гаронбаҳои адабии дар ин замина ташаккулёфтаи ниёгон ба таври комил омӯхта нашудааст. Ин хазинаи ахлоқӣ ва афкори педагогӣ ниёз ба таҳқиқ густурда дорад, то барои тарбияи шахси комил ва бо ҷомеаи соҳибистиқлоли мо арзанда саҳмгузор бошад.

**Муқарриз: Тошзода С.- н.и.п., ДМТ**

**АДАБИЁТ**

1. Артюнов С. А. Некоторые вопросы народной педагогики / С. А.Артюнов. - М.: Провещение, 1970. – 127 с.
2. Арипов М. Аз таърихи афкори педагогии халқи тоҷик / М.Арипов. - Душанбе: Ирфон, 1962. -Ҷ.1.- 234 с.
3. Афзалов Х. С. Мактаб ва маорифи педагогӣ дар Эрон дар охири асри XIX- XX / Х. С. Афзалов. - Душанбе: Ирфон, 1992.- 178 с.
4. Волков Г.Н. Этнопедагогика: Учеб. для студентов сред. и высш. пед. учеб. заведений / Г.Н. Волков. – М.: Издательский центр «Академия», 1999. Гл. 1..- 235 с.
5. Зарбулмасалу мақолҳои тоҷикӣ. Тартибдиҳандагон: Писарчик А., Тоҷиддинов С., Ҳамидҷонова М. –Душанбе: Нашриёти давлатии Тоҷкистон, 1960. -199 с.
6. Красновский А. А. Педагогическое идеи Н. И. Пирогова / А. А. Красновский. - М.: Учпедгиз, 1949.- 97 с.
7. Кукушин В. С. Этнопедагогика. Учебное пособие / В. С. Кукушин. -М.: Издателство Московского психолого- социального института; Воронеж: Издательство НПО «МОДЭКС», 2002. Введение.-169 с
8. Қодиров Қ. Ғояҳои тарбиявӣ дар назми суфиёна / Қ Қодиров.–Душанбе: Нашри Камол, 2020.-170 с.
9. Раҳимов Х. Педагогика / Х.Раҳимов, А.Нуров. – Душанбе: Ирфон, 2011.-518 с.
10. Ушинский К. Д. Избр. пед. соч./ К. Д. Ушинский. - М., 1954.- 189 с.
11. Ҳакимова С. Илми ахлоқ ва одоб / С.Ҳакимова, М.Мирраҳим. - Душанбе: Бухоро, 2017.-361 с.

## НАҚШИ ПЕДАГОГИКАИ ХАЛҚӢ ДАР ТАШАККУЛИ ШАХСИЯТ

Таҳқиқи педагогикаи халқӣ дар илми педагогика мубрам ба ҳисоб рафта, бозёфт ва натиҷаҳои таҳқиқ барои ошкор кардани паҳлуҳои норавшани ин соҳаи муҳимми илм мусоидат мекунад. Дар мақолаи ба назарияи илмии педагогҳои рус такя карда шудааст. Дар мақола мазкур мухтасар ба собиқаи таҳқиқи педагогикаи халқӣ руҷуъ карда шуда, дар такя ба назарияи илмии педагогикаи рус ва афкори педагогикаи халқи тоҷик масъалаҳои дар мақола матраҳ гардида баррасӣ шудаанд. Муаллиф тафовути педагогикаи халқиро аз этнопедагогика нишон додааст. Таҳқиқ дар асоси назарияҳои илмии муҳаққиқон Г.Н. Волков ва В. С. Кукушин сурат гирифтааст. Дастоварди муаллиф дар ин мақола аз он иборат аст, ки ӯ дар баробари таҳқиқоти муҳаққиқиони рус педагогикаи халқӣ ва этнопедагогикаро дар асоси маводи педагогикаи тоҷик таҳлил намуда, собиқаи таърихӣ доштани онро собит кардааст. Махсусан аз лиҳози маводи таҳқиқ бой ва ғанӣ будани манбаъҳои ташаккули этнопедагогикаро ошкор кардааст. Муаллиф қайд менамояд, ки педагогикаи халқӣ ва этнопедагогика дар тамоми марҳилаҳои ташаккули худ босамар буда, барои ташаккули шахсияти инсон нақши муассир доранд. Махсусан дар таърихи афкори педагогикаи тоҷик намояндагони илму маърифат бо осори худ барои тарбияи инсони комил корҳои шоиста анҷом додаанд. Рӯзбеҳ (Ибни Муқаффаъ), Мискавейҳ, Насируддини Тусӣ аз ҷумлаи онҳо мебошанд, ки сарманшаи эҷодиёти онҳо низ эҷодиёти боарзиши халқ ба ҳисоб меравад. Андешаҳои муаллиф бо далелҳо ва мисолҳо асоснок карда шудаанд.

**Калидвожаҳо:** педагогикаи халқӣ, этнопедагогика, афкори ахлоқӣ, зарбулмасалу мақол, фолклор, “Қобуснома”, “Ахлоқи Носирӣ”.

## РОЛЬ НАРОДНОЙ ПЕДАГОГИКИ В ФОРМИРОВАНИИ ЛИЧНОСТИ

Исследование народной педагогики считается важным в педагогической науке, а выводы и результаты исследований помогают раскрыть неясные стороны этой важной области науки. Статья основана на научной теории российских педагогов. В данной статье кратко говорится об истории исследования народной педагогики, на основе научной теории русской педагогики и педагогического мнения таджикского народа, обсуждаются вопросы, поднятые в статье. Автор показал разницу между народной педагогикой и этнопедагогикой. Достижение автора в данной статье состоит в том, что наряду с исследованиями российских исследователей он проанализировал народную педагогику и этнопедагогику на материалах таджикской педагогики и доказал ее исторический прецедент. Особенно с точки зрения исследовательского материала он выявил богатство источников формирования этнопедагогики. Автор отмечает, что народная педагогика и этнопедагогика эффективны на всех этапах своего формирования и играют действенную роль в формировании личности человека. Особенно в истории таджикской педагогической мысли представители науки и образования своими исследованиями внесли достойный вклад в дело воспитания совершенного человека. Среди них Розбех (Ибн Мукаффа), Мискавейх, Насируддин Туси, творчество которых также считается ценным творением народа. Мнение автора обосновано фактами и примерами.

**Ключевые слова**: народная педагогика, этнопедагогика, нравственная мысль, пословицы и поговорки, фольклор, «Кабус-наме», «Насырова этика».

## THE ROLE OF FOLK PEDAGOGY IN THE FORMATION OF PERSONALITY

The study of folk pedagogy is considered important in the science of education, and the findings and results of the research help to reveal the obscure aspects of this important field of science. The article is based on the scientific theory of Russian teachers. This article briefly talks about the history of research into folk pedagogy, based on the scientific theory of Russian pedagogy and the pedagogical opinion of the Tajik people, and discusses the issues raised in the article. The author showed the difference between folk pedagogy and ethnopedagogy. The

author’s achievement in this article is that, along with the research of Russian researchers, he analyzed folk pedagogy and ethnopedagogy using materials from Tajik pedagogy and proved its historical precedent. Especially from the point of view of research material, he revealed the wealth of sources for the formation of ethnopedagogy. The author notes that folk pedagogy and ethnopedagogy are effective at all stages of their formation and play an effective role in the formation of a person’s personality. Especially in the history of Tajik pedagogical thought, representatives of science and education with their research made a worthy contribution to the education of a perfect person. Among them are Rozbeh (Ibn Mukaffa), Miskaveih, Nasiruddin Tusi, whose work is also considered a valuable creation of the people. The author's opinion is based on facts and examples.

**Key words:** folk pedagogy, ethnopedagogy, moral thought, proverbs and sayings, folklore, “Kabus-name”, “Nasyr’s ethics”.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Холов Рамазон Раҷабалиевич-*** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, кафедраи умумиидонишгоҳии педагогика. доктoранти Ph.D. **Суроға:** 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон **(+992)906775858**

**Сведения об авторах***:* ***Холов Рамазон Раджабалиевич*** -- Таджикский национальный университет, доктoранти Ph.D. **Адрес**: 734025, г.Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. Телефон **(+992)906775858**

**Information about the authors:** ***Kholov Ramazon Rajabalievich*** **-** Tajik National University, doctoral student Ph.D. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. Phone **(+992)906775858**

УДК:372.861

# ПАЙДАРҲАМИИ ТАЪЛИМИ ФУНКСИЯҲОИ СТАНДАРТИИ ЗАБОНИ БАРНОМАСОЗИИ PASCALABC.NET

***Назаров А.П., Неъматов Ғ.Н., Умедҷони Х.Ғ.***
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**

Забони барномасозии PascalABC.Net ҳамчун як забони насли нави барномасозӣ имконоти бениҳоят васеъро барои таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ фароҳам меорад. Дар баробари ин имконот, ба барномасозони оянда барои омӯзиши технологияи сохтани барномаҳо ҳам дар реҷаи консолӣ ва ҳам дар реҷаи визуалӣ шароит фароҳам меорад [1]. Айни замон ҳама имконоти забони барномасозии PascalABC.Net ба дараҷаи зарурӣ омӯхта нашудаанд [2]. Хатмкунандаи муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ (МТМУ) бояд маҷмуи зарурии донишҳои информатикаро дошта бошад, то ба ӯ имкон диҳад, ки дар оянда дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ (МТОК) дар сатҳи кофӣ дигар донишҳоро аз худ намояд. Барои ин бояд дар дарсҳои фанни технологияи иттилоотӣ барномасозиро омӯзанд.

Барномасозӣ аз як тараф ҳунар аст, аз тарафи дигар, илму фан ва яке аз шохаи илми информатика аст. Айни замон ба таълими барномасозӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ кам диққат дода мешавад. Сабабҳояш бисёранд, аз ҷумла набудани маводҳои зарурии таълимӣ, коркард нашудани пайдарпайии аз ҷиҳати методӣ асоснокшудаи таълими мавзуъҳо, робитаҳои байнифаннӣ. Дар раванди рушди илми барномасозӣ, монанд ба дигар илмҳо, таҷриба ва усулҳои ҳалли масъалаҳои гуногун ҷамъ карда мешаванд. Бисёр вазифаҳо ба андозаи муайян бо усулҳои универсалӣ ҳал карда мешаванд. Забонҳои барномасозии насли муосир чунон имконотро фароҳам овардаанд, ки ҳар дафъа барои ҳалли масъалаҳо алгоритм навиштан зарур нест. Зеро он солҳои зиёд дар шакли алгоритм навишта шуда, баъд аз ҷониби барномасоз ба барнома табдил дода мешуд. Чунин алгоритмҳо дар шакли функсияҳо ва модулҳо ба расмият даровarda шуда, баъдан дар барномаҳо истифода мешаванд. Аммо таълими алгоритмсозиро набояд фаромӯш кард, зеро он замина ба таълими барномасозӣ аст. Ин ҳама шаҳодат аз он медиҳад, ки китобҳои дарсии фанни технологияи иттилоотӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, хусусан синфҳои 10-11 [4, 5] бояд таҷдиди назар шаванд. Ҳоло китобҳои дарсии номбаршуда таҷдиди назар шуда истодаанд. Хуб мешуд, ки дар синфҳои 10 ва 11 барномасозӣ таълим дода шавад. Дар доираи таълими курси барномасозӣ хонандагон бояд усулҳои тарҳрезӣ, таҳия ваислоҳи маҳсулоти барномавиро бо истифода аз муҳити ҳамгирошудаи рушд дар асоси забони барномасозии сатҳи баланд аз худ кунанд. Илова бар ин, фасли барномасозӣ дар доираи таълими фанни технологияи иттилоотӣ бояд ба бунёди таълим ва рушди тафаккури мантиқии хонандагон мусоидат намояд.

Забони барномасозии PascalABC.Net дар таркиби худ дорои номгӯйи зиёди функсияҳои стандартӣ мебошад, аз ҷумла функсияҳои коркарди типи додаҳои ададӣ, типи додаҳои сатрию рамзӣ, типи додаҳои сана ва вақт [1, 2, 7]. Номгӯйи функсияҳои типи додаҳояшон ададӣ дар забони барномасозии PascalABC.Net бисёр аст, аз ҷумла яклухткунӣ, тригонометрӣ, нишондиҳандагӣ, логарифмӣ. Таълими функсияҳои типи додаҳояшон ададӣ бо пайдарпайии муайян ва аз ҷиҳати методӣ асоснокшуда дар робита бо фанни математика таълим дода мешавад. Коркарди чунин пайдарпайии таълим мубрамии кори мазкурро нишон медиҳад. Масъалаи мубрами кори мазкур ба он вобаста аст, ки дар ибтидои таълими барномасозӣ кадом функсияҳоро дар зинаи аввал омӯзонидан ва дар барномасозӣ татбиқ намудан зарур аст? Зеро дар ибтидои таълими барномасозӣ хонандагон на ҳама функсияҳои типи додаҳояшон ададиро дар курси математика омӯхтаанд ва бо онҳо шинос шудаанд. Мақсади таълими функсияҳои стандартии забони барномасозии PascalABC.Net ба хонандагони омӯзонидани тарзи навишти функсияҳои стандартӣ ва татбиқ намудани онҳо дар амалияи барномасозӣ ба ҳисоб меравад. Ба хонандагон тарзи навиштани фунсияҳои

стандартӣ, аргументҳо (параметрҳо) ва қимати онҳо омӯзонида шуда, маҳорату малакаи барномасозиашон ташаккул ва инкишоф дода мешаванд. Омӯзгори фанниро зарур аст, ки зимни таълими функсияҳои стандартӣ ба типи додаҳои аргументҳо ва типи қимате, ки функсия бармегардонад, аҳаммияти зарурӣ диҳад. Зеро мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки аксаран хонандагон дар ин зинаи таълими барномасозӣ ба мушкилиҳо дучор мегарданд.

Дар доираи таълими фанни математика дар синфҳои 5 ва 6, хонандагон бо функсияи қимати мутлақ ва тарзи навишти он шинос мешаванд, аниқтараш қимати мутлақи адад [9, с. 10]. Мефаҳманд, ки қимати мутлақи адад доимо ададди мусбат мебошад. Баъдан мафҳум ва амали яклухткунии ададро омӯхта, донишҳои муайяне гирифта, ташаккул ва мустаҳкам мегардонанд. Амали яклухткунии ададҳо дар ҳисобкуниҳои муҳосибию оморӣ, умуман иқтисодӣ нақши хеле муҳим доранд. Шиносоӣ ва омӯзиши ададҳои ҳақиқӣ дар синфҳои 5 ва 6 оғоз меёбад [9, с.10]. Хонандагон бо мафҳуми қисми бутун ва қисми касрии адади касрии даҳӣ шинос мешаванд. Ин амалҳо (яклухткунӣ, қисми бутун ва касрии адади касри даҳӣ) дар курси барномасозӣ дар шакли функсияҳо таълим дода мешаванд. Бо мафҳуми функсия ва таърифи он дар курси алгебра шинос мешаванд. Аввалин функсияе, ки хонандагон дар курси алгебра бо он шинос мешаванд, функсияи решаи квадратӣ аз адад аст [11]. Бинобар ин, дар дарсҳои аввал оид ба омӯзиши функсияҳои стандартии забони барномасозии PascalABC.Net ду функсия - функсияи қимати мутлақ ва функсияи решаи квадратиро омӯзонидан ба мақсад мувофиқ аст.

Навишти математикии функсияи қимати мутлақ $|x|$ аст. Дар забони барномасозии PascalABC.Net он бо калимаи калидии *Abs* дар шакли *Abs(x)* навишта мешавад. Хурдӣ ё калонии ҳарф (регистри ҳарф) дар навишти функсияҳои ин забонягон нақш бозӣ намекунад. Дар навишти *abs(x) x* аргументи функсия номида мешавад ва ҳама вақт зери қавсҳо навишта мешавад. Ба хонандагон омӯзонидан зарур аст, ки типи аргументи функсияи *ABS(x)* типи ададӣ аст (ҳақиқӣ, бутун, натуралӣ). Он метавонад ягон адади доимӣ, ягон тағйирёбанда ё ифодаи алгебравии типашон ададӣ бошад. Типи қимате, ки ин функсия бармегардонад, доимо типи ададии мусбат мебошад.

Навишти математикии функсияи решаи квадратӣ $\sqrt{a}$ аст. Дар забони барномасозии PascalABC.Net он бо калимаи калидии *Sqrt* дар шакли *Sqrt(a)* навишта мешавад. Дар навишти *Sqrt(a) a* аргументи функсия номида мешавад ва ҳамавақт зери қавсҳо навишта мешавад. Ба хонандагон омӯзонидан зарур аст, ки типи аргументи функсияи *SQRT(A)* типи ададии мусбат аст. Он метавонад ягон адади доимии мусбат, ягон тағйирёбанда ё ифодаи алгебравии типашон ададии мусбат бошад (дар доираи ададҳои комплекӣ низ татбиқ мегардад). Дар ин раванд иловатан ба хонандагон функсияи квадратро омӯзонидан мувофиқи мақсад аст. Он дар ҳама забонҳои барномасозӣ мавҷуд нест. Дар забони барномасозии PascalABC.Net он бо калимаи калидии *Sqr* дар шакли *Sqr(a)* навишта мешавад. Дар навишти *Sqr(a) a* аргументи функсия номида мешавад ва дилхоҳ адад, ё тағйирёбанда, ё ифодаи типаш ададии мусбат буда метавонад. Қиматаш доимо адади мусбат мегардад. Тарзи дигари ҳисобкунӣ ё навиштани квадрати адад *a*a* ва *a**2* мебошад. Фарқият дар типи қимате, ки онҳо бармегардонанд, дида мешавад. Ба хонандагон фаҳмонидан зарур аст, ки типи қимати функсияи *Sqr(a)* ва амали *a*a* мувофиқ ба типи аргументи *a* мегардад. Яъне агар типи *a* типи ададии ҳақиқӣ бошад, пас типи қимати функсияи *Sqr(a)* ва амали *a*a* типи ададии ҳақиқии мусбат мегардад. Агар типи *a* типи ададии бутун бошад, пас типи қимати функсияи *Sqr(a)* ва амали *a*a* типи ададии бутуни мусбат (натуралӣ) мегардад. Аммо типи қимати амали *a**2*, новобаста аз он ки типи *a* кадом типи ададӣ аст, доимо типи ададии ҳақиқии мусбат мегардад.

Пас аз ба хонандагон омӯзонидани ин ду функсия, ба онҳо тарзи ба забони барномасозӣ табдилдиҳии ифодаҳои ададию алгебравии ба шакли математикӣ

навишташуда таълим дода мешавад. Мақсади таълими ин табдилдиҳӣ дар хонандагон ташаккул додани маҳорату малакаи дуруст навиштани функсияҳо ва тағйирёбандаҳои дар ифодаҳо буда мебошад. Тарзи дуруст гузоштани қавсҳо таълим дода меашавад. Ба хонандагон тарзи интихоби дурусти функсияю тағйирёбандаҳо омӯзонида мешавад. Бо ин мақсад, масалан, ба хонандагон ифодаи одии зеринро пешниҳод намуда, тарзи дуруст табдил додани онро ба забони барномасозии PascalABC.Net меомӯзонем:

$$d^3 + |d + v| - \sqrt{v} + \sqrt{|2{,}58v - 4{,}7d|}\ .$$

Бо тарзи навишти амали дараҷа хонандагон шинос ҳастанд, яъне ** . Пас $d^3$ дар шакли *d**3* навишта мешавад. Навишти $|d + v|$, ҳангоми табдил додан дар аввал *abs(* менависем. Пас аз қавс аргументи фуксияро, ки аз амали $d + v$ иборат аст, менависем ва қавсро мепӯшем: *abs(d+v)*. Функсияи $\sqrt{v}$ дар шакли *Sqrt(v)* навишта мешавад. Функсияи $\sqrt{|2{,}58v - 4{,}7d|}$ функсияи мураккаб буда, аз ду функсияи дохили ҳам гузошта шуда иборат аст. Дар ин маврид ба хонандагон омӯзонидан зарур аст, ки функсияҳо бо тартиб аз чап ба рост навишта мешаванд, яъне *Sqrt(Abs(*. Акнун ифодаи $2{,}58v - 4{,}7d$ навишта мешавад: *2.58*v-4.7*d*. Баъдан ду қавси пӯшида гузошта мешавад, якумаш қавси қимати мутлақро маҳкам мекунад, дуюмаш қавси решаи квадратиро маҳкам мекунад: *Sqrt(Abs(2.58*v-4.7*d))*. Ба хонандагон омӯзонидани тарзи дуруст гузоштани қавсҳои кушодаю пӯшида дар забони барномасозӣ масъалаи мубрами таълимӣ аст. Дар охир ифодаи ба забони барномасозии PascalABC.Net навишташударо ҳосил мекунем:

*d**3+abs(d+v)-Sqrt(v)+Sqrt(Abs(2.58*v-4.7*d))*.

Ин ифода ифодаи одии хаттӣ буда, дорои касри одӣ нест. Ба хонандагон тарзи дуруст табдил додан, масалан, ифодаи касрии зеринро меомӯзонем:

$$\frac{j-\sqrt{f+h}}{h^2+jf-|j-h|}\ .$$

Хонандагон бояд донанд, ки хатти каср маънои амали тақсимро дорад, аммо аз амали тақсими “:” каме фарқ дорад, ки поёнтар нишон медиҳем. Методи табдилдиҳии ифодаи пештараро ба ин ифода пай дар пай татбиқ карда, ҳосил мекунем:

*j-sqrt(f+h)/h*h+j*f-abs(j-h)*.

Ин тарзи навишти ифода ба забони барномасозӣ ҳоло нодуруст аст ва то охир дуруст навишта нашудааст. Дар ин ҷо ба хонандагон фарқи амали тақсими одии “:” – ро аз амали тақсими “хатти каср” фаҳмонидан зарур аст. Ҳангоми истифодаи амали “:”, адади (ё тағйирёбандаи) пеш аз он буда ба адади (ё тағйирёбандаи) пас аз он буда тақсим карда мешавад, яъне тақсимшаванда ба тақсимкунанда тақсим карда мешавад. Дар тақсими “Хатти каср” бошад, дар аввал қимати сурат ҳисоб карда шуда, ёфта мешавад. Баъдан қимати махраҷ ҳисоб карда шуда, ёфта мешавад. Дар охир қимати сурат ба махраҷ тақсим карда мешавад. Ин барномасозонро водор менамояд, ки ҳангоми навиштани ифодаи касри одӣ буда ба забони барномасозӣ, сурат ва махраҷи онро дар дохили қавсҳои алоҳида нависанд. Инро ба инобат гирифта, ифодаи табдилдодаамонро дуруст мекунем:

*(j-sqrt(f+h))/(h*h+j*f-abs(j-h))*.

Тавре мебинем, хусусиятҳои фарқнок дар ифодаҳои касри одӣ буда мавҷуданд, хусусан гузоштани қавсҳои иловагии зарурӣ. Инчунин, омӯзгори фанниро зарур аст, ки ба хонандагон баъзе ҳолатҳои истисноиро, ки гузоштани қавсҳо зарур нест, таълим диҳад ва омӯзонад. Масалан, агар дар сурати касри одӣ танҳо як адад, ё як тағйирёбанда, ё як функсия навишта шуда бошад, пас ҳангоми табдилдиҳӣ ба забони барномасозӣ дар қавс гирифтани он зарур нест. Айнан ҳамин ҳолат ба махраҷи касри одӣ татбиқ мегардад. Ҳолати дигар, масалан, агар дар сурати касри одӣ якчанд адад ё тағйирёбанда пасиҳам зарб шуда бошанд. Ҳама ин ҳолатҳоро ба инобат гирифта, омӯзгори фаннӣ ба хонандагон намудҳои гуногуни ифодаҳои математикиро барои табдилдиҳӣ ба забони барномасозӣ барои кори мустақилона пешниҳод менамояд. Бо

ин мақсад донишҳои гирифтаи хонандагонро инкишоф ва мустаҳкам намуда, маҳорату малакаи онҳоро мустаҳкам менамояд.

Тавре аз табдилдиҳии ифодаи касри одӣ буда бармеояд, дар назди муаллим вазифа гузошта шудааст, ки ба хонандагон на танҳо маҷмуи донишҳои муайянро диҳад, балки шогирдонеро тайёр кунад, ки ин гуна мушкилиҳои (проблемахои) ба миён меомадаро ва дар наздашон истодаро мустақилона ҳал карда тавонанд, барои беҳбудии худ ва тамоми ҷамъият масъул бошанд. Масалан, бо татбиқи методи проблемавии таълим ҳалли мушкилии дар табдилдиҳии ифодаҳои касри одӣ ба миён меомадаро ин тавр ҳал менамоем. Бигузор ифодаи адади зеринро ба забони барномасозӣ табдил додан зарур бошад:

$$6-\frac{\sqrt{25}+18}{|-9|-1}+7\cdot 4\ .$$

Агар онро ба шакли зерин (нодуруст) табдил диҳем:

*6-sqrt(25)+18/abs(-9)-1+7*4*,

пас қимати он зерин мегардад:

1) abs(-9)=9;
2) 18/2=2;
3) Sqrt(25)=5;
4) 7*4=28;
5) 6-5+2-1+28=30.

Ин ҷавоб хато аст.

Акнун ифодаро дуруст табдил медиҳем, яъне қавсҳои иловагиро дуруст мегузорем:

*6-(sqrt(25)+18)/(abs(-9)-1)+7*4.*

Пас қимати он зерин мегардад:

1) Sqrt(25)=5;
2) 5+18=23;
3) abs(-9)=9;
4) 9-1=8;
5) 23/8=2.875;
6) 7*4=28;
7) 6-2.875+28=31.125.

Ин ҷавоб дуруст аст. Бинобар ин хонандагонро зарур аст, ки ҳангоми навиштани ифодаҳо ба забони барномасозӣ, ба синтаксиси он диққат диҳанд.

Функсияҳои навбатӣ, ки ба хонандагон дар ибтидои барномасозӣ таълим дода мешаванд, функсияҳои ҷудокунии қисмҳои бутун ва касрии адади касри даҳӣ буда метавонанд. Дар курси математикаи мактабӣ мавзуи алоҳида оид ба таълими қисмҳои бутун ва касрии адади касри даҳӣ дохил нагардидааст, ҳарчанд дар доираи баъзе аз мавзуъҳо истифода бурда мешаванд. Хонандагон метавонанд ин мавзуъҳоро дар машғулиятҳои берун аздарсӣ омӯзанд ва донишҳои муайяне ҳосил менамоянд [3]. Зимни таълими барномасозӣ такрор ва мустаҳкамкунии донишҳои математикии хонандагон оид ба ин мафҳумҳо татбиқ карда мешаванд.

Баъзе мафҳумҳои заруриро аз курси математика меорем. Бигузор $h$ адади ҳақиқӣ буда, дорои қисми бутун ва касрӣ бошад. Ду намуд функсияи қисми бутуни адади ҳақиқӣ дар математика истифода бурда мешавад: $[h]$ - қисми бутуни адади ҳақиқии $h$ –ро бармегардонад, ки он адади бутуни калонтарини аз $h$ хурд буда мебошад; $(h)$ - қисми бутуни адади ҳақиқии $h$ –ро бармегардонад, ки он ба адади бутуни $[h+0{,}5]$ баробар мегардад, яъне функсияи $(h)$ адади аз $h$ калон ё хурд бударо бармегардонад (адади бутуни ба адади $h$ наздик). Агар $h$ адади бутун бошад, пас ин ду функсия худи адади $h$ –ро бармегардонанд. Масалан

$$[-5{,}98]=-6;[-8{,}55]=-9;[-18{,}5]=-19;\ [-6{,}26]=-7;$$
$$[-10]=-10;[-2]=-2;[4{,}17]=4;[12{,}96]=12;[7{,}5]=7;[9]=9;$$
$$(-5{,}98)=-6;\ (-8{,}55)=-9;\ (-18{,}5)=-18;\ (-6{,}26)=-6;$$
$$(-10)=-10;\ (-2)=-2;\ (4{,}17)=4;\ (12{,}96)=13;\ (7{,}5)=8;\ (9)=9.$$

Забони барномасозии PascalABC.Net дорои функсияҳои стандартии *Int(y), Trunc(y)* ва *TruncBigInteger(y)* мебошад, ки қисми бутуни адади ҳақиқиро бармегардонанд. Методологияи таълими онҳоро дар раванди барномасозӣ коркард менамоем. Функсияи *Int(y)* дорои як аргументи *y* мебошад, ки типаш ададии ҳақиқӣ аст. Он қисми бутуни адади ҳақиқии *y* –ро бармегардонад. Бо мақсади дуруст фаҳмонидани тарзи кори он ба хонандагон, истифодабарии барномаи хурди зеринро тавсия намудан мувофиқи мақсад аст:

```
##
PrintLn(Int(-5.98), Int(-8.55), Int(-18.5), Int(-6.26), Int(-10), Int(-2), Int(4.17), Int(12.96), Int(7.5), Int(9));
```

Қимати аргумент дар ин функсия ҳамон ададҳои дар сархати пештара буда гирифта шудаанд. Ин барномаро ба кор омода намуда, натиҷаҳоро ҳосил намуда, бо натиҷаҳои дар сархати пештара дар шакли математикӣ буда муқоиса мекунем. Натиҷаҳои барнома чунинанд:

***-5 -8 -18 -6 -10 -2 4 12 7 9***

Тавре мебинем, қиматҳое, ки функсияи *Int(y)* бармегардонад, аз қимати функсияҳои математикии *[y]* ва *(y)* фарқ мекардаанд. Якрангӣ танҳо дар ҳолати адади бутун будани аргументи *y* дида мешавад. Ба хонандагон бояд фаҳмонд, ки функсияи *Int(y)* новобаста аз қисми касрии адади ҳақиқии *y*, қисми бутуни *y* –ро ҷудо карда, бармегардонад. Қисми касрии адади ҳақиқиро мепартояд.

Ба таълими функсияи *Trunc(y)* мегузарем. Ин функсия дорои як аргументи *y* буда, типаш ададии ҳақиқӣ аст. Барномаи ҳаҷман хурди зеринро ба хонандагон нишон медиҳем, ки монанд ба барномаи пештара аст. Бар ивази функсияи *Int(y)* функсияи *Trunc(y)* истифода гардидааст:

```
##
PrintLn(Trunc(-5.98), Trunc(-8.55), Trunc(-18.5), Trunc(-6.26), Trunc(-10), Trunc(-2), Trunc(4.17), Trunc(12.96), Trunc(7.5), Trunc(9));
```

Барномаро ба кор омода намуда, чунин натиҷаҳоро ҳосил мекунем:

***-5 -8 -18 -6 -10 -2 4 12 7 9***

Мебинем, ки айнан ҳамон қиматҳое, ки функсияи *Int(y)* баргардонд, функсияи *Trunc(y)* низ бармегардондааст. Фарқият дида нашуд. Хонандагон зимни барномасозӣ худ мустақилона яке аз ин ду функсияро истифода карда метавонанд. Ин ду функсия типи ададии бутуни integer ё монанд ба онро бармегардонанд, яъне типи қиматашон мебошад.

Функсияи *TruncBigInteger(y)* монанд ба функсияи *Trunc(y)* буда, дар натиҷа типи ададии бутуни дарози integer –ро бармегардонад (типи қиматаш). Ин функсия дорои як аргументи *y* буда, типаш ададии ҳақиқӣ аст. Барномаи охиронро бо истифода аз ин функсия ба хонандагон меомӯзонанд:

```
##
PrintLn(TruncBigInteger(-5.98), TruncBigInteger(-8.55), TruncBigInteger(-18.5), TruncBigInteger(-6.26), TruncBigInteger(-10), TruncBigInteger(-2), TruncBigInteger(4.17), TruncBigInteger(12.96), TruncBigInteger(7.5), TruncBigInteger(9));
```

Барномаро ба кор омода намуда, боз ҳамон натиҷаҳоро ҳосил мекунем:

***-5 -8 -18 -6 -10 -2 4 12 7 9***

Функсияи *TruncBigInteger(y)* назар ба функсияҳои *Int(y)* ва *Trunc(y)* каме ҳаҷми зиёдтари хотираи фаврии компютерро банд мекунад. Ин фарқиятро хонандагон дониста, зимни барномасозӣ ба инобат мегиранд. Функсияи *Trunc(y)* ва *TruncBigInteger(y)* –ро бо методи объектӣ низ истифода бурдан мумкин аст, яъне гузоштани аломати нуқта ва интихоби функсия аз рӯйхати кушодашаванда. Ин амал корро ҳангоми ҳарфчинии матни барнома дар муҳити кории забони барномасозии PascalABC.Net сабуктар мегардонад. Мисоли зеринро барои мустаҳкамкунии дониши хонандагон ҳал кардан мувофиқи мақсад аст:

*Қисми бутуни қимати ифодаи зерин ёфта шавад:*

$$\left|\sqrt{31{,}8}-29{,}9\right|+\frac{3{,}7^3+\sqrt[3]{16{,}84}}{9{,}87+5{,}41\cdot 1{,}78}$$

*Ҳал:* дар ифодаи мазкур функсияҳое истифода шудаанд, ки хонандагон бо онҳо шинос шудаанд. Функсияи $\sqrt[3]{16{,}84}$ –ро ба забони барномасозӣ бо истифода аз хосиятҳои дараҷаи нишондиҳандааш касрӣ дар шакли *16.84**(1/3)* менависанд. Барои ёфтани қимати ифода онро дар дохили оператори хориҷкунии *Print* ё *Write* навишта, яке аз функсияҳои ёфтани қисми бутуни адади ҳақиқиро татбиқ мекунем:

```
##
Print((Abs(sqrt(31.8)-29.9)+(3.7**3+16.84**(1/3))/(9.87+5.41*1.78)).Trunc)
```

Дар натиҷа қимати ифода ба 26 баробар мегардад. Агар функсияи *Trunc* –ро истифода набарем, пас қимати ифода ба 26.9899144714815 баробар мегардад.

Қисми касрии адади касри даҳӣ дар математика дар шакли $\{t\}$ навишта мешавад. Қимати ин функсия ба фарқи худи адади $t$ ва қисми бутуни он баробар аст: $\{t\}=t-[t]$. Қимати ин функсия доимо адади мусбате мебошад, ки дар фосилаи [0;1) ҷойгир аст. Агар $t$ адади мусбат бошад, пас қимати ин функсия ба ҳамон қисми касрияш баробар аст. Дар ҳолати $t$ адади манфӣ будан, дигар мегардад. Масалан:

$$\{-5{,}98\}=-5.98-[-5{,}98]=-5{,}98+6=0{,}02;\{-8{,}55\}=$$
$$-8{,}55-[-8{,}55]=-8{,}55+9=0{,}45;\{-18{,}5\}=-18{,}5-[-18{,}5]=$$
$$-18{,}5+19=0{,}5;\{-6{,}26\}=-6{,}26-[-6{,}26]=-6{,}26+7=0{,}74;$$
$$\{-10\}=0;\ \{-2\}=0;\ \{4{,}17\}=4{,}17-[4{,}17]=4{,}17-4=0{,}17;$$
$$\{12{,}96\}=0{,}96;\{7{,}5\}=0{,}5;\{9\}=0.$$

Забони барномасозии PascalABC.Net дорои функсияи стандартии *Frac(a)* мебошад, ки он қисми касрии адади касри даҳӣ будаи *a* –ро бармегардонад. Типи аргумент ва типи қиматаш типи ададии ҳақиқӣ аст. Дар фарқият аз функсияи математикии $\{t\}$, функсияи стандартии *Frac(a)* ҳам барои ададҳои манфӣ ва ҳам барои ададҳои мусбат ҳамон қисми касрияшонро бармегардонад. Яъне, ҳангоми адади касри даҳӣ манфӣ буданаш, қимати функсияи стандартии *Frac(a)* аз қимати функсияи математикии $\{t\}$ фарқ мекунад ва адади манфии (-1;0] мегардад. Масалан, барои ададҳои дар сархати пештара буда, бо истифода аз оператори хориҷкунӣ қимати функсияи стандартии *Frac(a)* –ро меёбем:

```
##
PrintLn(Frac(-5.98), Frac(-8.55), Frac(-18.5), Frac(-6.26), Frac(-10), Frac(-2), Frac(4.17), Frac(12.96), Frac(7.5), Frac(9));
```

Натиҷааш:

***-0.98 -0.55 -0.5 -0.26 0 0 0.17 0.96 0.5 0***

Умуман, барои омӯзиши назариявии функсияҳои *Int(y)*, *Trunc(y)*, *TruncBigInteger(y)* ва *Frac(a)* як соат дарси назариявӣ кифоя аст. Омӯзгори фаннӣ ин функсияҳоро ба хонандагон пай дар пай омӯзонида, бо мисолҳо мефаҳмонад. Фарқият байни функсияҳои дар курси математика омӯхташуда ва ин функсияҳоро мефаҳмонад. Хонандагон бояд фаҳманд, ки типи қимати функсияҳои *Int(y)*, *Trunc(y)* ва *TruncBigInteger(y)* типи ададии бутун ва типи қимати функсияи *Frac(a)* типи ададии ҳақиқӣ мебошад. Ин дар барномасозӣ нақшӣ бениҳоят муҳимро мебозад.

Ба хонандагон ададҳои 35,78 ва -69,46 –ро барои вазифаи хонагӣ пешниҳод кардан мувофиқи мақсад аст. Хонандагон бояд қисмҳои бутун ва касрии ин ададҳоро бо истифода аз функсияҳои математикӣ ҷудо карда, нависанд. Баъдан бо истифода аз функсияҳои стандартии забони барномасозии PascalABC.Net қисми бутун ва касрии ин ададҳоро маълум кунанд. Натиҷаҳои математикӣ ва аз барномасозӣ ҳосилкардаашонро бо ҳам муқоиса намуда, фарқиятҳоро маълум кунанд. Хулосаҳо бароварда, донишҳояшонро мустаҳкам кунанд. Бо забони барномасозӣ дар адади якум 35 қисми бутун ва 0,78 қисми касрӣ, дар адади дуюм -69 қисми бутун ва -0,46 қисми касрии он мебошанд:

```
##
Var (a,b):=(35.98,-69.96);
PrintLn(Int(a),Trunc(a),TruncBigInteger(a),Frac(a));
```

*PrintLn(Int(b),Trunc(b),TruncBigInteger(b),Frac(b));*

Натиҷааш:

***35 35 35 0.98***

***-69 -69 -69 -0.96***

Дарси навбатии назариявӣ аз фанни барномасозӣ ба омӯзиши функсияҳои яклухткунии ададҳои ҳақиқӣ бахшида мешавад. Тавре қайд кардем, дар курси математика он ҳамчун амал таълим дода шуда, шакли навишти функсияро надоранд. Забони барномасозии PascalABC.Net дорои якчанд функсияҳои стандартии яклухткунии ададҳои ҳақиқӣ мебошад. Омӯзгори фаннӣ онҳоро бо пайдарпайии аз ҷиҳати методӣ асоснок ба хонандагон меомӯзонад. Функсияи яклухткуние, ки ба барномасозон дар забони барномасозии PascalABC.Net имконоти бештарро фароҳам меорад, функсияи *Round(x,k)* мебошад. Он дорои ду аргумент (параметр) аст: адад ва то кадом миқдори рақамҳо (разряд) яклухткунӣ. Дар ин тарзи навишт *x* адади ҳақиқие мебошад, ки яклухткунии он зарур аст. *k* миқдори рақамҳоро дар қисми касрии адади *x* нишон медиҳад, ки яклухткунӣ то он миқдори рақамҳо (разряд) иҷро карда мешавад. Функсияи *Round(x,k)* дар забони барномасозии PascalABC.Net дорои баъзе аз хосиятҳо ҳаст, ки омӯзгор онҳоро ба хонандагон меомӯзонад. Пеш аз омӯзонидани хосиятҳои функсияи мазкур, беҳтар аст, ки омӯзгор якчанд ададҳои гуногуни ҳақиқиро интихоб карда, онҳоро то ягон разряд яклухт карда, амалан нишон диҳад. Масалан:

```
##
PrintLn(Round(-11.631,1),Round(-10.681,1),Round(-7.32894,3),Round(-
0.496284,3));
PrintLn(Round(11.631,1),Round(10.681,1),Round(7.32894,3),Round(0.496284,3));
PrintLn(Round(-10.551,2),Round(-9.551,1),Round(10.551,2),Round(9.551,1));
```

Дар сатри якуми матни барномаи мазкур ададҳои доимӣ ва разряди яклухткунӣ дар функсияи *Round* чунон гирифта шудаанд, ки онҳо адади манфӣ буда, рақами пас аз разряди яклухткунӣ истода аз 5 ё хурд, ё калон мебошад. Дар сатри дуюмаш бошад, ҳамон ададҳо, танҳо мусбат мебошанд. Сатри сеюми барнома бошад, вобаста ба рақами 5 аст, аниқтараш рақами пас аз разряди яклухткунӣ истода ба 5 баробар аст ё дигар аст. Ин ба омӯзгор имкон медиҳад, ки тарзи яклухткунии ададҳоро аз ҷиҳати математикӣ бо ин функсия дуруст фаҳмонад. Бо ин мақсад дар поён натиҷаи иҷрои ин барномаро меорем:

***-11.6 -10.7 -7.329 -0.496***

***11.6 10.7 7.329 0.496***

***-10.55 -9.6 10.55 9.6***

Агар натиҷаҳоро таҳлил ва муқоиса карда бароем, пас мебинем, ки он монанд ба тарзи яклухткунии ададҳо дар курси математика аст. Дар ин ҳолатҳо қимати функсия ва типи қиматаш ададии ҳақиқӣ мегарданд. Ин яке аз хосиятҳои функсияи *Round* аст.

Ҳангоми истифода накардани аргументи *k* функсия дар шакли *Round(x)* навишта мешавад, ки дар ин маврид ин функсия адади бутунро бармегардонад. Қиматаш ва типи қиматаш ададии бутун мегарданд. Ин дигар хосияти функсияи *Round* аст. Қимати функсия дар ин маврид наздик ба адади *x* мегардад. Ҳангоми яклухткунии адад то адади бутун, агар рақами якуми дар қисми касрии адад истода ба 5 баробар бошад, пас нисбат ба курси математика фарқият мавҷуд аст. Агар қисми бутуни адади *x* адади ҷуфт бошад, қимати ин функсия адади бутуни калонтарини аз *x* хурд буда мегардад. Дар ҳолати тоқ будани қисми бутуни адади *x* адади бутуни хурдтарини аз *x* калон буда мегардад. Ин натиҷаи яклухткунӣ аз яклухткунии математикӣ фарқ дорад. Онро яклухткунии бонкӣ ном мебаранд. Бо мақсади ба хонандагон омӯзонидани ин хосиятҳо, омӯзгор ба хонандагон матни барномаи зерин ва натиҷаҳои онро нишон медиҳад:

```
##
PrintLn(Round(-10.2461),Round(-9.8361),Round(10.461),Round(9.861));
```

*PrintLn(Round(-10.7),Round(-9.4),Round(10.7),Round(9.4));*
*PrintLn(Round(-10.561),Round(-9.561),Round(10.561),Round(9.561));*
*PrintLn(Round(-2.5),Round(-3.5),Round(2.5),Round(3.5));*
*PrintLn(Round(-4.5),Round(-5.5),Round(4.5),Round(5.5));*
Натиҷааш:
***-10 -10 10 10***
***-11 -9 11 9***
***-11 -10 11 10***
***-2 -4 2 4***
***-4 -6 4 6***

Забони барномасозии PascalABC.Net боз дорои функсияҳои *Ceil(x)* ва *Floor(x)* мебошад, ки давоми таълими мавзӯи функсияҳои яклухткунӣ ба ҳисоб меравaнд. Ба хонандагон омӯзонидан зарур аст, ки функсияи *Ceil(x)* ададии ҳақиқии *x* –ро ба адади бутуни хурдтарине табдил медиҳад, ки аз адади *x* калон аст (қисман ба функсияи математикии *(x)* монанд аст). Функсияи *Floor(x)* адади ҳақиқии *x* –ро ба адади бутуни калонтарине табдил медиҳад, ки аз адади *x* хурд аст (монанд ба функсияи математикии *[x]*). Ин фарқият байни ҳар ду функсия буда, хонандагон бояд онро фаҳманд. Типи қимати ин ду функсия типи ададии бутун мегардад. Омӯзгор барои омӯзонидани функсияи *Ceil(x)* ба хонандагон, метавонад аз матни барномаи зерин истифода барад:

##
*PrintLn(Ceil(-10.2461),Ceil(-9.8361),Ceil(10.461),Ceil(9.861));*
*PrintLn(Ceil(-10.7),Ceil(-9.4),Ceil(10.7),Ceil(9.4));*
*PrintLn(Ceil(-10.561),Ceil(-9.561),Ceil(10.561),Ceil(9.561));*
*PrintLn(Ceil(-2.5),Ceil(-3.5),Ceil(2.5),Ceil(3.5),Ceil(-3.0),Ceil(3));*
Пас аз иҷрои ин барнома чунин натиҷаҳоро ҳосил мекунем:
***-10 -9 11 10***
***-10 -9 11 10***
***-10 -9 11 10***
***-2 -3 3 4 -3 3***

Дар матни барномаи охирон функсияи *Ceil(x)* –ро ба функсияи *Floor(x)* иваз намуда, ба хонандагон нишон медиҳем:

##
*PrintLn(Floor(-10.2461),Floor(-9.8361),Floor(10.461),Floor(9.861));*
*PrintLn(Floor(-10.7),Floor(-9.4),Floor(10.7),Floor(9.4));*
*PrintLn(Floor(-10.561),Floor(-9.561),Floor(10.561),Floor(9.561));*
*PrintLn(Floor(-2.5),Floor(-3.5),Floor(2.5),Floor(3.5),Floor(-3.0),Floor(3));*
Барнома, пас аз иҷро шуданаш, дар экран чунин натиҷаҳоро инъикос мекунад:
***-11 -10 10 9***
***-11 -10 10 9***
***-11 -10 10 9***
***-3 -4 2 3 -3 3***

Функсияҳои *Ceil(x)* ва *Floor(x)* аз функсияи *Round(x)* фарқ мекунанд, ки ин аз натиҷаҳои барномаҳои овардашуда дида мешавад. Монандӣ дар он дида мешавад, ки типи қимати функсияҳои *Ceil(x)*, *Floor(x)* ва *Round(x)* типи ададии бутун мебошанд. Функсияҳои *Ceil(x)* ва *Floor(x)* бо методи объектӣ низ истифода карда мешаванд. Кадоме аз инҳо ва тарзҳоро дар барномасозӣ истифода бурд, ин аз худи барномасоз ва шарти масъалаи барномасозӣ вобаста аст. Зеро функсияҳои яклухткунӣ, қисми бутун ва касрии адади касри даҳӣ дар соҳаҳои гуногуни илм, истеҳсолот ва иқтисодиёт татбиқ карда мешаванд, аз ҷумла дар илмҳои математика ва омор, комбинаторика ва назарияи ададҳо. Бо татбиқи ин функсияҳо масъалаҳои гуногун ҳал карда мешаванд. Номгӯйи ин масъалаҳо дар ҳаёт масъала оид ба ҳисоб ва пардохти музди меҳнат буда метавонад. Зеро аксар мавридҳо ҳангоми иҷрои амалҳои тақсим ва фоиз масъала оид ба яклухткунӣ ва ҷудокунии қисми бутуни адад

ба миён меояд. Бо мақсади мустаҳкамкунии донишҳои омӯхтаи хонандагон, омӯзгорон дарсҳои амалӣ ташкил намуда, машқҳо оид ба барномасозиро тавассути компютер иҷро мекунанд. Натиҷаҳои барномаҳоро меёбанд. Барномаҳои сохташударо хонандагон бояд дар дафтарашон нависанд, аз поёни барномаҳо натиҷаҳои дар дарси амалӣ ёфтаи барномаҳоро қайд кунанд.

*Бигузор музди маоши моҳонаи ҳисобии корманд 1816,67 сомонӣ бошад. Аз он андози даромад дар ҳаҷми 11% ва фонди нафақа дар ҳаҷми 1% ҳисоб карда шавад.*

Барои ҳисоб кардани фоиз худи ададро ба 100 тақсим карда, ба фоизи нишондодашуда зарб мезананд. Пас *1816.67/100*11* ва *1816,67/100.* Аммо дар натиҷа ададҳои ҳақиқиеро ҳосил мекунем, ки қисми касрияшон аз ду рақам зиёд мегарданд. Барои то ду рақам боқӣ мондан дар қисми касрӣ, онҳоро то садякӣ яклухт мекунем. Бо ин мақсад аз функсияи яклуxткунии *Round* истифода мебарем:

*Round(1816.67/100*11,2)* ва *Round(1816,67/100,2).*

Ё бо методи объектӣ:

*(1816.67/100*11).Round(2)* ва *(1816.67/100).Round(2).*

Барои маълум намудани натиҷаҳо ва дар экрани компютер дидани онҳо, аз оператори хориҷкунӣ истифода мебарем:

*Print((1816.67/100*11).Round(2), (1816.67/100).Round(2)).*

Шарти масъаларо васеътар намуда, барои кори мустақилона ба хонандагон пешниҳод намудан мумкин аст. Забони барномасозии PascalABC.Net боз дорои функсияи *RoundBigInteger(x)* мебошад, ки ба функсияи *Round(x)* монанд аст. Онро хонандагон метавонанд мустақилона ё дар машғулиятҳои беруназсинфӣ омӯзанд [6].

Дар барномасозӣ як масъалаи муҳим табдилдиҳии типи ададии ҳақиқӣ ба типи ададии бутун ва баръакс ба ҳисоб меравад. Дар забони барномасозии PascalABC.Net типи додаҳои ададии бутун (доимӣ, тағйирёбанда) тариқи худкор ба типи ададии ҳақиқӣ табдил дода мешавад ва зарурат ба истифода бурдани ягон функсия ё метод нест. Аммо типи додаҳои ададии ҳақиқӣ (доимӣ, тағйирёбанда) тариқи худкор ба типи ададии бутун табдил дода намешавад. Дар ин маврид зарурат ба истифодабарии яке аз функсияҳои яклуxткунии *Round(x), Ceil(x)* ва *Floor(x)* ба миён меояд. Дар ҳолати баръакс хатогии "*Типи Real –ро ба типи Integer табдил додан мумкин нест*", эълон карда мешавад.

Хулоса, бо мақсади таълими сифатноки функсияҳои стандартии забони барномасозии PascalABC.Net дар зинаи ибтидоӣ, аз пайдарҳамии зерини таълими функсияҳо истифода бурдан ба мақсад мувофиқ аст:

1. Таълими функсияҳои қимати мутлақ, решаи квадратӣ ва квадрат – 1 соат.
2. Дарси амалӣ. Табдилдиҳии ифодаҳои алгебравӣ ва ададӣ ба забони барномасозии PascalABC.Net – 1 соат.
3. Функсияҳои ҷудокунии қисмҳои бутун ва касрии адади касри даҳӣ – 1 соат;
4. Функсияи яклуxткунии *Round(x,k)* ва хосиятҳои он – 1 соат;
5. Функсияҳои ба адади бутун табдилдиҳии *Ceil(x)* ва *Floor(x)* – 1 соат;
6. Дарси амалӣ – 1 соат.

Барои ба хонандагон омӯзонидани ин функсияҳо муҳити кории забони барномасозии PascalABC.Net –ро ҳамчун воситаи электронии таълим истифода бурдан кифоя аст [8]. Ин функсияҳо бе роҳи пайвасткунӣ бо ягон модулҳо якбора истифода карда мешаванд, ки ин сабукӣ ҳам ба хонандагон, ҳам ба омӯзгорон ва ҳам ба барномасозон мебошад. Тавре дар дигар забонҳои барномасозӣ мебинем, масалан оилаи C++ ва Python, барои истифодабарии ин функсияҳо онҳоро пешакӣ пайваст мекунанд. Бо мақсади намоён будан ба ҳама хонандагони синф иловатан аз проектор ё экрани диагоналаш калон истифода мебаранд. Ин корро айёнитар гардонида, муҳити кории забони барномасозии PascalABC.Net дар реҷаи ҳақиқӣ истифода бурда мешавад. Зарурат ба тайёр намудани воситаҳои айёнӣ, мадракҳо ва монанд ба инҳо нест. Инчунин вақти зиёд барои тайёр намудани онҳо дигар зарурат надорад. Ин

ҳама меҳнати омӯзгорро сабук гардонида, сифатнокии гузаронидани дарсҳоро таъмин менамоянд.

Қадами муҳими навбатии коркарди пайдарҳамӣ ва сохтани системаи омӯзиши мавзӯи «Барномасозӣ» дар доираи фанни технологияи иттилоотӣ ташкили худи раванди таълим мебошад. Ҳамчун навъҳои асосии ташкили раванди таълими дарсҳои барномасозӣ намудҳои анъанавии дарсҳоро ҷудо кардан мумкин аст: лексияҳо, дарсҳои лабораторӣ ва амалӣ. Дар кори мазкур дарсҳои назариявӣ ва амалӣ истифода шудаанд. Барои босифат ва дар сатҳи баланд гузаронидани дарсҳо, омӯзгор бояд мувофиқи раванди таълими барномасозӣ воситаҳои техникӣ ва нармафзорро интихоб кунад. Дар мақолаи мазкур бошад, аз нармафзорҳо муҳити кории забони барномасозии PascalABC.Net тавсия шудааст.

**Муқарриз:Нугмонов Мансур –д.и.п., профессори ДДОТ ба номи С.Айнӣ**

**АДАБИЁТ**


1. Назаров, А.П. Методикаи таълими информатика. Китоби дарсӣ: МТОК / А.П. Назаров. -Душанбе: ҶДММ Меҳроҷ-Граф, 2019. - 462 с. (А4).
2. Назаров, А.П. Барномасозӣ ва дизайни барномавӣ дар забони PascalAbc.Net. Китоби дарсӣ: МТОК / А.П. Назаров. –Душанбе: ҶДММ Меҳроҷ-Граф, 2021. - 756 с.
3. http://kvant.mccme.ru/pdf/2002/05/kv0502egorov.pdf .
4. Комилиён, Ф.С. Технологияи иттилоотӣ. Китоби дарсӣ, синфи 10 / Ф.С. Комилиён, М. Муллоҷонов, Қ. Тухлиев. -Душанбе: Маориф, 2018. - 272 с.
5. Комилов, Ф.С. Технологияи иттилоотӣ. Китоби дарсӣ, синфи 11 / Ф.С. Комилов, Т. Шарпов, С.Ҳ. Мирзоев, И.Л. Қосимов, З.Ф. Раҳмонов. - Душанбе: Маориф – 2018. - 280 с.
6. Назаров, А.П. Корҳои беруназсинфӣ аз информатика / А.П. Назаров, Ғ.Н. Неъматов. - Душанбе: Матбааи ДДОТ ба номи С. Айнӣ, 2020. - 128 с.
7. Осипов, А.В. PascalABC.NET: Введение в современное программирование // Электронный файл. Ростов-на-Дону (РФ): - 2019. - 572 с.
8. Сомонаи расмии pascalabc.net.
9. Шарифзода, А. Математика. Китоби дарсӣ: синфи 5. - Душанбе: Маориф, 2018. - 298 с.
10. Шарифзода, А. Математика. Китоби дарсӣ: синфи 6 / А. Шарифзода, Н. Қодиров. - Душанбе: Маориф. – 2017. - 288 с.
11. Алиев Б. А. Алгебра. Китоби дарсӣ: синфи 7. / Б.А. Алиев, А. Шарифзода. - Душанбе: Собириён, 2011. - 232 с.


## ПАЙДАРҲАМИИ ТАЪЛИМИ ФУНКСИЯҲОИ СТАНДАРТИИ ЗАБОНИ БАРНОМАСОЗИИ PASCALABC.NET


Дар мақола зарурати таълими баъзе аз функсияҳои стандартии ададӣ дар раванди таълими барномасозӣ дар МТМУ тавсиф шуда, тавсияҳои методӣ ва пайдарҳамии таълими онҳо дар шакли хулоса оварда шудаанд. Оид ба ташкили омӯзиши функсияҳои ададии стандартии қимати мутлақ, решаи квадратӣ ва квадрат, қисми бутун ва касрии адади касри даҳӣ ва яклухткунӣ мавод оварда шудааст. Ин функсияҳо дар зинаи ибтидоии таълими барномасозӣ баррасӣ карда шуда, инчунин ҷузъҳои асосии омӯзиши забони барномасозӣ оид ба ин функсияҳо дар МТМУ оварда шудаанд. Масъалаҳои баланд бардоштани дараҷаи таълими барномасозӣ дар МТМУ хамоно мубрам мебошанд. Касби мутахассиси соҳаи барномасозӣ, ки дар замони ҳозира хеле серталаб аст, донишу малака ва маҳорати устувореро тақозо мекунад, ки бояд ибтидо аз мактаб гирифта ва дар МТОК инкишоф дода шаванд. Барои ин ба тайёр кардани мутахассиси масъул, мустақил ва фаъол, ки дорои салоҳиятҳои асосӣ мебошад, шароити зарурӣ фароҳам овардан лозим аст. Яке аз ин салоҳиятҳои асосӣ маҳорати таҳия ва амалӣ намудани барномасозӣ дар яке аз забонҳои барномасозӣ ва фаъолияти худ мебошад. Чунин малакаҳо дар хонандагон дар дарси информатика ҳангоми иҷрои вазифаҳои гуногун ва пеш аз ҳама ҳангоми омӯзиши мавзӯи «Барномасозӣ» ташаккул меёбанд. Ҳамин тариқ, дар таълими фанни информатика бояд ба масъалаи системаи таълими барномасозӣ диққати махсус дода шавад. Қайд менамоем, ки мавзӯи «Барномасозӣ» яке аз мавзӯъҳои душвортарини омӯзиши курси информатика мебошад. Дар айни замон дар ин самт мушкилот зиёданд. Яке аз он душвориҳо набудани пайдарҳамии аз ҷиҳати методӣ асосноки барномасозӣ аст. Дар кори мазкур як қисми ин пайдарпайӣ барои омӯзиши баъзе аз функсияҳои стандартии ададӣ омӯхта ва коркард мегардад.



**Калидвожаҳо:** функсия, барномасозӣ, таълим, пайдарпайии таълим, қимати мутлақ, решаи квадратӣ, квадрат, қисми бутун, қисми касрӣ, функсияҳои бутун, функсияҳои яклухткунӣ, типи ададии ҳақиқӣ, типи ададии бутун.

## ПОСЛЕДОВАТЕЛЬНОСТЬ ОБУЧЕНИЯ СТАНДАРТНЫМ ФУНКЦИЯМ ЯЗЫКА ПРОГРАММИРОВАНИЯ PASCALABC.NET

В статье описывается необходимость обучения некоторым стандартным числовым функциям в процессе обучения программированию в СОУ, даны методические рекомендации и рекомендации по последовательности их обучения. Представлены материалы по организации обучения типовым числовым функциям модуля, квадратного корня и квадрата, целой и дробной части числа, десятичной дроби и округления. Эти функции обсуждаются на начальном уровне обучения программированию в СОУ, представлены основные составляющие изучения языка программирования для этих функций. Вопросы повышения уровня обучения программированию в СОУ по-прежнему остаются актуальны. Профессия специалиста в области программирования очень востребованная в настоящее время, требует знаний, умений и устойчивых навыков, которые следует приобретать еще в школе и развивать в ВУЗе. Для этого необходимо создать необходимые условия для подготовки ответственного, самостоятельного и активного специалиста, обладающего базовыми компетенциями. Одной из этих основных компетенций является способность разрабатывать и реализовывать программирование на одном из языков программирования и видов деятельности. Такие умения формируются у учащихся на уроках информатики при выполнении различных заданий и, прежде всего, при изучении темы «Программирование». Таким образом, особое внимание следует уделить вопросу системы обучения программированию в обучении информатике. Отметим, что предмет «Программирование» является одним из самых сложных предметов курса информатики. В настоящее время существует множество проблем в этом направлении. Одной из проблем является отсутствие методологически обоснованной последовательности обучения программированию. В данной работе изучается и обрабатывается часть этой последовательности для изучения некоторых стандартных числовых функций.

**Ключевые слова**: функция, программирование, обучение, последовательность обучения, абсолютное значение, квадратный корень, квадрат, целая часть, дробная часть, целые функции, функции округления, вещественный тип, целочисленный тип.

## THE SEQUENCE OF LEARNING THE STANDARD FUNCTIONS OF THE PASCALABC.NET PROGRAMMING LANGUAGE

The article describes the need to learn some standard numerical functions in the process of teaching programming in the secondary schools, gives methodological recommendations and recommendations in the sequence of their learning. Materials are presented on the organization of training in typical numerical functions of the module, square root and square, integer and fractional parts of a number, decimal fraction and rounding. These functions are discussed at the initial level of teaching programming in secondary schools; the main components of learning a programming language for these functions are presented. The issues of increasing the level of teaching programming in the institutions of higher education are still relevant. The profession of a specialist in the field of programming is currently in great demand, it requires knowledge, skills and sustainable skills that should be acquired at school and developed at the university. To do this, it is necessary to create the necessary conditions for the training of a responsible, independent and active specialist with basic competencies. One of these core competencies is the ability to develop and implement programming in one of the programming languages and activities. Such skills are formed in students in computer science lessons when performing various tasks and, above all, when studying the topic "Programming". Thus, special attention should be paid to the issue of the system of teaching programming in teaching computer science. Note that the subject "Programming" is one of the most difficult subjects of the computer science course. Currently, there are many problems in this direction. One of the problems is the lack of a methodologically sound sequence of teaching programming. In this paper, a part of this sequence is studied and processed to study some standard numerical functions.

**Keywords**: function, programming, learning, learning sequence, absolute value, square root, square, integer part, fractional part, entire functions, rounding functions, real type, integer type.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Назаров Аҳтам Пулотович*** – Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, кафедраи технологияҳои информатсионӣ ва коммуникатсионӣ, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент. **Суроға**: 734003, ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ 121.Телефон: **919-62**-44-44, E-mail**: ahtam_69@mail.ru**

***Неъматов Ғолиб Нуралиевич* -** Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, кафедраи технологияҳои информатсионӣ ва коммуникатсионӣ, номзади илмҳои техникӣ, дотсент. **Суроға**: 734003, ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ 121. Телефон: **93-343-2242,** E-mail**: n.golib@mail.ru.**

***Умедҷони Хайруллои Ғафурӣ*** – Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, кафедраи технологияҳои информатсионӣ ва коммуникатсионӣ, омӯзгор. **Суроға**: 734003, ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ 121. Телефон:**918-80-6307**, E-mail**: umedjonikhairullo@gmail.com.**

**Сведения об авторах:** ***Назаров Ахтам Пулатович*** – Таджикский государственный педагогический университет имени Садриддина Айни, кафедра информационных и коммуникационных технологий, кандидат педагогических наук, доцент. **Адрес:** 734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки 121. Телефон: **919-62**-44-44, E-mail**: ahtam_69@mail.ru**
***Неъматов Голиб Нуралиевич*** - Таджикский государственный педагогический университет имени Садриддина Айни, доцент кафедры информационных и коммуникационных технологий, кандидат технических наук, доцент. **Адрес:** 734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект. Рудаки 121. Телефон: **93-343-2242,** E-mail**: n.golib@mail.ru.**
***Умеджони Хайруллои Гафури*** - Таджикский государственный педагогический университет имени Садриддина Айни, кафедра информационных и коммуникационных технологий, ассистент. **Адрес:** 734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки 121. Телефон:**918-80-6307**, E-mail**: umedjonikhairullo@gmail.com.**

**Information about the authors: Nazarov Akhtam Pulatovich –** Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini, Department of Information and Communication Technologies, Candidate of Pedagogical Sciences, Associate Professor. **Address:** 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 121. Phone: **919-62-44-44,** E-mail: **ahtam_69@mail.ru**
***Nematov Golib Nuralievich* -** Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini, Associate Professor of the Department of Information and Communication Technologies, Candidate of Technical Sciences, Associate Professor. **Address**: 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, avenue. Rudaki 121. Phone: **93-343-2242,** E-mail: **n.golib@mail.ru.**
**Umejoni Khairulloi Gafuri -** Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini, Department of Information and Communication Technologies, assistant. **Address:** 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 121. Phone: **918-80-6307,** E-mail: **umedjonikhairullo@gmail.com.**.

# МУНДАРИҶА - СОДЕРЖАНИЕ

## ИЛМҲОИ ТАЪРИХ ВА АРХЕОЛОГИЯ – ИСТОРИЧЕСКИЕ НАУКИ И АРХЕОЛОГИЯ

***Khojaev M.P.*** Illumination of Clavijo's work «The diary of travel to Timur`s yard to Samarkand in 1403 – 1406» and its historical essence…………………………………………………………………….. ***5***
***Маматкулов Дж. А.*** Налоги и система налогообложения в эпоху средневековья и нового времени (к истории экономической жизни таджиков XVIII – XIX веков)………………………………………… ***11***
***Турсунов Т.Х., Саймухамади Б.*** Наука Таджикской ССР и развитие международного сотрудничества со странами Западной Европы (1924-1951 гг.)………………………………………………………. ***20***
***Латифов Дж.Л., Саидалиев У.М.*** Специальная военная операция Российской Федерации на Украине и позиция государств-членов и наблюдателей ШОС………………………..…………………….. ***28***
***Мухаммадиев Д.М.*** Творческое содружество ученых Таджикистана со странами Юго-Восточной Европы в области медицинских наук……………………………………………………………… ***39***
***Наботов Ф.С.*** Особенности характера и вопросы квалификации потенциальных таджикских внешних трудовых мигрантов…………………………………………………………………………….. ***45***
***Собирова К.Д.***Гуманитарная деятельность Фонда Ага Хана в развитии животноводства, пчеловодства и птицеводства……………………………………………………………………….. ***52***
***Абдуллоев Дж.Ф., Алимов Д.Х.*** История развития мирового пчеловодства……………………… ***60***
***Занджирбекова Г.И.*** Фитотерапия в практике народной медицины таджиков Памира ................. ***69***
***Ганджакова М.Г.*** Историография проблем женщин Таджикистана в период культурной революции ***76***
***Собирзода П.О., Махмадрасулов Б.С.*** Влияние Великой Отечественной войны (1941-1945 гг.) на развитие физической культуры и спорта в Таджикистане……………………………………………. ***84***
***Шарипов С.С.*** Рушди ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон дар қаринаи шарикии стратегӣ **……………………………………………………………………………** ***93***
***Иброгимова Г.С.*** Ҷумҳуриҳои Ӯзбекистону Қирғизистон дар низоми амнияти минтақавии Осиёи Марказӣ(1991-2023)……………………………………………………………………………. ***104***
***Нуриддин П.Р., Саматова Н. Ҳ.*** Мафҳуми “стратегия”: ҳадафҳо ва воситаҳои он................... ***110***
***Султонова М.С.*** Ҳамкориҳои гуногунсамтаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Иттиҳоди Аврупо дар марҳилаи муосир........................................................................................................................….. ***117***
***Шарипов Ҷамолиддин*** Масъалаи баромади этникии Ҳайтолиён………………………………… ***123***
***Худобердиев Р.Б.*** Вазъияти маорифи водии Шоҳдараи Бадахшони Тоҷикистон то замони Инқилоби Октябр………………………………………………………………………………… ***130***

## ИЛМҲОИ ФАЛСАФА - ФИЛОСОФСКИЕ НАУКИ

***Каримов Р.*** Проблемы соотношения религии и философии в творчестве Шибли Ну’мани………… ***134***
***Каримов А.А.*** Чанд сухан оид ба ҳастӣва моҳият......................................................................... ***140***
***Умедов М.Ҳ.*** Андешаи таҳаммулпазирӣ дар фалсафаи Ҷалолиддини Румӣ ……………………… ***151***
***Нурулҳақ Қамар*** Сарчашмаи ғоявии муносибати салафияи ифротӣ ба фарҳанги миллӣ........ ***161***
***Зикирзода Ҳобил*** Заминаҳои ормонии назарияи озодӣ ва фармонбардории шахс.................... ***170***
***Сафарова Б. Қ .***Ҳаракати гендерӣ ва мубориза бар зидди хушунат нисбати занон.................. ***176***
***Муҳаммадқодири Наҷмуддин*** Масъалаҳои таҳсилоти динӣ ва алоқамандии он ба таҳсилоти дунявӣ дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон ........................................................................................ ***182***
***Устобоева Д.М.*** Батанзимдарории меъёрҳои ахлоқ дар шароити ҷаҳонишавӣ......................... ***189***
***Саидова Н.Н.***Тандурустӣ ва нақши он дар раванди иҷтимоишавии ҷавонони Ҷумҳурии Тоҷикистон............................................................................................................................... ***196***

## ИЛМҲОИ ПЕДАГОГӢ - ПЕДАГОГИЧЕСКИЕ НАУКИ

***Абдуллоева Т.М.*** Сходства и различия между устной и письменной речью студентов неязыковых факультетов……………………………………………………………………………………………. ***202***
***Зардиева С.Н.*** Развитие русской речи учащихся – таджиков при изучении наречий………………. ***210***
***Кравчук О.В.*** Организация современного урока химии с использованием современных образовательных технологий в условиях смешанного обучения………………………………………. ***217***
***Джалилова М.Г.*** Формирование познавательной деятельности студентов…………………………. ***225***
***Джафарзода С.Ф.*** Психолого-педагогические основы построения дерева целей по оценке успешного обучения будущих специалистов и ценностно-смысловое управление временем в вузе ***232***
***Собиров Р.Р.*** Традиционные и инновационные способы (пути) воспитания свободы совести школьников……………………………………………………………………………………………. ***240***

***Кипреев С.Н.*** Взаимосвязь сформированности чувства патриотизма и ценностно - смысловой сферы у курсантов-полицейских…………………………………………………………………………………… ***249***
***Амирализода Н.Н.*** Мафҳуми масъала дар адабиётҳои психологӣ-педагогӣ ва методии геометрия……………………………………………………………………………………………………… ***256***
***Алиева М.Н.*** Корҳои берунaзсинфӣ-воситаи асосии бедоршавии шавқи хонандагон ба фанни технология (таълими меҳнат)........................................................................................................... ***265***
***Юнусова Н.М., Мадалиева Г.*** Бозии дидактикӣ ҳамчун воситаи баланд бардоштани самаранокии дарсҳои математика.......................................................................................... ***271***
***Ҳусейнов Н.М., Қодиров К.Б.*** Ғояҳои таълимӣ-тарбиявӣ дар назми суфиёна ва роҳандозии онҳо дар педагогикаи муосир…………………………………………………………………………….. ***277***
***Акбарова Маҳрамбӣ*** Омӯзиши истифодаи технологияҳои иттилоотӣ – иртиботӣ ва имконоти ҳадафҳои педагогӣ………………………………………………………………………………………… ***285***
***Холов Р.Р.*** Нақши педагогикаи халқӣдар ташаккули шахсият.................................................... ***289***
***Назаров А.П., Неъматов Ғ.Н., Умедҷони Хайруллои Ғафурӣ*** Пайдарҳамии таълими функсияҳои стандартии забони барномасозии *pascalabc.net*............................................................................ ***295***

# ВЕСТНИК
# ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА

Научный журнал «Вестник Таджикского национального университета» основан в 1990 г. Печатная версия журнала зарегистрирована в Министерстве культуры Республики Таджикистан. Журнал включен в «Перечень рецензируемых научных изданий, в которых должны быть опубликованы основные научные результаты диссертаций на соискание ученой степени кандидата наук, на соискание ученой степени доктора наук» ВАК при Президенте Республики Таджикистан и ВАК Министерства образования и науки Российской Федерации. Журнал принимает научные статьи по следующим отраслям науки: исторические науки и археология (07.00.00), философские науки (09.00.00) и педагогические науки (13.00.00). Журнал включен в базу данных Российского индекса научного цитирования (РИНЦ), регулярно предоставляет в РИНЦ информацию в виде метаданных. Полнотекстовая версия журнала доступна на сайте издания (www.vestnik-tnu.com).

---

**ВЕСТНИК**
**ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА**

**2023. №11 Ч.I**

Над номером работали:
Ответственный редактор: М.К.Ибодова
Редактор таджикского языка: Ш.П.Абдуллоева
Редактор русского языка: О.Ашмарин
Корректор: П.Х.Латипова

**Издательский центр**
**Таджикского национального университета**
**по изданию научного журнала**
**«Вестник Таджикского национального университета»:**
734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17.
Сайт журнала: **www.vestnik-tnu.com**
E-mail: **vestnik-tnu@mail.ru**
Тел.: **(+992 37) 227-74-41**

**Подписано в печать 15.12.2023 г.**